ISSN 2790 – 3567

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АМНИЯТ

ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И БЕЗОПАСНОСТЬ

CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

INTERNATIONAL RELATIONS AND SECURITY

№2 (14) 2025

Душанбе – 2025

Муассис: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла соли 2022 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

САРМУҲАРРИР:
Усмонзода Хайриддин Усмон–доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Шарифзода Лоҳутӣ Шариф–доктори илмҳои сиёсӣ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Раҳимзода Шариф Махсум – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонов Абдураҳмон Шерович – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Зиёӣ Хуршед Махшул – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Хидирзода Махфират Умар – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Майтдинова Гузел Майтдиновна – доктори илмҳои таърих, профессор
Саидов Абдулманон Саторович – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Саидмуродов Лутфулло Ҳабибуллоевич–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ – номзади илмҳои сиёсӣ
Давлатов Рамазонӣ – номзади илмҳои фалсафа

КОТИБИ МАСЪУЛ:
Олимзода Валиҷон–сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАРҶУМА ВА ТАҲРИРИ МАТНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ:
Қиёмиддин Сатторӣ
Давлатов Рамазонӣ
Мансур Суруш
Эмомализода Қосимҷон
Содатқадамова Мадина

МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Олимзода Валиҷон – сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҷаллаи "Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният" ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2024 таҳти №283/м ворид гардидааст. Инчунин, маҷалла дар Индекси маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Русия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №222/МҶ–97 аз 10 декабри соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.

ИРТИБОТ:
Нишонӣ: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

Учредитель: Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Журнал основан в 2022 году. Периодичность издания – 4 раза в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:
Усмонзода Хайриддин Усмон–доктор филосовских наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Шарифзода Лохути Шариф – доктор политических наук

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:
Мухаммад Абдурахмон Навруз – доктор политических наук, профессор
Рахимзода Шариф Махсум – доктор экономических наук, профессор
Курбонов Абдурахмон Шерович – доктор филосовских наук, профессор
Зиёи Хуршед Махшул – доктор филосовских наук, профессор
Хидирзода Махфират Умар – доктор филосовских наук, профессор
Майтдинова Гузель Майтдиновна–доктор исторических наук, профессор
Саидов Абдулманон Саторович – доктор филосовских наук, профессор
Одинаев Хаёт Абдулхакович–доктор экономических наук, профессор
Саидмуродов Лутфилло Хабибуллоевич–доктор экономических наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон –доктор политических наук, профессор
Сафарализода Худжамурод Куддуси –кандидат политических наук
Давлатов Рамазони – кандидат философских наук

ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:
Олимзода Валиджон–начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

ПЕРЕВОД И РЕДАКТИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ, РУССКИХ И АНГЛИЙСКИХ ТЕКСТОВ:
Киёмиддин Саттори
Давлатов Рамазони
Мансур Суруш
Эмомализода Косимджон
Содаткадамова Мадина

ТЕХНИЧЕСКИЙ РЕДАКТОР:
Олимзода Валиджон–начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

Журнал «Международные отношения и безопасность» включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 06 августа 2024 года №283/м. А также журнал входит в Индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации №222/МҶ – 97 от 10 декабря 2021 года.

КОНТАКТЫ:
Адрес: 734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

Founder: Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan. The journal was founded in 2022. The journal is published four times per year**.**

CHIEF EDITOR:

Usmonzoda Khayriddin Usmon – Doctor of Philosophy Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Sharifzoda Lohuti Sharif – Doctor of Political Sciences

EDITORIAL BOARD:

Muhammad Abdurahmon Navruz – Doctor of Political Sciences, Professor
Rahimzoda Sharif Makhsum – Doctor of Economic Sciences, Professor
Qurbonov Abdurahmon Sherovich – Doctor of Philosophy Sciences**,** Professor
Ziyoi Khurshed Makhshul – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
Khidirzoda Makhfirat Umar – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
Maytdinova Guzel Maytdinovna – Doctor of Historical Sciences, Professor
Saidov Abdulmanon Satorovich – Doctor of Philosophy Sciences**,** Professor
Odinaev Hayot Abdulhaqovich – Doctor of Economic Sciences**,** Professor
Saidmurodov Lutfullo Habibulloevich – Doctor of Economic Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
Muhammadzoda Parviz Abdurahmon – Doctor of Political Sciences, Professor,
Safaralizoda Khujamurod Quddusi – Candidate of Political Sciences
Davlatov Ramazoni – Candidate of Philosophical Sciences

EXECUTIVE SECRETARY:

Olimzoda Valijon – Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

TRANSLATION AND EDITING OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH TEXTS:
Qiyomiddin Sattori
Davlatov Ramazoni
Mansur Surush
Emomalizoda Qosimjon
Sodatqadamova Madina

TECHNICAL EDITOR:

Olimzoda Valijon–Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

The journal "International relations and security" has been included in the list of leading peer–reviewed journals and publications by the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan as of August 06, 2024, No.283/м. Additionally, the journal is indexed in the Russian Science Citation Index (RSCI). It is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. The registration certificate No.222/MJ–97 was issued on December 10, 2021.

CONTACTS:

Address of the founder: 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave.89;
tel: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

МУНДАРИҶА

СИЁСАТШИНОСӢ

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛӢ
КАРОМАТУЛЛО ОЛИМОВ,
ҚУРБОНОВА РУҚИЯ АТОЕВНА.....14

МАВҚЕИ ГЕОСИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР МАСИРИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ
МУҲАММАД АБДУРАҲМОН НАВРӮЗ.....26

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ҲОМИИ ВАҲДАТ ВА СУЛҲИ ҶАҲОНӢ
МУСТАҶОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА.....35

ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: СОҲАИ ФАРОГИР ВА МИҚЁС
ШАРИФЗОДА САИДҲОМИД САФАР,
ҲУСАЙНЗОДА АМИНҶОН БУРИХОН.....48

ТАҲҚИҚИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РАВИШИ КОНСЕПТУАЛИИ ИЛМИ САРҲАДШИНОСӢ
АНВАРИ САФАРӢ.....63

ТАҶРИБАИ МИЛЛИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО ИФРОТГАРОӢ
АСЛАМШОЗОДА ФОТИМА АСЛАМШО
АШУРОВ УМЕДҶОН БАҲРИДИНОВИЧ.....79

ТОҶИКИСТОН РӮЗНОМАИ ҶАҲОНИРО ДОИР БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ТАШАККУЛ МЕДИҲАД
РУХСОРА РАСУЛЗОДА.....97

ОМИЛҲОИ МОНЕААФКАН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИМА НИСБАТ БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ
ТАЛБАКОВ САИДАҲТАМ ИСРОИЛОВИЧ.....106

ШАРОКАТИ ГУНОГУНҶАНБАИ ТОҶИКИСТОН ВА ФАРОНСА: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ
ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОҲ.....117

ИНҲИКОСИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ЧИН ДАР МАРҲАЛАИ АВВАЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ (СОЛҲОИ 1992-2000) ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ
ШАРИФХОНЗОДА МОҲИРА ШАРИФХОН.....140

ТАШАККУЛИ ЭЛИТАИ ИЛМӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ КОҲИШ ДОДАНИ САТҲИ ХУРОФОТ ВА ҶАҲОЛАТ
ЮСУФЗОДА АВАЗИ НУРАЛӢ.....151

ИҚТИСОДӢ

ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИНДУСТРИИ "САБЗ" ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ
МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ,
МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ.....172

ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ
РУСТАМ РАҲМАТЗОДА,
ЮСУФЗОДА ҲАМЗАЛӢ ФАЙЗУЛЛО.....186

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ЗЕРСОХТОРИ ИТТИЛООТИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАҶАБОВ РАҶАБ КӮЧАКОВИЧ,
ПАРВОНАЕВА ХАНДОН ЗАРИФБЕКОВНА.....194

НАҚШИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ
ҲАЛИМОВ ЛОИҚ МИРЗОВАЛИЕВИЧ.....206

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР
РУСТАМЗОДА ФИТРАТ МУЗАФАР.....219

КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАҲШИ ДАВЛАТӢ
ШАРИФӢ ФИРӮЗА БУРИХОНЗОДА.....229

ҲАМГИРОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ТАТБИҚИ РУШДИ ИҚТИСОДИ "САБЗ"
САЛИХОВ ҶАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ.....239

ИМКОНИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛОТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА МИЛЛӢ
АБДУЛЛОЕВ УМАРҶОН ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,
АЛИҚУЛОВ АЛИШЕР РАИМБЕРДИЕВИЧ.....250

РУШДИ АГРОТУРИЗМ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ
САЛИМОВ ХУРШЕД САФАРОВИЧ.....267

ФАЛСАФА

ТАФОВУТ МИЁНИ ҲИЗБҲОИ СИЁСИИ МУОСИР НИСБАТИ ҶОЙГОҲИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР МАФКУРАИ ОНҲО
ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО, ФАТТОҲЗОДА САИДМУРОД.....275

МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚИ УСТУРА, ОИН ВА ФАЛСАФАИ БОСТОНИИ ТОҶИКОН – ОРИЁИЁН ДАР КИТОБИ ҲАМДАМ МУМИНҶОНОВ – “ТӮРОН – ГАҲВОРАИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ”
АСРОРӢ МИРЗОШОҲРУХ.....290

СОДЕРЖАНИЕ

ПОЛИТОЛОГИЯ

ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В РЕШЕНИЕ ГЛОБАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ
КАРОМАТУЛЛО ОЛИМОВ,
КУРБОНОВА РУКИЯ АТОЕВНА.....14

ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ТАДЖИКИСТАНА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ В УСЛОВИЯХ НЕЗАВИСИМОСТИ
МУХАММАД АБДУРАХМОН НАВРУЗ.....26

ЭМОМАЛИ РАХМАН – ЗАЩИТНИК МИРОВОГО ЕДИНСТВА И МИРА
МУСТАДЖОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА.....35

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СФЕРА ОХВАТА И МАСШТАБЫ
ШАРИФЗОДА САИДХОМИД САФАР,
ХУСАЙНЗОДА АМИНДЖОН БУРИХОН.....48

ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ И ОСОБЕННОСТИ КОНЦЕПТУАЛЬНОГО ПОДХОДА ПОГРАНИЧНОЙ НАУКИ
АНВАРИ САФАРИ.....63

НАЦИОНАЛЬНЫЙ ОПЫТ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ПО БОРЬБЕ С ЭКСТРЕМИЗМОМ
АСЛАМШОЗОДА ФОТИМА АСЛАМШО,
АШУРОВ УМЕДДЖОН БАХРИДИНОВИЧ.....79

ТАДЖИКИСТАН ФОРМИРУЕТ ГЛОБАЛЬНУЮ ПОВЕСТКУ ДНЯ ПО ЗАЩИТЕ ЛЕДНИКОВ
РУХСОРА РАСУЛЗОДА.....97

ФАКТОРЫ, ПРЕПЯТСТВУЮЩИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ В ОТНОШЕНИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ
ТАЛБАКОВ САИДАХТАМ ИСРОИЛОВИЧ.....106

МНОГОГРАННОЕ ПАРТНЕРСТВО ТАДЖИКИСТАНА И ФРАНЦИИ: ВЧЕРА И СЕГОДНЯ
ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОХ.....117

ОТРАЖЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И КИТАЯ НА ПЕРВОМ ЭТАПЕ НЕЗАВИСИМОСТИ (1992-2000 ГГ.) В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ
ШАРИФХОНЗОДА МОХИРА ШАРИФХОН.....140

ФОРМИРОВАНИЕ НАУЧНОЙ ЭЛИТЫ И ПРОБЛЕМЫ СНИЖЕНИЯ УРОВНЯ СУЕВЕРИЙ И НЕВЕЖЕСТВА
ЮСУФЗОДА АВАЗИ НУРАЛИ.....151

ЭКОНОМИКА

ФОРМИРОВАНИЕ МЕХАНИЗМОВ "ЗЕЛЕНОЙ" ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ КАК ФАКТОРА УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ
МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ
МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ.....172

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В ПЕРИОД ПЕРЕХОДА К РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ
РУСТАМ РАХМАТЗОДА,
ЮСУФЗОДА ХАМЗАЛИ ФАЙЗУЛЛО.....186

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННО-ИНФОРМАЦИОННОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ УВПО В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН
РАДЖАБОВ РАДЖАБ КУЧАКОВИЧ,
ПАРВОНАЕВА ХАНДОН ЗАРИФБЕКОВНА.....194

РОЛЬ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ
ХАЛИМОВ ЛОИК МИРЗОВАЛИЕВИЧ.....206

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ
РУСТАМЗОДА ФИТРАТ МУЗАФАР.....219

СОВРЕМЕННЫЕ КОНЦЕПЦИИ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕКТОРА УСЛУГ
ШАРИФИ ФИРУЗА БУРИХОНЗОДА.....229

ИНТЕГРАЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В РЕАЛИЗАЦИИ РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ
САЛИХОВ ДЖАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ.....239

ВОЗМОЖНОСТИ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ ЦИФРОВОЙ И НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ
АБДУЛЛОЕВ УМАРДЖОН ХАБИБУЛЛОЕВИЧ
АЛИКУЛОВ АЛИШЕР РАЙМБЕРДИЕВИЧ.....250

РАЗВИТИЕ АГРОТУРИЗМА В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ
САЛИМОВ ХУРШЕД САФАРОВИЧ.....267

ФИЛОСОФИЯ

ВЗГЛЯДЫ СОВРЕМЕННЫХ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ ОТНОСИТЕЛЬНО МЕСТА МОРАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ИХ ИДЕОЛОГИИ
ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУХИБУЛЛО ХАБИБУЛЛО
ФАТТОХЗОДА САИДМУРОД.....275

МЕТОДОЛОГИЯ ИССЛЕДОВАНИЯ ДРЕВНИХ ОБЫЧАЕВ, ОБРЯДОВ И ФИЛОСОФИИ ТАДЖИКОВ-АРИЙЦЕВ В КНИГЕ ХАМДАМА МУМИНДЖОНОВА «ТУРАН – КОЛЫБЕЛЬ АРИЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ»
АСРОРИ МИРЗОШОХРУХ.....290

CONTENT

POLITICAL SCIENCE

THE CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION TO SOLVING GLOBAL ISSUES
KAROMATULLO OLIMOV,
QURBONOVA RUQIYA ATOEVNA.....14

THE GEOPOLITICAL POSITION OF TAJIKISTAN AND ITS FEATURES ON THE PATH TO INDEPENDENCE
MUHAMMAD ABDURAHMON NAVRUZ.....26

EMOMALI RAHMON – DEFENDER OF WORLD UNITY AND PEACE
MUSTAJOBOVA RUDOBA MUKARRAMSHOEVNA.....35

INTERNATIONAL INITIATIVES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: SCOPE AND SCALE
SHARIFZODA SAIDHOMID SAFAR,
HUSAINZODA AMINJON BURIKHON.....48

THEORETICAL RESEARCH AND FEATURES OF THE CONCEPTUAL APPROACH OF BORDER SCIENCE
ANVARI SAFARI.....63

THE NATIONAL EXPERIENCE OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES IN COMBATING EXTREMISM
ASLAMSHOZODA FOTIMA ASLAMSHO,
ASHUROV UMEDJON BAHRIDINOVICH.....79

TAJIKISTAN FORMS GLOBAL AGENDA FOR GLACIER CONSERVATION
RUKHSORA RASULZODA.....97

OBSTACLE FACTORS TO THE FOREIGN POLICY OF THE UNITED STATES OF AMERICA IN RELATION TO CENTRAL ASIA
TALBAKOV SAIDAHTAM ISROILOVICH.....106

MULTIFACETED PARTNERSHIP BETWEEN TAJIKISTAN AND FRANCE: THE PAST AND THE PRESENT
SHARIFZODA FIRDAVS ABDUFATTOH.....117

REFLECTION OF COOPERATION OF TAJIKISTAN AND CHINA AT THE FIRST STAGE OF INDEPENDENCE (1992-2000) IN THE PERIODICAL PRESS
SHARIFKHONZODA MOHIRA SHARIFKHON.....140

FORMATION OF THE SCIENTIFIC ELITE AND ISSUES OF REDUCING THE LEVEL OF SUPERSTITION AND IGNORANCE
YUSUFZODA AVAZI NURALI.....151

ECONOMY

FORMATION OF "GREEN" INDUSTRY MECHANISMS AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY
MIRSAIDOV ABROR BOBOEVICH
MURTAZOZODA ORAZ.....172

THE CURRENT STATE OF AGRICULTURAL DEVELOPMENT DURING THE TRANSITION TO A MARKET ECONOMY
RUSTAM RAHMATZODA,
YUSUFZODA HAMZALI FAYZULLO.....186

PRIORITY DIRECTIONS FOR THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE INFORMATION INFRASTRUCTURE OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
RAJABOV RAJAB KUCHAKOVICH,
PARVONAEVA KHANDON ZARIFBEKOVNA.....194

THE ROLE OF THE BANKING SYSTEM IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY
HALIMOV LOIQ MIRZOVALIEVICH.....206

THEORETICAL ASPECTS OF HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT IN MODERN CONDITIONS
RUSTAMZODA FITRAT MUZAFAR.....219

MODERN CONCEPTS OF PUBLIC SECTOR SERVICES MANAGEMENT
SHARIFI FIRUZA BURIKHONZODA.....229

INTEGRATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA IN THE IMPLEMENTATION OF "GREEN" ECONOMY DEVELOPMENT
SALIKHOV JAMSHED BOBOKHALILOVICH.....239

THE ROLE OF THE BANKING SYSTEM IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY
ABDULLOEV UMARJON HABIBULLOEVICH,
ALIQULOV ALISHER RAIMBERDIEVICH.....250

DEVELOPMENT OF AGRO-TOURISM IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES IN THE CONDITION OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY
SALIMOV KHURSHED SAFAROVICH.....267

PHILOSOPHY

THE VIEWS OF MODERN POLITICAL PARTIES REGARDING THE PLACE OF MORAL VALUES IN THEIR IDEOLOGIES
ZUVAYDULLOZODA MUHIBULLO HABIBULLO,
FATTOHZODA SAIDMUROD.....275

METHODOLOGY FOR RESEARCHING THE ANCIENT CUSTOMS, RITUALS AND PHILOSOPHY OF THE TAJIKS - ARYANS IN THE BOOK BY HAMDAM MUMINJONOV–"TURAN - THE CRADLE OF ARYAN CIVILIZATION"
ASRORI MIRZOSHOHRUKH.....290

УДК: 327:502/504:338.1(575.3)

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛӢ

КАРОМАТУЛЛО ОЛИМОВ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики
Академияи милии илмҳои Тоҷикистон,
тел: (+992) 907-70-21-15,

ҚУРБОНОВА РУҚИЯ АТОЕВНА,
раиси Шурои собиқадорони Ҳизби
Халқии Демократии Тоҷикистон,
тел: (+992) 935-27-77-20

Дар мақола ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рушди устувор тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳифзи муҳити зист мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Муаллифон тавассути таҳлили муфассал баён менамоянд, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар арсаи байналмилалӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаҳои мубрами глобалӣ, аз қабили об, иқлим, пиряхҳо, энергетика ва амнияти озуқаворӣ ҷалб намудааст.

Мақола ташаббусҳои муҳимми Тоҷикистон, аз қабили эълони "Соли байналмилалии оби тоза (2003)", "Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015)", "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013)" ва "Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018-2028)", ташкили конфронсу форумҳои сатҳи баланд, инчунин, саҳми кишварро дар таъмини дипломатияи об ва рушди иқтисоди "сабз» баррасӣ менамояд. Ҳамзамон, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои глобалии вобаста ба тағйироти иқлим, ҳифзи пиряхҳо, муборизаи бо қочоқи маводи мухаддир ва ҳалли буҳрони Афғонистон равона шуда, нақши Тоҷикистон дар пешбурди дипломатияи об ва рушди устувор дар сатҳи ҷаҳонӣ таъкид гардидааст. Дастовардҳои ин ташаббусҳо, аз ҷумла коҳиши аҳолии бидуни дастрасӣ ба оби тоза ва ҷалби сармоя ба соҳаи обу энергетика, мавриди арзёбӣ қарор гирифта, аҳаммияти онҳо дар баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ зикр шудааст.

Калидвожаҳо: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, ташаббусҳои байналмилалӣ, захираҳои обӣ, рушди устувор, иқлими глобалӣ, дипломатияи об, ҳифзи пиряхҳо, энергетикаи "сабз", амнияти озуқаворӣ, Созмони Милали Муттаҳид, ҳамкории байналмилалӣ; амнияти минтақа.*

Мусаллам аст, ки эҳёи ваҳдат ва ворид намудани раванди рушди кишвар ба маҷрои комилан нав барои роҳбарияти кишвар иҷрои вазифаи дигари муҳим ва ҳамзамон, мураккаби бахши давлатсозӣ пеш омад, ки он барқарор намудани робитаҳои хориҷӣ ва муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси кишвари мустақил буд. «Бо дарназардошти ин, яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва мубрам, ки Тоҷикистон дар назди худ гузоштааст, ин дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба мушкилоти таъминот бо оби тоза ва ҳифзи муҳити зист, масъалаи зарурати ҳифзи захираҳои обӣ, истифода ва танзими оқилонаи онҳо мебошад. Баёнгар ва тақвиятбахши ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои марбут ба об бевосита Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки ин ибтикори башардӯстонаашон дар сатҳи баланди ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии ҳамаҷонибаи худро ёфтааст»[6].

Ташаббуси аввалини Тоҷикистон дар соли 1999 аз минбари Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ сурат гирифта буд ва Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2003 «Соли оби тоза» эълон гардад. Сарвари давлат дар он солҳо мушкилоти пешомада ва набзи ҷаҳони муосирро дарк намуда, бо як ташаббуси наву мубраме баромад кард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати он бетараф буда наметавонист. Дар асоси ин ташаббуси Пешвои миллат 20 декабри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” эълон карда шуд ва моҳи августи соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ доир ба оби тоза баргузор шуд, ки дар он аз 54 кишвари ҷаҳон ходимони давлатӣ, олимон ва коршиносони масъалаҳои об аз созмонҳои гуногуни ҷаҳон ширкат варзиданд.

Ташаббуси дигари Пешвои миллат оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» мебошад. Санаи 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси “Эъломияи Душанбе” Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон кард. Амалиёти “Даҳсолаи «Об барои ҳаёт» 22 марти соли 2005 шуруъ гардид ва акнун 22 март ҳамасола чун “Рӯзи байналмилалии об” ҷашн гирифта мешавад.

«Натиҷаҳо ва дастовардҳои “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» дар миқёси ҷаҳон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ мусбат ва назаррас баҳогузорӣ шудаанд. Моҳи июли соли ҷорӣ Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид гузоришеро дар бораи натиҷаҳои татбиқи “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт», 2005-2015” интишор кард (A/71/260). Тибқи гузориши мазкур: “Дастовардҳои Даҳсола назаррас

будаанд. Дар таърихи СММ Даҳсолаи мазкурро бо дарназардошти пешрафтҳое, ки дар ҷараёни он ба даст омадаанд, бо ягон Даҳсолаи дигар наметавон қиёс кард» [2]. Аз ҷумла, маҳз ба шарофати ин Даҳсола дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аҳолии ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасинадошта, тақрибан ба 700 миллион нафар коҳиш дода шуд. Дар робита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд зикр намуд, ки дар доираи Даҳсолаи мазкур 1,648 миллиард доллари ИМА сармояи дохиливу хориҷӣ ба соҳаи обу энергетика ҷалб карда шуданд, ки дар натиҷа, тақрибан 1,5 миллион аҳолии кишвар ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ пайдо намуд [5].

Дар идомаи ташаббускорӣ дар ҳалли масъалаҳои мубрами байналмилалии вобаста ба об моҳи августи соли 2016 дар пойтахти мамлакат–шаҳри Душанбе бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Ҳадафи шашуми Рушди Устувор таҳти унвони “Таъмини дастрасии умум ба об ва беҳдошт» баргузор гардид, ки дар кори он зиёда аз 700 нафар намояндаи воломақом аз 90 кишвари олам, 47 ташкилоти байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба монанди СММ ва 17 сохтору ниҳоди зертобеи он, Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, Бонки Ҷаҳонӣ, Салиби Сурх ва дигарон иштирок намуданд.

Эълон намудани соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» пешниҳоди сеюми Пешвои миллат дар асоси Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ аз 20 декабри соли 2010 сурат гирифта, 20–21 августи соли 2013 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор гардид. Дар натиҷаи он як қатор санадҳои ниҳоӣ қабул шуданд:

– Эъломияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об;

– Барномаи амали Конфронси Душанбе доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи об;

– Натиҷаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об.

Гуфтан бамаврид аст, ки бо ибтикори Пешвои миллат “Соли ҳамкорӣ дар соҳаи об” эълон шудани соли 2013, мафҳуми дипломатияи обро ба сатҳи амалӣ боло бароварда, онро мукаммал намуд.

Ташаббуси навбатии хеле муҳимми Пешвои миллат доир ба эълон намудани “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028» аз ҷумлаи муҳимтарин иқдомоти сатҳи ҷаҳоние мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари башардӯст муаррифӣ намуд. Ин ташаббуси чоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи об санаи 21 декабри соли 2016 дар асоси

Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ қабул гардид. Ин пешниҳодро 177 мамлакати ҷаҳон дастгирӣ намуданд.

Тавлиди нахустини ғояи эълони ташаббуси мазкур ба соли 2015 рост меояд. Моҳи апрели соли 2015 Пешвои миллат зимни ширкат ва суханронӣ дар Форуми 7-уми ҷаҳонии об дар шаҳри Тэгуи Ҷумҳурии Корея зарурати қабули ин ташаббусро таъкид намуданд, ки мавриди дастгирии ҳамагон қарор гирифт. Ҳамин тавр, 22-юми марти соли 2018 оғози амали ин ташаббус шуруъ шуд, ки он то 22-юми марти соли 2028 идома меёбад.

Мувофиқи Қатъномаи қабулнамудаи Маҷмаи Умумии Созмони милали Муттаҳид ҳадафҳои ин Даҳсола доираи масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд, аз ҷумла:

–рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муҳити зист;

–роҳандозӣ ва пешбарии барнома ва лоиҳаҳои дахлдор;

–густариши ҳамкорӣ дар ҳамаи сатҳҳо барои мусоидат ба татбиқи вазифа ва ҳадафҳои марбут ба захираҳои об, ки дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқа шудаанд, аз ҷумла, Ҳадафҳои Рушди Устувор.

Ба ғайр аз ҳадафҳои болозикр, Қатънома, инчунин, муҳиммияти тавсеаи истифодаи оқилона ва самараноки обро бо дарназардошти иртиботи мутақобилаи захираҳои обӣ бо маводи ғизоӣ, захираҳои энергетикӣ ва муҳити зистро дар ҳамаи сатҳҳо махсус таъкид мекунад.

Бояд зикр намуд, ки санаи 22 марти соли 2018 бо ширкати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки ИМА чорабинии махсус доир ба оғози “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ташкил ва баргузор карда шуд. Минбаъд ба муносибати ин Даҳсола силсилаи чорабиниҳои дигари байналмилалӣ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дар кишварҳои дигар доир гардиданд.

Доир ба татбиқи “Даҳсолаи байналмилалии амал” якчанд ҳамоишҳои байналмилалии сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор карда шуданд, ки онҳо «Раванди оби Душанбе» ном гирифтанд. Ҳамин тавр, то имрӯз дар чаҳорчӯби «Раванди оби Душанбе» се даври Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” аз ҷумла, даври якуми он рӯзҳои 20–21 июни соли 2018, даври дуюм рӯзҳои 6-9 июни соли 2022 ва даври сеюм 10-13 июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе бомуваффақият баргузор шуданд. Бояд зикр намуд, ки чунин чорабиниҳо ҳар ду сол як маротиба аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ баргузор гардида, натиҷаҳои бадастомада, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамои татбиқи Даҳсола аз ҷониби доираи васеи иштирокчиён мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Бояд зикр намуд, ки баргузори ин чорабиниҳо дар шаҳри Душанбе

пешсафии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пешбарии рӯзномаи глобалӣ доир ба об собит менамояд.

Ҳамин ташаббусҳои дурбинона боис гардиданд, ки дар ибтидои соли 2016 бо иқдоми Дабири кулли СММ, раиси Бонки Ҷаҳонӣ ва бо ширкати роҳбарони даҳ давлати узви СММ, аз ҷумла Тоҷикистон, Панели сатҳи баланд доир ба масоили об таъсис ёфта, ба фаъолияти он оғоз бахшида шуд. Мувофиқи он Пешвои миллат дар баробари сарони даҳ давлати узви СММ, узви Гурӯҳи сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об шуданд, ки боиси ифтихори кулли тоҷикистониён мебошад.

Тафовути ибтикори чоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаббусҳои қаблӣ дар он зоҳир мегардад, ки он хеле фарогир, васеъ ва инъикосгари ҳам мушкилот ва ҳам роҳи пешрафт ҷаҳонӣ мебошад. Зеро ин ташаббус бо рӯзномаи асосии ҷаҳонии рушд алоқамандии қавӣ дорад, яъне аз онҳо маншаъ гирифта, аз ташаббусҳои мавҷудаи қаблӣ асос ёфтааст.

Ҳадафи асосии ин ташаббусҳои ҷаҳонии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, албатта, бештар ва беҳтар намудани сатҳи таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба ҳалли васеи масъалаҳои об маҳсуб меёбад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи ин ду даҳсолаи охир тавассути ташаббусҳои дурандешонаи Пешвои миллат дар масъалаи об тавонист, ки ҷойгоҳ ва аҳаммияти обро дар ин рӯзномаи ҷаҳонӣ мустаҳкам намояд ва ба бештар шудани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об саҳми фаъол гузорад. Даҳсолаи мазкур ба рушди устувор, идораи ҳамгироёнаи захираҳои обӣ, пешбарӣ ва татбиқи лоиҳаю барномаҳои марбут ба об, тақвияти ҳамкорӣ ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои марбут ба рушди устувор оид ба захираҳои обӣ мусоидат намуда, масоили таҳкими самараноки истифодабарии захираҳои об ва ҳамгироӣ амиқ байни захираҳои обӣ, маводу озуқаворӣ, энержӣ ва муҳити зистро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, Қатъномаи “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028”, ки СММ бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул намудааст, ташаббус ва иқдоми бузурги башардӯстонае аз ҷониби Пешвои миллат ба шумор меравад, ки дар амал татбиқ намудани он ба ҳаёти миллиардҳо сокинони сайёраи Замин беҳбудӣ ва хушбахтӣ меоварад. Он эътибори Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ташаббускори ин иқдом боз ҳам боло мебарад.

Зикри як нукта муҳим аст, ки натиҷаҳои ташаббусу ибтикорҳои Пешвои миллат барои баланд бардоштани обрӯю эътибори кишвари мо дар сатҳи ҷаҳонӣ аҳаммияти бузург доранд. Ҳадафҳои Даҳсолаи нав Тоҷикистонро ба иҷрои ду ҳадафи стратегии давлат, яъне расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ хоҳад расонид. Ба ҳам мувофиқ омадани эълони “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди

устувор», солҳои 2018-2028” ва қабули «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» барои Ватани азизамон фоли нек мебошад. Яъне дар ҳамбастагии ин ду барнома, дар ҳолати татбиқи оқилона ва меҳнати босамару софдилонаи халқи азизамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум мусоидат хоҳад намуд.

Чун дар мавриди ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон дар доираи татбиқи босамари сиёсати хориҷӣ таъкид рафт, бояд зикр дошт, ки пешниҳодҳову ташаббусҳои кишвари мо бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи об маҳдуд нагардидааст. Сарвари давлати Тоҷикистон, ҳамчун сиёсатмадори волоназари сатҳи ҷаҳонӣ, дар мавриди мушкилоти дигари сайёраи Замин низ ташаббусҳое дорад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамовозии зиёде пайдо кардаанд. «Қобили қайд аст, ки Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар давоми зиёда аз сӣ соли Истиқлол, дар баробари баррасии масъалаи об дар сатҳи байналмилалӣ, инчунин, ба проблемаҳои минтақа, аз ҷумла, масъалаи хушкшавии баҳри Арал низ диққати ҷиддӣ медиҳад. Тоҷикистон яке аз муассисони Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал буда, дар қатори дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ кӯшишҳои худро барои ҳалли ин проблемаи минтақавӣ равона менамояд” [1].

Ташаббусҳо ва саҳми Пешвои миллат дар ҳалли буҳрони глобалӣ ва минтақавӣ хеле зиёд мебошанд. Масалан, ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо аз ҷумлаи намунаи шоёни таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба дурнамои вазъ дар минтақа мебошад. Ин масъала аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3-юми Ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август–4 сентябри 2009 дар шаҳри Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7-8 декабри соли 2009 садо дода буд. Хушбахтона, 14 декабри соли 2022 ин ташаббуси созандаи Пешвои миллат натиҷаи бузург дод. Дар ин рӯз Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни баргузории иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи “Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”-ро бо тарафдории 153 кишвари узви СММ қабул намуд.

Бояд зикр намуд, ки тибқи хулосаи олимон дар асоси муқоисаи харитаи геодезӣ ва аксҳои кайҳонии вазъи пиряхҳо дар моҳҳои август–сентябри панҷоҳ соли охир захираҳои оби яху барфи яке аз калонтарин пиряхҳои Осиёи Марказӣ–пиряхи Ванҷях (собиқ пиряхи Федченко) дар Помир қариб сеяк баробар кам шудааст. Агар таъсири номатлуби иқлими сайёраи Замин, ки алҳол давраи гармшавиро аз сар мегузаронад, бо ҳамин

минвол рафтан гирад, гумон аст, ки дар сад соли наздик аз пиряхи Федченко асаре боқӣ монад.

«Агар барои нигоҳ доштани захираҳои обии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида нашавад, он гоҳ барои тамоми мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ давраи вазнин ва пурфоҷиае фаро мерасад ва мушкилоти дастрасии оби нӯшокӣ дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ дучанд меафзояд. Чунонки мебинем, масъалаи зикршуда хусусияти глобалӣ дорад ва ҳамкориҳои мустақими ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои Осиёи Марказиро тақозо менамояд. Яъне тағйир ёфтани вазъи табиат ва сар задани хатарҳои экологӣ, гузашта аз ин, кам шудани захираҳои ашёи хом ва сӯзишворӣ дар назди башарият ва давлатҳои хурду бузурги сайёра талаботи қатъие пеш мегузорад, ки дар асри XXI ба ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ оқилона, хайрхоҳона ва эҳтиёткорона муносибат намоянд» [3].

Бартараф намудани хатарҳои экологии дорои миқёси ҷаҳонии имрӯза тундравиро намеписандад. Ин мушкилот вақтҳои наздик ба мадди аввал баромада, тамоми низоми муносибатҳоро на танҳо дар саросари Осиёи Марказӣ, балки дар минтақаи фарогире барои даҳсолаҳои асри XXI муайян хоҳад кард, ки ба он масъалаҳои баҳри Арал, кӯли Сарез ва ғайра, ҳамроҳ мегардад. Дар чунин шароит, ба андешаи мо, услубҳои то ба имрӯз истифодашавандаи идоракунии захираҳои об ва истифодаи онро тағдиди назар намудан лозим аст, то мутобиққунии он на танҳо бо дарназардошти омили иқлим, балки афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт дар дунё, инчунин, камбудии захираҳои оби ошомиданӣ таъмин гардад.

Дар Осиёи Марказӣ, ки захираҳои об дар он омили калидии таъмини рушди устувори минтақа мебошанд, кайҳост, ки зарурати таҳияи барномаи фарогири минтақавӣ доир ба мутобиққунӣ ба тағйироти иқлим эҳсос мешавад. Саривақтӣ будани чунин барномаро зери таъсири тағйирёбии иқлим босуръат коҳиш ёфтани масоҳати пиряхҳои минтақа низ тақозо дорад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки баъди солҳои 60-уми асри гузашта сеяки пиряхҳои минтақа, ки манбаи асосии оби дарёҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, нест шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти эътирофи ҳаҷми зиёди партовҳои гулхонавӣ дар раванди истифодаи манбаъҳои энергетикӣ рушди минбаъдаи соҳаи энергияи тағдидшавандаро омили муассири коҳиши партовҳо медонад. Ба ҳамин тартиб, бо ҳидоятҳои Пешвои миллат кишвари мо ба истифодаи пурсамари манбаъҳои тағдидшавандаи энергия, алалхусус, гидроэнергетика, ки ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, мутобиқшавии аҳолӣ ба тағйирёбии иқлим ва ташаккули иқтисоди “сабз” мусоидат менамояд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Ҳамзамон бо ин, бунёди иншооти гидроэнергетикӣ ба кам шудани хавфи офатҳои табиии вобаста ба об бештар мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, рушди соҳаи гидроэнергетика аз ҷониби Пешвои

миллат аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

Бо сабаби тағйирёбии иқлим, яъне торафт гарм шудани ҳавои сайёраи Замин, ки яке аз омилҳои асосии он афзоиши мунтазами партовҳои гази карбон ба атмосфера мебошад, ҳоло рушди энергияи "сабз" дар миқёси ҷаҳон ба масъалаи бисёр муҳимму мубрам табдил ёфтааст. Бо дарназардошти чунин вазъ, инчунин, бо мақсади ҳалли мушкилоти соҳаҳои иқтисодӣ ва аҳолии кишварамон дар самти таъминот бо неруи барқ кишвари мо таҳти сарварии Пешвои миллат тасмим гирифтааст, ки истиқлоли энергетикии Тоҷикистонро комилан таъмин намояд.

Мавқеи фаъоли Сарвари давлати Тоҷикистон, Пешвои миллат дар масъалаи ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли воқеии буҳрони Афғонистон, барои ҳамагон маълум ва равшан аст. Пешниҳоди роҳбарияти олии Тоҷикистон дар иҷлосияи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи июни соли 1999 дар бораи ташкили навори субот дар атрофи Афғонистон имрӯз низ ҳамчун саҳеҳтарин формулаи ҳалли буҳрон дар ин кишвари ҳамсоя боқӣ мемонад [4].

Пешвои миллат чандин бор таъкид намуда буданд, ки тамоми тасмимҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, хусусан, дар қаламрави Афғонистон, ба манфиатҳои Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошанд. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон соли 2001 маъракаи байналмилалии зиддитеррористии ИМА ва кишварҳои НАТО-ро дастгирӣ намуда, ҷиҳати муваффақона амалӣ намудани чораҳое, ки барои ба эътидол овардани вазъи Афғонистон равона шудаанд, имрӯз ҳам ҳамаҷониба кумак мерасонад.

Мутаассифона, имрӯз дар Афғонистон қувваҳои муайяни байналмилалӣ ва ҳавзаҳои геополитикӣ на фақат маркази терроризму экстремизми ҷаҳониро ба вуҷуд овардаанд, балки боз ба он саъй мекунанд, ки тавассути онҳо парваришу интиқоли манбаи арзонбаҳои маводи мухаддир ва хариду фурӯши силоҳро ба роҳ монанд. «Маводи мухаддир, ки аз Афғонистон содир мегардад, марзҳои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказиро чун роҳрави транзитӣ истифода намуда, ба Русия ва дигар давлатҳои Осиёву Аврупо интиқол меёбад. Яъне маҳз маблағҳои аз қочоқи маводи мухаддир дастрасшаванда яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории унсурҳои террористӣ ва экстремистӣ мебошанд. Вобаста ба ин, Тоҷикистон, ки бар зидди маводи мухаддир, терроризм ва экстремизм муборизаи беамон мебарад, имрӯз дар миёни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун як сипар ё минтақаи буферӣ қарор дорад».[3]

Бинобар ин, афзоиши қочоқи маводи мухаддир ва таҳдидҳоеро, ки аз он бармеоянд, ба назар гирифта, Пешвои миллат, роҳбарияти кишвар пайваста ҷомеаи ҷаҳониро ба талошҳои муштарак дар мубориза бар зидди

ин офати ҷаҳонӣ даъват менамояд. Дар ин самт пешниҳоди Сарвари давлат дар бораи «Андешидани чораҳои глобалӣ дар мавриди мубориза бар зидди нашъамандӣ ва таблиғи тарзи ҳаёти солим» низ мавриди истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст.

Таҳти сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон аз минбарҳои гуногун ҷиҳати муттаҳид намудани кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаи қочоқи маводи мухаддир (Конфронси байналмилалӣ таҳти унвони “Тоҷикистон бар зидди маводи мухаддир, соли 1999, Душанбе), ташкили Эътилофи байналмилалӣ бар зидди маводи мухаддир (ҷаласаи 53-юми Маҷмаи Умумии СММ, соли 2003), ташкили Маркази Созмони Ҳамкории Шанхай бар зидди маводи мухаддир (Ҳамоиши сарони давлатҳои СҲШ, соли 2008, Душанбе) ва дигар ташаббусҳо манзур сохтааст.

Ба шарофати ҳамкориҳои фаъолонаву судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо яке аз зерсохторҳои СММ доир ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг (ЮНЕСКО) Тоҷикистон тавонист, ки ҷашн, расму ойини бостонии зиёдро ба феҳристи мероси ҷаҳонии ин созмони бонуфуз ворид намояд. Дар ин самт боиси ифтихор аст, ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат ва сарони як қатор кишварҳои дигар, соли 2010 тибқи Қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ҷашни аҷдодии тоҷикон – Наврӯз мақоми байналмилалиро соҳиб гашта, моҳи марти соли 2015 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ёздаҳ кишвари ҳавзаи Наврӯз дар таҳияи санадҳои ниҳоӣ ҷиҳати дохил намудани Наврӯз ба Феҳристи фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО ширкат варзид.

Шахсияти Сарвари Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун роҳбари олимақом ба ҷаҳониён собит намуд, ки дар умқи андешаҳои сиёсӣ ва сиёсати амалиаш масъалаҳои мубрами муносибати Шарқу Ғарб ва бархӯрди тамаддунҳои гузаштаву имрӯза гунҷоиш ёфтааст. Воқеан, Пешвои муаззами миллати фарҳангпарвари тоҷик бо пешниҳоду ҳидоят ва тарҳҳои илман асосноки фарогири манфиатҳои умумиинсонӣ дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун сиёсатмадори созандаву башардӯст эътироф гардида, кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистонро муваффақона ба шоҳроҳи рушду пешрафти ҳамаҷониба роҳнамоӣ карда истодаанд.

Бо шарофати ин сиёсати муваффақи роҳбари дурандеш, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти глобалӣ мустаҳкам намуда, ба доираи ҳамкории худ давлатҳои бисёрро ворид кард ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибат ва манфиатҳои худро таъмин гардонид.

Хулоса, дар солҳои минбаъда таҳаввулот ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар фазои геополитикии ҷаҳон ва хусусан, дар муносибати қудратҳои бонуфузи

ҷаҳонӣ, фазои татбиқи сиёсати бисёрсамтиро мураккабтар менамояд. Шиддат ёфтани ихтилофи байни қудратҳои ҷаҳонӣ ба вазъи умумии байналмилалӣ таъсири ҷиддии худро мегузорад, ки минтақаи мо низ аз он истисно нест. Бинобар ин, воқеияти муосири равандҳои ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ, тамоюли шаклгирифтаистодаи геосиёсӣ талаб менамоянд, ки таҷрибаҳои даврони Истиқлоли давлатии кишвар ба таври хеле ҷиддӣ омӯхта шуда, ин таҷрибаи сиёсӣ бо пайгирии боз ҳам васеъ, ба таври воқеъбинӣ ва прагматизми сиёсӣ таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идома дода шавад.

АДАБИЁТ

1. Баҳромзода М. Баҳри Арал: кӯшишҳои Тоҷикистон дар пешгирии хушкшавии он. [Захираи электронӣ]. URL: environment.tj/bahri–aral–kushishhoi–tojikiston–dar–peshgirii–hushkshavii–on/ (Санаи мурочиат: 23.05.2022).

2. Доклад Генерального секретаря: Международное десятилетие действий «Вода для жизни», 2005–2015 годы, и дальнейшие усилия по обеспечению устойчивого освоения водных ресурсов. [Захираи электронӣ]. URL: https://undocs.org/ru/A/71/260 (санаи мурочиат: 23.05.2022).

3. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (нашри дувум) [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 704 с.

4. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002, ҷ. II.– 409 с.

5. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи об нашр шуд. [Захираи электронӣ]. URL: www.president.tj (Санаи мурочиат: 23.05.2022).

6. Худобердӣ Х. Тоҷикистон ва нақши он дар ҳалли яке аз проблемаҳои ҳазорсолаи нав. [Захираи электронӣ]. URL: khovar.tj/ (санаи мурочиат: 12.05.2023).

ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В РЕШЕНИЕ ГЛОБАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ

КАРОМАТУЛЛО ОЛИМОВ,
доктор философских наук, профессор, академик
Национальной академии наук Таджикистана
тел.: (+992) 907-70-21-15

КУРБОНОВА РУКИЯ АТОЕВНА,
председатель Совета ветеранов Народно-Демократической
Партии Таджикистана
тел.: (+992) 935-27-77-20

В статье анализируются международные инициативы и предложения Республики Таджикистан по обеспечению устойчивого развития посредством рационального использования водных ресурсов и охраны окружающей среды.

Авторы подробно раскрывают, как внешняя политика Таджикистана под руководством Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона привлекла внимание международного сообщества к глобальным проблемам, таким как вода, климат, ледники, энергетика и продовольственная безопасность.

В работе рассматриваются ключевые инициативы страны, включая объявление Международного года пресной воды (2003), Международного десятилетия действий «Вода для жизни» (2005–2015), Международного года сотрудничества в области водных ресурсов (2013) и Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития» (2018–2028), а также проведение международных конференций и форумов высокого уровня.

Особое внимание уделено роли Таджикистана в продвижении водной дипломатии и «зелёной экономики», а также в решении глобальных проблем, связанных с изменением климата, охраной ледников, борьбой с незаконным оборотом наркотиков и стабилизацией ситуации в Афганистане. Отмечаются достижения этих инициатив, включая сокращение числа людей без доступа к чистой воде и привлечение инвестиций в водно-энергетический сектор, подчёркивается значение данных мер в укреплении международного авторитета Таджикистана.

Ключевые слова: *Республика Таджикистан; Лидер нации; международные инициативы; водные ресурсы; устойчивое развитие; глобальный климат; водная дипломатия; охрана ледников; "зелёная" энергетика; продовольственная безопасность; Организация Объединённых Наций; международное сотрудничество; региональная безопасность.*

THE CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION TO SOLVING GLOBAL ISSUES

KAROMATULLO OLIMOV,
Doctor of Philosophy, Professor, Academician
of the National Academy of Sciences of Tajikistan
tel: (+992) 907-70-21-15

QURBONOVA RUQIYA ATOEVNA,
Chairwoman of the Council of Veterans of the People's
Democratic Party of Tajikistan
tel: (+992) 935-27-77-20

This article analyzes the international initiatives and proposals of the Republic of Tajikistan aimed at promoting sustainable development through the rational use of water resources and environmental protection.

The authors provide a detailed overview of how Tajikistan's foreign policy, under the leadership of the Founder of Peace and National Unity — Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, H.E. Emomali Rahmon, has attracted global attention to pressing issues such as water, climate, glaciers, energy, and food security.

The paper examines key initiatives launched by Tajikistan, including the proclamation of the International Year of Freshwater (2003), the International Decade for Action "Water for Life" (2005–2015), the International Year of Water Cooperation (2013), and the International Decade for Action "Water for Sustainable Development" (2018–2028), alongside high-level international conferences and forums.

Particular emphasis is placed on Tajikistan's role in advancing water diplomacy and the concept of a green economy, as well as addressing global challenges such as climate change, glacier protection, combating drug trafficking, and the resolution of the Afghan crisis. The achievements of these initiatives—such as reducing the population lacking access to clean water and attracting investment in the water and energy sectors—are discussed, highlighting their contribution to strengthening Tajikistan's international reputation.

Keywords: *Republic of Tajikistan; Leader of the Nation; international initiatives; water resources; sustainable development; global climate; water diplomacy; glacier protection; green energy; food security; United Nations; international cooperation; regional security.*

УДК: 911.3:327(575.3)

МАВҚЕИ ГЕОСИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР МАСИРИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

МУҲАММАД АБДУРАҲМОН НАВРӮЗ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 935-05-15-58; e-mail: tifk@mail.ru

Муаллиф дар мақолаи мазкур мавқеи геосиёсии Тоҷикистон ва хусусиятҳои онро дар масири соҳибистиқлолии кишвар таҳқиқ намуда, самтҳои асосии онро муайян намудааст. Аз назари ҷуғрофӣ маълум аст, ки Тоҷикистон дар чорсӯйи тамаддунҳои гуногун ҷой гирифта, ба онҳо ҳамсарҳаду дорои муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур, агар аз як тараф, кишварҳои зиёде бо хусусиятҳои дунявии давлатдорӣ бошанд, аз тарафи дигар, давлатҳое арзи вуҷуд доранд, ки дар ҳаёти сиёсии онҳо дин нақши муҳим мебозад. Инчунин, дар мақола нишон дода шудааст, ки дар ҳамсоягии кишвари мо давлати абарқудрате бо тамаддуну фарҳанг ва дину оини дигар мавқеият дорад, ки имрӯз таъсири геосиёсии он дар ҷаҳон мақоми хосса дорад.

Дар баробари ин, дар мақола дипломатияи фаъоли ҳафт кишвари ҷаҳон ва мақоми геосиёсии онҳо таҳлилу асоснок карда шуда, дар муайян намудани мавқеи геосиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: *мавқеи геосиёсии Тоҷикистон, соҳибистиқлолӣ, ҳаёти сиёсӣ, мақоми геосиёсӣ, сиёсати "дарҳои боз", бархӯрди манфиатҳо, давлатҳои абарқудрат, истиқлоли давлатӣ, равобити дипломатӣ, низоми байналмилалӣ, Русия, Эрон, Туркия, Покистон, Арабистони Саудӣ, Чин, Ҳиндустон.*

Маълум аст, ки баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ андешаву тағйироти куллӣ дар мавқеи геосиёсӣ ва масири соҳибистиқлолии кишварҳо ба миён омад. Мутаассифона, замоне мавҷудияти моликияти миллӣ ҳамчун манбаи муқовиматҳо байни давлатҳо шинохта шуда буд. Аз ин рӯ, таъсири тағйирёбии қоидаҳои меъёрҳои ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ парадигмаҳои наверо ба амал оварда, ки боиси баҳсҳои мухталиф гардидаанд.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори андеша доранд, ки "Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳам аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ ва ҳам аз нигоҳи мавқеи геосиёсӣ, дар чорсӯйи бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат ва низомҳои

оштинопазири сиёсию идеологӣ қарор дорад. Сиёсати бидуни зӯроварӣ, бунёд намудани ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бо дарназардошти суннату анъанаҳои давлатдории миллӣ, арзишҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии халқи тоҷик–роҳест, ки мо интихоб намудаем ва бо ин роҳ мунтазам пеш меравем" [7]. Дарвоқеъ, масъалаи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар замони соҳибистиқлолӣ доир ба мавқеъгирии сиёсӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим барои пешрафти кишварамон роҳест, ки он аз сиёсати "дарҳои боз" маншаъ гирифта, вазъи геосиёсии моро муътадил гардонида метавонад.

Дар зери ибораи "мавқеи геополитикии давлат" вазъи воқеии давлат дар низоми байналмилалӣ ва минтақавии давлатҳо фаҳмида мешавад. Ҳамзамон, мустақилият, озод будан аз таъсироти давлатҳои дигар, ҳимоя ва ташаккули манфиатҳои миллии давлат низ моҳияти мавқеи геополитикии давлатро ифода менамояд. Бояд гуфт, ки мавқеи геосиёсӣ мафҳуми мутаносиб мебошад, зеро вай танҳо дар марҳалаҳои муайяни рушду инкишоф барои давлат хизмат менамояд ва қудрати доимӣ надорад.

Муайян намудани мавқеи геосиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз муҳиммияти махсус дошта, барои ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми миллӣ хеле зарур аст**.** Аз ин рӯ, соҳибихтиёрӣ ё худ истиқлоли комил доштани давлат молики ҳақиқии воситаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ будани халқро мефаҳмонад. Худ аз худ эълон гардидани соҳибистиқлолии давлат, ҳатто дар сатҳи конститутсионӣ, ҳанӯз комилҳуқуқии онро таъмин карда наметавонад. Фақат дар заминаи мустақилияти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ мардум метавонад озодона идоракунии корҳои давлат ва ҷомеаро ташкил намояд. Соҳибихтиёрию истиқлоли давлат бо асосҳои демократии сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ ва татбиқи ҳақиқии онҳо вобаста аст [2, 45].

Мафҳуми "истиқлол" дар низоми муосири байналмилалӣ амалӣ намудани истиқлол дар ҳамаи заминаҳо ва унсурҳои он ба таври комил бисёр душвор ва ҳатто ғайриимкон аст. Ба ҳамин сабаб ин ду мафҳум аз ин ҷиҳат ба якдигар шабоҳат доранд, ки ҳар ду нисбӣ ва маҳдуд ҳастанд [1, 62].

Дар "Луғатномаи Деҳхудо" ин вожа ба маънои бардоштан ва баланд кардан, баланд баромадан, рафтан ба ҷойи баланд омадааст. Инчунин, дар ҳамин фарҳанг вожаи "Истиқлол" ба маънои тартибдиҳандаи кори хештан, ба худии худ бидуни ёрии дигаре кореро ба анҷом расонидан, тоқат кардан ва тоб овардан бар корҳои тоқатфарсо низ оварда шудааст [3, 83].

Шакли дигари ифодаи соҳибихтиёрии халқ – соҳибихтиёрии миллӣ аст. Миллати тоҷик қисми таркибии халқи Тоҷикистон буда, дорои хусусиятҳои ба худ хос аст. Миллати тоҷик дар заминаи ҳокимияти шуравӣ ва зинаи ибтидоии ташкилоти миллию давлатӣ то шакли давлати ягонаи соҳибистиқлол ташаккул ёфт. Тоҷиконе, ки берун аз ҷумҳурӣ, дар марзи дигар давлатҳои узви ИДМ маскунанд, дар ҳеч як шакли ташкилоти миллию давлатӣ муттаҳид нагардидаанд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт ифодакунандаи

соҳибихтиёрии миллати тоҷик ва соҳибихтиёрии тамоми мардуми ҷумҳурист [5, 20].

Беҳуда нест, ки мафҳуми «истиқлол» дар амалия ҳамчун истиқлоли олӣ ва мустақилият истифода мешавад, ки яке эълон мешаваду дигаре эътироф. Ҳамин тавр, соҳибистиқлолии кишвари моро, айни замон 192 давлати дунё эътироф кардааст. Агар соли 2013 равобити дипломатӣ бо 128 кишвари ҷаҳон барқарор гардида бошад, соли 2020 шумораи онҳо ба 178 расида, ки тақвияти эътирофи истиқлоли давлатдории мост. Инчунин, формулаи маъмули маънои "истиқлол" волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили мамлакат ва озод будани он аз тобеият ба давлатҳои дигар мебошад. Ҳамин аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохтаанд ва кишварҳои ҷаҳон онро ҳамчун давлати мустақилу ташаббускор эътироф кардаанд.

Мавриди қайд аст, ки «ҳокимият мазмун ва мақсади асосии сиёсат аст, пас ҳокимияти сиёсӣ сатҳи комилтарини ҳокимият буда, то замоне ки ҳокимият вуҷуд дорад, таҳқиқи ташаккули роҳҳои идораи он аз ҳама бештар ба илмҳои сиёсӣ вобастагӣ дорад» [4, 215].

Инчунин, истиқлоли давлатӣ яке аз шаклҳои асосии зуҳури истиқлоли сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Кишвари соҳибистиқлол дар ҳалли масъалаҳои гуногуни байналмилалӣ бештар саҳм гузошта метавонад. Дар ин марҳала баъзан ғояҳои наве дар асоси назарияҳои низоми нави ҷаҳонӣ пайдо шуданд, ки ҳатто аз байн бурдани марзҳо, ҳудуди миллӣ ва беасос донистани ҳудуди наздисарҳадиро ба боқимондаи замони куҳан мансуб медонистанд.

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, ба даст овардан ва ҳифзу ҳимоя аз истиқлол дар ҳамаи заминаҳо барои як миллат душвор буда, камтар ҷомеаҳо дар тули таърих ба он даст ёфтаанд. Бинобар ин, мафҳуми "истиқлол"-ро аз лиҳози фалсафаи сиёсӣ як амри нисбӣ медонанд. Яъне як миллат дар баъзе масъалаҳо метавонад ба таври комил мустақил шавад, аммо дар баъзе масъалаҳои дигар сатҳи мустақилӣ камтар аст [8, 64].

Ҳамаи инро ба инобат гирифта, дар муайян намудани мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи "дарҳои боз"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти хос дорад.

Ҳангоми таҳлили мавқеи геополитикии давлат омилҳои ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳарбӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Аксари мамлакатҳое, ки дар онҳо афзоиши табиии аҳолӣ ба мушоҳида мерасад, дар оянда наметавонанд шаҳрвандони худро ба дараҷаи зарурӣ маълумотнок гардонида, шуғли аҳолӣ ва кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандонашро таъмин намоянд. Дар ин раванд, муайян кардани мавқеи геосиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, албатта, вобаста ба тағйироти нави ҷаҳонӣ, омилҳои географию тамаддунӣ ва дипломатияи фаъоли кишварҳои гуногун, хеле ҷолиби таҳлилу таҳқиқ мебошад.

Ҳамин тавр, имрӯз кишварҳои зиёде мехоҳанд таъсири гуногун ба давлатҳои Осиёи Марказӣ дошта бошанд. Аз ҷумла Русия, Эрон, Туркия,

Покистон, Арабистони Саудӣ, Чин, Ҳиндустон ва ғайра. Албатта, ҳар яке аз онҳо, вобаста ба муносибатҳои геосиёсӣ, марому мақсад ва манфиатҳои худро доранд. Масалан, муносибати байни Русия ва баъзе давлатҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба хусусият, талабот ва кӯшишҳои ҳар яке аз онҳо як хел созмон наёфтаанд. Чунончи, Ӯзбекистон бо давлатҳои берун аз ИДМ, ба ғайр Афғонистон, сарҳад надорад. Тоҷикистон бошад, бо давлатҳои Афғонистон ва Чин ҳамсарҳад аст. Туркманистон бо Эрон сарҳади тулонӣ дорад ва Қирғизистон бо Чин ҳаммарз мебошад. Аз ин рӯ, барои Ӯзбекистон масъалаи ҳамроҳи Русия муҳофизати якҷояи сарҳадии берунаи ИДМ ба миён намеояд. Умуман, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар дурнамои нақшаи геостратегӣ барои Русия аҳаммияти басо муҳимми минтақавӣ доранд.

Чин. Мавқеи Чин бошад, нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, дар он муайян мегардад, ки густариши нуфузи фундаментализми исломӣ ба пойдории суботу вазъи ин мамлакат таҳдид менамояд. Дар баробари вусъати нуфузи бунёдгароии исломӣ, ҳукуматдорони Чин аз қувват гирифтани нуфузи миллатгароёни турк, ки ногузир ба пурзӯршавии пантуркизм дар Осиёи Марказӣ меоварад, низ ҳазар доранд. Ҳукуматдорони Чин айни ҳол мехоҳанд ва кӯшиш доранд, ки фазои тарсу душманиро нисбат ба ин давлатҳо аз худ дур созанд. Дар Чин инчунин, ақаллияти миллӣ–тоҷикони сарикӯлӣ сукунат доранд. Онҳо дар ноҳияи мухтори тоҷикони Тошқурғон, дар наздикии сарҳади Афғонистон ва Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд. Роҳбарони Чин ҳарос доранд, ки вусъату густариши бунёдгароии исломӣ наметавонад ба Чин бетаъсир монад ва инчунин, ин минтақа метавонад барои қочоқи силоҳ ба уйғурҳои мухолиф, ки истиқлоли Уйғуристон, яъне вилояти Шинҷонро талаб доранд, истифода гардад.

Эрон. Умумияти қавмию нажодӣ, фарҳангию забонӣ ва анъанавии Эрон бо халқҳои ин сарзамин, ба афзудани нуфузи ин кишвар дар минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, вақте ки аз пайи дигар ҷумҳуриҳо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ соҳибистиқлолии худро эълон доштанд, барои Эрон имкони ҳамкории ошкоро ва густариши доираи нуфузи худ дар ин давлатҳо фароҳам омад. Нуфузи Эрон, ки бассо хуб дар Тоҷикистон эҳсос мешавад, ҷониби Ӯзбекистонро аз он ҷиҳат ба шубҳа меоварад, ки ӯзбекон мехоҳанд нуфузи фарҳанги тоҷику эрониро дар Осиёи Марказӣ коҳиш диҳанд.

Бояд гуфт, ки Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар он манфиатҳои Эрон бо дигар давлатҳои фавқуззикр дар дарёфти доираи нуфуз, аз ҷумла, бо Русия бархӯрд доранд, аммо рӯшод ва ошкоро нестанд. Русия кӯшишҳои Эрон ва Туркияро, ки мехоҳанд дар ин минтақа нақши ҳукмфармоӣ дошта бошанд, мушоҳида намуда, ба вусъати ин нақш бо ҳар баҳона роҳ намедиҳад.

Туркия. Мавриди қайд аст, ки густариши нуфузи Эрон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷониби Туркияро ҳам ба ташвиш овардааст. Халои геосиёсӣ, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадааст,

барои Туркия шароит муҳайё сохт, ки нақши муҳимми байналмилалиро касб намояд. Аҳолии туркзабон, ки аз рӯйи вусъати гурӯҳҳои забонӣ дар ҷаҳон ҷойи панҷумро ишғол мекунад, аз сарҳади баҳри Адриатик сар карда, то ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ–Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон сукунат доранд.

Туркия, ки узви Иттиҳоди Атлантикаи Шимолист, ки бо бозиҳои сиёсии худ барои ин созмон нақши бузурги геостратегиро мебозад. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ин нақш муҳиммияти худро аллакай гум кардааст. Маҳз аз ҳамин сабаб, Туркия мекӯшад, ки доираи нуфузи худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ вусъат бахшад. Дар ин самт Туркияро кишварҳои ғарбӣ тарафдорӣ мекунанд. Мақсади кишварҳои ғарбӣ аз он иборат аст, ки ба ин васила нуфузи Эронро дар ин минтақа суст намоянд ва ё ба он монеъ шаванд ва бо ҳамин, садди густариши ифротгароёни исломӣ гарданд. Ақидаро дар бораи он, ки наздик шудан ба Туркия ҷараёни қаробатро ба давлатҳои ғарбӣ метезонад, тарафдорӣ карда, аксари роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро бо Туркия муназзам сохтанд.

Ҳиндустон. Мавқеи Ҳиндустонро нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ авҷ гирифтани нуфузи исломи радикалӣ дар ин сарзамин, инчунин, мавҷудияти шиддатнокӣ дар муносибатҳои Ҳинду Покистон, кӯшиши Ҳиндустон оид ба роҳ надодан ба таъсиси “минтақаҳои табиии нуфуз”-и Покистон дар ин кишвар муайян месозад. Имконоти таъсири воқеаҳои ин минтақа ба ирсияти мусалмон ташвиши доираҳои ҳукмрони Ҳиндустонро ба амал овардааст. Аз ин рӯ, чунин хавф ба ҷиҳати вусъати шиддати байни мусалмонҳо ва бунёдгароён пурзӯртар шудааст.

Арабистони Саудӣ. Зарфияти ҳамкорӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Арабистони Саудӣ бузург аст, вале на ҳамаи корҳои он амалӣ шудааст. Ба амалӣ шудани онҳо чунин далелҳо халал мерасонад:

а) ваҳҳобизм, ҳамчун идеологияи ҳукмрон, хавфу хатар дар минтақаи Осиёи Марказӣ паҳн шудан дорад, ки меваҳои малолангези онро дар Тоҷикистон чашиданд;

б) давлатҳои Ғарб вусъати нави хавфро дар симои ифротгарони исломӣ дар арзи геополитикӣ акнун дар дили Осиё бевосита ташаккул ёфтаистода намехоҳанд.

Покистон. Мавқеи ҷуғрофии Покистон ҳам ба он мақоми ҳамсояи гурӯҳи дуюми кишварҳои Осиёи Марказиро медиҳад, вале дахолати фаъоли Покистон ба кори Афғонистон, ки ҳамсояи бевоситаи давлатҳои Осиёи Марказӣ аст, имкон намедиҳад, ки ба ин минтақа диққати бештар диҳад.

Покистон нисбат ба давлатҳои Осиёи Марказӣ сиёсати дуҷониба пеш гирифтааст. Мақсади сиёсати дугонаи Покистон аз он иборат аст, ки нуфузу обрӯйи худро дар ин минтақаи муҳимми геополитикӣ вусъат диҳад. Маҳз барои ҳамин, кишвари номбурда кӯшиш дорад, ки дар Афғонистон ҳукумате созмон диҳад, ки зери таъсири бевоситаи Покистон бошад ва дар ояндаи наздик имкон

фароҳам оварад, ки бо “дасти ҳамсоя” вазъи геополитикии минтақаи Осиёи Марказиро тағйир дода тавонад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Тоҷикистон ҳам дар солҳои охир вобаста ба рушду пешрафти худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ сиёсати фаъоли худро амалӣ карда истодааст. Масалан, 31 марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд мулоқоти сеҷонибаи саронии давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон баргузор гардид. Пас аз анҷоми музокироти сеҷониба, маросими имзои Шартнома байни Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се ҷумҳурӣ доир шуд. Ҳоло он, ки дар ин соҳа мухолифатҳо зиёд буданд, аммо сарварони сиёсии ин кишварҳо таҳдидҳои муосири геопсиёсиро дарк намуда, дипломатияи фаъоли сиёсиро истифода бурданд.

Мавриди таваҷҷуҳ аст, ки онҳо дар ин марҳалаи таърихӣ қудратмандии дипломатияи миллии худро нишон дода, ба рушди ҳамзистии осоишта тағйирот ворид намуда тавонистанд. Аз ҷумла, Пешвои тоҷикони ҷаҳон, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз сарварони муваффақи минтақавӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар масъалаи бо ҳам омадани ҳамсоякишварҳо саҳми хеле бузург гузоштанд.

Табиист, ки дар чунин ҳолат ҳалли масъалаҳои байнисарҳадӣ, ҳифзи арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ дар ҳамсоякишварҳои минтақа ҳар яке хусусияти хос дорад. Хусусан, масъалаи ҳалли «демилитатсия» ва «демаркатсия»-и сарҳади байни давлатҳои минтақа на танҳо ба мардуме, ки дар наздикии хатти сарҳад зиндагӣ доранд, балки ба сарварони сиёсӣ ва намояндагони мардумӣ низ вобастагӣ дошт. Аз ин рӯ, тағйироти сифатан нави ҳалли сиёсии масъалаҳои байнисарҳадӣ, ки баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар амал хеле мушкилот ба миён оварда буданд, барои ҳамсоякишварҳо ҳамеша ниёз ба муколамаи сиёсӣ дошт. Аммо касе аз сарварони минтақавӣ инро ба зиммаи худ гирифта наметавонист, зеро мероси таърихии замони шуравӣ таъсири худро хеле жарфтар ба зеҳну тафаккури мардумони ин минтақа гузошта буд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар густариши ҳамкориҳои мутақобили судманди ҳамсоягӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вобаста ба ғояи сулҳи пойдор, нақши муҳимми сиёсӣ доранд. Ҳатто дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ низ он кас нагузоштанд, ки алангаи ҷанги бародаркуш ба ҳамсоякишварҳо гузарад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки “Консепсияи ҳамзистии осоишта” ҳамчун назария дар муносибатҳои ҳасанаи ҳамсоягӣ нақши барҷаста дорад, аммо дар амал татбиқ намудани он ба роҳбарони сиёсӣ вобаста мебошад. Масалан, имрӯз Сарвари сиёсии ҷумҳурии мо дар барқарор намудани сулҳу салоҳ, арзишҳои миллӣ, эҳёи хотираи таърихии миллати тоҷик ва дигар ташаббусҳои сатҳи баланд, зинаи баландтарини фаъолияти сиёсиро ишғол менамоянд.

Албатта, ҳамаи ин дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ бо роҳбарӣ ва ҳидоятҳои Президенти ҷумҳурӣ ва заҳмати мардуми Тоҷикистон ба даст омадаанд, ки имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ назир надоранд.

Ин аст, ки 31 марти соли 2025 баъди анҷоми мулоқоти хоссаи сарони давлатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки дар фазои дӯстию бародарӣ ҷараён гирифт, дар ҳамин ҷо маросими имзо ва мубодилаи санади муҳимми таърихӣ Протоколи мубодилаи Тасдиқномаҳои Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ баргузор гардид. Ҳамин тариқ, Протоколи мубодилаи Тасдиқномаҳои Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон низ дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон тасдиқ карда шуд.

Инчунин, боз якчанд санади муҳимми таърихӣ–Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се ҷумҳурӣ ва “Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ” дар фазои тантанавӣ аз ҷониби сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон, Садир Жапаров ва Шавкат Мирзиёев ба имзо расид. Ин падидаи фараҳбахш дар сиёсати геостратегии ин давлатҳо ва раванди ҳамзиштии осоишта такони ҷиддӣ мебошад.

Имрӯз фаъолияти Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд на аз рӯйи эҳсосоти шахсӣ, балки аз рӯйи меъёрҳои таҳқиқи амиқу дақиқи фаъолияти амалӣ ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ баҳогузорӣ карда шавад. Албатта, андешаҳо нисбат ба ҳалли масъалаҳои марзӣ байни ҳамсоякишварҳои Осиёи Марказӣ хеле гуногунанд. Аммо пешдастӣ ва фаъолнокии сиёсии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли ин масъала хеле барҷаста ва саривақтӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки дар сатҳи минтақавӣ мустақилона бе кумаки дигар миёнаравҳо бартараф кардани низоъҳои байнисарҳадӣ ва бо роҳи гуфтушиниди тарафайн ҳал намудани ҳудуди давлатӣ боиси дастгирии мардумони ин мамлакатҳо гардидааст. Албатта, нақши сарварони сиёсии ин ҷумҳуриҳоро мо бояд дар муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи сиёсӣ ҳамчун намунаи ибрат қабул намоем.

Мавриди тазаккур аст, ки Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсӣ дар якҷоягӣ бо дигар сарварони сиёсии ҷумҳуриҳои ҳамсоя: муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва муҳтарам Садир Жапаров тавонистанд, ки дар воқеияти инкишофи муносибатҳои минтақавии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд оварда, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва амнияти мардумро дар мадди аввал гузоранд.

Мавриди тазаккур аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои сиёсати хориҷии он бо сарвории Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо сиёсати сулҳу оштии миллиро дар мамлакат пеш гирифта, онро муваффақона амалӣ гардониданд,

балки ба анҷом ҳам расониданд. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон исбот кард, ки душвортарин масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро метавон аз тариқи муколамаву музокира ва бо роҳи мусолиҳатомез ҳал кард [6].

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар муайян намудани мавқеи геосиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он дар масири соҳибистиқлолӣ аз рӯйи ҷойгиршавии минтақавию ҷуғрофӣ мо ба мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангиву тамаддунӣ мувоҷеҳ ҳастем. Ягона роҳе, ки моро аз чунин вазъияти душвору печида бароварда метавонад, ба андешаи мо, ин сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – сиёсати “дарҳои боз» мебошад, ки дар ин росто, нақши муассир дорад. Тасаввур намоед, ки дар гирду атрофи Тоҷикистони азиз, агар аз як тараф, роҳи ҳаёт ба ҷониби Русия, ки шарики стратегии мо мебошад, аз ҷониби дигар, тамаддуну фарҳанги чиноӣ низ моро фаро гирифтааст. Инчунин, аз тарафи дигар, ҷойгиршавии фарҳангу тамаддуни ҳамсоякишварҳои туркзабон ва даъвоҳои онҳо, билохира, аз ҷониби дигар давлатҳои исломӣ тавассути Афғонистон низ дар муайян намудани мавқеи геосиёсии Тоҷикистон нақши худро доранд.

АДАБИЁТ

1. Донишномаи сиёсӣ. Дориюш Ошурӣ. Теҳрон. –1389. –С.22.// Фарҳанги истиқлол. Ҷаводи Мансурӣ. –Теҳрон, 1374. –348 с.

2. Имомов А. Соҳибихтиёрии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Государство и право.–Душанбе, 1996. №1.

3. Луғатномаи Деҳҳудо. –Теҳрон, –1351. Ҷ.2. – 500 с.

4. Муҳаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. –Душанбе, 2016. – 377 с.

5. Муҳаммад А.Н. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ (таҷрибаи Тоҷикистон).–Душанбе, 2021.– 280 с.

6. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи тоҷик дар роҳи дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ //Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”. – 2007. –№1.

7. Раҳмон Э. Суханронӣ ба муносибати даҳумин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон//15 ноябри соли 2002.

8. Ҷаводи Мансурӣ, Фарҳанги истиқлол. –Теҳрон, 1374. – 324 с.

ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ТАДЖИКИСТАНА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ В УСЛОВИЯХ НЕЗАВИСИМОСТИ

МУХАММАД АБДУРАХМОН НАВРУЗ,
доктор политических наук, профессор, член-корреспондент
Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел.: (+992) 935-05-15-58; e-mail: tifk@mail.ru

В данной статье автор рассматривает геополитическое положение Таджикистана и его особенности в условиях независимости. Автор

анализирует ключевые направления внешнеполитического взаимодействия страны и освещает ряд актуальных теоретических подходов. Известно, что Таджикистан находится на стыке различных цивилизаций, граничит с ними и имеет социальные, экономические и политические связи. С одной стороны, страна взаимодействует с государствами светского типа, с другой — с государствами, в политической жизни которых значительную роль играет религия. Исследование также показывает, что наша страна соседствует со сверхдержавой с иной цивилизацией, культурой и религией, геополитическое влияние которой сегодня занимает особое место в мире. В то же время в статье обосновывается активная дипломатия 7 стран мира и их геополитическое положение, а также анализируется и исследуется геополитическое положение Республики Таджикистан.

***Ключевые слова**: Геополитическое положение Таджикистана, независимость, политическая жизнь, геополитический статус, политика открытых дверей, конфликт интересов, сверхдержавы, государственная независимость, дипломатические отношения, международная система, Россия, Иран, Турция, Пакистан, Саудовская Аравия, Китай, Индия.*

THE GEOPOLITICAL POSITION OF TAJIKISTAN AND ITS FEATURES ON THE PATH TO INDEPENDENCE

MUHAMMAD ABDURAHMON NAVRUZ,
Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding
member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 935-05-15-58; e-mail: tifk@mail.ru

In this article, the author examines the geopolitical position of Tajikistan and its features on the path to independence of the country, identifies its main directions, and discusses very interesting ideas. Geographically, Tajikistan is located at the crossroads of different civilizations, bordering them and having social, economic and political relations. Therefore, in this article, while on the one hand there are many countries with secular statehood, on the other hand there are countries where religion plays an important role in their political life. The study also shows that in the neighborhood of our country there is a superpower with a different civilization, culture, religion, and belief, whose geopolitical influence in the world today has a special status. At the same time, the article substantiates the active diplomacy of 7 countries of the world and their geopolitical status, and analyzes and researches the geopolitical position of the Republic of Tajikistan.

***Keywords:** Geopolitical position of Tajikistan, independence, political life, geopolitical status, "open door" policy, clash of interests, superpowers, state independence, diplomatic relations, international system, Russia, Iran, Turkey, Pakistan, Saudi Arabia, China, India.*

УДК: 323+327+929(575.3)

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ҲОМИИ ВАҲДАТ ВА СУЛҲИ ҶАҲОНӢ

МУСТАҶОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА,
номзади илмҳои филология, унвонҷӯ (докторант)-и кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 934-80-15-03, e-mail: rudobaimukarram@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи нақш ва саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар дохили кишвар бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳқиқи далелҳои муътамад ва иқдомҳои мушаххаси сиёсӣ нақши Пешвои миллатро ҳамчун меъмори ваҳдат ва ташаббускори аслии арзишҳои инсонгароёнаи умумибашарӣ арзёбӣ мекунад.

Дар мақола ҷиҳатҳои муҳимми фаъолияти Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, талошҳои пайгиронаи ӯ барои густариши фазои сулҳомез ва таҳкими ҳамбастагии ҷаҳонӣ равшан карда мешаванд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои расмӣ ва назари коршиносони маъруф, шахсияти Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун раҳбари дорои диди васеи стратегӣ ва нуфузи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд, ки бо иродаи қавӣ ва сиёсати хирадмандона на танҳо миллати тоҷикро ба ваҳдат овард, балки паёми сулҳро ба ҷаҳониён расонид.

Калидвожаҳо: *Президент, ваҳдат, ваҳдати миллӣ, сулҳ, дӯстӣ, давлат, давлатдории миллӣ, сиёсат, сиёсати хориҷӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, музокира, мусолиҳаи миллӣ.*

Таърих дар ҳофизаи воқеии худ дар ҳама давру замонҳо ду унсури муҳимми умумиҷаҳонӣ ва умумиинсониро пойдор нигоҳ доштааст, ки ин арзишҳо, новобаста аз ҳаводиси замон ва чолишу таҳаввулоти ҷаҳон, тули ҳазорон сол арзишу мақоми хешро гум накардаанд. Ин арзишҳои ҷаҳонӣ ва умумибашарӣ яке ваҳдат ва дигере сулҳ мебошанд. Бархе ба ин ақида ҳастанд, ки мафҳуми сулҳ ҳаммаънои ваҳдат буда, ҳар ду дар иҷрои як рисолат ҳамрадиф мебошанд. Новобаста аз он ки ин ду арзиш ба ҳамдигар пайвандии абадӣ доранд ва яке дар тақвияти дигаре нақши мустаҳкам дорад, вале маъно ва муҳтавояшон аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Калимаи “сулҳ” дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ба маънои «мувофиқа ва ризоят байни тарафҳои даргир барои қатъ кардани ҷанг ё низоъ; оромиш, амният ва ҳамзистии бе душманӣ» тафсир шудааст. Ваҳдат бошад, ба

маънои «якҷоягӣ, якдилии мардум ё кишварҳо дар як кор, мақсад ва ғоя» [6, 270] омадааст.

Бояд гуфт, ки вожаи "ваҳдат" дар нисбати сулҳ дорои маънои васеътар буда, он на танҳо набудани муноқишаро, балки ҳамфикрӣ, дӯстӣ ва якдилии гурӯҳи одамонро дар зери як ғоя дар худ таҷассум месозад. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки ҳолати сулҳ дар ҷомеа он вазъиятест, ки дар он ҷанг қатъ гардидааст, вале пойдории оромӣ ва субот дар он таъмин нест. Аммо ваҳдат як зинаи болотарест, ки он нишон медиҳад, ки аҳли ҷомеа на танҳо ҷанг намекунанд, балки бо якдигар дар ҳамзистии осоишта, ҳамдилӣ, дӯстиву рафоқат ва ҳамкории устувор умр ба сар мебаранд.

Аз замони пайдоиши аввалин гурӯҳҳои ибтидоӣ (қабилавӣ) дар ҷамоаи инсонӣ, аниқтараш аз давраи палеолит, дар миёни одамон рукнҳои муҳимтарини ҳаёт, аз ҷумла, зистан, мубориза бурдан, наҷот ёфтан ва бақои насл заминасози анвои пешрафт маҳсуб меёфт, ки нақши сулҳ ва ваҳдат дар раванди ташаккули ин падидаҳо хеле фаъол ва бармало ба назар мерасид. Аммо аз оғози ба маънавиёту маърифат гаравидани инсоният ваҳдату сулҳ чун омили асосии саодати инсонҳо шинохта шуд ва муносибат ба ин падидаҳо тақвият ёфт. Арзишдиҳии олӣ ба сулҳ ва ваҳдат аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мегардид, ки одамон дарк намуданд, ки дар ҷомеа бидуни ҳамраъйӣ ва ҳамбастагию сулҳ наметавон зиндагии шоистаро таъмин кард ва ба ҳадафҳои оливу созанда расид.

Фарҳанги сулҳхоҳӣ ва ваҳдатгароӣ дар андешаву тафаккури гузаштагони миллати тоҷик ҳамеша дар хатти муқаддам қарор дошт ва дар замони ҳозира низ руҷуи мо ба шиори ниёгони бузургмон, ки аз гуфтаи ҳакимонаи «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» сарчашма мегирад, дар ҳама зовияҳо ба назар мерасад. Таваҷҷуҳ ба арзиши ҳаётӣ ва волои сулҳу ваҳдат дар ҷомеа бештар дар замони ноороми носолим возеҳтару амиқтар зоҳир мегардад.

Руҷуъ кардан ба ҳаводиси таърих дар ҳама ҳолат худшиносиии миллиро таҳким мебахшад. Аз гузаштаи наздик барои мо маълум аст, ки дар оғози солҳои 90-уми асри XX пас аз заволи қудрати ҳокимияти Шуравӣ дар силки баъзе давлатҳо Тоҷикистон низ чун кишвари худсолор аз худ дарак дод. Агарчи ин дастоварди гаронарзиши миллӣ, яъне худсолориву истиқлоли сиёсӣ ормони ҳазорсолаи миллати тоҷикро ба таҳаққуқ расонид, вале ин саодати миллат дер давом накард. Фазои сиёсии Тоҷикистони нав ба мустақилиятрасидаро ноороми ва мухолифатҳои шадид фаро гирифтанд. Ин ҳолати буҳронӣ кишварро вориди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ намуд.

Шиддати ин фоҷиаи миллӣ то ба дараҷае расид, ки дар моҳи майи соли 1992 хатари аз саҳнаи мавҷудият ҳазф шудани давлати навбунёд ба миён омад. Дар ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тибқи тарҳи кашидаи дасти душманони дохиливу хориҷӣ тафаккури халқ аз ҳар ҷиҳат заҳролуд шуд ва ниҳоятан бо ташкили гирдиҳамоӣ дар майдони "Шаҳидон" ва талаби истеъфои президент ва

ҳукумати амалкунанда вазъ торафт печидатар гардид. Дар сархатти ин фоҷиа мухолифин қарор доштанд, ки бо амалҳои ҷиноии онҳо мардум фирефтаву гумроҳ шуданд ва садҳо бадбахтию нокомӣ вориди зиндагии осудаи онҳо гашт.

Дар ин замон як гурӯҳ ашхосе, ки паёмади нохушоянди ин ҷанги таҳмилии милатсӯзро амиқан дарк мекарданд, барои бақои ҳокимияти қонунӣ ба по хестанд. Мухолифатҳои шадиди ду тараф, ки ба муноқишаи мусаллаҳона кашида шуд, барои аз миён рафтани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон заминаҳои нав эҷод кард. Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ, ки бо таҳдид ва зӯри силоҳ қудрати сиёсиро дар Тоҷикистон соҳиб гардида буд, на танҳо вазъи нобасомони кишварро ба эътидол оварда натавонист, балки баръакс, вазъи мавҷударо ташаннуҷи бештар дода, буҳрони сиёсиро дар кишвар амиқтар намуд. Вазъ то ҳадде мураккаб гардида буд, ки дар дили мардум шуълаи умед ба ояндаи нек тадриҷан хомӯш мешуд. Хусусан, дар минтақаи бузурги кишвар –Вахшонзамин муноқишаҳои мусаллаҳона ба авҷи аълои худ расида буданд. Минтақаи Кӯлоб бошад, дар зери таъсири гурӯҳҳои мухолифин дар муҳосираи шадиди иқтисодӣ қарор гирифт. Симои шаҳри Душанбе умуман, ба пойтахти як кишвари соҳибистиқлол монанд набуд, зеро заминашро хуну фазояшро хокистар ва чашми сокинонашро ваҳму даҳшату ноумедӣ фарогир буд.

«Кашмакашҳои бемаънӣ ба ҷуз харобии Ватан, нобудии генофонди миллат, бадбахтию хонавайронии мардум, пастравии ахлоқу маънавиёт ва боло гирифтани ҷаҳолат, зарарҳои азими иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷизи дигаре ба бор наовардаанд. Охир, ҳамагон огаҳанд, ки ҷанги бародаркуш ба чӣ оварда расонид: иқтисодиёти миллӣ беш аз 10 миллиард доллари амрикой зарар дида, 55 ҳазор кӯдак ятиму 25 ҳазор зан бесаробон монд» [2, 258].

Маҳз дар ҳамин ҳолате, ки нооромиву муноқишаҳо ба баландтарин нуқтаи авҷи худ расида буданд, тарафдорони ҳокимияти қонунӣ барои наҷоти халқ аз бадбахтӣ ва бақои давлат баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистонро пешниҳод карданд.

Ноябри соли соли 1992 дар ҳофизаи таърихии мардуми Тоҷикистон ва таърихи давлатдории навини кишвар чун моҳи муҳим ва аҳаммиятнок сабт гардидааст. Зеро маҳз дар ин моҳ, дар авҷи нооромиҳо ва бесуботиҳои сиёсиву иқтисодӣ, фақри шадид ва буҳрони иҷтимоиву фарҳангӣ бо таъсири қувваҳои солимфикри кишвар дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори худ шуруъ кард.

Ҷойи шубҳа нест, ки оғози ин рӯйдоди таъсиргузор бо оғози раванди сулҳ дар кишвар, берун гардидани Тоҷикистон аз вартаи фано ва ворид гардидани он ба роҳкори бақо пайвастагии ногусастанӣ дорад. Метавон гуфт, ки аз 16-уми ноябр то 2-юми декабри соли 1992, дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд бо ширкати вакилони мардумӣ тарҳи ҷадиде барои ояндаи миллати тоҷик ва

давлати Тоҷикистон барномарезӣ шуд. Дар ин Иҷлосия, ки ҳамчун рӯйдоди сарнавиштсоз маъруфият дорад, муҳимтарин масъалаи он замон, яъне интихоб ва таъйини сарвари сиёсии давлати дар ҳоли парокандагӣ қарордошта ҳалли худро пайдо кард. Ҳамзамон, дар ин Иҷлосия Парчам ва Нишони давлатии кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул ва тасдиқ шуд, ки ин қадами муҳимме дар роҳи тақвияти сохтори давлатдорӣ ба шумор мерафт. Қабули як қатор қарору қонунҳо, аз ҷумла Қонун дар бораи гурезаҳо, дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод намудани нафароне, ки ҷиноят ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ кардаанд, барои оштии миллӣ, баҳамоии фикрӣ ва адами ихтилофу зиддият дар ҷомеа мусоидат намуданд.

Аммо, аз ҳама муҳим, кашфи шахсияти таърихию таърихсозе дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва интихоби ӯ ба вазифаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шоистатарин хизмати вакилони иштирокчии ин Иҷлосия барои ояндаи халқу давлат буд. Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун сарвари бохираду соҳибтафриба, бо дарки амиқи масъулиятшиносӣ фаъолияти сиёсию ҷамъиятии худро бо суханони «сулҳ», «ваҳдат» ва «иттиҳод» оғоз намуд. «Аслан ин маҳфумҳо аз батни андешаи миллии мо сар зада, дар тули асрҳо инсониятро муттаҳид намуда, дар давраи соҳибистиқлолӣ ба асоси маънавию ахлоқии давлати мо табдил ёфтанд. Ин мафҳумҳо ифодаҳои сеҳрангезро касб карданд, ки ҳар навъ номгузорӣ шаванд ҳам, мантиқан яклухт ва бо ҳам алоқаманд мебошанд» [4, 59].

Роҳбари тозаинтихоби давлат сарнавишти халқу миллатро чун рисолати аввалин дар пешорӯйи хеш қарор дода, бо даҳ рӯйкарди заминасози сулҳу ваҳдат тавонистанд, ки кишвар ва миллатро дубора ҷон бахшанд:

1. Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин қадам дар роҳи эъмори давлат ба он фарҳангномаи ниёгонамон эътибору эҳтиром гузоштанд, ки дар оинномаи аввалини он бахшидани гуноҳи рақиб дар хатти муқаддам меистод.

2. Эмомалӣ Раҳмон бо роҳкори пешакардаи хеш тафаккури ҷангҷӯёна ва кину адовати тарафҳои даргири ҷангро ба сӯйи огоҳӣ ва бахшоиши ҳамдигар савқ доданд.

3. Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолият, ҳамчун сарвари сиёсии кишвари мустақили Тоҷикистон, пойдевори маънавии давлатро бо меъёрҳои инсондӯстиву шоистасолорӣ, адлу инсофи иҷтимоӣ, баробарии қавму миллатҳо ва озодии виҷдон тақвият бахшиданд.

4. Эмомалӣ Раҳмон эҳсоси ҳамбастагии милливу меҳанриро бо таваҷҷуҳ ба арзиши ҳаётӣ ва волои сулҳ дар ниҳоди мардум бедор намуданд.

5. Эмомалӣ Раҳмон халқи тоҷикро бори дигар ҳушдор доданд, ки чун тазмингари сулҳ ва меросбари асили ниёгон ҳаётро дар ростои хушзистӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдату иттиҳод ба роҳ монанд.

6. Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эҳёи давлатдории навини тоҷикон тавонистанд, ки фалсафаи эҷоди сулҳ ва ваҳдати халқро як ҷузъи андеша ва дастури давлатмардону давлатдорони дунё қарор диҳанд.

7. Эмомалӣ Раҳмон муаллифи модели нодири «Сулҳи тоҷикон» мебошанд, ки аввалин бор дар арсаи сиёсат аз ҷониби тамоми сиёсатварзону сиёсатшиносон якдилона мавриди пазириш ва эътирофи куллӣ қарор гирифт.

8. Эмомалӣ Раҳмон таҳкиму тақвият ва шакл додани миллатро бар такя бар бозгардонии ҳар як фирории Ватан донистанд ва ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

9. Эмомалӣ Раҳмон заминагузори асосии Ваҳдати миллӣ дар ҷомеа буда, барои мустаҳкам намудани низоми давлатдорӣ, ислоҳоти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ талошҳои беназир карданд.

10. Эмомалӣ Раҳмон бо изҳороти таърихиву тақдирсози хеш бо таъкид ба халқ гуфта буданд: *«Ман ба шумо сулҳ меорам ва агар лозим шавад, ҷонамро барои осоиши кишвар фидо мекунам»* ва *«Мо Тоҷикистони демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ барпо мекунем».* Ин суханони ҳикматомӯз мардумро аз нав умеду ормон бахшиданд.

Дарвоқеъ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози роҳи давлатдорӣ бар манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ бартарӣ бахшида, хатми ҷанг, беҳтар гардонидани ҳаёти халқ ва рифоҳу саодати сокинони кишварро аз авлавияҳои сиёсатгузориҳои хеш қарор доданд. Агарчи таҳлилгарон ва коршиносони сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ бо дарназардошти ду омил: яке ҷавон будани Эмомалӣ Раҳмон ва дигаре вазъи бениҳоят мураккаби сиёсиву иҷтимоии он замон, бар муваффақияти ӯ дар ин роҳ хушбин набуданд, вале бар бахти накуи халқ ин ҳама пешгӯйӣ ва таҳлилҳо нодуруст баромаданд ва ин шахсият чун наҷотбахши давлат ва миллат зимоми давлатдориро устувору ҷасурона нигоҳ дошта, бо талоши пайгирона ва ибтикору иқдомоти шоиста марҳала ба марҳала вазъи буҳронии кишварро беҳбуд бахшиданд.

Талошҳои сулҷӯёна ва сулҳҳоҳонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самар меоварданд, зеро ӯ бо иродаи устувор ва азми қатъӣ дар ин роҳ талош меварзиданд. Ӯ борҳо аз ҷони худ гузашта, барои гуфтушуниду музокира ба нуқтаҳои аз лиҳози амниятӣ хатарнок сафар кардаву бо мухолифини сар то по мусаллаҳ гуфтугӯ намуданд.

Таҳдиду хатарҳо, суиқасд ба ҷон ва таъкидҳои ёварону машваратчиён барои эҳтиёткор будан натавонистанд дар роҳкори пешгирифтаи ӯ, ки хулосаи онро хатми ҷанг, расидан ба сулҳ ва мусолиҳаи миллӣ дар ҷомеа ташкил медод, монеа эҷод кунанд.

Пешфарз ва муқаддимаи сулҳномаи Эмомалӣ Раҳмон бар рафъи ихтилофот ва баҳамории фикрӣ дар миёни тарафҳои даргири ҷанг нигаронида шуда буд ва ин душвортарин марҳалаи сулҳи тоҷикон маҳсуб меёфт. Зеро ду

тараф аз лиҳози фикриву ақидавӣ, ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ва дурнамои давлатдориву давлатсозӣ дар зовияҳои комилан мухталиф ва ниҳоят зиддиятнок қарор доштанд. Дар он рӯзгор бо таҳлили вазъи нобасомони замон дарёфти ғояи ягона барои аз миён бурдани ин мухолифатҳо кори ниҳоят душвор ва ҳатто ғайриимкон ба назар мерасид. Аммо Сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи ҳалли ин масъалаи мураккабро низ дарёфт карданд ва ин марҳаларо бомуваффақият паси сар намуданд. Лахдар Иброҳимӣ, фиристодаи махсуси СММ оид ба Тоҷикистон ва яке аз шоҳидони бевоситаи раванди гуфтушунидҳо, таъкид карда буд, ки ҳар қадами Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд бо таҳаммул, дақиқ ва иродаи огоҳона бардошта мешуд. Ӯ на танҳо музокира кард, балки мухолифтарин гурӯҳҳоро ба мизи гуфтушунид овард ва ин коре буд, ки дар муҳити геосиёсии муташанниҷи ҳамон давра бисёр душвор ба назар мерасид.

Бо таҳлили мухтасари раванди гуфтушунид миёни Ҳукумат ва неруҳои мухолифин метавон онро дар ҳашт давра ҷамъбандӣ кард. Дар ин давраҳо тарафҳо чандин маротиба дар дохили кишвар ва дар мамлакатҳои хориҷ мулоқоту музокирот анҷом доданд. Даври аввал дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия санаи 5-19 апрели соли 1994 ва даври дуюм – 18-26 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардиданд. Пас аз даври сеюм, ки аз 20-уми октябр то 1-уми ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон ҷараён гирифт, инчунин, дар шаҳрҳои Москва (19-26 апрели соли 1995) ва Кобул (17-19 майи соли 1995) вохӯриҳои ду тараф баргузор гардиданд.

Шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон мизбони давраи чаҳоруми музокирот буд, ки он аз 21-уми май то 1-уми июни соли 1995 доир шуда, дар рафти он вохӯриҳои сатҳи олӣ 19-уми июли соли 1995 дар шаҳри Теҳрон ва августи соли 1995 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд.

Даври панҷуми музокирот аз се вохӯрӣ ташкил ёфта, дар шаҳри Ашқобод доир гардид: вохӯрии аввал – 30 ноябри 22 декабри соли 1995, дуюм – 26 январ-19 феврали 1996 ва сеюм – 8-21 июни соли 1996.

Пас аз ин даври гуфтушунидҳо, вохӯриҳои сатҳи олӣ дар Хустдеҳи Афғонистон (10-11 декабри соли 1996) ва мулоқот дар дар шаҳри Москва (19-23 декабри соли 1996) доир гардиданд. Махсусан, мулоқоти Хустдеҳи Афғонистон, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ҷараён гирифт ва Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, новобаста аз вазъияти хатарноки амниятӣ, ба ин вохӯрӣ розӣ шуданд, барои созишҳои минбаъда хеле муҳим буд. Ин мулоқот як навъ ҷамъбаст ва хулосаи гуфтушунидҳои тулонӣ ва душвори расидан ба ваҳдати миллӣ, оромии кишвар ва мардум дониста мешавад. Ин мулоқотро собиқ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамроҳӣ

мекард, чунин ба хотир овардааст: ”Ман миёни дигар вохӯриву суҳбатҳои расмӣ ҳеҷ гоҳ гуфтушуниди Хустдеҳи Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро фаромӯш намекунам. Ин гуфтушунид 10-11 декабри соли 1996 баргузор гардида буд. Он рӯзҳо худи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гирифтори ҷанги шадиди дохилӣ буд. Дар Тоҷикистон низ садои тиру туфанг гӯшҳоро мехарошид ва қалбҳоро тазйиқ медод. Касе маслиҳат намедод, ки дар чунин шароити номусоид Роҳбари давлат ба гуфтушунид озим шавад. Вале Президенти ташнаи сулҳ аз раъйи ҷиддии хеш барнагашта, посух доданд: *”Ҷони худамро қурбон мекунаму аз роҳ барнамегардам”* [8, с.32]. Дар ин мулоқот тарафҳо барои қатъи ҷанг ба мувофиқа расиданд. Ҳамзамон, оид ба таъсис ёфтани Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) ҳам созиш ҳосил шуд.

Даври шашуми гуфтушунидҳо дар шаҳри Теҳрон 5-19 январи соли 1997 баргузор шуда, сипас вохӯрии сатҳи олӣ дар шаҳри Машҳад 21-22 феврали 1997 идома пайдо кард.

Даври ҳафтуми музокироту гуфтугузорҳо сари сулҳу оштии миллӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия 26 феврал то 8 марти соли 1997 доир гардид.

Дар даври ҳаштум ду вохӯрии муҳим, вохӯрии аввал 8–17 апрел ва вохӯрии дуюм 2-8 майи соли 1997 доир шуд.

Сипас вохӯрии сатҳи баланд дар шаҳри Бишкек ва билохира, вохӯрии сатҳи олӣ, ки онро даври нуҳум низ мегӯянд, дар пойтахти Федератсияи Рксия – шаҳри Москва аз 23-юм то 27-уми июни соли 1997 баргузор гардид, ки ин вохӯрии ниҳоӣ ва ҳалкунанда маҳсуб мешавад.

«Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори асосии бинои сулҳу созиш дар кишвар дар ин арса боз як хидмати хоссаеро адо намудааст. Кори ниҳоят душворе чун, раванди оштии миллӣ, бидуни нобарории муваққатӣ ва буҳронҳои марҳалавӣ поён намепазирад. Аз ҷумла, ҳолатҳое ба миён меомаданд, ки мухолифин гоҳе аз идомаи музокирот даст мекашиданд, гоҳе ҷаласаи Комиссияи Оштии Миллиро таҳрим ва тарк мекарданд. Дар чунин асно маҳз Эмомалӣ Раҳмон аввалин шуда ба пешвози мухолифин мерафт, ҳусни ният нишон медод, вале дар зимн аз усули риояи манфиатҳои тамоми миллат ва тамоми хақи Тоҷикистон ақибнишинӣ намекард» [1,103].

Ӯ дар ҳар вохӯриву музокираҳояш бо неруҳои мухолифин ва онҳое, ки бо зӯри силоҳ қудратталабӣ мекарданд, бо ручуъ ба гузашта сабақи таърихӣ медоданд. Таъкиди бениҳоят аҳаммиятноки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарафҳои даргири ҷанг ин буд, ки агар мо имрӯз бар заволи миллат ва аз саҳнаи сиёсии ҷаҳон ҳазф шудани Тоҷикистон боис шавем, таърих ва наслҳои оянда ҳаргиз моро нахоҳанд бахшид. Маҳз таъкидҳо бар зарурати эҳёи миллӣ ва ҳифзи давлатдорӣ боис гардиданд, ки ҷангхоҳону ҷангҷӯёни ҳар ду тараф ҷаҳлро канор гузошта, шомили неруҳои солимфикри ҷомеа гарданд.

Бояд гуфт, ки дар ҳама давру замонҳо барои ҳар як сарвар ва роҳбари сиёсӣ бузургтарин сарват–ба даст овардани бовариву эътимоди халқ маҳсуб меёбад, зеро халқ такягоҳи асосии давлат дониста мешавад. Талошҳои муваффақиятомез ва натиҷаҳои неки фаъолиятҳои сулҳхоҳонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пеши чашми мардум ва бо такя бар иродаву ормон ва хостаҳои онҳо сурат мегирифтанд. Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба дурдасттарин минтақаҳои кишвар сафар намуда, бо мардуми одӣ суҳбату вохӯриҳо меоростанд ва онҳоро аз лиҳози моддӣ дастгирӣ ва аз лиҳози маънавӣ умед мебахшиданд. Аз ин лиҳоз, эътимод ва боварии мардум бар сиёсатгузориҳои ӯ рӯз то рӯз меафзуд. Ҳамин буд, ки пас аз ду соли фаъолият ба ҳайси Раиси Шурои Олии кишвар, бо зарурати тағйирот дар сохтори идоракунии давлатӣ, соли 1994 дар интихоботи президентӣ халқ бо иродаи бевоситаи худ ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуд.

Бояд гуфт, ки роҳи сулҳофарии Сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, бо интихоби ӯ ба маснади Президенти кишвар дар соли 1994 ва қабули аввалин Конститутсияи давлати мустақил тақвият ёфт ва пас аз тай кардани марҳалаҳои душвор ва мураккаби гуфтушунид, баргузории чандин даври музокирот дар дохил ва хориҷи кишвар, бо қабули «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» дар соли 1997 хотима пазируфт.

Тавофуқи «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» на танҳо хатми даргириҳои мусаллаҳона ва сулҳи пойдори ҷомеаро таъмин намуд, балки бар таъмини комили ваҳдати миллӣ, яъне ҳамкориву ҳамгироии умумии халқ, гирд омадани мардум дар меҳвари ғояи миллӣ, иттиҳоду ҳамбастагӣ, ирода бар рушду такомули сохтори давлату давлатдорӣ ва эҳёи суннату анъанаҳои таърихии миллати тоҷик заминаи устувор фароҳам сохт. Илова бар ин, расидан ба мусолиҳаи миллӣ ва таъмини суботи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ барои ташаккули низоми сифатан нави давлатдорӣ, шаклгирии шохаҳои ҳокимият, раҳоӣ аз фақри шадид ва рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат шароит фароҳам овард. Ваҳдату ҳамгироӣ ва сулҳ миёни тоҷикон роҳи минбаъдаи кишварро ба самти тараққиёт, пешрафт ва рушди устувор ҳамвор намуд.

Бояд гуфт, ки миллати тоҷик ва халқи Тоҷикистон дар он шабу рӯз воқеан, ташнаи сулҳ буданд. Аз ҷумла, дар рӯзи ба имзо расидани Созишнома ҳазорон нафар одамон дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳо бо ашки шодӣ ба кӯчаҳо баромаданд. Радиои давлатии Тоҷикистон шабонарӯз суханронии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро такрор мекард. Мардум ба идораҳо, бозорҳо ва кӯчаҳо гирди ҳам омада, расидан ба сулҳ ва ваҳдати миллиро “ҷашни умумимиллӣ” меномиданд.

Дар давоми ду соли пас аз имзо гардидани Созишнома беш аз 700 ҳазор нафар гурезагони иҷборӣ ба кишвар баргардонида шудаанд ва аксари гурӯҳҳои силоҳбадаст, ки дар даргириҳои мусаллаҳона ширкат доштанд, халъи силоҳ гардида, ба ҳаёти осоишта баргаштанд.

Таҳлили раванди музокироти сулҳи тоҷикон нишон медиҳад, ки шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он нақши калидӣ бозидааст. Тавре ходими давлатӣ, раиси ҳайати ҳукуматӣ дар гуфтушунидҳо Абдумаҷид Достиев таъкид мекунад, маҳз бо иродаи шахсии Пешвои миллат ва сиёсати нарм, вале устувори ӯ, музокирот бо мухолифин самарабахш анҷом ёфтанд.

Бо таъмини сулҳи пойдор ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муаллифи асосии он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, кишвар ба шоҳроҳи рушд, ташаккулу такомули соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ворид гардид ва тайи 28 соли пас аз таъмин гардидани сулҳ ва ваҳдати миллӣ Тоҷикистон аз кишваре, ки дар вартаи фано қарор дошт, ба як мамлакати қудратманди минтақа ва ташаббускори масъалаҳои байналмилалӣ мубаддал гардид.

Бояд гуфт, ки тарҳи нодири сулҳи тоҷикон на танҳо барои Тоҷикистон дорои аҳаммияти ҳаётӣ буд, балки барои минтақа ва ҷаҳон низ ҳамчун намунаи олии роҳкори ҳалли мубориза ва муноқишаҳои сиёсӣ дониста шуд. “Таҷрибаи сулҳи тоҷикон як таҷрибаи арзишманди амалӣ буда, мавҷудияти “модели тоҷикии сулҳ” ҳамчун равише бо хусусиятҳои хосси худ дар доираҳои гуногуни илмию сиёсӣ пазируфта шудааст. Ин таҷриба, аз ҷумла, дар барномаи Донишгоҳи сулҳи СММ дар Коста-Рика, ҳамчун курси сулҳофарӣ барои дипломатҳо ва дар Донишгоҳи давлатии Москва, ҳамчун курси махсус барои магистрҳо таълим дода мешавад. Пажуҳишгоҳи сулҳу амнияти САҲА дар шаҳри Ҳамбурги Олмон низ ин таҷрибаро дар доираи як барномаи чандсолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дабири кулли собиқи СММ Кофи Аннан таъкид намуда буд, ки «тоҷикон барои тамоми ҷаҳониён намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро эҳдо намуданд” [3,161]. Яъне дар будани таҷрибаи нодир ва модели тоҷикӣ шубҳае нест.

Сиёсатҳои сулҳхоҳона ва ваҳдатгароёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвар хотима наёфта, балки бо сиёсатгузориҳои ӯ дар сатҳи минтақавӣ – дар муносибат бо ҳамсоякишварҳо ва ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷаҳонӣ идома пайдо карданд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хориҷии кишвар бо пеша намудани усули «дарҳои боз» ва ба роҳ мондани муносибати дӯстона бо тамоми кишвар ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ татбиқи роҳкори сулҳ ва ваҳдатро дар сатҳи байналмилалӣ идома бахшиданд.

Аз ҷумлаи аввалин иқдомоти байналмилалии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мушкилоти Афғонистон буд. Ӯ ба тақдири халқ ва мардуми ин кишвари ба мо ҳамсоя, ки тули даҳсолаҳо дар вазъи нооромии сиёсиву иҷтимоӣ қарор дорад, бетаваҷҷуҳӣ зоҳир накарда, дар тамоми симпозиум ва ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ барои даст ёфтани мардуми Афғонистон ба сулҳ ва ваҳдати пойдор, ташкили давлати ҳамашумул бо риояи арзишҳои милливу умумибашарӣ таъкидҳо ба амал оварда, дар ин хусус пешниҳодҳои судмандро ироа месозанд. Аз ҷумла, “пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ташкили навори субот дар атрофи Афғонистон, ки ду даҳсола қабл аз ин аз минбари СММ садо дода буд, имрӯз низ ҳамчун саҳеҳтарин формулаи ҳалли буҳрони Афғонистон боқӣ мемонад” [3,186].

Дар сиёсати давлатдорӣ муносибати нек ва ҳасана бо кишварҳои ҳамсоя ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои гуногунсамту гуногунсоҳа омили тақвияти низоми сохтории давлат маҳсуб меёбад. Чунин рӯйкардро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози давлатдорӣ амиқан риоя намуда, ҳамеша бар одисозии равобит бо ҳимсоякишварҳо ва ҳамкориҳои судманд пайваста иқдом намудаанд. Метавон гуфт, ки иқдоми дигари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсатгузориҳои сулҳҷӯёнаву сулҳҳоҳонаи хориҷӣ–ҳалли мусолиҳатомези масъалаҳои марзӣ бо кишварҳои ҳамсоя ба шумор меравад. Ҳалли ихтилофи назарҳо дар масъалаи марз бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ниҳоятан, Ҷумҳурии Қирғизистон, бо коргирӣ аз дипломатия ва бо дарназардошти ҳусни тафоҳум ва манфиатҳои муштарак гувоҳи густариши фарҳанги сулҳи тоҷикон берун аз марзи кишвар ва татбиқи амалии он дар минтақа мебошад.

Дар ин самт масъалаи аз ҳама асосӣ–муайян ва аломатгузории марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон буд, ки бо сохтори мураккаб тайи даҳсолаҳо ба маҳалли зиддиятҳои ду тараф ва ҳатто муноқишаҳои мусаллаҳона мубаддал гардида буд. Аммо бо азми қатъӣ ва талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин қазияи муҳим низ бо роҳи мусолиҳа, гуфтугӯ ва тавофуқ ҳалли мусбати худро ёфт. Санаи 13 марти соли 2025 дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон аз ҷониби сарварони ду давлат “Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатӣ” ва “Изҳороти муштарак оид ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дӯстӣ ва некуҳамсоягӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон”-ро имзо гардид, ки ин санадҳои муҳим дар тақвияти сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстиву иттиҳоди ду миллат ва вазъи амниятии минтақаи Осиёи Миёна таъсири бениҳоят мусбат аз худ боқӣ гузошт.

Илова бар ин, иқдому ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри сулҳи пойдор ва ҳамбастагии башар дар ҳама самтҳо доиман, дар ҳамоишҳои бузургӣ минтақавию ҷаҳонӣ масъалагузорӣ мегарданд. Аз ҷумла, фаъолият ва талошҳои назарраси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи ҳалли мушкилоти муҳимми сайёра, аз қабили масъалаҳои обу иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва мубориза бо терроризму ифротгароӣ аз ҷониби ҷомеаи башарӣ мавриди пазириш ва эътироф қарор гирифта, иқдомҳои назаррасу натиҷаовар амалӣ гардиданд, ки ҳамагӣ бар наҷоти башар, ҳифзи ҳаёт дар сайёра ва ҳамбастагии инсоният нигаронида шудаанд.

Сулҳ, ваҳдат, дӯстӣ, иттиҳод ва ваҳдати комил миёни инсонҳо ормону орзуи азалии насли башар маҳсуб меёбад. Аммо ҷаҳони имрӯз дар як давраи хеле пуртазод ва мураккаб қарор дорад, ки дар он равандҳои геосиёсии зиддиятнок, ҷаҳонишавӣ, қудратталабӣ, мусаллаҳшавии беш аз ҳад ва шиддат гирифтани "ҷанги сард" ва низоъҳои мусаллаҳона бо ҳам пайваст шуда, вазъиятро хеле муташанниҷ сохтааст. Дар чунин шароити нооромии геосиёсӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таҳдидҳои нав, аз ҷумла терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддид мувоҷеҳ аст. Ҳоло ҷаҳон ба макони рақобатҳо табдил ёфтааст ва дар чандин нуқтаҳои дунё низоъҳои мусаллаҳонаи миёни давлатҳо, рақобатҳои сиёсӣ, қавмӣ ва мазҳабӣ ҷараён доранд.

Пешниҳоди навбатии байналмилалии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои аз ҷониби СММ қабули Қатъномаи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда», ки дар Иҷлоси 79-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ироа гашт, дубора ба оламиён собит намуд, ки Роҳбари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ва дар ҳама ҳолат ҷонибдори сулҳу дӯстӣ, ваҳдату ҳамгироӣ ва барқарории адолату саодати насли башар ҳастанд. Қатъномаи пешниҳодшуда даъват ба амал меоварад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ як даҳсолаи навро ба таҳкими сулҳ, субот, таҳаммулгароӣ ва пешгирии низоъҳо бахшад. Мафҳуми “сулҳ ба хотири наслҳои оянда” бар он асос ёфтааст, ки сулҳ бояд на танҳо барои ҳалли муваққатии муноқишаҳо, балки ҳамчун бунёди устувори рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии башарият амалӣ карда шавад.

Ба ибораи дигар, ин ташаббус идомаи мантиқии сиёсати сулҳпарваронаи Тоҷикистон ва шахсан Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки собиқаи таърихии он ба давраи ба даст овардани сулҳи тоҷикон дар солҳои 90-уми асри гузашта бармегардад. Ин иқдоми стратегӣ на танҳо бар асоси таҷрибаи мушаххаси сулҳофаринии худи Тоҷикистон асос ёфтааст, балки нишонаи эҳсоси масъулияти баланди Роҳбарияти олии кишвар нисбат ба ояндаи инсоният низ мебошад. Тоҷикистон бо пешниҳоди ин ташаббус аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меоварад, ки сулҳро ҳамчун арзиши олӣ ва таҳкими он ҳамчун шарти ногузири рушди устувори тамаддун арзёбӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз таъмини ваҳдати комил дар кишвар ба ормони сулҳ ва ваҳдатгароӣ аз маҳдудаи миллӣ фаротар нигариста, масъалаи пойдории ин арзишҳои ҳаётан муҳимро дар минтақа ва ҷаҳон ба миён гузоштанд ва чун ҳомии сулҳ ва ваҳдати ҷаҳонӣ дар арсаи сиёсати байналмилалӣ обрӯву эътибор пайдо карданд.

АДАБИЁТ

1. Пешвои миллат – меъмори ваҳдат (аз силсилакитоби “Ваҳдат, Давлат, Президент”).–Душанбе: Дониш, 2016. с.422.

2. Анҷумани саодат.-Душанбе: Ноширон, 2022. с.318.

3. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXXIII. -Душанбе: Ориён-ганҷ, 2021. с.364.

4. Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ.– Душанбе: Дониш, 2007. с. 367.

5. Сатторзода А. Арзишҳои ваҳдати миллӣ.– Душанбе, 2017. с. 252.

6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди I.–Душанбе, 2008. с.945.

7. Шарифзода А., Сатторзода А. Асосгузори давлати навини тоҷикон.-Душанбе: Ирфон, 2022. с.368.

8. Ш. Ҳасанов. Фарзонафарзанди миллат.–Душанбе: Эр-граф, 2021. с.240.

ЭМОМАЛИ РАХМАН – ЗАЩИТНИК МИРОВОГО ЕДИНСТВА И МИРА

МУСТАДЖОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА,
кандидат филологических наук, соискатель (докторант)
кафедры политических процессов в Таджикистане философского
факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел.: (+992) 934-80-15-03; e-mail: rudobaimukarram@mail.ru

Настоящая статья посвящена всестороннему анализу роли и вклада Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в укрепление мира, стабильности и национального согласия внутри страны. Автор, опираясь на достоверные факты и конкретные политические инициативы, раскрывает образ Лидера нации как архитектора единства и активного проводника общечеловеческих гуманистических ценностей.

В статье рассматриваются ключевые аспекты международной деятельности Эмомали Рахмона, направленные на расширение пространства мира и укрепление глобальной солидарности. Используя официальные источники и мнения авторитетных экспертов, автор демонстрирует

личность Лидера нации как стратега с широким мировоззрением и международным авторитетом, который, проявляя твёрдую волю и мудрую политику, не только объединил таджикский народ, но и донёс послание мира до всего человечества.

Ключевые слова: *Президент, единство, национальное единство, мир, дружба, государство, национальная государственность, политика, внешняя политика, гражданская война, переговоры, национальное примирение.*

EMOMALI RAHMON – DEFENDER OF WORLD UNITY AND PEACE

MUSTAJOBOVA RUDOBA MUKARRAMSHOEVNA,
candidate of philological sciences, an applicant (doctoral) of the department of political processes in Tajikistan, faculty of philosophy of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 934-80-15-03; e-mail: rudobaimukarram@mail.ru

This article provides a comprehensive analysis of the role and contribution of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, his Excellency Emomali Rahmon, in strengthening peace, stability, and national unity within the country. Based on reliable evidence and concrete political actions, the author presents the Leader of the nation as both an architect of unity and a proponent of universal humanistic values.

The article analyzes important aspects of the Leader of the Nation's activities in the international arena, highlighting his consistent efforts to expand the atmosphere of peace and strengthen global solidarity. Using official sources and the views of well-known experts, the author presents the personality of Emomali Rahmon as a leader with a broad strategic vision and global influence, who, with strong will and wise policy, not only united the Tajik nation, but also conveyed the message of peace to the world.

Keywords: *President, unity, national unity, peace, friendship, state, national statehood, policy, foreign policy, civil war, negotiations, national reconciliation.*

УДК: 327+502.1+341.7(575.3)+929

ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: СОҲАИ ФАРОГИР ВА МИҚЁС

ШАРИФЗОДА САИДҲОМИД САФАР,
номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

ҲУСАЙНЗОДА АМИНҶОН БУРИХОН,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кучаи С.Сафаров 16;
тел.:(+992) 987-93-20-88; e-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

Дар мақола ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи фарогир ва миқёси онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллифон дар мақола ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар соҳаи обу иқлим ва муқовимат бо терроризм ва экстремизмро таҳлил намуда, соҳаи фарогир ва миқёси онҳоро нишон додаанд. Дар мақола муаллифон ҳар як ташаббуси Тоҷикистонро дар соҳаҳои мазкур таҳлил намуда, аҳаммияти ду "Раванди Душанбе"–"Раванди оби Душанбе" ва "Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм"-ро ҳамчун майдони муҳимми таҳлилу баррасии масъалаҳои мазкур арзёбӣ намудаанд.

Муаллифон иброз менамоянд, ки ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти обу иқлим ва муқовимат бо терроризму экстремизм хусусияти фаромиллӣ дошта, ба манфиати тамоми аҳли сайёра созгор мебошад, ки аз саҳми муҳимми Тоҷикистон дар таъмини сулҳ ва расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор дар дунё мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: *ташаббус, Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи фарогир, миқёс, фаромиллӣ, саривақтӣ, обу иқлим, терроризм, экстремизм, моҳият, даҳсола, қатънома, дипломатияи обӣ, "Раванди Душанбе", фаромарзӣ, тағйирёбии иқлим, мудирияти сарҳад, марҳалаи Кувайти "Раванди Душанбе".*

Таҳлили таҷрибаи ташаббускориҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки иқдомҳое аз ҷониби аҳли сайёра пазируфта мешаванд, ки дорои ду ҷанбаи муҳим: *саривақтӣ (мубрам) ва фаромиллӣ* бошанд. Маҳз ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

дорои ду ҷанбаи мазкур мебошанд. Дар ин замина, агар ба муҳтавои мақола назар намоем, он, пеш аз ҳама, таҷассумгари соҳа ва миқёси фарогири ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Аз ин рӯ, вобаста ба *соҳаи фарогир*–тайи ду даҳсола Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи бузурги ташаббускорӣ дошта, он ба ҳалли масъалаҳои *обу иқлим ва муқовимат бо терроризму экстремизм* равона гардидаанд, ки аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ба хушнудӣ пазируфта шудаанд. Зимнан, масъалаҳои болозикр дар доираи баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ миёни коршиносон таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Инчунин, ҷиҳати муайян намудани *миқёси фарогири* ташаббусҳои Роҳбари давлати Тоҷикистон, доираи иштирокчиён, аз қабили намояндагони давлатҳо, созмонҳои байналмилалию ғайридавлатӣ, ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва кормандони васоити ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ, нишон дода шудааст. Дар робита бо ин, агар ба моҳияти ташаббусҳои Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ таваҷҷуҳ намоем, онҳо бевосита ба таҳкими рушди босубот ва бақои ҳаёт дар сайёра равона гардидаанд.

Дар ин замина, то имрӯз панҷ ташаббуси Тоҷикистон дар самти пешбурди дипломатияи обу тағйирёбии иқлим ва ҳамоишҳои сатҳи баланд оид ба муқовимат бо терроризм ва экстремизм пешниҳод гардида, ду раванди Душанбе–“Раванди оби Душанбе” ва “Раванди Душанбе дар мубориза бо терроризм” ба сифати майдони муҳимми таҳлилу баррасии масъалаҳои мазкур эътироф гардидаанд. Эътирофи равандҳои мазкур, бевосита талоши хастанопазири Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, эътибори ҷаҳонӣ касб намудаанд.

Ёдовар шудан зарур аст, ки яке аз аввалин ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ доир ба таъмини амният, бахусус сулҳу салоҳ дар Афғонистон, тақрибан сӣ сол пеш ироа гардида буд.

Ҳанӯз 8 июни соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи махсуси 20-уми Маҷмаи Умумии СММ суханронӣ намуда, зимни суханрониашон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод карданд, ки бо дарназардошти авҷ гирифтани тамоюли гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиҳати офаридани “камарбанди амниятӣ” дар атрофи Афғонистон иқдом бигиранд. Дар ин замина, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омодагии Тоҷикистонро дар самти тавсеаи соҳаҳои ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ ва ниҳодҳои соҳавии он, инчунин, кишварҳои манфиатдор ҷиҳати ҳалли мушкилоти марбут ба маводи мухаддир иброз намуда буданд [5].

Ҳамзамон, метавон якчанд ташаббуси дигари Президенти Тоҷикистонро дар самти баргузори ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ, ба монанди Конфронси

байналмилалии сатҳи баланд, таҳти унвони «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» (3-4 майи соли 2018, шаҳри Душанбе) ёдовар шуд.

Соҳаҳои асосии фарогири ҳамоиш таҳкими ҳамкорӣ дар самти:

–ошкор ва ҷилавгирӣ аз фаъолиятҳои террористии фаромарзӣ;

–тавсеаи заминаи ҳуқуқӣ барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои зиддитеррористии байни кишварҳо;

–баррасии мушкилот ва монеаҳои ҷорӣ дар роҳи татбиқи чораҳои зиддитеррористӣ ва ҳамкорӣ дар мубориза бо киберҷиноятҳо [6].

Инчунин, Конфронси мазкур ҳамчун як чаҳорчӯбаи муҳим барои муколама ва ҳамкории ҳамаҷонибаи тамоми ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади табодули таҷриба ва таҳияи қадамҳои мушаххас барои амалҳои минбаъдаи муштарак ва ҳамоҳангшуда дар мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои муосири амниятӣ хизмат мекунад.

Вобаста ба миқёси фарогири ҳамоиш дар кори он 400 нафар аз 48 кишвари олам, 31 созмони минтақавию байналмилалӣ, инчунин, намояндагони ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок намуданд [9].

Инчунин, 17 майи соли 2019 бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе Конфронси дурӯзаи сатҳи баланд таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил» баргузор гардид.

Аз рӯйи миқёс, дар рафти баргузории ҳамоиши мазкур намояндагони 50 кишвар ва беш аз 27 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ ширкат намуданд. [30, 58]

Соҳаи фарогири Конфронс ва ҳадафҳои он:

–таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;

–муайян кардани усулҳои самараноки мубориза бо маблағгузории терроризм, табодули донишу таҷриба дар ин самт;

–мусоидат ба муҳокимаи коршиносон дар мавриди вокуниш ба шаклҳои тағйирёбандаи маблағгузории созмонҳои террористӣ [7].

Ҳамоиши номбурдаро беш аз 200 рӯзноманигори ватанӣ ва хориҷӣ инъикос намуданд, ки он ба тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ, ҳамчун кишвари сулҳофар, мусоидат менамояд.

Ёдовар шудан зарур аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳамоишро дар ҳамкории зич бо САҲА, Созмони Милали Муттаҳид ва Иттиҳоди Аврупо баргузор намудааст.

Инчунин, санаҳои 18-19 октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳо” баргузор гардид

[19]. Дар рафти ҳамоиши мазкур дастовардҳо дар самти идоракунии самараноки сарҳад ва роҳҳои имконпазири бунёди иқтидори фаннӣ ва технологии амнияти сарҳад ва мубориза бо терроризм, инчунин, аҳаммияти таҳкими ҳамкорӣ дар самти пешгирии ҳаракати террористон, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аслиҳа ва ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ баррасӣ шуданд [30, 58]

Дар робита ба миқёси Конфронси сатҳи баланд, зимни баргузории он низ намояндагони 59 давлат, 30 созмони ғайридавлатӣ ва зиёда аз 700 ҳайат ширкат варзиданд.

Дар ҷараёни масъалаи:

– чолишҳо ва ниёзҳои марбут ба амнияти сарҳадии кишварҳои Осиёи Марказӣ;

– тамоюл ва таҳдиду хатарҳо дар бахши мудирияти сарҳад;

– табодули таҷриба дар самти дарёфти роҳҳои беҳбудсозии самтҳои ҳалталаб, хусусан тақвияти мубодилаи иттилоот ва амалияҳои пешқадам дар самти муқовимат ба терроризм;

– дарёфти роҳбурд ва равишҳои ҳамаҷониба, ҳамгирошуда ва дастаҷамъона барои таҳкими амнияти сарҳад дар заминаи мубориза бо терроризм;

– тариқи тавонмандсозӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ пешгирӣ аз ҳаракати фаромарзии террористон, аз ҷумла ҷангҷӯёни хориҷии террорист.

– ошкорсозӣ ва пешгирӣ аз ҷараёни таҳарруки фаромарзии ҷангҷӯёни хориҷии террорист [8].

Умуман, дар ҷараёни Конфронс 94 гузориш ироа гардида, дар кори он намояндагони созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, аз қабили СММ ва ниҳодҳои соҳавии он, САҲА, Комиссияи Аврупо ва дигарон, иштирок ва суханронӣ карданд [13].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мизбони “Раванди Душанбе оид ба мубориза ба терроризм ва маблағгузории он”, иқдоми бори аввал берун аз Тоҷикистон баргузор гардидани конфронси навбатӣ дар доираи ин равандро истиқбол намуд. Маҳз дар ин замина, санаи 4 ноябри соли 2024 дар шаҳри Ал-Кувайти Давлати Кувайт Конфронси байналмилалӣ оид ба “Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ – марҳалаи Кувайти “Раванди Душанбе” баргузор гардид.

Зимни суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Конфронс ба миқёс ва таъсири “Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм ва маблағгузории он” тавсеаи бештар хоҳад бахшид. Инчунин, Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳамоиш, “бешубҳа, ба ҳамоҳангӣ ва тақвияти ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ, алалхусус миёни кишварҳо ва минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Гурӯҳи кишварҳои

арабӣ, Африқо ва Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН) мусоидати ҷиддӣ менамояд" [26].

Дар марҳалаи кувайтии "Раванди Душанде", ки ба таври муштарак аз ҷониби Давлати Кувайт–Тоҷикистон–UNOCT баргузор гардида буд, масъалаҳои:

– ҷилавгирӣ аз ҳаракати террористон;

– густариши ҳамкорӣ ва эҷоди ҳамкориҳои қавитар барои дастгирии бештар муассир ва зудтари амнияти марзӣ ва мубориза бо терроризм;

– бозомӯзӣ дар самти фанноварихои нав барои таҳкими иқтидори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти иктишофӣ тавассути омӯзиш ва дастгирии техникӣ [34];

– ҳамоҳангии тадбирҳо ҷиҳати таҳкими сулҳу субот ва амният;

– тақвияти ҳамоҳангии амалиёти муштарак дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ;

– эҷоди механизмҳои боэътимоди вокуниши фаврӣ ба хавфу таҳдидҳои амниятӣ;

– эҷоди механизмҳое, ки ба пешгирии қочоқи аслиҳа, маводи мухаддир ва маблағгузории терроризм мусоидат мекунанд, таҳлилу баррасӣ гардиданд [26].

Конфронс миқёс ва таъсири "Раванди Душанбе"-ро фаротар аз Осиёи Марказӣ инъикос намуда, боиси тақвияти ҳамкориҳои зиддитеррористӣ дар саросари ҷаҳон гардид.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки Конфронси номбурда доираи васеи сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ, академияҳо ва намояндагони академияҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ, аз ҷумла ҷавонон, занон ва фаъолони ҳуқуқи башарро ба ҳам овард. Дар маҷмуъ, дар кори Конфронс беш аз 500 нафар намоянда, аз ҷумла 28 вазир ва намояндагони баландпояи 91 кишвари узв, 14 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ, 24 коршинос аз созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои занону ҷавонон ва марказҳои таҳлилӣ ширкат намуданд [12].

Таъкид намудан зарур аст, ки 23 сентябри соли 2024, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки ИМА дар ҳамоиши оянда иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти кишвар дар оғози суханронӣ таъкид доштанд, ки "ин нишаст барои баррасии мушкилоти тағйирёбии иқлим, рафъи камбизоатӣ, ҳифзи сиҳатии омма, вазъи зиндагии занон, таҳсилоти фарогир ва дигар масъалаҳои глобалӣ боз як имконияти муносибро фароҳам овардааст". Ҳамзамон, Роҳбари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки "имрӯз, мо шоҳиди афзоиши низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ҳастем, ки садҳо ҳазор талафоти ҷониро миёни аҳолии осоишта дар пай доранд. Аз ин рӯ, "мо – роҳбарони давлатҳоро зарур аст, ки атрофи ҳадафҳои умумӣ ба мақсади

таъмини сулҳи пойдор дар тамоми кураи Замин ва хотима бахшидан ба ранҷу азоби одамон бар асари ҷангҳо ва пайомадҳои даҳшатбори онҳо муттаҳид шавем".

Зимнан, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар гардиданд, ки "вақти он расидааст, ки мо аз иқдомҳои муассир барои тақвияти нақши асосии Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра кор бигирем". Дар ин замина, пешниҳод намуданд, ки тавассути Қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" қабул карда шавад [28].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳалли ҳамаи муноқишаву низоъҳо танҳо бо роҳҳои сиёсиву дипломатӣ мебошад [27]. Гуфтан зарур аст, ки иқдоми навбатии Тоҷикистон дар самти эълони "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда", на танҳо як ташаббуси амниятӣ, балки масъулияти бузург дар назди наслҳои оянда ба ҳисоб меравад, ки ҷанбаи баланди инсондӯстӣ дошта, он моҳияти дипломатияи башардӯстонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро инъикос менамояд.

Агар ба мазмун ва муҳтавои ташаббуси навбатии Тоҷикистон назар афканем, он ҳам аз назари мубрамият ва ҳам мутобиқати он ба Рӯзномаҳои амали ҷаҳонӣ созгор аст. Дар робита ба мубраму саривақтӣ будани он, таъкид намудан зарур аст, ки ҳоло дар асоси омори расмии ЮНИСЕФ имрӯз 473 миллион кӯдакон–аз шаш як нафар кӯдаки сайёраи Замин дар минтақаҳои низоъҳаи мусаллаҳона зиндагӣ менамоянд. Агар аз рӯйи фоиз гирем, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 1990 тақрибан ду маротиба зиёд мебошад. Дар асоси оморҳои расмӣ охири соли 2023 шумораи кӯдаконе, ки аз маҷбурӣ макони зисти худро тарк кардаанд 47,2 миллион нафарро ташкил намуда, тамоюли мазкур дар соли 2024 рӯ ба афзоиш ниҳод. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳудуди 52 миллион кӯдаконе, ки дар минтақаи низоъҳои мусаллаҳони умр ба сар мебаранд, имкони таҳсилро надоранд. Онҳо дар шароити мураккаби дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва ҳолати вазнини равонӣ қарор доранд.

Таҳлили оморҳои низоъшиносӣ нишон медиҳад, ки дар панҷ соли охир шумораи низоъ ва бархӯрдҳои мусаллаҳонаи маҳаллӣ бамаротиб афзудааст. Дар робита бо ин, соли 2024 тақрибан 200 ҳазор "ҳодисаи низоъангез" ба амал омадаанд, ки дар муқоиса ба соли 2023 ҳудудан 25 дарсад зиёд мебошанд. Агар тамоюли мазкурро дар муқоиса ба соли 2020 таҳлил намоем, 104 ҳазорро ташкил менамуд, ки тақрибан ду маротиба афзудааст.

Ҳамзамон, дар тули панҷ соли охир шумораи ҳолатҳои истифодаи мушакҳои ҳавоӣ 300 дарсад афзудааст. Соли 2024 дар асоси таҳқиқоти Донишгоҳи сулҳ аз давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон 56 ҷанги фаъол ба қайд гирифта

шуд, ки доманаи онҳо “байналмилалӣ” гардида, 92 кишвари оламро фаро гирифтаанд. Доираи низоъҳои мусаллаҳона ҳудуди 6,15 млн км. кв. ё худ — 4,6% ҳудуди хушкиро дар бар мегирифтанд, ки дар муқоиса бо ин соли 2021 нишондоди мазкур — 2,8% дар бар мегирифт.

Дар соли 2024 зиёда аз 57,5 миллион кӯдакон дар кишварҳое, ки ба коми низоъҳои мусаллаҳона кашида шудаанд, ба дунё омадаанд, интизор меравад, ки ин шумора дар соли 2025 ҳудуди 400 ҳазор меафзояд [33].

Дар робита ба масоили болозикр, тибқи пешгӯйиҳои СММ дар соли 2025 ҳудудан 305 миллион аҳолии дунё ба кумакҳои башардӯстона ниёз пайдо менамоянд, ки дар соли 2024 тақрибан 60 млн нафар натавонистанд ба чунин кӯмакҳо дастрасӣ пайдо намоянд. [1]

Дар заминаи таъмини рушди устувор соли 2025 бонуфузтарин созмонҳои соҳавии байналмилалӣ дар самти кӯдакон ЮНИСЕФ мебояд 56,9 миллион кӯдакону занон ба ёрии тиббӣ таъмин карда шаванд. Ҳамзамон, дар назар аст то зиёда аз 20 миллион кӯдакон ба дастгирии равонӣ фаро гирифта шаванд. Дар робита ба масъалаи наслҳои оянда соли 2025 зарур аст то ба 24 миллион кӯдакон дастрасӣ ба таҳсил ва 55,3 миллион дастрасӣ ба оби тоза таъмин карда шавад [33].

Вобаста ба мутобиқати ташаббуси Тоҷикистон дар ин самт, гуфтан бамаврид аст, ки он ба муқаррароти “Паймон барои оянда”- и СММ, ки тибқи Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ аз 22 сентябри соли 2024 қабул шудааст, мутобиқат менамояд [18]. Маҳз дар асоси Қатъномаи мазкур таъкид мешавад, ки “эҳтиёҷот ва манфиатҳои наслҳои ҳозира ва ояндаро тавассути амалҳое, ки дар Паймон пешбинӣ шудаанд, муҳофизат менамоянд [18]. Инчунин, дар Паймон гуфта мешавад, ки “бо дарназардошти ниёзҳо ва манфиатҳои наслҳои ҳозира ва оянда, аз ҷумла кӯдакону ҷавонон ва саҳми назарраси пиронсолон дар талошҳо барои ноил шудан ба рушди устувор”, ҳамкории худро таҳким бахшанд.

Дар маҷмуъ, аз 56 амале, ки дар Паймон оварда шудааст, дар баробари рушди устувор ва маблағгузорӣ барои рушд, сулҳу амнияти байналмилалӣ, илм, технология ва инноватсия ва ҳамкории рақамӣ ва идоракунии глобалии *ҷавонон ва наслҳои оянда* – масъалаи меҳварии ҳамкории кишварҳо мебошад.Аз ин ру, ташаббуси навбатии Тоҷикистон дар самти эълони “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда”, аз назари соҳаи фаъолият ва миқёс аҳаммияти ҷаҳонӣ дорад.

Таъкид ба мавриди хос аст, ки Тоҷикистони соҳибихтиёр, инчунин, ташаббускори ҳалли масъалаҳои обу иқлим ва яке аз аввалин кишварҳои пешбарандаи “Дипломатияи обӣ” дар сиёсати хориҷии худ мебошад. Масалан, ташаббуси аввали Тоҷикистон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид эълон

гардидани соли 2003 ҳамчун “Соли байналмилалии оби тоза” аз ҷониби 148 кишвари узв созмон дастгирӣ ёфт [17].

Ҳамкорӣ дар доираи барномаи «Соли оби тоза», пеш аз ҳама, дар самтҳои зерин амалӣ карда мешуд:

– рушди ҳамаҷониба ва идоракунии захираҳои об;

– ҳифзи захираҳои об;

– сифати об ва низоми экологии обӣ;

– таъмини оби нӯшокӣ ва беҳдошт;

– об ва рушди устувори шаҳр;

– об барои истеҳсоли устувори озуқаворӣ ва рушди кишоварзӣ;

– таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об;

– пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиии вобаста ба об [25].

Дар Конфронси байналмилалии оби тоза, ки дар Тоҷикистон баргузор гардид, ду ҳазор иштирокчӣ аз 36 кишвари ҷаҳон ва 40 созмони байналмилалӣ, аз ҷумла 175 рӯзноманигор, ташкил намуданд. [2]

Ташаббуси сеюми Тоҷикистонро доир ба эълон намудани соли 2013 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об”, ҳудудан 140 кишвари ҷаҳон ҷонибдорӣ карданд [32].

Ҳадафҳои асосии «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»:

– ноил шудан ба дарки амиқтари робитаи байни рушди устувор ва идоракунии захираҳои об;

– дастгирии ҳукуматҳо дар таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои ҳамкории муассир дар идоракунии захираҳои об [22];

– ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба идоракунии захираҳои об;

– рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва шабакаи иттилоотӣ барои паҳн кардани дониш;

– дарёфти усулҳои нави инноватсионӣ ва таҷрибаи сиёсӣ дар ин самт [15].

Инчунин, ташаббуси Тоҷикистонро оид ба “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015”, ҳудудан 141 кишвари ҷаҳон – аз се ду ҳиссаи аъзои Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ намуданд [2].

Дар кори Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба натиҷаҳои татбиқи “Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015”, ки санаи 9-10 июни соли 2015 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, 1900 нафар намоянда аз 100 мамлакат ва 80 созмони байналмилалӣ иштирок доштанд [14, 7].

Мавзуъҳои марказии Даҳсолаи мазкур аз масъалаҳои ғизо, тандурустӣ, муҳити зист, пешгирии офатҳои табиӣ, энергетика, масъалаҳои обҳои фаромарзӣ, норасоии об, масъалаҳои фарҳангӣ, дастрасӣ ба беҳдошт, ифлосшавӣ ва кишоварзӣ иборат буданд.

Азбаски занон дар таъмин ва идоракунии захираҳои об нақши калидӣ доранд, ба иштирок ва фарогирии занон дар ин равандҳои рушд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. [10]

Дар чаҳорчӯби Даҳсола як қатор самтҳои мавзуӣ низ муайян гардидаанд, ки он дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

– идома додани мушкилоти норасоии об ва ифлосшавӣ;

– беҳдошт, оби тозаи ошомиданӣ ва ҳифзи саломатӣ; [24]

– мукаммалгардонии масъалаҳои гендерӣ дар масъалаҳои таъмини об ва беҳдошт;

– идоракунии маҷмуии захираҳои об;

– масъалаи захираҳои оби фаромарзӣ;

– кам кардани хатари офатҳои табиӣ ва ғайра [4,7].

Ҳамзамон, ташаббуси чоруми Тоҷикистонро оид ба эълон гардидани “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028”, 177 кишвари узви СММ якдилона тасвиб намуданд, [20] ки аз ҷойгоҳи баланди мақоми Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Баъзе ҳадафҳои мушаххас барои Даҳсола:

– беҳтар кардани сифати об тавассути коҳиш додани ифлосшавӣ, аз байн бурдани партовгоҳҳо ва кам кардани партовҳои кимиёвӣ ва маводҳои хатарнок;

– ду баробар кам кардани ҳиссаи оби партовҳои тозанашуда, коркарди дубора ва истифодаи такрории бехатар дар саросари ҷаҳон;

– таъмини истихроҷи устувор ва таъмини оби ширин, татбиқи идоракунии маҷмуии захираҳои об дар ҳама сатҳҳо ва ҳифз ва барқарорсозии экосистемаҳои обӣ.

Дастгирӣ ва пурзӯр намудани иштироки ҷамоатҳои маҳаллӣ дар беҳтар намудани идоракунии захираҳои об ва санитария [23].

Таъкид намудан бамаврид аст, ки то ҳол дар доираи ин ташаббуси Тоҷикистон дар доираи “Раванди оби Душанбе” се конфронси сатҳи баланд (солҳои 2018, 2022, ва 2024) баргузор шудааст.Зимни баргузории аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” дар Душанбе намояндагони беш аз 118 кишвар ва 40 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ ширкат доштанд.

Зимни чорабинӣ беш аз 1500 нафар шахсони воломақоми тасмимгиранда ва сиёсатмадорон, олимон ва коршиносон аз минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки аз ҳукуматҳо, ниҳодҳои гуногуни СММ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ниҳодҳои молиявӣ, академияҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ иштироки фаъол доштанд [29].

Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028” (6-9 июни 2022, шаҳри Душанбе) низ мавриди таваҷҷуҳи доираи васеи коршиносон қарор

гирифта, дар кори он ҳайатҳои расмии 75 кишвар ва беш аз 100 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла оҷонсиҳои СММ, ниҳодҳои молиявӣ ва созмонҳои ҳавзавӣ ширкат доштанд. Шумораи умумии ҳайатҳо аз созмонҳо, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои миллӣ ва ғайридавлатӣ аз 600 нафар гузашт. Дар маҷмуъ, ҳудуди 2500 нафар шахсони воломақоми тасмимгиранда ва сиёсатмадорон, олимон ва коршиносон (аз 177 кишвари ҷаҳон) дар чорабинӣ иштирок намуда, илова ба иштироки ҳузурӣ, тақрибан 500 нафари дигар ба конфронс ба таври маҷозӣ ҳамроҳ гардида буд [19].

Ёдрас мешавем, ки ташаббуси нави Тоҷикистон низ оид ба эълон намудани соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” тавассути Қатъномаи махсус аз ҷониби 153 кишвари узви СММ пуштибонӣ гардидааст. [16]

Ташаббус ба таҳлилу баррасии якчанд самтҳои асосӣ равона гардидааст:

– тавсеаи низоми мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо барои беҳтар кардани сифати ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот;

– таҳияи низоми огоҳсозии пешакӣ аз зуҳуроти хатарноки марбут ба пиряхҳо;

– мусоидат ба истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақаҳои аз пиряхҳо вобаста;

– ҳифзи мероси фарҳангӣ ва донишҳои анъанавии марбут ба пиряхҳо;

– ҷалби ҷавонон ба талошҳо барои ҳифзи пиряхҳо ва мубориза бо тағйирёбии иқлим [21].

Ҳамзамон, қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии СММ, ки моҳи сентябри соли 2024 дар шаҳри Ню-Йорк баргузор шуд, дар идомаи пешбурди рӯзномаи ҳифзи пиряхҳо якҷо бо Фаронса ташаббуси навбатиро оид ба эълони солҳои 2025–2034 ҳамчун “Даҳсолаи амал барои илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ)” пешниҳод намуданд. [27]

Дар заминаи ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим ва пешбурди дипломатияи обӣ то имрӯз дар шаҳри Душанбе даҳ конфронси сатҳи байналмилалӣ баргузор гардида, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1999 то соли 2024 ҳудудан дар 13 Иҷлосияи Маҷмаи Умумии СММ (аз Иҷлосияи 54-ум дар соли 1999 то 79-ум дар соли 2024) доир ба ҳалли мушкилоти обу иқлим суханронӣ намудаанд. Ҳамзамон, дар доираи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон СММ зиёда аз 10 қатъномаро қабул намудааст.

Муҳимтар аз ҳама, ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти обу иқлим ба ҳадафҳои 6-ум *“Таъмини дастрасӣ ва истифодаи оқилонаи об ва беҳдошт барои ҳама”*ва 13-уми Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ) таҳти унвони *“Андешидани чораҳои таъхирнопазир дар мубориза бо тағйирёбии иқлим ва*

оқибатҳои он", инчунин, муқаррароти банди 1-уми Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим аз соли 1992, "бо эътирофи он ки тағйирёбии иқлими Замин ва натиҷаҳои манфии он боиси нигаронии умумии инсоният мебошанд", мутобиқат намуда, соҳаи фарогир ва миқёси ташаббусҳои Тоҷикистонро тавсеа мебахшад [31, 66].

Дар маҷмуъ, ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти обу иқлим ва муқовимат бо терроризму экстремизм хусусияти фаромиллӣ дошта, ба манфиати тамоми аҳли сайёра созгор мебошад, ки аз саҳми муҳимми Тоҷикистон дар таъмини сулҳ ва расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор дар ҷаҳон мусоидати ҷиддӣ менамоянд.

АДАБИЁТ

1. В мире растет число вооруженных конфликтов: где находятся главные горячие точки и что изменится в 2025 году. [Электронный ресурс]. URL: https://www.mn.ru/smart/v-mire-rastet-chislo-vooruzhennyh-konfliktov-gde-nahodyatsya-glavnye-goryachie-tochki-i-chto-izmenitsya-v-2025-godu. (дата обращения: 12.03.2025).

2. В Таджикистане в Международном форуме чистой воды примет участие две тысячи участников из 36 стран мира. 21.08.2003. [Электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/20030821/422651.html. (дата обращения: 11.03.2025).

3. Генеральная Ассамблея ООН провозгласила период 2005-2015 годов международным десятилетием действий. 26.12.2003. [Электронный ресурс]. URL: https://www.tajik-gateway.org/wp/generalnaya-assambleya-oon-provozgla/. (дата обращения: 09.03.2025).

4. Генеральная Ассамблея ООН. A/60/158. Меры, принимаемые по организации деятельности в рамках Международного десятилетия действий Вода для жизни, 2005-2015 годы. 25 July 2005. Доклад Генерального секретаря.– 27 с.

5. Генеральная Ассамблея ООН. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомалӣ Рахмон. Двадцатая специальная сессия. 2-е пленарное заседание. Официальные отчеты. 8 июня 1998. Нью –Йорк. A/S-20/PV.2. - 43с.

6. "Душанбинская Декларация". A/72/864. Семьдесят вторая сессия. Пункт 109 повестки дня. Меры по ликвидации международного терроризма. Письмо Временного поверенного в делах Постоянного представительства Таджикистана при Организации Объединенных Наций от 7 мая 2018 года на имя Генерального секретаря, 5 с.

7. "Душанбинская декларация". A/73/884. Семьдесят третья сессия. Пункт 111 повестки дня. Меры по ликвидации международного терроризма. Письмо Постоянного представителя Таджикистана при Организации Объединенных Наций от 21 мая 2019 года на имя Генерального секретаря. ООН. 5 с.

8. "Душанбинская декларация". A/77/621. Семьдесят седьмая сессия. Пункт 112 повестки дня. Меры по ликвидации международного терроризма. Письмо Постоянного представителя Таджикистана при Организации Объединенных Наций от 18 ноября 2022 года на имя Генерального секретаря.

9. Информация о Международной конференции высокого уровня на тему «Противодействие терроризму и насильственному экстремизму». 04.05.2018. [Электронный ресурс]. URL: https://www.vkh.tj/ru/main/view/3229/informatsiya-o-

mezhdunarodnoi-konferentsii-vysokogo-urovnya-na-temu-protivodeistvie-terrorizmu-i-nasilstvennomu-ekstremizmu. (дата обращения: 24.03.2025).

10. Какова цель Международного десятилетия действий «Вода для жизни», 2005–2015 годы?" [Электронный ресурс]. URL: https://webarchive.unesco.org /web/20160802172223/http://www.un.org/ru/waterforlifedecade/faqs.shtml. (дата обращения: 18.03.2025).

11. Кохир Расулзода подвёл итоги Международной водной конференции в Душанбе. Июнь 12, 2024. [Электронный ресурс]. URL: https://khovar.tj/rus/2024/06/kohir-rasulzoda-podvyol-itogi-mezhdunarodnoj-vodnoj-konferentsii-v-dushanbe/. (дата обращения: 13.03.2025).

12. "Кувейтская декларация". A/79/612. Семьдесят девятая сессия. Пункт 110 повестки дня. Меры по ликвидации международного терроризма. Письмо постоянных представителей Кувейта и Таджикистана при Организации Объединенных Наций от 16 ноября 2024 года на имя Генерального секретаря. ООН. 7 с.

13. Маросими пушидашавии Конфронси зиддитеррористии Душанбе. 21.10.2022. [манбаи электронӣ]. URL: https://vkh.tj/tg/main/view/11405/marosimi-pushidashavii-konfronsi-zidditerroristii-dushanbe. (санаи мурочиат: 17.03.2025).

14. Межгосударственная Координационная Водохозяйственная Комиссия Центральной Азии. Бюллетень № 2 (68). Июль 2015. 72 с.

15. Международная конференция по водному сотрудничеству. 01.03.2013. [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.tj/ru/main/view/14/mezhdunarodnaya-konferentsiya-po-vodnomu-sotrudnichestvu. (дата обращения: 10.03.2025).

16. Международное сообщество поддержало очередную инициативу Президента Республики Таджикистан об объявлении 2025 года Международным годом сохранения ледников. 15.12.2022. [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.tj/ru/main/view/ 11780/mezhdunarodnoe-soobshchestvo-podderzhalo-ocherednuyu-initsiativu-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-ob-obyavlenii-2025-goda-mezhdunarodnym-godom-sokhraneniya-lednikov. (дата обращения: 24.03.2025).

17. ООН провозгласила 2003 год годом пресной воды. 12.12.2002. [Электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/20021212/281068.html. (дата обращения: 07.03.2025).

18. Пакт во имя будущего. A/RES/79/1. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 22 сентября 2024 года. Семьдесят девятая сессия. Пункт 123 повестки дня. Укрепление системы Организации Объединенных Наций. ООН. 74 с.

19. Пресс-конференция по итогам Второй Водной Конференции. 10.06.2022. [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.tj/ru/tashkent/view/10537/press-konferentsiya-po-itogam-vtoroi-vodnoi-konferentsii. (дата обращения: 14.02.2025).

20. Резолюция ГА ООН «Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития» 2018-2028 годы».01.03.2013. [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.tj/ru/main/view/2991/rezolyutsiya-ga-oon-mezhdunarodnoe-desyatiletie-deistvii-voda-dlya-ustoichivogo-razvitiya-2018-2028-gody. (дата обращения: 19.02.2025).

21. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 14 декабря 2022 года, [по докладу Второго комитета (A/77/443, пункт 32)]. 77/158. Международный год сохранения ледников, 2025 год. 53-е пленарное заседание. 14 декабря 2022 года.

22. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 20 декабря 2010 года, [по докладу Второго комитета (A/65/436/Add.1)]. 65/154. Международный год водного сотрудничества, 2013 год. 69-е пленарное заседание, 20 декабря 2010 года.

23. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 21 декабря 2016 года, [по докладу Второго комитета (A/71/463/Add.1)]. 71/222. Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития», 2018–2028 годы. 66 е пленарное заседание, 21 декабря 2016 года.

24. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 23 декабря 2003 года, [по докладу Второго комитета (A/58/485)]. 58/217. Международное десятилетие действий «Вода для жизни», 2005–2015 годы. 78-е пленарное заседание, 23 декабря 2003 года.

25. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей. [по докладу Второго комитета (A/55/582/Add.8)]. 55/196. Международный год пресной воды, 2003 год. 87-е пленарное заседание, 20 декабря 2000 года.

26. Суханронӣ дар Конфронси байналмилалӣ оид ба “Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ – марҳалаи Кувайти “Раванди Душанбе”. 04.11.2024. https://president.tj/event/news/48599. (санаи мурочиат: 14.02.2025).

27. Суханронӣ дар Мубоҳисаҳои 79-уми Умумии Маҷмааи Умумии СММ. 24.09.2024. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико [манбаи электронӣ]. URL: https://president.tj/event/news/47775. (санаи мурочиат: 11.03.2025).

28. Суханронӣ дар Саммити Оянда. 23.09.2024. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. [манбаи электронӣ]. URL: https://president.tj/event/news/47729. (санаи мурочиат: 18.02.2025).

29. Таджикистан: мы последовательно продвигаем водный вопрос в глобальной повестке дня. [Электронный ресурс]. URL: https://news.un.org/ru/story/2018/07/1334231. (дата обращения: 12.02.2025).

30. Шарипов С.С. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амният (дар қаринаи вазъияти Афғонистон). Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ), 2022. №7. С.56-63.

31. Шарифзода С.С. Моҳияти ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз (маҷалаи илмӣ). №2 (82) 2023. С. 63-73.

32. ЮНЕСКО объявила 2013 год Международным годом водного сотрудничества. 14 марта 2012. [Электронный ресурс]. URL: https://panarmenian.net/rus/news/98667/. (дата обращения: 19.02.2025).

33. ЮНИСЕФ: на помощь детям в горячих точках в 2025 году потребуется почти 10 млрд долларов. [Электронный ресурс]. URL: https://news.un.org/ru/story/2024/12/1459081. (дата обращения: 17.02.2025).

34. High-Level Conference on “Strengthening International Counter- Terrorism Cooperation and Building Agile Border Security Mechanisms. [electronic source]. URL: https://www.un.org/counterterrorism/2024-Kuwait-Dushanbe-conference. (date accessed: 12.02.2025).

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СФЕРА ОХВАТА И МАСШТАБЫ

ШАРИФЗОДА САИДХОМИД САФАР,
кандидат исторических наук, начальник Управления анализа и прогнозирования вопросов региональной безопасности
Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

ХУСАЙНЗОДА АМИНДЖОН БУРИХОН,
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой правоведения
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки
735360, Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16
тел.: (+992) 987-93-20-88; e-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

В статье анализируются и рассматриваются международные инициативы Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, сфера их охвата и масштабы.

В статье авторы анализируют инициативы Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в сферах воды и климата, борьбы с терроризмом и экстремизмом, указывая их масштабы и сферу охвата. В статье авторы анализируют каждую из инициатив Таджикистана в этих направлениях и оценивают значение двух «Душанбинских процессов» - «Душанбинского водного процесса» и «Душанбинского процесса по борьбе с терроризмом» как важных площадок для анализа и обсуждения этих вопросов.

Авторы утверждают, что инициативы Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в сфере водных ресурсов и климата, борьбы с терроризмом и экстремизмом носят транснациональный характер и отвечают интересам всех людей на планете, что вносит весомый вклад в обеспечение мира и достижение Целей Устойчивого Развития в мире.

Ключевые слова: *инициатива, Республика Таджикистан, сфера охвата, масштаб, транснациональный, своевременность, вода и климат, терроризм, экстремизм, суть, десятилетие, резолюция, водная дипломатия, Душанбинский процесс, трансграничный, изменение климата, управление границами, Кувейтский этап Душанбинского процесса.*

INTERNATIONAL INITIATIVES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: SCOPE AND SCALE

SHARIFZODA SAIDHOMID SAFAR,
Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of analysis and forecasting of Regional Security Issues of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

HUSAINZODA AMINJON BURIKHON,
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Law, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob City, S. Safarov Street 16;
tel: (+992) 987-93-20-88; e-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

The article analyzes and examines the international initiatives of the President of the Republic of Tajikistan his Excellency Emomali Rahmon, their scope and scale.

In the article, the authors analyzes the initiatives of the President of the Republic of Tajikistan his Excellency Emomali Rahmon in the areas of water and climate, the fight against terrorism and extremism, indicating their scale and scope. In the article, the authors analyzes each of Tajikistan's initiatives in these areas and assesses the significance of the two "Dushanbe processes" – the "Dushanbe water process" and the "Dushanbe process on combating terrorism" – as important platforms for analyzing and discussing these issues.

The authors argues that the initiatives of the President of the Republic of Tajikistan his Excelly Emomali Rahmon in the field of water resources and climate, the fight against terrorism and extremism are transnational in nature and meet the interests of all people on the planet, which makes a significant contribution to ensuring peace and achieving the Sustainable Development Goals in the world.

Keywords: *initiative, Republic of Tajikistan, scope, scale, transnational, timeliness, water and climate, terrorism, extremism, essence, decade, resolution, water diplomacy, "Dushanbe process", transboundary, climate change, border management, Kuwait stage of the "Dushanbe process".*

УДК: 327.5:001.891

ТАҲҚИҚИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РАВИШИ КОНСЕПТУАЛИИ ИЛМИ САРҲАДШИНОСӢ

АНВАРИ САФАРӢ,
номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи
дипломатия ва сиёсати хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025. Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+ 992) 918-97-31-81; email: anvari.safar@mail.ru

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии илми сарҳадшиносӣ асосанок гардида, равишҳои калидии консептуалии омӯзиши падидаи марз (сарҳад) дар илмҳои сиёсӣ нишон дода шудаанд. Муаллиф раванди ташаккули назарияҳои анъанавӣ ва постмодернӣ дар доираи илми сарҳадшиносиро мавриди таҳқиқ қарор дода, умумият ва фарқи онҳоро арзёбӣ намудааст. Ӯ ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими мушкилиҳои сарҳадиро нишон дода, хулосаҳоро доир ба марзгузорӣ ва аломатгузории хатти сарҳади давлатӣ пешниҳод намудааст. Дар мақола консепсияҳои нави илми сарҳадшиносӣ, ба мисли дипломатияи сарҳадӣ ва парадипломатия мавриди таҳлил қарор дода шуда, умумият ва фарқи онҳо дар мақола асоснок гардидаанд.

Калидвожаҳо*: сарҳад, ҳудуд, назарияи анъанавӣ, назарияи постмодернӣ, назарияи ҷаҳон-низом, сарҳади табиӣ, сарҳади геометрӣ, парадипломатия.*

Имрӯз инкишофи мавқеи масъалаҳои методологияи амнияти сарҳадӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ зарурати таҳлили назариявӣ ва асосноккунии консептуалии онро ба вуҷуд овардааст. Ҷанбаҳои гуногуни сарҳадро илми мустақил–сарҳадшиносӣ дар Тоҷикистон, лимология (аз калимаи юнонии “Limes” – сарҳад) дар Русия ва “border” (boundary) “studies” дар кишварҳои Аврупо ва Амрико таҳқиқ менамояд.

Ҳадафи ин пажуҳишро омӯзиши раванди ташаккули сарҳадшиносӣ ба илми мустақил ва ҳамоҳангии он бо илмҳои дигар ҷиҳати инъикоси нақши сарҳад дар бунёди низоми давлатдорӣ аст. Дар ин замина, вазифаҳои ин мавзуъро муайянкунии заминаҳои назариявии илми сарҳадшиносӣ, мушаххассозии назарияҳои анъанавӣ ва муосири соҳа, равишҳои асосии омӯзиши сарҳад, хусусияти шаклгирии сиёсати сарҳадии давлат, таҳлили консепсияҳои муосири сарҳадшиносӣ ва баҳогузории равандҳои муосир дар илми сарҳадшиносӣ ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳқиқот аз усулҳои таърихӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, баҳогузорӣ, гурӯҳбандӣ, ба низомдарорӣ ва ғайра истифода гардидааст. Дар асоси усули таърихӣ маҷмуи назарияҳои илми сарҳадшиносӣ ба ду гурӯҳ – анъанавӣ ва муосир ҷудо карда шуда, нақши онҳо дар ташаккули сарҳадшиносӣ нишон дода шуд. Дар асоси усули таҳлилӣ мафҳумҳои асосии ин соҳа сарҳад, ҳудуд,

марзгузорӣ, аломатгузорӣ, парадипломатия ва ғайра, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Инчунин, маҷмуи равиш ва консепсияҳои сарҳадшиносӣ баҳогузорӣ гардиданд. Вазифаҳои асосии сарҳади давлатӣ ба низоми муайян ворид карда шуданд, ки аз истифодаи онҳо пешгӯйии сиёсати сарҳадии давлат имконпазир мегардад. Дар асоси усули муқоисавӣ зинаҳои асосии марзгузорӣ ва аломатгузории хатти сарҳади давлатӣ муайян карда шуданд.

Сарҳадшиносӣ илм дар бораи сарҳад буда, фазои таҳқиқотиеро таҷассум мекунад, ки дар он махсусиятҳои илмҳои гуногун: ҷуғрофия, сиёсатшиносӣ, таърих, ҷомеашиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ бо ҳам дар алоқамандӣ қарор гирифта, сарҳади давлатиро мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор медиҳанд. Бинобар ин, ҳоло илми сарҳадшиносӣ чун илми ҳамгиро омӯхта шуда, хислати фаросоҳавии сарҳад ва алоқамандии онро ба илмҳои гуногун нишон медиҳад [21].

Сарҳадшиносӣ асосан раванд ва қоидаҳои ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ, хусусияти ҳудуди наздисарҳадӣ, сохтори ниҳодҳои сарҳадӣ, вазифаҳои реҷаи сарҳадӣ, фаъолияти гумрукӣ ва транзитии нуқтаҳои гузаргоҳҳои сарҳадӣ, равандҳои фаромарзӣ ва байниминтақавӣ ва махсусан, раванди марзгузорӣ ва аломатгузории сарҳади давлатиро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Имрӯз масъалаҳои сарҳади давлатӣ чун падидаи муҳимми бисёрсатҳа ва гуногунтаркиба эътироф шуда, қаламрави васеи дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳониро ҷудо менамоянд. Шаклгирии сарҳадҳои имрӯза аз раванди ташаккули ҷомеаи инсонӣ сарчашма гирифта, ба шуури доираи васеи одамон таъсиррасон гардидаанд. Аз ин рӯ, муҳокимаронихо дар атрофи танзими масъалаҳои сарҳадӣ мухталиф гардида, мафҳум ва мундариҷаи анъанавии сарҳад зери савол гузошта шудаанд, зеро шароит ва фазое, ки онҳо ташкил гардида буданд, ба куллӣ тағйир ёфтааст. Бинобар ин, арзишмандии сарҳади давлатӣ дар сиёсати хориҷии давлатҳо, бо дарназардошти омилҳои зерин, иброз мегардад:

Якум, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳаракати босуръати қувваи корӣ, молия, сармоя, молу маҳсулот, сарватҳои пуразриш ва канданиҳои фоиданок, табодули арзишҳои фарҳангӣ тавассути сарҳади давлатӣ мусоидат намуда, дар натиҷа, шаффофияти робитаҳо ва заифгардии сарҳадҳои байнидавлатӣ афзоиш ёфтааст, ки боиси ташаккули Консепсияи “ҷаҳони бидуни сарҳад” (borderless world) гардидааст. Аз ин рӯ, сарҳади давлатӣ хислати нисбатан шартӣ ва гузарандаро касб намудааст.

Дуюм, рушди фазои иттилоотӣ боиси ташаккули шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ гардида, дар натиҷаи афзоиши ҳаҷми интиқоли мавҷҳои иттилоотӣ ҳеч як навъи сарҳади давлатӣ ба инобат гирифта намешавад ва масъалаи сарҳади давлатиро дар ҷаҳони муосир зери суол мебарад. Дар баробари ин, дар фазои иттилоотӣ амалҳои хислати ҷиноӣ ва ифротӣ дошта зиёд гардида, теъдоди сомонаҳои интернетии хислати ифротӣ ва террористидошта ба беш аз панҷ ҳазор мерасад, ки ҳадафи онҳо тарғиботи хушуматомези қавмӣ, динӣ ва ғайра

мебошад ва ин омил зарурати таъмини амнияти иттилоотӣ [13, 8] ва бартараф намудани таҳдидҳо дар фазои иттилоотиро ба вуҷуд меоваранд.

Сеюм, дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолии инсоният ба муҳити зист таъсири амиқ расонида шуд ва боиси он гардидааст, ки имрӯз мушкилоти экологӣ хислати ҷаҳониро касб намуда, қисми таркибии муносибатҳои байнидавлатӣ гардиданд ва ба зарурати инкишофи ҳамкориҳои экологии фаромарзии давлатҳо далолат менамояд [12, 40-58]. Зеро дар пешгирии мушкилоти экологӣ вазифаи монеасозии сарҳади давлатӣ ба кор намеравад ва ҳалли чунин мушкилиҳо танҳо дар натиҷаи фаъолияти муштараки давлатҳои наздисарҳадӣ ба даст хоҳад омад.

Чорум, хатару чолишҳои замони муосир ба давлатҳои миллӣ бештар ва шадидтар таҳдид намуда, боиси халалдор шудани тамомияти арзӣ ва дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ гардидаанд. Дар натиҷаи фаъолгардии ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротӣ, афзудани руҳияи ҷудоихоҳӣ, низоъҳои мусаллаҳона, дахолат ба корҳои дохилии дигар давлатҳо, раванди "шусташавии истиқлоли давлат" [18] ба амал омада, асолати дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ ба инобат гирифта намешавад. Масалан, созмонҳои террористӣ сарҳади давлатиро убур намуда, шабакаҳои онҳо амалиёти террористиро дар давлатҳои гуногун анҷом медиҳанд. Баръакси ин, давлатҳои соҳибқудрат барои решакан намудани терроризм ва гурӯҳҳои ҷиноии фаромиллӣ неруҳои мусаллаҳи худро дар ҳудуди давлатҳои дигар берун аз марзи худ истифода мебаранд.

Панҷум, мушкилоти ҳифзи ҳуқуқи инсон, дар навбати худ, боиси кӯчиши сиёсат ба берун аз сарҳади давлатӣ гардидааст. Дар ин маврид, масъалаҳои дастгирии ҳуқуқи инсон, таъмини баробарии ҷинсӣ, масъалаҳои бешаҳрвандӣ (апатрид) ва душаҳрвандӣ (бипатрид), паноҳгоҳи сиёсӣ, таъқиботи сиёсӣ ва ғайра нақши калидӣ мебозанд. Илова бар ин, сарҳади давлатӣ метавонад чун афзор ва воситаи поймол гардидани ҳуқуқи инсон истифода гардад [19, 50-56]. Дар ин миён, сарҳади давлатӣ, чун омили манъи вуруд ба қаламрави давлат, боздошт ва ҷустуҷӯйи ашхоси алоҳида дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва ғайра истифода мешавад.

Шашум, дар баррасии масъалаҳои сарҳади давлатӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ мавзуи дигар–мавҷудияти ҷиноятқории фаромарзӣ маҳсуб меёбад, ки яке аз хатарҳои асосии амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, даромади ҷиноятҳои фаромарзӣ тақрибан 870 млрд. долларро дар як сол ташкил медиҳад [9, 265-268]. Гурӯҳҳои ҷиноии муташаккили байналмилалӣ барои анҷоми амалҳои ҷиноии худ *(қочоқи молу маҳсулот, одамрабоӣ ва одамфурӯшӣ, интиқол ва фурӯши ҳайвоноти нодир, интиқоли маводи мухаддир, хариду фурӯши яроқу аслиҳа)* робитаҳои фаромарзӣ ва гузариши сарҳадро ҳамчун сарчашмаи асосии фаъолияти худ истифода менамояд ва сарҳади давлатӣ омили асосии паноҳгоҳи наҷотбахши онҳо мегардад.

Ҳафтум, инсоният аллакай ба азхудкунии пайвастаи минтақаҳои мавҷудияти барои худ нав оғоз намудааст, ки ба қатори чунин фазоҳо фалоти қора (шелфи континенталӣ), уқиёнуси ҷаҳонӣ ва қаъри он, ҳудуди Артика ва Антарктида [8, 71-76], минтақаҳои дуру наздики кайҳон, ҷирмҳои осмонӣ (баҳси Замин дар Моҳ) [17] ва ғайра дохил мешаванд. Ин минтақаҳо хислати усулии фаромарзӣ дошта, давлатҳои дахлдорро барои шакли нави ҳамкорҳои байналмилалӣ водор менамояд, зеро ин муносибатҳо дар асоси меъёрҳои ҷадид роҳандозӣ мегарданд ва усулҳои сарҳадбандии анъанавӣ ва тақсимоти ҳудудӣ дар ин мавридҳо ба кор намераванд. Новобаста аз ин, ҳоло кӯшишҳои давлатҳои алоҳида барои тақсимоти ин ҳудудҳо оғоз гардидааст.

Нақш ва мақоми масъалаҳои ҳудудӣ ва сарҳадӣ дар илм дар асоси баробарии давлатҳои соҳибистиқлол, меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ муайян мегардад. Вобаста ба махсусияти сарҳади давлатӣ коршиноси тоҷик А.Н. Муҳаммад чаҳор усули дарки сарҳадро баён намудааст, ки ин ҳолат дар "дидан ба сарҳад; дидан тавассути сарҳад; дидан ба умқи сарҳад; ва дидан ба шакли сарҳад" зоҳир мегардад [15, 63]. Ҳар як дидгоҳ моҳияти сарҳади давлатро ба таври гуногун шарҳ дода, зарурати омӯзиши назариявӣ ва консептуалии сарҳадро боло мебарад. Аз ин рӯ, мубрамияти аввалиндараҷаи ҳалли масъалаҳои ҳудудӣ ва сарҳадӣ миёни давлатҳои ҳамсоя дар эътирофи меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, махсусан, принсипҳои ҳифзи тамомияти арзӣ ва дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ, зоҳир мегардад.

Тамомияти арзӣ ба таври зӯрӣ тақсим кардани ҳудуди давлатҳо ё ҳуҷум ва ё ғасби қисме аз қаламрави онҳоро манъ намуда, қоидаҳои умумии тағйироти ҳудуди давлатиро барои кишварҳо муайян месозад. Дар замони муосир принсипи тамомияти арзии давлат ҷанбаҳои зеринро дар худ таҷассум менамояд:

– манъи муҳосираи ҳудуд тавассути таҳдид бо қувва ё ғасби он;

– дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ;

– ғайриқонунӣ ҳисобидани истифодаи ҳудуди давлатӣ бе ризояти кишвар;

– ғайриимкон будани истифодаи ҳудуди давлатӣ бо мақсадҳои расонидани зарар ба ҳудуди давлати дигар.

Дар баробари ин, принсипи дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ дар навбати худ хусусиятҳои зеринро дар бар мегирад:

– дахолатнопазирии ҳудуди (қаламрави) давлатӣ;

– дахолатнопазирии хатти сарҳади давлатӣ дар макони ҷойгиршавии аломатҳои сарҳадӣ;

– манъи забти зӯроваронаи онҳо;

– эътирофи сарҳадҳои мавҷуда;

– даст кашидан аз даъвоҳои ҳудудӣ;

– танзими мушкилоти сарҳадӣ бо роҳҳои осоишта.

Дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ манъи худсарона ҳаракат додани аломатҳои сарҳадиро дар хатти марз аз ҷониби яке аз кишварҳо ба дохили қалamрави кишвари дигар пешбинӣ намуда, ҳаракати ғайриқонуниро тавассути сарҳади давлатӣ пешгирӣ менамояд, аз ин рӯ, чунин амалҳо дар ҳуқуқи байналмилалӣ ғайриқонунӣ буда, дахолат кардан ба тааллуқияти қитъаи ҳудудии кишвар ва вайрон намудани меъёрҳои байналмилалию ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад.

Зери мафҳуми "ҳудуди давлатӣ" қисми муайяни сатҳи замине, ки зери мустақилияти давлати муайян қарор дорад, фаҳмида мешавад ва он аз ҳудуди давлати ҳамсоя бо сарҳадҳои мувофиқ ҷудо шудааст. Ба ҳудуди давлатӣ қисми хушкӣ, обҳои дохилӣ, қаъри замини он (маъданҳо), обҳои ҳудудӣ (соҳилӣ) ва фазои ҳавоии болои он дохил мешаванд. Дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, қалamрав (ҳудуд) бояд пурра ба давлат тааллуқ дошта бошад. Ҳокимияти бевоситаи давлат доир ба тааллуқияти ҳудуд – волоияти ҳудудии он ном дорад. Дахолат ва фишор ба чунин ҳудуд маънои дахолат ба мавҷудият худи давлат ва аҳолии онро ифода менамояд.

Дар амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ се навъи қалamрав (ҳудуд) ҷудо карда мешавад, ки ҳар яке аз онҳо дорои реҷаи ҳуқуқии худ мебошанд: ҳудуди давлатӣ, ҳудуд бо реҷаи байналмилалӣ ва ҳудуди реҷаи омехта.

Ҳудуди давлатӣ–таҳти истиқлоли давлати муайян қарор дошта, дар доираи он волоияти ҳудудиро амалӣ менамояд. Тааллуқ доштани ҳудуд ба давлат ва волоияти он дар ин қалamрав – ду нишонаи асосии ҳудуди давлатӣ ба шумор мераванд [11] *(муваққатан, истисно намудани онҳо ҳангоми иҷораи ҳудуд ва ғасби ҳарбии он имкон дорад).*

Ҳудудҳои дорои реҷаи байналмилалӣ ба ҳеч як давлат тааллуқ надошта, балки ҳудуди (моликияти) умумии тамоми кишварҳо (res communis*) ба ҳисоб меравад. Вазъи ҳуқуқии онҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим ва муайян карда мешавад. Ҳудудҳои мазкур барои пешбурди фаъолияти таҳқиқотиву илмӣ ва истифодабарӣ барои ҳамаи давлатҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ мешаванд.

Ҳудудҳои реҷаи омехтадошта – минтақаҳои хусусияти иқтисодидошта ва шелфи континентӣ (фалоти қора) ба ҳисоб мераванд. Онҳо ҳарчанд ба қисми қалamрави давлат тааллуқ надошта бошанд ҳам, вале давлатҳои муайяни наздишелфӣ ҳуқуқи коркарди мустақилонаи сарчашмаҳои табиии онҳоро соҳиб мебошанд. Дар баробари ин, чораҳои экологиро барои ҳифзи муҳити зист, низоми экологӣ (экосистема) ва олами зериобии минтақаҳои мазкур роҳандозӣ менамоянд [3].

* Истилоҳи ҳуқуқи римӣ буда, ашёеро ифода менамояд, ки табиатан моликияти умумиинсонӣ ба ҳисоб мераванд (масалан, ҳаво). Ин усул ҳоло ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ мубрамии худро нигоҳ доштааст (махсусан, дар масъалаи азхудкунии фазои кайҳонӣ).

Масъалаҳои доир ба ҳудуди давлатӣ бевосита ба сарҳади он алоқамандии бевосита дошта, маҳз сарҳад канораҳои ҳудудии ҳар як давлатро муайян менамояд. Дар луғати русии тафсирии В.И.Дал мафҳуми сарҳад чун "оғоз ва анҷом", "канорае", ки дар пушти он фазои комилан дигар *(вобаста ба хусусиятҳои диниву фарҳангӣ ва сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ)* мавҷуд аст, шарҳ дода шудааст [5, 391]. Яъне сарҳад муайянкунандаи дараҷаи хусусияти фарқкунандаи ҳудудҳои ҳаммарз мебошад.

Дар "Фарҳанги истилоҳоти шуравӣ" бошад, мафҳуми сарҳад чун хатти муайянкунандаи доираи ҳудуди давлатӣ, ки дар асоси созишнома миёни давлатҳои дахлдор ба воситаи марзгузорӣ (делимитатсия) ва аломатгузорӣ (демаркатсия) тавсир карда шудааст, фаҳмида мешавад [20, 338]. Яъне зери мафҳуми "сарҳади давлатӣ" хатти воқеӣ ё тасаввуршуда дар рӯйи замин фаҳмида мешавад, ки канораҳои ҳудуди хушкӣ ва обии давлатро муайян менамоянд.

Масъалаи барқарории сарҳади хушкӣ бо давлати ҳамсоя дар шакли дуҷониба тавассути музокираҳо ва бастанаи созишномаҳо ҳаллу фасл карда мешаванд. Чун қоида, ин хат бо дарназардошти релефи макон (кӯҳҳо, дарёҳҳо ва ғайра) гузаронида мешавад, ки чунин муайянкуниро "сарҳади орографӣ" ном мебаранд. Дар баъзе мавридҳо сарҳадҳои хушкӣ тавассути хатти рост байни ду нуқта муайян карда мешаванд, ки чунин муайянкуниро "сарҳади геометрӣ" меноманд.

Сарҳадҳои обӣ аслан тавассути дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо ва баҳрҳо гузаронида мешаванд. Сарҳадҳо тавассути дарёҳо дар асоси созишномаи давлатҳои наздисоҳилӣ муайян гардида, он тавассути хатти талвег (хатти нисбатан амиқи қаъри дарё) ва ё тавассути хатти байни дарё гузаронида мешавад. Дар кӯлҳо ва дигар обанборҳо тули сарҳади давлатӣ тавассути хатти росте, ки баромади сарҳади хушкии давлатро бо соҳилҳои обанбор ва кӯл пайваст менамояд, муайян карда мешавад.

Сарҳадҳои баҳрии давлат – канораҳои берунаи баҳрҳои ҳудудии он ё хатти ҷудокунандаи ҳудуди баҳрҳои пайваста ва муқобилхобидаи давлатӣ мебошанд.

Сарҳадҳои ҳавоии давлат–хатти канорӣ *(паҳноии амудие, ки аз болои хатти сарҳади хушкӣ ва баҳрии давлатӣ мегузарад)* ва баландии *(паҳноии уфуқие, ки дар баландии 96 км тамоми ҳудуди хушкию обии давлат ҷойгир аст)* онро муайян менамояд ва аз сатҳи баҳр дар доираи сарҳади канорӣ ва баландии давлатӣ гузаронида мешавад [10].

Метавон гуфт, ки ҳудуд ва сарҳад нишонаҳои асосии давлат буда, маҳз захираҳои ҳудуд имконияти рушди давлат ва таъмини некуаҳволии онро таъмин менамояд. Иқтидори сарҳад бошад, имкониятҳои давлатҳо барои пайвастан ба равандҳои ҷаҳонӣ, ҳамгироии минтақавӣ, фаъолияти транзитии байниминтақавӣ ва пайвастан ба роҳҳои баҳрии тиҷоратиро фароҳам меоварад.

Шаклгирӣ ва ташаккули илми сарҳадшиносӣ дар сатҳи байналмилалӣ бевосита ба таърихи ҷангҳои бардавом алоқамандӣ дорад, ки онҳо сабаби асосии тағйири марзҳо ва зуҳури даъвоҳои ҳудудӣ гардиданд. Баъди ба анҷом расидани онҳо зарурати ба таври ҳуқуқӣ муайян кардани канораҳои ҳудуди давлатӣ пеш меомад. Барои анҷоми ин амал асосан, аз хизмати ҷуғрофия-шиносони касбӣ кор мегирифтанд. Бинобар ин, дар ибтидо сарҳадшиносӣ дар доираи илмҳои ҷуғрофӣ ташаккул ёфтааст. Маҳз бо ҳамин сабаб то муддати муайян норасоии таҳқиқоти назариявӣ ва консептуалӣ дар ин соҳа эҳсос мегардид.

Новобаста аз ин, дар нимаи дуюми асри бисти милодӣ як қатор назарияҳои таҳлилии масъалаҳои сарҳадӣ таҳия шудаанд ва дар замони муосир такмил ва рушд ёфтанд. Бинобар ин, доираи назариявии илми сарҳадшиносиро ба ду гурӯҳ: анъанавӣ ва постмодернистӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Дар чаҳорчӯбаи равишҳои анъанавӣ, сарҳад чун афзори ҷудокунандаи нишонаҳои соҳибихтиёрии миллӣ ва кафили ҳифзи он аз душмани эҳтимолӣ баҳо дода мешавад [7, 112]. Дар доираи назарияҳои анъанавии омӯзиши сарҳад равишҳое чун: таърихӣ-ҷуғрофӣ, таснифотӣ, вазифавӣ ва сиёсатшиносӣ (ҷанбаи низоъбарангезии сарҳад) таҳия гардиданд. Масалан, назарияи таснифоти сарҳадӣ дар охири асри XIX ташаккул ёфта, дар гурӯҳбандии хусусиятҳои сарҳадӣ вобаста ба нишонаҳои махсус инъикос меёбад. Дар асоси ин назария, хусусиятҳое, ки вобаста ба онҳо сарҳад тасниф карда мешаванд, чунинанд:

– сарҳадҳои табиӣ, ки бо дарназардошти монеаҳои табиӣ – кӯҳҳо, дарёҳо, кӯлҳо ва баҳрҳо ба ду гурӯҳ: дар шакли гидрографӣ* тавассути дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳо ва орографӣ* тавассути кӯҳҳо, биёбонҳо ва қаторкӯҳҳо гузаронида мешаванд;

– сарҳадҳои астрономӣ тавассути меридиан ва параллелҳо гузаронида мешаванд. Масалан, сарҳади Кореяи Шимолӣ ва Кореяи Ҷанубӣ тавассути 38 – ум дараҷаи параллелӣ [6] гузаронида шудааст ва дар Африқо бошад, тақрибан 40 дарсади сарҳадҳо астрономӣ мебошанд;

– сарҳадҳои геометрӣ тавассути гузаронидани хатти рости муайян карда мешаванд, ки ду нуқтаро пайваст мекунанд [4] ва чунин сарҳадҳо, сарфи назар аз ташаккулёбии табиӣ ва таърихӣ, гузаронида мешаванд. Масалан, қисми бештари марзи Амрико ва Канада тавассути хатти рости параллели 49-уми шимолӣ [25, 95] гузаронида шудааст ва мувофиқи аҳдномаи Орегон аз соли 1846 тасдиқ шудааст;

–сарҳадҳои фазоӣ–хушкӣ, дарёӣ, кӯлӣ, баҳрӣ ва ҳавоӣ. Инчунин, сарҳадҳои “хомӯш” ва “фаъол” ва ғайра ҷудо карда мешаванд.

---

* Гидрография *(аз калимаи юнонии hydor-об ва grapho-навиштан)* зергурӯҳҳои илми гидрология буда, ба наворбардорӣ, дар харитаҳои махсус сабт кардан ва тартиб додани шарҳи сатҳи обҳои сарҳадӣ машғул аст.

* Орография (аз калимаи юнонии oros-кӯҳ ва grapho-навиштан) яке аз шохаҳои ҷуғрофия буда, сатҳи заминро дар минтақаҳои сарҳадӣ меомӯзад.

Албатта ин гурӯҳбандӣ асосӣ набуда, хусусиятҳои дигаре ҳам вуҷуд доранд, ки дар заминаи онҳо сарҳад тасниф карда мешавад.

Яке аз усулҳои тасниф–равиши вазифавӣ мебошад, ки дар ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта ташаккул ёфта, вазифаҳои асосии сарҳад–монеъсозӣ, пайвандсозӣ, инъикоскунӣ, танзимкунӣ, тозакунӣ, ҷудокунӣ, қиёскунӣ ва омилҳое (табиӣ ва сохта), ки ба онҳо таъсир мерасонанд ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳад (махсусан вазифаҳои монеъсозӣ ва пайвандсозӣ). Вобаста ба ин, пажуҳишгар К.Хаусхофер қайд менамояд, ки *"дар ҳаёти воқеӣ пайдо намудани сарҳади шахшуда ғайриимкон аст"* [22,110-121], яъне ба вазифаи пайвандсозии сарҳад бартарӣ дода, новобаста аз мавҷудияти омилҳои нооромкунанда, сарҳад наметавонад тамоми равандҳоро манъ ва пешгирӣ намояд.

Барои истифодаи самараноки вазифаҳои сарҳадӣ таҳлили сатҳи таъсири муҳити ҷуғрофӣ ба сарҳад ва баръакс, таъсири равандҳои сарҳадӣ (ҳаракати молу маҳсулот, мусофирон, воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳад ва бунёди зерсохторҳои сарҳадӣ) ба унсурҳои муҳити ҷуғрофӣ нақши муҳим доранд.

Имрӯз гурӯҳи дигари таҳқиқоти назариявии омӯзиши масъалаҳои сарҳадӣ дар доираи назарияи постмодернӣ аз ибтидои солҳои 1990 ташаккул ёфтаанд, ки паҳлуҳои дигари сарҳади давлатӣ ва нақши сарҳадро дар шаклгирии муносибатҳои байнидавлатӣ баррасӣ менамоянд. Ба гурӯҳи назарияҳои постмодернӣ–назарияҳои ҷаҳон–низом, геополитикӣ, СДА (сиёсат, дарк, амалия) ва назарияи экосиёсӣ дохил мешаванд.

Масалан, назарияи ҷаҳон–низом (world-system theory) дар ду ҷанба инъикос мегардад: якум, мавқеи сарҳади давлатӣ дар низоми сарҳадҳои ҷаҳонӣ дар шароитҳои гуногуни фазоӣ – аз умумиҷаҳонӣ то маҳаллӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.Тарафдорони ин назария (И.Валлерстайн) қайд менамоянд, ки бар асари рушди вобастагии мутақобилаи умумиҷаҳонӣ диққати асосӣ ба омилҳои иқтисодие чун тавсеаи тақсимоти байналмилалии меҳнат, рушди воситаҳои алоқа ва иртибот, таъсиси созмонҳои ҳамгироишаванда ва ғайра дода мешавад.

Умумигардии ҳаёти истеҳсолӣ ва рушди босуръати мавҷҳои фаромарзии одамон, иттилоот, молу маҳсулот, сармоя, энергия, ифлоскунандагон (моддаҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологие, ки ба табиат ва мавҷудоти зинда таъсир мерасонанд), васеъшавии салоҳияти созмонҳои байналмилалӣ ва рушди таъсири субъектҳои фаромарзӣ дар соҳаҳои гуногун *(ҳаракатҳои қавмӣ ва ҷамъиятӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва ширкатҳои фаромиллӣ)* боиси тағйир ёфтани вазифаҳои сарҳади давлатӣ гардида, раванди содагардонии реҷаи сарҳадӣ ба хотири пайвастан ба иқтисоди ҷаҳон ба амал меояд.

Дуюм, нуқтаи оғози таҳқиқи сарҳадҳои муосир омӯзиши ташаккул ва таҳаввули ҳувияти ҳудудӣ мебошад [14, С. 66]. Бинобар ин, дарки мафҳуми сарҳад дар ҳаёти одамон бе таҳлили нақши он дар шуури ҷамеа,

худмуайянкунии одамон бо ҳудуди муайян (кишвар, минтақа ва маҳал) ғайриимкон аст. Дар баробари ин, ҳувиятҳои фарҳангиву забонӣ, диниву мазҳабӣ ва иҷтимоиву касбӣ пурзӯр гардидаанд, ки онҳо на ҳама вақт ба ҳудуди муайян алоқамандӣ доранд ва ин омил боиси заъфи ҳувияти ҳудудӣ ва ҳатто давлатӣ ва миллӣ мегардад. Масалан, давлат чун восита ва макони татбиқи яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон – худмуайянкунии халқу миллатҳо ба назар гирифта мешавад. Дар асоси ин нуқтаи назар шаклгирии вазифаҳои сарҳади давлатӣ аз садоқати шаҳрвандон ва гурӯҳҳои қавмӣ ба давлати худ вобаста аст. Чунки, аксари кишварҳо бисёрмиллатӣ буда, ҳайатҳои қавмии онҳо асосан дар минтақаҳои наздисарҳадӣ бо давлатҳои ҳамсоя қарор доранд ва аксаран дар асоси тақсимоти маъмурӣ–ҳудудӣ ҷудо карда шудаанд (штатҳои Амрико, департаментҳои Фаронса, заминҳои федералии Олмон, вилоятҳои мухтори Италия, графигариҳои Британияи Кабир, фюлкеҳои Норвегия, кантонҳои Швейтсария). Дар ин ҳолат, мушкилии асосӣ руҳияи ҷудоихоҳии гурӯҳи аҳолӣ (Каталония, Курдистон, Гонконг) гардида, имконияти тағйироти ҳудудиро дар пай дорад [2, 79].

Назарияи экосиёсии омӯзиши масъалаҳои сарҳадӣ. Маълум аст, ки унсур ва ҳолатҳои табиӣ сарҳад надоранд. Аксаран, миқёси қаторкӯҳҳои ягона, ҳавзаи дарёҳо, муҳити сукунати ҳайвонот, ёдгориҳои табиӣ, ҳудуди баҳрҳои дохилӣ ва дигар унсурҳои табиӣ тавассути сарҳадҳои сиёсӣ ва маъмурӣ ҷудо карда шудаанд [14,71]. Инчунин, дар баъзе мавридҳо минтақаҳои ҷойгиршавии сарватҳои табиӣ ва канданиҳои зеризаминӣ, аз он ҷумла, нафт ва газ, тавассути сарҳад ҷудо шудаанд. Дар баробари ин, дар муҳити ягонаи табиат имкони паҳншавии моддаҳое мавҷуд аст, ки ба фазои ҳавоӣ ва обӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Бинобар ин, дарки мушкилиҳои шадиди экологӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон омили муҳимми тақвияти ҳамкориҳои наздисарҳадӣ мебошад. Маҳз ба хотири ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилиҳои экологӣ ва назорати равандҳои фаромарзии хислати табиӣ ва экологидошта давлатҳои ҳамсояро зарурат пеш омадааст, ки доираи ҳамкориҳои сарҳадиро тавсеа бахшанд. Аммо тавре таҷрибаи муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ҳаллу фасли масъалаҳои экологӣ амали сода нест ва мушкилоти зиёд дорад.

Дар ин миён, самти муҳимми ин назарияро омӯзиши ҳавзаи дарёҳои байнидавлатӣ ташкил менамояд, ки барои ҳифзи муҳити зист нақши калидӣ дорад. Раванди амалии марзгузорӣ ва аломатгузории сарҳади давлатӣ инъикоскунандаи сатҳи ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи сарҳадӣ мебошад. Анҷоми бо муваффақонаи ҳар дуи ин раванд метавонанд боиси тавсеаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ гардида, ҳолатҳои низоъбарангез дар марзи давлатҳои ҳамсоя коҳиш дода шавад.

Зери мафҳуми “марзгузории сарҳад” дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавқеъ ва самти муайяни хатти сарҳади давлатӣ дар асоси созишнома дар байни

давлатҳои ҳамсоя ба тасвиб расида, фаҳмида мешавад. Марзгузории сарҳад дар асоси ҳуҷҷатҳо (аҳднома, созишнома) ва харитаҳои махсуси миёни кишварҳои манфиатдор ба имзо расида, мустаҳкам карда мешавад [24, 148].

Барои татбиқи марзгузории сарҳад қарори махсуси ҳукуматӣ доир ба таъсис додани ҳайат ё комиссияи корӣ лозим аст ва дар ҳайати он бояд намояндагон аз вазорату кумитаҳои дахлдори давлатӣ, намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ ва вобаста ба зарурат, намояндагони дигар кумитаву идораҳои соҳавӣ шомил мегарданд.

Пас аз ин, музокираҳои муштараки ҳайати комиссияҳои ҳар ду кишвар дар асоси нақшаи қаблӣ тасдиқгардида, доир шуда, дар асоси қарорҳои қабулнамудаи он, хатти сарҳади давлатии мувофиқашуда дар харитаи топографӣ сабт карда мешавад ва дар якҷоягӣ бо “Шарҳи гузариши хатти сарҳад” қисми таркибии “Созишнома доир ба марзгузории сарҳад” ба ҳисоб мераванд.

Ҷанбаи муҳимми раванди марзгузорӣ таъмини харитавии он мебошад, зери таъмини харитасозии марзгузории сарҳади давлатӣ ҷанбаҳои зерин фаҳмида мешаванд:

– таъмини ҳайат ё комиссия (тоҷикӣ) бо маводҳои харитавӣ ё харитасозии (маълумотномаи) муайян ва зарурӣ;

– пешбурди корҳои харитасозӣ доир ба сабти хатти мувофиқашудаи сарҳади давлатӣ дар харита;

– тартиб додани “Шарҳи гузариши хатти сарҳади давлатӣ” (дар шакли Протокол).

Моҳияти аломатгузории сарҳадро гузаронидани хатти марз дар маҳалли ҷойгиршавӣ ташкил намуда, он тавассути нишон додани гузариши хатти сарҳад тавассути гузоштани аломатҳо ва нишонаҳои махсуси сарҳадӣ, буйҳои (аломати шинокунандаи сигналдиҳанда, ки дар баҳрҳо, дарёҳо, кӯлҳо барои муайян намудани фарватер, тунукобаи назди соҳил, ҷуқурии обҳои сарҳадӣ ва ғайра гузошта мешавад) ва баҳрӣ, аломату нишонаҳои ишоратӣ ва дигар воситаҳои имконпазир амалӣ карда мешавад.

Дар марҳалаи ибтидоӣ, навъ ва ҳаҷми корҳои саҳроӣ муайян карда шуда, ба уҳдаи ҳар кадоме аз ҷонибҳо вазифаҳои мушаххас вогузор карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ, масъалаи насби аломату нишонаҳои махсуси сарҳадӣ дар нуқтаи васли сарҳади давлатҳо бо кишвари сеюм ҳал карда мешавад.

Хатти сарҳад дар маҳал дар асоси ҳуҷҷатҳои марзгузории сарҳади давлатӣ муайян мегардад ва он тағйироти худсаронаро аз ҷониби яке аз тарафҳо истисно менамояд. Тули дарозии хатти сарҳад дар маҳал, ки барои амалӣ намудани корҳои аломатгузории сарҳад пешбинӣ шудааст, ба қитъаҳои алоҳида ҷудо карда мешавад ва масофаи ҳар як қитъа дар кишварҳои ҳамсоя бояд якхел дарозӣ дошта бошанд.

Аломатҳои сарҳадӣ барои муайян намудани гузариши хатти сарҳад дар маҳал ё дар ду тарафи сарҳади давлатӣ пешбинӣ ва гузошта мешаванд. Мавқеи ҷуғрофии онҳо дар ҳуҷҷатҳои аломатгузории сарҳад ё санаду протоколҳои санҷишии муштарак муайян ва қайд карад мешаванд [16]. Дар ин навбат, бояд иброз намуд, ки дар созишномаҳои ба имзо расида миёни кишварҳои ҳамсоя, одатан, қоидаҳои асосӣ доир ба хислати ҳар як аломату нишонаҳои сарҳадӣ шарҳу эзоҳ ёфтааст ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо нисбати хатти сарҳад дар мувофиқа бо ҳуҷҷатҳои марзгузории сарҳад ва маводҳои дигар муайян карда мешавад. Аз ин хотир, иваз намудани аломату нишонаҳои мавҷудаи сарҳадӣ бо аломату нишонаҳои шакли дигар, метавонанд танҳо дар сурати ҷой доштани созишномаи махсуси сарҳадӣ дар байни кишарҳо, амалӣ карда шавад. Бояд ёдовар шуд, ки нисбати ҳар як аломату нишонаҳои сарҳадӣ протоколҳои махсус тартиб дода мешаванд.

Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки марзгузорӣ ва аломатгузории сарҳади давлатӣ хислати чорабиниҳои стратегиро дошта, ба самти муайян намудани канораҳои қаламрави давлатӣ ва доираи фазои соҳибистиқлолии давлат равона карда шудааст. Ба таври ҳуқуқӣ муайян намудани сарҳад –амалест, ки дар пайи худ мустаҳкам гардидани амнияти миллии ҳар як давлатро инъикос намуда, инчунин, риоя намудани ду принсипи асосии ҳуқуқи байналмилалӣ – принсипи дахолатнопазирии сарҳад ва принсипи тамомияти арзии давлатиро кафолат медиҳад.

Дар адабиёти илмии сарҳадшиносӣ дар баробари назария ва равишҳои эътирофшуда, инчунин, як қатор консепсияҳои дигаре мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки рушди сарҳадшиносиро дар замони муосир нишон медиҳанд.

Яке аз консепсияҳои муҳимми соҳа зуҳур ва ташаккули “дипломатияи сарҳадӣ” ба ҳисоб меравад. Чун қоида, дипломатияи сарҳадӣ фаъолияти муштараки мақомоти давлатии сиёсати хориҷӣ, идораҳои гумрук, қӯшунҳои сарҳадӣ ва кумитаҳои идораи заминро дар самти татбиқи сиёсати сарҳадии давлат, риояи реҷаи сарҳадӣ ва назорати қоидаҳои убури сарҳади давлатиро пешбинӣ менамояд.

Пажуҳиши илмӣ дар самти омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни Консепсияи дипломатияи сарҳадӣ идома дошта, метавон якчанд самтҳои фаъолияти зерини дипломатияи сарҳадиро ба таври мушаххас баён намуд:

1. *Ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар самти танзими масъалаҳои марзӣ.* Ин масъала усули анъанавии ҳамкориҳои сарҳадӣ буда, ҳадафи он муайян намудани гузариши хатти сарҳади давлатӣ миёни кишварҳои ҳамсоя мебошад.

2. *Тақвияти ҳамкориҳои наздисарҳадӣ миёни давлатҳои ҳамсоя*. Дар ин самт омили муайянкунанда сиёсати сарҳадии кишварҳои ҳаммарз ва пешбурди реҷаи сарҳадӣ ба ҳисоб меравад, зеро реҷаи сарҳади нисбати кишварҳои ҳамсоя гуногун буда, вобаста ба вазъи сиёсӣ-ҳарбӣ, низоми раводидӣ, интиқоли молу маҳсулот ва мусофирон, муайян карда мешавад.

3. *Ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар самти ҳифзи дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ.* Ҳадафи ин ҳамкориҳо, пеш аз ҳама, хислати амниятӣ дошта [23, 69-70], дар таъмини дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ, пешгирии убури ғайриқонунии сарҳади давлатӣ ва мубориза бо ҷиноятҳкории муташаккили фаромиллӣ зоҳир мегардад.

4. *Танзими равандҳои фаромарзӣ.* Дар шароити муосир равандҳои фаромарзӣ хислати мусбат ва манфӣ доранд. Ҷанбаҳои мусбати ин раванд тавсеаи тиҷорати мутақобила, афзоиши воридоту содирот ва ҳаракати налиёту мусофирон мебошад. Ҷанбаҳои манфии равандҳои фаромарзӣ убури ғайриқонунии сарҳад аз тарафи гурӯҳҳои ҷиноӣ, интиқоли маводи мухаддир, тиҷорати ғайриқонунии аҳолии наздисарҳадӣ, қочоқи молу маҳсулот мебошанд.

5. *Ҳифзи томияти сарҳади давлатӣ.* Сарҳади давлатӣ чун объекти таъсиррасонии инсон ба ҳифз ва нигаҳдорӣ ниёз дорад. Сарҳадҳо вобаста ба хусусияти табиӣ ба хушкӣ ва дарёӣ (обӣ) ё вобаста ба назарияи “ҷабҳа” (frontia) ба марзҳои хатарафзо ва осоишта ҷудо мешаванд, ки метавонанд ба дахолатнопазирӣ ва томияти сарҳади давлатӣ таъсири манфӣ расонанд.

Яке аз консепсияҳо нав дар илми сарҳадшиносӣ ташакули истилоҳи “Paradiplomacy” *(парадипломатия ё дипломатияи сарҳадӣ)* мебошад. Пажуҳишгари амрикоӣ Радрико Таварес китоберо бо номи “Paradiplomacy - Cities and States as Global Players” *(Парадипломатия–шаҳрҳо ва давлатҳо ҳамчун бозингарони ҷаҳонӣ)* таълиф намудааст [27], ки нақши афзояндаи шаҳрҳоро *(назарияи шаҳрҳои бузург–Big cities)-ро дар баробари давлатҳо ҳамчун иштирокчиёни нави муносибатҳои байналмилалӣ нишон диҳад* [1, 49-62] ва дар ин самт масъалаи асоси атрофи сарҳади давлатӣ давр мезанад, зеро то кадом андоза ниҳодҳои маъмурии дохилидавлатӣ метавонанд берун аз ҳудуди давлат ҳамкориҳои судмандро бо дигар субъектҳо (дар асоси баробаршаҳрӣ) ба роҳ монанд.

Инчунин, донишмандони ҳинду Ракаҳари Чатерҷи ва Свагата Саҳа дар мақолаи худ “Para-diplomacy: concept and context” (Парадипломатия: мафҳум ва мундариҷа) доир ба ин масъала таҳлилҳо анҷом доданд [26, 375-380]. Дар ин мақола қайд мегардад, ки глобализатсия ва ислоҳоти бозори ҷаҳонӣ боиси коркарди бисёршаклаи авлавиятҳои сиёсати хориҷӣ, бо дарназардошти равандҳои ғайриодии муосир, шудааст. Зуҳури парадипломатия ва ниҳодҳои федералии (мухтори) пуриқтидор дар ҳамкориҳои байналмилалӣ боиси бозбинии назария ва дарки нави муносибатҳои байналмилалӣ гардидааст. Ин ҷо таваҷҷуҳ асосан ба раванди содагардонии реҷаи сарҳадӣ ва ҷалби шаҳрҳо ба робитаҳои байнишаҳрӣ равона шудааст.

Бояд гуфт, ки фарқ миёни дипломатияи сарҳадӣ ва парадипломатия дар он зоҳир мегардад, ки агар дипломатияи сарҳадӣ вазифа ва уҳдадориҳои мақомоти давлатиро дар соҳои ҳамкориҳои сарҳадӣ бо давлатҳои ҳамсарҳад

инъикос кунад, пас парадипломатия зарурати ҷалби шаҳрҳои бузург ва ноҳияҳои наздисарҳадиро ба ҳамкориҳои наздик бо ноҳияҳои наздисарҳадии кишвари ҳамсоя пешбинӣ менамояд.

Дар баробари ин, дар илми сарҳадшиносӣ бо консепсияҳои дигар, ба мисли сарҳадҳои тамаддунӣ, сарҳадҳои ҳушманд, деворaҳои сарҳадӣ, сарҳадҳои ҷангӣ, даъвоҳои ҳудудии таърихӣ, дунё бидуни сарҳад, сарҳадҳои шаффоф ва ғайра мавриди баррасӣ ва омӯзиши коршоносон қарор дода мешаванд, ки ҳар кадоме таҳқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад.

Дар охир метавон гуфт, ки ҷанбаҳои амалӣ, назариявӣ ва консептуалии илми сарҳадшиносӣ дар тамоми кишварҳо рушд намуда, ҳоло доираи васеи коршиносон ва мутахассисон ба таҳқиқи мавзуи сарҳад машғул мебошанд. Имрӯз бо таъсири равандҳои зудтағйирёбандаи муносибатҳои байнлмилалӣ вазифаҳои сарҳади давлатӣ ба тағйироти муайян мувоҷеҳ гардидаанд ва аз ин хотир, бояд асосноккунии назариявии он низ дар доираи илми сарҳадшиносӣ ба роҳ монда шавад.

Дар илми сарҳадшиносӣ маҷмуи назарияҳои илмӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни сарҳади давлатӣ коркард шудаанд ва онҳо имкон медиҳанд, ки сарҳад аз дидгоҳи гуногун баҳогузорӣ карда шавад ва дар таҳия ва татбиқи сиёсат ё реҷаи сарҳадӣ нисбати давлатҳои ҳамсоя ва минтақа ба инобат гирифта шаванд.

Инчунин, равишҳои муайяни илми сарҳадшиносӣ барои танзими равандҳои фаромарзӣ ва ҳалли мушкилоти наздисарҳадӣ кумак намуда, давлатҳоро барои ҳамкориҳои наздики сарҳадӣ ҷиҳати рушди тиҷорати дуҷониба, транзити молу маҳсулот ва мусофирон, рушди ноҳияҳои наздисарҳадӣ, таъмини амнияти марзӣ ва мубориза бо таҳдидҳои беруна водор менамояд.

Дар баробари ин, консепсияҳои нави илми сарҳадшиносӣ бар он далолат менамоянд, ки идораи муваффақонаи сарҳад барои давлатҳо имкониятҳои рушди равандҳои ҳамгироиро дар минтақа фароҳам оварда, пешбурди сиёсати сарҳадии минтақавиро пешбинӣ менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Анварӣ С. Дипломатияи шаҳрӣ: таҳаввули мафҳум ва таҷриба дар замони муосир / С. Анварӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –2023.–№2(82). –С. 49-62.

2. Богатырев В. В. Международное право: учеб. пособие [Текст] / В. В. Богатырев // Владим. гос. ун-т им. А. Г. и Н. Г. Столетовых. – Владимир: ВлГУ, 2016. – С. 79.

3. Веснина Л.Г. Региональная экономика управление. Учебник для студентов направления 081100.62 «Государственное и муниципальное управление» [Текст] / Л.Г. Весинина, М.Н. Тюрина. – СПб.: СПбГУСЭ, 2011. - Глава 7.

4. Граница: понятие и термины [Текст] // Отечественные записки. – 2002. - № 6. [Электроный ресурс]. URL: https://magazines.gorky.media/oz /2002/6/granicza-ponyatie-i-terminy.html (дата обращения: 12.11.2024).

5. Дал В.И. Толковый словарь живого великорусского языка [Текст] / В.И. Даль. - М.: 1955. – С. 391

6. Демаркационная линия между Северной и Южной Кореей [Электроный ресурс]. URL: https://uritsk. livejournal.com/126134.html (дата обращения: 15.11.2024).

7. Дергачев В.А. Регионоведение. Учеб. пособие [Текст] / В.А. Дергачев, Л.Б. Вардомский. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2014. – С.112.

8. Зухба Д.Т. Арктика и Антарктика в политике глобальной безопасности [Текст] / Д.Т. Зухба // Русская политология — Russian political science. – 2018, № 8 (3). – С. 71-76.

9. Искра Е.С. Трансграничная организованная преступность как угроза национальной безопасности государства [Текст] / Е.С. Искра, Т.В. Стаценко // Донецкие чтения 2018: образование, наука, инновации, культура и вызовы современности. Материалы III Международной научной конференции / Под общей редакцией С.В. Беспаловой. – 2018. – С. 265-268.

10.Классификация территории [Электроный ресурс]. URL: https://studopedia.ru/10_205020 _klassifikatsiya-territoriy.html_(дата обращения: 30.10.2024).

11.Клименко Б.М. Государственная территория [Текст] / Б.М. Кименко. - М.: Международные отношения, 1974.

12.Кондратенко Г.В. Проблемы и возможности трансграничного сотрудничества Китая и России в сфере экологии [Текст] / Г.В. Кондратенко // Известия Восточного института. – 2017, № 2 (34). – С. 40-58.

13.Маҳмадов П.А. Амнияти иттилоотӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ (таҷрибаи Тоҷикистон) [Матн] / П.А. Маҳмадов, А.Ҳ. Ибодзода. – Душанбе: Донишварон, 2016. – С. 8.

14.Мировая политика: теория, методология, прикладной анализ [Текст] / Отв. ред. А.А.Кокошин, А.Д. Богатуров. – М.: КомКнига, 2005. – С. 66-71.

15.Мухаммад А.Н. Сущность, понятие и методология пограничной безопасности // International journal of Professional Science. - 62 №7(1) – 2024. – С. 62-73.

16.Об утверждении форм, размеров, описания, конструкций и Правил установки пограничных знаков [Текст]: Постановление Правительства Республики Казахстан от 8 ноября 2013 года, № 1181. [Электроный ресурс]. URL: http://adilet.zan.kz/rus/docs/P1300001181 (дата обращения: 07.12.2024).

17.Павловский А.И. Мирополитические аспекты освоения космического пространства [Текст]: автореф. дисс. на соис. ученой степени к.п.н. / А.И. Павловский. – Санкт-Петербург: 2011. – 22 с.

18.Парамонов А.Е. Влияние политической глобализации на пограничную безопасность России [Текст] / А.Е. Парамонов. [Электроный ресурс] URL: http://izvestia.asu.ru/2011/4-2/pols/TheNewsOfASU-2011-4-2-pols-10.pdf (дата обращения: 14.11.2024).

19.Русакова О.Ф. Уроки лимологии и геополитическая стереометрия [Текст] / О.Ф. Русакова // *Социум и власть*. – 2017, № 1 (63). – С. 50-56.

20.Советский энциклопедический словарь [Текст] / Главный ред. А.М. Прохоров. Изд. 4-е. – М.: Советская энциклопедия, 1989. - С. 338.

21.Цветкова, О. В. Политическая лимология: концепт границы [Текст] / О. В. Цветкова // Журнал "Регионология". – 2015. - №3. [Электроный ресурс]. URL: https://regionsar.ru/ru/node/1397 (дата обращения: 15.11.2024).

22.Чураков Д.О. Теория равновесно-динамических границ [Текст] / Д.О. Чураков // ЛОКУС: люди, общество, культуры, смыслы. – 2018, №1. – С. 110-121.

23.Шарипов А. Н. Укрепление внешних и внутренних границ региона как элемент коллективной безопасности Центральной Азии [Текст] / А. Н. Шарипов // Международные отношения и безопасность. – 2023. – № 1(5). – С. 69-83.

24.Шарипов А.Н. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти дипломатӣ [Матн] / А.Н. Шарипов. – Душанбе: 2015. – С. 148.

25.Boundaries (Oregon treaty).–P. 95. [Electronic resource]. URL: https://www.loc.gov/law/help/us-treaties/bevans/b-gb-ust000012-0095.pdf (date of access: 12.11.2024).

26.Rakhahari, Ch. Para-diplomacy: concept and context [Text] / Ch. Rakhahari, S. Swagata // Sage Publications, Ltd. – 2017. - Vol. 73. - №. 4. – P. 375-394.

27.Rodrigo Tavares. Paradiplomacy - Cities and States as Global Players. [Text] / T. Rodrigo. - New York: Oxford University Press, 2016. – 272 p.

ТЕОРЕТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ И ОСОБЕННОСТИ КОНЦЕПТУАЛЬНОГО ПОДХОДА ПОГРАНИЧНОЙ НАУКИ

АНВАРИ САФАРИ,
кандидат исторических наук, старший преподаватель
кафедры дипломатии и внешней политики ТНУ
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел: (+ 992) 918-97-31-81; email: anvari.safar@mail.ru

В статье рассматриваются теоретические аспекты пограничных исследований и выделяются основные концептуальные подходы к изучению феномена границ в политической науке. В статье рассматривается процесс формирования традиционных и постмодернистских теорий в науке о границе, а также выявляются их общие черты и различия. Автор излагает теоретические и практические аспекты решения пограничных вопросов и

делает выводы по вопросам делимитации и демаркации линии государственной границы. В статье анализируются новые концепции пограничных исследований, такие как пограничная дипломатия и парадипломатия, а также обосновываются их общие черты и различия.

Ключевые слова: *граница, территория, традиционная теория, теория постмодерна, теория мир-системы, естественная граница, геометрическая граница, парадипломатия.*

THEORETICAL RESEARCH AND FEATURES OF THE CONCEPTUAL APPROACH OF BORDER SCIENCE

ANVARI SAFARI,
candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Diplomacy and Foreign Policy of Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+ 992) 918-97-31-81; email: anvari.safar@mail.ru.

The article examines the theoretical aspects of border studies and highlights the main conceptual approaches to studying the phenomenon of borders in political science. The article examines the process of formation of traditional and postmodern theories in border science and identifies their common features and differences. The author presents theoretical and practical aspects of solving border issues and draws conclusions on the issues of delimitation and demarcation of the state border line. He shows the theoretical and practical aspects of regulating border problems, and presents conclusions on demarcation and marking of the state border line. The article analyzes new concepts of border studies, such as border diplomacy and paradiplomacy and substantiates their common features and differences.

Keywords: *border, territory, traditional theory, postmodern theory, world-system theory, natural border, geometric border, paradiplomacy.*

УДК: 341.7+323.28(5-191.2)

ТАҶРИБАИ МИЛЛИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО ИФРОТГАРОӢ

АСЛАМШОЗОДА ФОТИМА АСЛАМШО,
номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025. Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 915-19-18-60; e-mail: fotima.gairatova.84@mail.ru

АШУРОВ УМЕДҶОН БАҲРИДИНОВИЧ,
докторанти (Phd) курси дувуми кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025. Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 900-01-92-95; e-mail: umedjonalizoda96@gmail.com

Мақолаи мазкур ба таҳлили таҷрибаи миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм бахшида шуда, равандҳои марбут ба таҳдидҳои ифротгароӣ ва тадбирҳои муқобили он дар кишварҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллифон тавассути таҳлили муқоисавии сиёсати давлатӣ ва тадбирҳои амалӣ, ҷанбаҳои асосии танзими қонунгузорӣ, механизмҳои сохторӣ ва равишҳои пешгирикунандаеро, ки барои маҳдуд сохтани фаъолияти экстремистӣ амалӣ мегарданд, ба таври муфассал шарҳ медиҳад.

Диққати махсус ба таҳия ва татбиқи стратегияҳои ҳамаҷонибаи миллӣ равона гардидааст, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, барқарорсозӣ ва мутобиқсозии иҷтимоии шахсони қаблан ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалбшуда мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Дар ин замина, муҳимтарин унсурҳои сиёсати зиддиэкстремистии кишварҳо, аз ҷумла равиши пешгирикунандаи иҷтимоӣ, тарбияи маърифатӣ, ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва татбиқи механизмҳои амниятиву иттилоотӣ таҳлил мегарданд.

Ҳар як кишвари минтақа дар асоси хусусиятҳои хосси таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва сиёсӣ равишҳои миллии худро таҳия намуда, воситаҳои гуногуни муқовиматро истифода мебарад. Ин равандҳо аз қонунгузории мукаммал ва назорати давлатӣ то таъсиси марказҳои иттилоотӣ, фаъолияти маорифӣ ва барномаҳои мутобиқсозии иҷтиморо дар бар мегиранд. Шаклҳои гуногун бо таҷрибаи муштараки кишварҳои минтақа дар доираи ташаббусҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҳамкорӣ бо Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (САД) ва Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мукаммал гардидаанд.

Ба ғайр аз ин, истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва рақамӣ барои назорат ва таҳлили хатари ифротгароӣ, таҳкими мониторинг дар фазои киберӣ ва кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ мавқеи хосса дорад. Таҷрибаи кишварҳо дар самти таҳлили таҳдидҳо, омӯзиши омилҳо ва равандҳои ифротишавӣ ва роҳҳои бозгардонии шаҳрвандон аз минтақаҳои муноқишавӣ низ ба таври муфассал дар мақола баррасӣ ва арзёбӣ гардидаанд.

Дар ниҳоят, дидгоҳи стратегии рушди минбаъда ифода ёфта, зарурати баланд бардоштани самаранокии заминаи қонунгузорӣ, васеъсозии барномаҳои ҳамгироии иҷтимоӣ, таҳкими ҳамкории байниминтақавӣ ва рушди муколамаи байни динҳоро, ҳамчун омили асосии устуворсозии амнияти миллӣ ва суботи минтақавӣ, таъкид менамояд.

Калидвожаҳо: *Осиёи Марказӣ, экстремизм, муқовимат ба экстремизм, қонунгузорӣ, пешгирии экстремизм, барқарорсозӣ, ҳамкории байналмилалӣ, киберамният, мутобиқсозии иҷтимоӣ, терроризм, радикализатсия, муколамаи байнидинӣ, СҲШ, САад, амнияти миллӣ.*

Экстремизм, ҳамчун як падидаи хавфноки сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар замони муосир, ба яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва суботи минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст. Равандҳои глобализатсия, рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ, равнақи гурӯҳҳои ифротгаро ва мураккабшавии муҳити геосиёсӣ боис гардидаанд, ки масири рушди ин минтақа пайваста зери таъсири хатарҳои нав ва ғайритаъмин қарор гирад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон дар натиҷаи мувоҷеҳ шудан бо паёмадҳои афзоишёбандаи радикализатсия ва экстремизм маҷбур гардиданд, ки сиёсат ва стратегияи миллии худро дар самти муқовимат ба ин таҳдид бозбинӣ ва аз нав тарҳрезӣ намоянд. Ҳар яке аз ин кишварҳо, вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ, шакли миллии муқовимат ба экстремизмро шакл дода, кӯшиш доранд, ки бо роҳу воситаҳои ҳуқуқӣ, сохторӣ ва иҷтимоӣ аз паёмадҳои ин таҳдид эмин бошанд [9, 87-102].

Масъалаи муқовимат ба экстремизм дар Осиёи Марказӣ на танҳо хосси амнияти дохилии кишварҳо, балки ҷанбаи фаромиллӣ ва минтақавӣ низ касб кардааст. Мавҷудияти минтақаҳои муноқишавӣ дар ҳамсоягии ҷанубии минтақа, аз ҷумла Афғонистон, инчунин, шиддат гирифтани фаъолиятҳои созмонҳои террористӣ дар фазои маҷозӣ ва фазои иттилоотии муштарак, боис гардидаанд, ки кишварҳо ҳифзи амнияти миллиро тавассути муборизаи ҳамоҳангшуда бо экстремизм амалӣ намоянд.

Бо дарназардошти ин воқеиятҳо, таҳлили таҷрибаи ҳар як кишвари минтақа, аз ҷумла сиёсати давлатӣ, қонунгузорӣ, механизмҳои амалкунандаи пешгирӣ ва барқарорсозӣ, иқдомҳои иттилоотӣ ва нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ,

имкони баҳо додан ба сатҳи омодагии минтақа ба муқовимати комплексӣ ба экстремизмро фароҳам меоварад.

Мақсади асосии ин пажуҳиш он аст, ки дар заминаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, на танҳо самтҳои тавоно ва заъфи низомҳои зиддиэкстремистии миллӣ муайян карда шаванд, балки роҳҳои таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ва барқарорсозии равишҳои инсонмеҳвар барои ҳалли ин масъала пешниҳод гардад.

Таҷрибаи Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки хатари рӯзафзуни экстремизмро ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба суботи иҷтимоӣ ва амнияти миллӣ дарк намуда, дар сатҳи ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ ба ташкили низоми муқовимати фарогир оғоз намуд. Хусусияти ҷуғрофии кишвар, ҳамсарҳадӣ бо Афғонистон, ки манбаи таҳдидҳои фаромиллӣ, аз ҷумла терроризм ва гардиши ғайриқонунии силоҳу маводи мухаддир ба шумор меравад, Тоҷикистонро водор намуд, ки дар муқобили равандҳои ифротӣ сиёсати фаъоли зиддиэкстремистиро пеш барад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)», ки 8 декабри соли 2003, №69 қабул шудааст, фаъолияти давлатиро барои муқовимат бо чунин таҳдид ҳамчун қисми муҳимми танзими амнияти миллии кишвар мушаххас менамояд. Ин Қонун баъдан бо тағйироти соли 2007 ва 2014 такмил дода шуд. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳрири нав санаи 2 январи соли 2020, №1655 қабул карда шуд [3, 412]. Ин Қонун муқаррароти дақиқро доир ба фаъолияти созмонҳо ва шахсони алоҳида, ки дорои робита бо фаъолияти экстремистӣ мебошанд, ба танзим медарорад ва доираи васеи чораҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, аз ҷумла, манъи ташкили гурӯҳҳои динӣ-сиёсӣ, назорати таблиғоти мазҳабии ғайрирасмӣ ва танзими равобити иҷтимоӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ.

Илова бар заминаи қонунгузорӣ, қадами дигари бисёр муҳим дар ин самт, қабули стратегияҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар ду марҳала мебошад, аз ҷумла:

– “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ карда шудааст;

– “Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни 2021, № 187 марҳалаи муҳим дар таҳким ва ҳамоҳангсозии чораҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба ин таҳдидҳо мебошад [14, 368].

Дар ин стратегияҳо, дар баробари тадбирҳои қонунӣ ва амниятӣ, ба самтҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ низ аҳаммияти хос дода мешавад.

Ҳадафи ин стратегияҳо на танҳо муборизa бо зуҳуроти ифротӣ, балки пешгирии сабабу омилҳои он, аз ҷумла, сатҳи пасти маърифати динӣ, бекорӣ, муҳоҷирати тулонии корӣ ва осебпазирии ҷавонон, мебошад.

Дар як қатор иқдомҳои муҳим дар соли 2024, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор “Дар бораи Барномаи барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024–2028”-ро қабул намуд [12,78-86]. Ин Барнома, ҳамчун ҳуҷҷати стратегии миллӣ, ба таҳкими амнияти иҷтимоӣ ва пешгирии таҳдидҳои радикалӣ равона шудааст, ки тибқи он шахсоне, ки дар низоъҳои мусаллаҳонаи хориҷӣ иштирок намуда, ихтиёран, ба Ватан бармегарданд, бо шарти пушаймонӣ ва тавба аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд. Ин таҷриба на танҳо омили бозгардондани шаҳрвандон аз минтақаҳои ҷангӣ мебошад, балки заминаи реинтегратсияи иҷтимоии онҳо дар муҳити ҷомеа низ ба шумор меравад.

Ҳамзамон, тадбирҳои иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва муборизa бо экстремизм, дар баробари татбиқи санадҳои ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла, қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои мукаммали иловагиро роҳандозӣ намудааст, ки ба таҳкими амнияти миллӣ, пешгирии шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва тақвияти муқовимати иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Ин тадбирҳо самтҳои гуногунро фаро гирифта, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва фарҳангиро дар бар мегиранд, аз ҷумла:

1. Ислоҳоти низоми ислоҳӣ–тарҷиявӣ (системаи маҳбасӣ)–бо пуштибонии Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноятkорӣ (UNODC) ва дигар шарикони хориҷӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи махсуси барқарорсозӣ ва маърифати ҳуқуқиро барои маҳкумшудагоне, ки бо иттиҳоми фаъолияти экстремистӣ дастгир шудаанд, ҷорӣ намудааст. Ҳадаф аз ин чорабинӣ, пешгирии ифротишавии минбаъдаи маҳкумшудагон ва мусоидат ба баргардондани онҳо ба ҳаёти осоишта мебошад.

2. Гузаронидани машваратҳои ҷомеашиносӣ ва пойгоҳҳои маҳаллӣ, ки бо ҳамкорӣ бо барномаҳои рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, дар як қатор шаҳру ноҳияҳо гурӯҳҳои машваратии доимӣ таъсис дода шудаанд. Ин гурӯҳҳо дар пешгирии радикализатсия дар сатҳи маҳаллӣ нақши калидӣ дошта, фаъолияти онҳо ба баланд бардоштани огоҳии иҷтимоӣ, ҷалби фаъолони ҷомеа ва муқовимати маданӣ равона гардидааст.

3. Тақвияти маърифати ҳуқуқӣ ва корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ, бо мақсади коҳиши таъсири идеологияҳои ифротӣ, дар муассисаҳои таълимӣ, ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ барномаҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешаванд. Ҷалби руҳониён, мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба

ташаккули фикри солими иҷтимоӣ равона гардидааст. Ин барномаҳо дар таҳкими ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ нақши муассир доранд.

4. Татбиқи шакли "полиси ҷомеа" ва мустаҳкамсозии ҳамкории иҷтимоӣ. Дар ин замина, навовариҳо дар низоми ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, татбиқи консепсияи "пулиси ҷомеа" (community policing), дар маҳаллаҳо, роҳандозӣ шудаанд. Ин тағриба ба таҳкими робита байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳолӣ, тавсеаи эътимоди ҷомеа ва ҷалби омма ба мубориза бар зидди ифротгароӣ равона шудааст.

5. Тақвияти назорати иттилоотӣ ва фазои рақамӣ. Мақомоти марбута назорат бар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар манобеи иттилоотиро пурзӯр намуда, паҳншавии маводи дорои мазмуни экстремистиро таҳти таҳқиқ ва маҳдудкунӣ қарор додаанд. Бо вуҷуди ин, дар соли 2025 тағйироти қонунгузорӣ амалӣ гардид, ки тибқи он "лайк" кардани паёмҳои дорои муҳтавои шубҳаноки сиёсӣ аз зумраи ҷиноят хориҷ карда шуд, ки нишонгари мутавозинсозии ҳуқуқи шаҳрвандон ва амнияти миллӣ мебошад.

6. Мубориза бо маблағгузории ифротгароӣ ва назорати молиявӣ. Бо иштироки сохторҳои молиявӣ ва мақомоти гумрук, механизмҳои мониторинги амалиёти шубҳаноки молиявӣ роҳандозӣ шудаанд. Ҳадафи ин тадбирҳо, пешгирии маблағгузории фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ ва бастани шабакаҳои пинҳонии интиқоли сармоя ба чунин ҳаракатҳост.

7. Раванди танзими фарҳанг ва арзишҳои миллӣ. Дар доираи сиёсати фарҳангии давлат, тарғиби арзишҳои миллӣ ва пешгирии зуҳуроти фарҳанги бегона, ки метавонанд воситаи идеологӣ барои радикализатсия гарданд, мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтааст. Ҷорӣ намудани талаботи либоспӯшии мутобиқ ба анъанаҳои миллӣ ва манъи истифодаи нишонаҳои шубҳаноки фарҳангӣ яке аз ин тадбирҳост.

Хулоса, чунин равиши фарогир дар мубориза бо экстремизм аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз як силсила васила ва стратегияҳои ҳамоҳангшуда, барои таҳкими иммунитети иҷтимоӣ ва пешгирии ифротгароӣ, як системаи мураккаби сиёсати амниятиро амалӣ менамояд. Ин равиш таҷассумгари анъанаи миллии муқовимати давлатӣ, омодагии ҷомеа ва ҳамоҳангии сохторҳои гуногун дар рӯ ба рӯйи таҳдидҳои фаромиллӣ мебошад.

Дар самти ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомот бо як қатор созмонҳои ғайридавлатӣ, марказҳои таҳқиқотӣ ва муассисаҳои илмӣ робитаи фаъолро ба роҳ мондаанд. Ҳамзамон, тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ, маъракаҳои густурдаи иттилоотӣ ва маърифатӣ бо иштироки уламои динӣ, намояндагони зиёиён ва кормандони ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ доир мегарданд. Таъсиси Маркази

исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ниҳоди таҳлилии муқовимат бо ифротгароии мазҳабӣ нақши калидӣ бозӣ мекунад.

Хулоса, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танҳо бо роҳи омезиши чораҳои ҳуқуқӣ, барномарезиҳои иҷтимоӣ, корҳои тарбиявӣ ва сиёсатҳои реинтегратсионӣ, ки ба хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа мутобиқанд, метавон ба таҳдидҳои экстремистӣ посухи муассир дод. Таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, тавсеаи таълими динӣ дар руҳияи таҳаммулпазирӣ ва таҳкими масунияти идеологии ҷавонон аз авлавиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ба шумор мераванд.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар муқовимат ба экстремизм

Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳамчун яке аз давлатҳои калидии Осиёи Марказӣ бо аҳолии зиёд ва мавқеи геосиёсии муҳим, дар марҳалаҳои охири рушди худ ба таҳкими низоми комплексии муқовимат ба экстремизм аҳамияти хосса медиҳад. Баъди ислоҳоти сохторӣ ва сиёсӣ дар кишвар, аз ҷумла, пас аз соли 2016, ҳукумати нав дар раванди навсозии сиёсати амниятӣ, иҷтимоӣ ва динӣ тағйироти ҷиддиро ворид намуд [7, 45-58]. Яке аз самтҳои асосии ин сиёсати нав, таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии радикализатсия ба шумор меравад.

Қадами муҳим дар самти танзими ҳуқуқии масъала, қабули Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» дар соли 2018 ба шумор меравад. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ мафҳумҳои асосии экстремизм, шаклҳои зуҳури он, ваколати мақомоти давлатӣ дар мубориза бо ифротгароӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон ва ҳамчунин, механизмҳои танзими фаъолияти динӣ ва мазҳабиро дақиқ муайян намудааст [2, 248]. Ин Қонун, ба монанди қонунгузории дигар кишварҳои минтақа, тадбирҳои ҷазоӣ ва пешгирикунандаро фаро мегирад, вале дар он ба нақши таҳсилоти дунявӣ ва маърифати мазҳабии таҳаммулгаро низ ҷойи муҳим дода шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар баробари қабули қонунҳо, инчунин, **“**Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021–2026”-ро таҳия ва татбиқ мекунад, ки дар он самтҳои асосии фаъолият, аз ҷумла, баланд бардоштани саводнокии шаҳрвандон, рушди низоми мониторинги фазои рақамӣ, таҳкими ҳамкориҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва татбиқи барномаҳои реинтегратсия пешбинӣ гардидаанд.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар баробари қабули қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, як қатор иқдомҳои мукаммали иловагиро дар самти муқовимат ба зуҳуроти экстремистӣ амалӣ намудааст, ки дорои хусусиятҳои таълимӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ мебошанд. Ин иқдомҳо бо такя ба ҳамкории минтақавӣ ва шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ

(UNODC), Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), татбиқ гардида, барои таҳкими масунияти иҷтимоӣ ва коҳиши хавфҳои радикализатсия равона шудаанд.

1. *Бозсозӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ.* Марҳалаи муҳим дар сиёсати зиддиэкстремистӣ барномаҳои бозгардонӣ ва иҷтимоисозии шаҳрвандон мебошад. Лоиҳаҳои фарогири *реинтегратсияи* шахсони баргашта аз минтақаҳои низоъ, аз ҷумла, амалиёти "Mehr", ба ҳамроҳии зиёда аз 500 зану кудак мусоидат намуданд [13, 50-59]. Ин тадбирҳо на танҳо барқарорсозии иҷтимоии шахсони осебдида, балки таҳкими суботро низ таъмин мекунанд.

2. *Тақвияти иқтидори ҷомеаҳо.* Бо мақсади афзоиши муқовимати ҷомеаҳо ба таъсири экстремизм, барномаҳои «Тақвияти устувории ҷомеаҳо» ва «Пешгирии ифротгароии хушунатомез дар Осиёи Марказӣ» татбиқ гардиданд. Онҳо ба ташкили марказҳои дастгирии иҷтимоӣ, омӯзиши рақамӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии гурӯҳҳои осебпазир равона шудаанд.

3. *Такмили малакаи сохторҳои қудратӣ.* Дар доираи *кадрсозии муассир*, Академияи мақомоти интизомии Ӯзбекистон барномаи махсуси таълимиро роҳандозӣ намуда, омӯзиши ҳуқуқи инсон, мубориза бо ифротгароӣ ва "ҳуқуқи рақамӣ"-ро дар бар гирифтааст.

4. *Тақвияти назорати марзӣ ва молиявӣ.* Ҳамкорӣ бо САҲА барои баланд бардоштани қобилияти ниҳодҳои марзбонӣ ва гумрук дар самти ошкорсозии ҳаракати ҷангҷӯёни хориҷӣ ва ҷилавгирӣ аз маблағгузории ғайриқонунии гурӯҳҳои тундгаро мусоидат намудааст.

5. *Пешбурди арзишҳои динӣ ва маънавӣ.* Маркази исломии тамаддун, ҳамчун платформаи таблиғи исломи муътадил ва муқовимат ба идеологияҳои ифротгаро, бо мақоми илмӣ ва маърифатӣ таъсис ёфтааст.

6. *Ҷалби ҷавонон ба арзишҳои ватандӯстӣ.* Созмони миллии кӯдакон ва наврасони Ӯзбекистон – "Kamalak" тавассути барномаҳои тарбиявӣ, фаъолгардонии ҷавонон ва ташаккули ҳушёрии идеологӣ ба таъмини суботи иҷтимоӣ ва муқовимат ба таъсиргузории идеологияҳои хатарнок мусоидат менамояд [6, 383-385].

Ҳамзамон, заминаи татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва маърифатӣ, мақомоти Ӯзбекистон тавассути Комиссияи давлатии корҳои дин, Маркази исломшиносӣ**,** Кумита оид ба корҳои дин**,** инчунин, бо ҷалби уламои муътадил ва руҳониёни таҳаммулпазир, фаъолияти густурдаи таблиғотӣ ва маърифатӣ роҳандозӣ мекунанд. Нақши марказҳои таълимии динии расмӣ, аз ҷумла Донишкадаи исломии Тошканд ва мадрасаҳои таҳти назорати давлатӣ, дар таҳкими фарҳанги мазҳабии таҳаммулгароӣ ва ҳифзи ҷавонон аз идеологияи ифротӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, Ӯзбекистон дар самти реинтегратсияи шаҳрвандоне, ки дар муноқишаҳои мусаллаҳонаи хориҷӣ ширкат варзидаанд, якчанд барномаи

махсус, аз ҷумла барномаи «Меҳр», «Ихтисор» ва «Баргард»-ро амалӣ кардааст [13, 50-59]. Ин барномаҳо на танҳо бозгардонии шаҳрвандон, балки дастгирии иҷтимоӣ, равонӣ ва иқтисодии онҳоро фаро мегиранд. Ба занону кӯдакони бозгардонидашуда, ки аз минтақаҳои ҷангӣ оварда шудаанд, ёрии ҳуқуқӣ ва равонӣ расонида мешавад ва онҳо дар муҳити иҷтимоӣ дубора мутобиқ карда мешаванд.

Дар баробари ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон механизми назорати интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва нашри маводи таблиғотии ифротиро таҳким бахшида, бо истифода аз афзорҳои технологии муосир ва таҳқиқоти рақамӣ фаъолияти гурӯҳҳои шубҳанокро пайгирӣ мекунад. Ба таври махсус ба таҳкими масъулияти платформаҳои интернетӣ ва блогерҳо дар паҳнсозии иттилооти экстремистӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Хулоса, таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки якҷо намудани тадбирҳои ҳуқуқӣ, маърифатӣ, иҷтимоӣ ва иттилоотӣ дар доираи як сиёсати мувофиқ, бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои динӣ, дар коҳиш додани сатҳи радикализатсия ва ифротгароӣ дар миёни аҳолӣ натиҷаҳои назаррас ба бор овардааст. Маҳз сиёсати фаъол ва мутавозин дар баробари риояи озодиҳои мазҳабӣ ва пешгирии суиистифодаи онҳо, метавонанд ҳамчун намунаи амалӣ барои дигар кишварҳои минтақа хизмат намоянд.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти муқовимат ба экстремизм

Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати зиддиэкстремистӣ яке аз кишварҳои пешсафи минтақа ба ҳисоб меравад, ки таҷрибаи он бо татбиқи равишҳои фарогири ҳуқуқӣ, ниҳодӣ, иттилоотӣ ва иҷтимоӣ фарқ мекунад. Воқеъ будани кишвар дар масири геосиёсии мураккаб ва рушдёбандаи минтақаҳои Осиёи Марказӣ, Сибир ва Ховари Миёна боис гардидааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон таваҷҷуҳи доимии худро ба таҳдидҳои ифротгароӣ равона намояд.

Асоси қонунии мубориза бо экстремизм дар Қазоқистонро Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», ки 18 феврали соли 2005, №31-III (бо тағйиру иловаҳо, ҚҚ № 244-V, 3 ноябри 2014, ҚҚ № 403-V, 16 ноябри 2015, ҚҚ № 51-VIII, 23 декабр 2023) қабул шуда, борҳо бо илова ва тағйирот такмил дода шудааст, ташкил медиҳад [10, 388-399]. Ин Қонун мафҳумҳои асосии экстремизм, шаклҳои зуҳур, тадбирҳои ҷавобӣ, ташкили гурӯҳҳои экстремистӣ ва паҳнсозии маводи ифротиро танзим менамояд. Ғайр аз ин, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон тағйироти вобаста ба шадидтар кардани ҷавобгарӣ барои амалиёти экстремистӣ ворид карда шудааст.

Илова бар заминаи қонунгузорӣ, қадами дигари бисёр муҳим дар ин самт– қабули Барномаи давлатии «Муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2018–2022» мебошад ва ҳамзамон, “Стратегияи миллӣ дар заминаи

Барномаи давлатӣ барои солҳои 2018–2022” таҳия шуда буд, солҳои 2023–2028 низ идома меёбад [16], ки як қатор тадбирҳои мушаххасро дар самти таҳкими амнияти миллӣ, муборизa бо киберэкстремизм ва афзоиши сатҳи саводнокии динӣ ба роҳ мондааст. Бавижа дар ин кишвар ба амнияти иттилоотӣ ва мониторинги фаъолиятҳои интернетӣ таваҷҷуҳи афзоянда зоҳир карда мешавад, ки тавассути системаи марказонидашудаи назорати фазои иттилоотӣ ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои хизматрасонӣ амалӣ мегардад.

Яке аз хусусиятҳои ҷудонашавандаи модели Қазоқистон, истифодаи равишҳои мулоқотӣ ва иҷтимоӣ дар баробари воситаҳои қонунӣ мебошад. Ба ин васила, ташкили Шурои байнимиллӣ ва байнимазҳабии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**,** ки ҳамчун платформаи муколама ва баррасии масоили эҳтимолии ихтилофӣ фаъолият мекунад, нақши калидӣ мебозад [15, 142-156]. Ин Шуро намояндагони конфессияҳои гуногуни динӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои давлатӣ, инчунин, олимони соҳаи диншиносӣ ва ҳуқуқро гирд овардааст.

Илова ба ин, Қазоқистон тавассути Марказҳои минтақавии бозомӯзӣ ва муқовимат ба ифротгароӣ**,** ки дар назди мақомоти корҳои дохилӣ ва комиссияҳои кор бо дин амал мекунанд, мунтазам барномаҳои омӯзишӣ барои кормандони давлатӣ, устодон, руҳониён ва ҷомеаи фаъол баргузор мекунад. Ин барномаҳо ба ташаккули ҷаҳонбинии таҳаммулгаро, шинохти хатари ифротгароӣ ва баланд бардоштани малакаҳои кор бо гурӯҳҳои осебпазир равона шудаанд.

Ҷумҳурии Қазоқистон инчунин, ба баргардонидани шаҳрвандони худ аз минтақаҳои муноқишавӣ, аз ҷумла аз Сурия ва Ироқ, тавассути амалиёти махсуси «Жусан (гиёҳи рамзии бӯйи ватан дар фарҳанги қазоқӣ)» иқдом намуда, онҳоеро, ки ба фаъолияти созмонҳои террористӣ ҷалб шудаанд, ба муҳити иҷтимоӣ барқарор кардааст. Ба ин шахсон курсҳои бозомӯзӣ, равоншиносӣ, таълими касбӣ ва дастгирии моддиву ҳуқуқӣ пешниҳод мегардад.

Бо дарназардошти мавқеи фаъолонаи Қазоқистон дар ҳамкории байналмилалӣ, кишвар узви фаъоли созмонҳое, чун СҲШ**,** СААД**,** САҲА**,** Созмони Ҳамкории Исломӣ ва СММ, мебошад. Тавассути ин ниҳодҳо мубодилаи таҷриба, омодасозии кормандони амниятӣ ва татбиқи барномаҳои муштараки зиддиэкстремистӣ роҳандозӣ шудааст.

Хулоса, таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон собит месозад, ки равиши омехтаи қонунгузории пуркувват, сохторҳои устувори ҳокимиятӣ, равобити фаъоли байнидинӣ ё байнимазҳабӣ ва кор бо гурӯҳҳои осебпазир, дар якҷоягӣ бо тадбирҳои амнияти иттилоотӣ ва барномаи бозгардонӣ, метавонанд ба паст кардани сатҳи ифротгароӣ ва таҳкими амнияти иҷтимоӣ мусоидат намоянд.

Қазоқистон бо ин равиш намунаи як низоми комплексӣ ва муътадили муқовимат ба экстремизмро дар сатҳи минтақавӣ намоиш медиҳад.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар самти муқовимат ба экстремизм

Ҷумҳурии Қирғизистон, ки ҳамчун кишвари дорои ҷомеаи демократӣ ва сохтори гуногунмазҳабиву фарҳангӣ шинохта шудааст, дар солҳои охир ба сабаби афзоиши таҳдидҳои ифротгароӣ ва радикализатсия, зарурати таҳия ва амалӣ кардани сиёсати муназзами муқовимат ба экстремизмро эҳсос намуд. Ҷуғрофиёи кӯҳӣ, наздикӣ ба минтақаҳои ноором, бекорӣ, муҳоҷирати васеъ ва сатҳи муайяни камбизоатӣ омилҳое мебошанд, ки барои густариши идеологияи ифротӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд.

Таҳкими заминаи ҳуқуқии мубориза бо экстремизм дар ин кишвар бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи муқовимат бо фаъолияти экстремистӣ» аз 24 феврали соли 2023, таҳти № 40 оғоз гардид[14 С. 15-25]. Дар ин қонун, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонда шудааст, мафҳумҳои экстремизм, тадбирҳои пешгирикунанда ва ҷавобгарӣ барои амалҳои дорои хусусияти ифротӣ муайян гардида, ваколатҳои мақомоти давлатӣ барои назорат ва пешгирӣ аз чунин фаъолиятҳо дақиқ шудаанд.

Дар баробари санадҳои ҳуқуқӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон “Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2023–2027”-ро таҳия ва қабул намудааст, ки дар он на танҳо тадбирҳои амниятӣ, балки равишҳои тарбиявӣ, маърифатӣ ва иҷтимоӣ низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор доранд [5, 10-18]. Ин Стратегия ҳамзамон, ба ҳамкориҳои байниидоравӣ ва ҷалби фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Яке аз иқдомҳои муҳим дар ин самт таъсиси Марказҳои минтақавии муқовимат ба экстремизм ва радикализатсия дар вилоятҳои гуногуни кишвар мебошад. Дар ин марказҳо кормандони ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ, равоншиносон, диншиносон ва намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ бо аҳолии маҳаллӣ, бахусус ҷавонон ва муҳоҷирони бозгашта, корҳои тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳӣ анҷом медиҳанд.

Қирғизистон низ дар самти барқарорсозии иҷтимоии шаҳрвандон аз минтақаҳои ҷангии хориҷӣ таҷрибаи хос дорад. Барномаҳои бозгардонидани занон ва кӯдакон аз Сурия ва Ироқ, ки бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ шудаанд, ба фарогирии хизматрасониҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Ҳукумати кишвар кӯшиш менамояд, ки шахсони аз муҳити ифротгароии хориҷӣ бозгашта, ба ҳаёти осоишта баргардонида шаванд ва дар ҷомеа дубора мутобиқ гарданд.

Мақомоти Қирғизистон ба мониторинги шабакаҳои иҷтимоӣ ва вебсайтҳои дорои муҳтавои ифротӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд. Дар ин самт ҳамкориҳои фаъол бо шабакаҳои интернетӣ, созмонҳои байналмилалии амниятӣ ва ниҳодҳои мубориза бо киберҷиноятқорӣ ҷараён доранд.

Қонунгузорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ пайваста такмил ёфта, механизмҳои навини назорат ва пешгирии таблиғоти ифротӣ ҷорӣ карда мешаванд.

Нақши маърифати динӣ ва музокироти байнимазҳабӣ низ дар шакли муқовимати Ҷумҳурии Қирғизистон калидӣ арзёбӣ мешавад. Вазорати корҳои дин ва робитаҳои байнидинӣ ва Агентии давлатии баҳисобгирӣ ва танзими фаъолияти динҳо ва муносибатҳои байниэтникӣ (15.04.2025) ва муассисаҳои таълимии динӣ ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷавонон, муборизa бо таҳрифи таълимоти динӣ ва пешгирии шомилшавии онҳо ба гурӯҳҳои ифротгаро машғуланд.

Хулоса**,** таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон нишон медиҳад, ки дар шароити гуногунандешии динӣ ва иҷтимоии кишвар, танҳо бо равиши фарогир, ки қонунгузорӣ, муборизаи амниятӣ, маърифатӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазирро дар бар мегирад, метавон ба муқовимати муассир бо экстремизм муваффақ гардид. Қирғизистон, бо дарназардошти шароити хосси иҷтимоӣ ва сиёсӣ, кӯшиш менамояд, ки сиёсати зиддиэкстремистии худро бо арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон мутобиқ намояд.

Таҷрибаи Туркманистон дар самти муқовимат ба экстремизм

Туркманистон, бо дарназардошти сиёсати бетарафии доимӣ ва хусусиятҳои фарҳангиву сиёсии худ, низоми махсуси муқовимат ба экстремизмро ташаккул додааст, ки ба устувории сохтори давлатӣ, назорати шадиди амнияти дохилӣ ва идораи қатъии дин ва иттилоот асос ёфтааст. Гарчанде дар Туркманистон иттилооти оммавӣ дар бораи паёмадҳои экстремизм ва таҳдидҳои марбут ба он нисбатан кам мебошад, вале таҳлилҳо ва баррасии манбаъҳои расмӣ нишон медиҳанд, ки ин кишвар низ аз таҳдидҳои фаромиллӣ, аз ҷумла радикализатсия, дар канор нест.

Қонуни асосии танзими муқовимат ба экстремизм дар Туркманистон– Қонуни Туркманистон «Дар бораи муборизa бо терроризм ва экстремизм», бо қабули аввалин бор дар солҳои 2011 ва бо тағйироти минбаъда (бо тағйиру иловаҳо, солҳои 2014–2015 ва соли 2020), фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои дахлдорро ба таври муфассал танзим менамояд [1]. Дар доираи ин қонун тадбирҳои ҷиноӣ, маъмурӣ ва фаҳмондадиҳиро фаро гирифта, ба роҳ надодани паҳншавии ғояҳои ифротӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст.

Ҳукумати Туркманистон, дар баробари қабули қонунҳо, инчунин, “Стратегияи миллии Туркманистон оид ба пешгирии ифротгароии хушунатомез ва муқовимат ба терроризм барои солҳои 2020–2024”-ро таҳия ва татбиқ мекунад [8], ки дар он самтҳои асосии фаъолият, аз ҷумла, баланд бардоштани саводнокии шаҳрвандон, рушди низоми мониторинги фазои рақамӣ, таҳкими ҳамкориҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва татбиқи барномаҳои реинтегратсия пешбинӣ гардидаанд.

Ҳукумати Туркманистон сиёсати амнияти дохилии худро асосан, ба воситаи Вазорати амнияти миллӣ**,** Вазорати корҳои дохилӣ ва Хадамоти назорати дин ва расонаҳо амалӣ менамояд. Ин мақомот бо назорати шадид фаъолияти мазҳабӣ, расонаҳо ва равандҳои муҳоҷиратиро зери диққати доимӣ қарор дода, кӯшиш мекунанд, ки ҳама гуна эҳтимоли паҳншавии ақидаҳои ифротӣ ва зуҳури гурӯҳҳои шубҳанок пешгирӣ карда шавад.

Дар самти назорати динӣ, Туркманистон системаи марказонидашудаи идоракунии корҳои динӣ дорад**.** Раёсати корҳои дин дар назди Девони Вазирони Туркманистон ягона мақоми иҷозадиҳанда барои таъсис ва фаъолияти созмонҳои динӣ мебошад. Ин мақомот инчунин, назорати матнҳои мазҳабӣ, мавъизаҳо ва фаъолияти руҳониёнро ба уҳда дорад. Ҳар гуна маводи динӣ бояд пешакӣ тасдиқи мақомотро гирифта, танҳо пас аз санҷиш нашр шавад.

Дар робита ба сиёсати иҷтимоӣ ва маърифатӣ, Туркманистон ба таҳкими арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва идеологияи давлатии худ диққати ҷиддӣ медиҳад. Маъракаҳои иттилоотӣ бо истифода аз ВАО-и давлатӣ, мактабҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ ба роҳ монда шуда, ғояҳои ваҳдати миллӣ ва муқовимат ба таъсироти бегона таблиғ мешаванд.

Хусусияти фарқкунандаи таҷрибаи Туркманистон аз дигар кишварҳои минтақа**,** назорати баланд ва маҳдудияти озодии иттилоот ва дин мебошад. Гарчанде ин усул ба таври муваққатӣ паҳншавии ғояҳои ифротиро маҳдуд созад, вале дар дарозмуддат набудани муҳити муколама ва имкони иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, метавонад монеаи рушди стратегияи устувор ва ҳамгироёна гардад.

Бо вуҷуди ин, Туркманистон ҳамчунин, дар як қатор платформаҳои минтақавии зиддиэкстремистӣ, аз ҷумла дар доираи Созмони Милали Муттаҳид**,** Созмони Ҳамкории Исломӣ ва Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, иштирок дорад. Ҳамкориҳои техникиву иттилоотӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти мубодилаи таҷриба ва таҳкими иқтидорҳои миллӣ ба роҳ монда шудаанд.

Таҷрибаи Туркманистон дар муқовимат ба экстремизм, бо вуҷуди сиёсати назоратии он, нишон медиҳад, ки барои нигоҳ доштани суботи дохилӣ ва ҳифзи сохтори қонунӣ, давлат тадбирҳои омехтаи ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва идеологиро ба кор мебарад. Аммо барои таъмини устувории дарозмуддат ва пешгирии радикализатсияи пинҳонӣ, зарурати тақвияти корҳои маърифатӣ, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди муколамаҳои дохилии мазҳабӣ торафт бештар эҳсос мегардад.

Хулоса, таҳлили таҷрибаи миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат ба экстремизм нишон медиҳад, ки ҳар як давлат, вобаста ба муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии вижаи худ, шакли миллии хосро

ташаккул додааст. Бо вуҷуди фарқҳо дар равиш ва иқдомҳо, як қатор хусусиятҳои умумии минтақавӣ дар ин самт мушоҳида мегарданд аз ҷумла:

1. Тамоми кишварҳо ба зарурати таҳияи заминаи мукаммали ҳуқуқӣ барои танзими муқовимат ба экстремизм аҳаммияти ҷиддӣ дода, қонунгузории миллии худро дар робита ба ин таҳдид пайваста такмил медиҳанд. Қабули қонунҳои махсус, стратегияи миллии амният ва барномаҳои давлатӣ барои солҳои муайян, тасдиққунандаи онанд, ки таҳдиди экстремизм ҳамчун масъалаи дорои аҳамияти афзалиятнок шинохта шудааст.

2. Кишварҳо мекӯшанд, ки дар баробари тадбирҳои амниятӣ ва ҳуқуқӣ, усулҳои нармтари иҷтимоӣ ва маърифатиро низ истифода баранд. Барномаҳои тарбиявӣ барои ҷавонон, таълими динии таҳаммулгаро, ташкили шабакаҳои таблиғотӣ бо ҷалби уламо ва истифодаи ВАО дар муқовимати идеологӣ, ҷузъи муҳими сиёсати зиддиэкстремистии миллӣ маҳсуб меёбанд.

3. Кишварҳои минтақа бештар ба рушди механизмҳои барқарорсозии иҷтимоӣ рӯ овардаанд. Баргардонидани шаҳрвандон аз минтақаҳои муноқишавӣ, бахшидани онҳо бо шарти тавба ва пушаймонӣ, дастгирии иҷтимоиву равонӣ ва мусоидат ба мутобиқшавии онҳо бо муҳити ҷомеа, аз таҷрибаҳои пешрафта дар ин самт мебошанд. Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон намунаи фаъоли чунин таҷрибаро ба намоиш гузоштаанд.

4. Дар робита ба рушди технология ва киберфазо, мубориза бо ифротгароии рақамӣ ва назорати иттилооти ифротӣ дар интернет рӯз то рӯз муҳимтар мегардад. Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар ин самт иқдомҳои назаррас намуда, системаҳои мониторинг, таҳлили рақамӣ ва ҳамкорӣ бо пойгоҳҳои байналмилалиро ба роҳ мондаанд. Ин равандҳо бояд дар дигар кишварҳои минтақа низ вусъат дода шаванд.

5. Ҷанбаҳои байналмилалии таҳдиди экстремизм зарурати таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалиро талаб менамояд. Ширкат дар иттиҳодияҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, мубодилаи таҷриба, гузаронидани омӯзишҳои муштарак, таҳияи стратегияҳои ҳамоҳангшуда ва мубодилаи иттилоот дар сатҳи амниятӣ ҳама метавонанд самараи мубориза бо таҳдидҳои фаромиллии экстремистиро афзоиш диҳанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, чанд пешниҳоди муҳим ба миён меояд:

1. *Тақвияти ҳамоҳангсозии минтақавӣ*, аз ҷумла таъсиси пойгоҳҳои доимӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ барои мубодилаи иттилоот ва таҷриба дар самти муқовимат ба экстремизм.

2. *Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва динии аҳолӣ*, бахусус, миёни ҷавонон, тавассути таҳия ва ворид намудани барномаҳои вижа дар мактабҳо ва муассисаҳои олии таълимӣ.

3. *Дастгирии барномаҳои бозҳамгирої*, бо таъмини захираҳои молиявӣ ва равонии кофӣ барои мутобиқгардонии шаҳрвандони бозгашта аз муҳити ифротӣ.

4. *Татбиқи сиёсати муътадили иттилоотӣ*, ки бо роҳи ҳамкорӣ бо ВАО ва блогерҳо тавони паҳнсозии идеологияи таҳаммулпазириро афзоиш диҳад.

5. *Ташкили таҳқиқоти илмии доимӣ*, бо мақсади арзёбии натиҷаҳо ва самаранокии равишҳо ва мутобиқсозии сиёсатҳои зиддиэкстремистӣ бо тағйироти иҷтимоиву технологӣ.

Хулосаи ниҳої он аст, ки экстремизм, ҳамчун таҳдиди фарогир ва динамикӣ, танҳо бо истифодаи усулҳои ҳамаҷониба ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, маърифатӣ ва дипломатӣ, қобили идора ва коҳиш аст. Танҳо тавассути ҳамгироии сиёсати миллӣ бо равандҳои минтақавию байналмилалӣ ва бо истифодаи неруи ҷомеаи шаҳрвандӣ метавон ба як муҳити амну устувор ноил шуд.

АДАБИЁТ

1. Закон Туркменистана «О борьбе с терроризмом» от 15 августа 2003 года (с изменениями и дополнениями в 2011, 2014–2015, 2020 гг.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.mfa.gov. tm/ru/articles/317 – (дата обращения: 15.06.2025)

2. Ибрагимов М.Н. Правовое регулирование борьбы с экстремизмом в Узбекистане: национальный и международный аспекты. — Ташкент: Юридический университет, 2022.– 248 с.

3. История законодательства Таджикистана / под ред. А. М. Саидова. — Душанбе: Ирфон, 2022.– 412 с.

4. Максудова Э.Р. Новый закон Кыргызской Республики “О противодействии экстремистской деятельности”: задачи и перспективы реализации // *Журнал права и управления Центральной Азии*. – 2023. – № 3. – С. 15–25.

5. Максудова Э. Р. Национальная стратегия и программа КР по противодействию экстремизму и терроризму на 2023–2027 годы: ориентиры реализации // *Журнал права и управления Центральной Азии*. – 2024. – № 2. – С. 10–18.

6. Матчанов М.Р., Рузметов Ш.К., Раджабов О.А., Кодиров Ж.К. Роль “Камолота” и “Камалака” в молодежной политике Узбекистана // *Молодой ученый*. – 2017. – № 16 (150). – С. 383–385.

7. Назаров А.Г. Национальная безопасность и религиозные реформы в Узбекистане // *Журнал международной безопасности*. –2021. – № 1. – С. 45–58.

8. Национальная стратегия Республики Туркменистан по предотвращению насильственного экстремизма и противодействию терроризму на 2020–2024 годы [Электронный ресурс]. – Принята: Распоряжением

Президента от 6 декабря 2019 г. – Режим доступа: https://turkmenistan.gov.tm/ru/post/34897/utverzhdena-natsionalnaya-strategiya-na-2020-2024-gody-po-predotvrascheniyu-nasilstvennogo-ekstremizma-i-protivodeistviyu-terrorizmu – (дата обращения: 15.06.2025)

9. Омар Дэвид. Экстремизм и государственные институты: национальные стратегии и международный опыт // Журнал международных исследований. – 2022. – № 3. – С. 87–102.

10.Орынбек А., Калдыбек Б., Тыныбекова М. Особенности правового регулирования религиозного экстремизма в Казахстане // Post-Soviet Research. – 2021. – Vol. 4, №. 5. – С. 388–399.

11.Рахимова Д.Р. Реабилитация женщин и детей-репатриантов из конфликтных зон: узбекский опыт // Журнал права и общества Центральной Азии. – 2022.– № 1.– С. 50–59.

12.Рахимова Ф. З. Реабилитация и социальная реинтеграция лиц с экстремистским прошлым в Таджикистане // Журнал востоковедения и политологии. –2024. –№ 1.– С. 78–86.

13.Рахимова Д.Р. Программы реабилитации и реинтеграции узбекистанских граждан из зон конфликтов // Журнал права и общества Центральной Азии. – 2024. – № 1. – С. 50–59.

14.Саидов А.М. Государственное управление в сфере безопасности: от концепции к практике. –Душанбе: Ирфон, 2023. – 368 с.

15.Центр Н.Назарбаева по развитию межконфессионального и межцивилизационного диалога при Президенте Республики Казахстан: институциональная модель формирования общественного согласия // Государственная этнополитика и религиозное управление в Центральной Азии / под ред. А. Б. Юсупова. – Алматы: Назарбаев Ун-т, 2021. – С. 142–156.

16.Government of Kazakhstan. Противодействие международному терроризму и экстремизму [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.gov.kz/memleket/entities/mfa/press/article/details/ 96305?lang=ru – (дата обращения 15.06.2025)

НАЦИОНАЛЬНЫЙ ОПЫТ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ПО БОРЬБЕ С ЭКСТРЕМИЗМОМ

АСЛАМШОЗОДА ФОТИМА АСЛАМШО,
к.и.н., с/т кафедры международных отношений
Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел. (+992) 915-19-18-60; e-mail: fotima.gairatova.84@mail.ru;

АШУРОВ УМЕДДЖОН БАХРИДИНОВИЧ,
докторант (Phd) второго курса по специальности
“Международные отношения” кафедры дипломатии и внешней
политики Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел: (+ 992) 900 01 92 95, e-mail: umedjonalizoda96@gmail.com

Данная статья посвящена анализу национального опыта стран Центральной Азии в области противодействия экстремизму, исследованы процессы, связанные с угрозами экстремизма и мерами противодействия ему в Казахстане, Узбекистане, Таджикистане, Кыргызстане и Туркменистане. Посредством сравнительного анализа государственной политики и практических мер, авторы подробно объясняют основные аспекты законодательного регулирования, структурные механизмы и превентивные подходы, применяемые для ограничения экстремистской деятельности.

Особое внимание уделяется разработке и реализации комплексных национальных стратегий, в которых правовые нормы, разъяснительная работа, реабилитация и социальная адаптация лиц, ранее вовлеченных в экстремистские группы, занимают центральное место. В этом контексте анализируются важнейшие элементы антиэкстремистской политики стран, в том числе социально-профилактический подход, образовательное воспитание, взаимодействие с гражданским обществом и реализация механизмов информационной безопасности.

Каждая страна региона разрабатывает свои национальные подходы на основе специфических исторических, культурных, религиозных и политических особенностей и использует различные средства сопротивления. Эти процессы варьируются от совершенствования законодательства и государственного контроля до создания информационных центров, образовательной деятельности и программ социальной адаптации. Различные формы дополняются совместным опытом стран региона в рамках международных инициатив, включая сотрудничество с Шанхайской организацией сотрудничества (ШОС), Организацией Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) и Организацией Объединенных Наций (ООН).

Кроме того, особое место занимает использование современных информационных и цифровых технологий для контроля и анализа рисков экстремизма, усиления мониторинга в киберпространстве и работы с социальными сетями. Опыт стран в области анализа угроз, изучения факторов и процессов экстремизма и путей репатриации граждан из зон конфликтов также подробно рассматривается в статье.

Наконец, в статье излагается стратегическое видение дальнейшего развития, подчеркивается необходимость повышения эффективности

законодательной базы, расширения программ социальной интеграции, укрепления межрегионального сотрудничества и развития межрелигиозного диалога как основного фактора стабилизации национальной безопасности и региональной стабильности.

Ключевые слова: *Центральная Азия, экстремизм, сопротивление экстремизму, законодательство, предотвращение экстремизма, восстановление, международное сотрудничество, кибербезопасность, социальная адаптация, терроризм, радикализация, межрелигиозный диалог, ШОС, ОДКБ, национальная безопасность.*

THE NATIONAL EXPERIENCE OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES IN COMBATING EXTREMISM

ASLAMSHOZODA FOTIMA ASLAMSHO,
Candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer of the Department of International Relations of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 915-19-18-60; e-mail: fotima.gairatova.84@mail.ru

ASHUROV UMEDJON BAHRIDINOVICH,
is the second - year doctoral student (PhD) at the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 900-01-92-95; e-mail. umedjonalizoda96@gmail.com

This article analyzes the national experience of Central Asian countries in combating extremism, examines the processes associated with the threats of extremism and measures to combating it in Kazakhstan, Uzbekistan, Tajikistan, Kyrgyzstan and Turkmenistan. Through a comparative analysis of government policy and practical measures, the authors explain in detail the main aspects of legislative regulation, structural mechanisms and preventive approaches used to limit extremist activity.

Special attention is paid to the development and implementation of comprehensive national strategies in which legal norms, awareness-raising, rehabilitation and social adaptation of persons previously involved in extremist groups occupy a central place. In this context, the most important elements of the countries' anti-extremist policies are analyzed, including a social and preventive approach, educational education, interaction with civil society and the implementation of information security mechanisms.

Each country in the region develops its own national approaches based on specific historical, cultural, religious and political characteristics and uses various means of resistance. These processes range from the improvement of legislation and

state control to the creation of information centers, educational activities and social adaptation programs. Various forms are complemented by the joint experience of the countries of the region within the framework of international initiatives, including cooperation with the Shanghai Cooperation Organization (SCO) and the Collective Security Treaty Organization (CSTO) and the United Nations (UN).

In addition, a special place is occupied by the use of modern information and digital technologies to control and analyze the risks of extremism, strengthen monitoring in cyberspace and work with social networks. The experience of countries in the field of threat analysis, studying the factors and processes of extremism and ways to repatriate citizens from conflict zones is also discussed in detail in the article.

Finally, the article outlines a strategic vision for further development, underscores the need to improve the effectiveness of the legislative framework, expand social integration programs, strengthen interregional cooperation and develop interreligious dialogue as the main factor in stabilizing national security and regional stability.

Keywords: *Central Asia, extremism, resistance to extremism, legislation, prevention of extremism, restoration, international cooperation, cybersecurity, social adaptation, terrorism, radicalization, interreligious dialogue, SCO, CSTO, national security.*

УДК: 551.583+551.324+327(575.3)+929

ТОҶИКИСТОН РЎЗНОМАИ ҶАҲОНИРО ДОИР БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ТАШАККУЛ МЕДИҲАД

РУХСОРА РАСУЛЗОДА,
номзади илмҳои сиёсӣ, омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ
ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир 33;
тел: (+992) 98-875-00-25; e-mail: rukhsoraniyozi@gmail.com

Мақолаи мазкур ба таҳлили мушкилоти глобалии тағйирёбии иқлим, бахусус раванди обшавии босуръати пиряхҳо ва таъсири он ба муҳити зист, захираҳои об, иқтисоди миллӣ ва амнияти озуқаворӣ бахшида шудааст. Дар он саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо оқибатҳои тағйирёбии иқлим баръало нишон дода шуда, ташаббусҳои муҳимми байналмилалии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро доир ба эълони "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" (2025) ва "Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо" (21 март) аз ҷониби СММ мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Дар мақола, инчунин, таъсири тағйирёбии иқлим ба минтақаи Осиёи Марказӣ бо истифода аз маълумоти созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Иттиҳоди Аврупо ва ЮНЕСКО, инъикос ёфтааст. Инчунин, ба зарурати таҳкими ҳамкории илмӣ, таъсиси марказҳои минтақавии яхшиносӣ ва гузариши тадриҷӣ ба энергетикаи "сабз", ҳамчун воситаи муқовимат ба ин таҳдидҳои глобалӣ, ишора гардидааст. Мақола бо далелҳои муътамад ва бо такя ба санадҳои байналмилалӣ, масоили муҳимми илмӣ ва сиёсиро дар заминаи тағйирёбии иқлим мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: *Тағйирёбии иқлим, обшавии пиряхҳо, иқлими глобалӣ, пиряхҳои Тоҷикистон, ташаббусҳои байналмилалӣ, иқлими устувор, амнияти обӣ, энергетикаи "сабз", ҳамкории илмӣ, "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо", "Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо", криосфера, иқтидори гидроэнергетикӣ, экосистемаҳои кӯҳӣ, рушди устувор.*

Тағйирёбии иқлим яке аз таҳдидҳои ҷиддии башарият дар асри XXI мебошад. Баландшавии ҳарорати ҳаво, норасоии оби ошомиданӣ, обшавии босуръати пиряхҳо ва афзоиши офатҳои табиӣ аллакай ба ҳаёти миллионҳо одамон таъсири манфӣ расонида истодааст. Тибқи арзёбии мутахассисон, сабабҳои асосии тағйирёбии иқлим на равандҳои табиӣ, балки фаъолияти инсон, аз ҷумла, партовҳои газҳои гулхонавӣ ва моддаҳои зарарноки соҳаи саноати вазнин, нобудшавии ҷангалу вайрон шудани экосистема ва сӯзишвории ихроҷшудаи нақлиёт мебошанд.

Дар пасманзари пайомадҳои тағйирёбии иқлим ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар ҷараёни истифодаи захираҳои табиӣ ва фаъолияти бемайлони соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон, аз ибтикорҳои дастаҷамъона кор бигирад [3]. Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш дар маросими ифтитоҳи "COP-27" дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Миср (7 ноябри соли 2023) аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим сухан гуфта, таъкид намуд: *"Сайёраи мо босуръат ба нуқтае наздик мешавад, ки бесарусомонии иқлимро бебозгашт мегардонад. Мо дар шоҳроҳи ҷаҳаннами иқлим ҳастем"* [10].

Тоҷикистон, бо вуҷуди саҳми ночизи худ дар партовҳои газҳои гулхонавӣ, дар мубориза бо тағирёбии иқлим ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ фаъолона иштирок мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои муҳимтарини вобаста ба ояндаи инсоният муносибати дурбинона ва ҷиддӣ дошта, аз минбарҳои баланди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ диққати ҷомеаи ҷаҳониро доир ба масъалаҳои глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, ҷалб мекунанд.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-ро "Соли байналмилалии оби тоза", солҳои 2005–2015-ро "Даҳсолаи байналмилалии амалиёт "Об барои ҳаёт", соли 2013-ро "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об", солҳои 2018–2028-ро "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" ва соли 2025-ро "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" эълон кард. Ҳамчунин, тибқи Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ аз соли 2025 минбаъд ҳар сол 21 март ҳамчун "Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо" таҷлил карда мешавад [2, 5].

Ба ҳамагон маълум аст, ки тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряхҳо ва коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо дар манотиқи гуногуни ҷаҳон гардида истодааст. Пиряхҳо барои танзими иқлими ҷаҳонӣ, ҳамчун ҷузъи муҳимми давраи гидрологӣ ва таъмини миллиардҳо одамон бо оби тоза, аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Бинобар тағирёбии иқлим, ки асосан, бо фаъолияти инсон аз солҳои 1800-ум ба вуҷуд омадааст, ин захираҳои ҳаётан муҳим босуръат аз байн рафта истодааст [9]. Обшавии босуръати ҳозира ва камшавии пиряхҳо ба иқлим, муҳити зист, нигоҳдории некуаҳволӣ ва саломатии одамон ва рушди устувор, аз ҷумла, ба бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, саноат ва кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. То имрӯз аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, ки сарчашмаи асосии оби ошомиданӣ дар минтақа мебошад, зиёда аз як ҳазораш пурра об шуда, суръати обшавии онҳо рӯ ба афзоиш аст. Ин дар ҳолест, ки боришот ва пиряхҳои Тоҷикистон то 60 дарсади манбаи ташаккулёбии захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳанд [3].

Таъсири обшавиии пиряхҳо дар гузоришҳои махсуси "Global Warming of 1.5 °C" («Гармшавии ҷаҳонӣ 1,5°C ») ва "The Ocean and Cryosphere in a Changing

Climate" («Уқёнус ва криосфера дар заминаи тағирёбии иқлим»), ки аз тарафи Гурӯҳи байниҳукуматӣ доир ба тағирёбии иқлим омода гардидааст, қайд шудааст [8].

Мавриди зикр аст, ки Президенти Комиссияи Иттиҳоди Аврупо Урсула фон дер Ляйен дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи Ҳамоиши сатҳи баланди «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ» дар шаҳри Самарқанд вобаста ба тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо ибрози назар намуда, аз ҷумла зикр кард, ки "Ҳам Осиёи Марказӣ ва ҳам Аврупо, назар ба тамоми ҷаҳон ду баробар тезтар гарм мешаванд. Ва ҳар ду минтақа ин таъсирро эҳсос мекунанд. Дар ин минтақаи зебо, ки байни кӯҳҳои яхбаста ва биёбонҳои сӯзон тул кашидааст, таҳдиди тағирёбии иқлим вуҷуд дорад. Сол то сол баланд шудани хатти барф дар кӯҳҳо, об шудани пиряхҳо ва кам шудани обҳои зеризаминӣ ба мушоҳида мерасад. Таъмини об дар минтақа то чоряки он ҳаҷме, ки ҳамагӣ панҷоҳ сол пеш буд, кам шудааст. Ин воқеияти сахти тағйирёбии иқлим аст" [7].

Бо дарназардошти ин ҳолат, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки ба масъалаи обшавии босуръати пиряхҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси нави ҷаҳониро таҳти унвони "2025–Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" пешниҳод намуд, ки соли 2022 аз тарафи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо Қатъномаи A/77/443 қабул шуд. Ҳамчунин, тибқи қатъномаи мазкур 21 март ҳамасола ҳамчун "Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо" муқаррар гардид [6].

Созмони Милали Муттаҳид соли 2025-ро ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" эълон намуд, ки ба пиряхҳо аҳаммияти махсус зоҳир гардад ва зиндагии нафароне, ки аз он вобастагӣ дорад ва равандҳои криосферӣ ба онҳо таъсир мерасонад, кафолати дастрасӣ ба хизматрасонии гидрологӣ, метеорологиву иқлимиро пайдо кунанд. Дар ин замина, нақши муҳимми минтақаҳои кӯҳиро ҳамчун манбаи асосии оби тоза ва экосистемаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерреш дар барқияи худ ба Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдории худро барои саъю кӯшиш дар ин ҷодаи муҳим баён намуда, қайд кард: "Ин тасдиқи муҳимми эътимоди кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ба кишвари Шумо ҳамчун пешбарандаи мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар саросари ҷаҳон ва ҳомии нишон додани равобит миёни оби тоза, кӯҳҳо ва тағйирёбии иқлим, дар роҳи татбиқи ҳадафҳои баҳампайвасти "Рӯзномаи Рушди Устувор–2030" мебошад" [5].

Дар заминаи ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон доир ба эълони "Соли ҳифзи пиряхҳо", дар назди Созмони Милали Муттаҳид Бунёди эътимоди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" таъсис дода шуд. Кишвари мо, ҳамчун муаллифи

Қатънома, ҳиссаи худро дар Бунёди мазкур гузошт ва аз ҳамаи шарикон низ даъват ба амал оварда, ки аз ин иқдом пайравӣ кунанд [4].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 3 сентябри соли 2009 дар Конфронси сеюми ҷаҳонӣ бахшида ба проблемаи иқлим дар шаҳри Женева дар бораи аҳаммияти муҳимми иҷтимоиву иқтисодии захираҳои об, нигоҳ доштани пиряхҳо ва захираҳои барф дар минтақа, анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ, ташкили назорат аз болои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо таъкид намуда, таъсиси Бунёди эътимоди байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро зарур донистанд [1, 66].

Рӯзҳои 29–31 майи соли 2025 кишвари мо дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ва Созмони Ҷаҳонии Метеорологӣ мизбони нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо гардид. Ҳамоиши мазкур идомаи ташаббусҳои созандаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ доир ба пешбурди мавзуъҳои обу иқлим буда, дар он шумораи зиёди роҳбарону намояндагони давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва коршиносон масъалаҳои вобаста ба арзёбии мушкилоти глобалии пиряхҳо ва дарёфти роҳҳои мушаххаси ҳалли онҳоро баррасӣ карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронс қайд намуданд, ки *“ҳифзи пиряхҳо танҳо мушкилоти кишварҳои дорои пиряхҳо нест, балки як буҳрони глобалии қобили таваҷҷуҳи фаврии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад”* [12].

Дар доираи баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо ду ҷаласаи умумӣ, 12 нишасти мавзуӣ, 2 мизи гирди сатҳи баланд, инчунин, чорабиниҳои пешазконфронсӣ, аз ҷумла, 8 форуми сатҳи баланд ва 17 чорабинии ҳошиявӣ баргузор гардид [13].

Натиҷаҳои муҳимми Конфронс қабул гардидани “Эъломияи Душанбе” ва “Даъвати Душанбе: даъват барои амал” (Dushanbe Appeal: Call for Actions) мебошад, ки давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ва ҷонибҳои манфиатдорро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии рӯзномаи ҷаҳонӣ доир ба ҳифзи криосфера ва пиряхҳо даъват менамояд [13].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, дар идомаи пешбурди рӯзномаи ҳифзи пиряхҳо, дар ҳамдастӣ бо Фаронса доир ба эълони солҳои 2025–2034 ҳамчун “Даҳсолаи амал барои дастгирии илмҳои яхшиносӣ” (криосферӣ) пешниҳод манзур намуд, ки тавассути Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милал 13 августи соли 2025 ҷонибдорӣ ёфт [12].

Санаи 8 июни соли 2025 дар шаҳри Нитсаи Ҷумҳурии Фаронса дар доираи Конфронси сеюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба уқёнус (UNOC-3) оғози “Даҳсолаи байналмилалии амал оид ба илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ), солҳои 2025–2034” баргузор гардид [12]. Чорабинии сатҳи олиро Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ намуда, сипас Мудири кулли ЮНЕСКО Одри Азуле ва Президенти Ҷумҳурии Фаронса муҳтарам Эммануэл Макрон суханронӣ намуданд [12].

Даъват гардидани Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабиниҳои иқлимӣ, аз ҷумла Конфронси сеюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба уқёнус, нақши пешвоии Тоҷикистонро дар умури ҷаҳонии обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо ва ғамхории ӯро аз сарнавишти башарият ва тамоми сайёра махсус нишон медиҳад.

Сарфи назар аз он, ки Тоҷикистон ба баҳр дастрасӣ надорад, кишвари мо ҳалли мушкилоти ҷаҳонии экологӣ, бахусус, дар соҳаи тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва идоракунии устувори об фаъолона иштирок мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсан аз минбарҳои байналмилалӣ ин масъалаҳоро ба миён мегузоранд ва бо ин тасдиқ мекунанд, ки масъалаҳои экологӣ талошҳои дастҷамъона ва ҳамбастагии ҷаҳониро талаб мекунанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти хоссаи масъалаҳои зикршуда ва ба мақсади омӯзиши дақиқи таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои минтақа, Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки бо сарпарастии Созмони Ҷаҳонии Метеорологӣ ва дар ҳамкорӣ бо дигар шарикони рушд, дар шаҳри Душанбе Маркази ҳамоҳангсозии минтақавӣ оид ба яхшиносӣ таъсис дода шавад [4].

Бояд қайд қайд, ки зиёда аз 2 миллиард сокинони сайёраи Замин барои оби тоза, аз ҷумла барои таъмини амнияти озуқаворӣ, воситаҳои зиндагӣ, эҳтиёҷоти фарҳангӣ ва маишии худ аз манбаъҳои оби пиряхҳо ва барфҳо истифода мебаранд. Обшавии доимии пиряхҳо ба болоравии сатҳи ҷаҳонии баҳр сабаб гардидааст, ки имрӯз сатҳи баҳр нисбат ба соли 1900 тақрибан 20 сантиметр баланд гардида, ба аҳолии сокини соҳилҳо хатар эҷод мекунад. Ин раванд ба иқтисоди ҷаҳонӣ, аз ҷумла ба бахшҳои кишоварзӣ, гидроэнергетика, сайёҳӣ, тиҷорат ва нақлиёт таъсири манфӣ мерасонад. Ҳифзи пиряхҳо барои устувории экологӣ, суботи иқтисодӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ ва воситаҳои зиндагӣ муҳим аст [9]. Ҳангоми кам ва ё нобуд шудани пиряхҳо экосистемаҳои ҳассосу беназир ва гуногунии муҳими биологӣ, ки ҳаётро дар сайёра нигоҳ медоранд, нест мешаванд.

Пиряхҳо на танҳо ба муҳити зист таъсири мусбат мерасонад, балки барои омӯзиши таърихи сайёра, ҳамчун сарчашмаи боэътимоди илмӣ, истифода мегардад, ки дар қабатҳои он муҳити гузаштаи замин сабт шудааст. Аз ин рӯ, об шудани пиряхҳо боиси аз байн рафтани бойгониҳои нодир мегардад. Сабти таърихи пиряхҳо бояд ҳамчун мероси илмӣ барои наслҳои оянда ҳифз карда шавад.

Ҳамкории ҷаҳонӣ калиди мубориза бо тағйирёбии иқлим, аз ҷумла ҳифзи пиряхҳо, мебошад. Солҳои охир аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти мубориза ба муқобили тағйирёбии иқлим бисёр тадбирҳои мушаххас андешида шуда,

кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои абарқудрат, ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз қабили гирдроэнергетика, офтобу шамол сармоягузорӣ мекунанд ва вобастагии худро аз сӯзишвории истихроҷшаванда коҳиш медиҳанд.

Ҳоло мавзуи тағйирёбии иқлим дар сиёсати ҷаҳонӣ таъсири бештар мерасонад. Давлатҳо дар якҷоягӣ рӯзномаи ҷаҳонии иқлимро таҳия намуда, майдон ва қолабҳои нав барои гуфтушунидҳои сиёсӣ ба мисли Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP) пайдо шуданд. Гузариш ба неруи «сабз» тавозуни қувваҳоро дар бахши энергетикаи ҷаҳонӣ тағйир медиҳад. Аҳаммияти кишварҳое, ки барқро бо истифода аз технологияҳои барқароршаванда истеҳсол мекунанд, меафзояд. Мусобиқаи барои ба даст овардани технологияҳои нав оғоз гардид ва ҳар касе, ки зудтар ба иқтисоди "сабз" мегузарад, бартарии рақобатӣ ба даст меоварад.

Дар ин роҳ, Тоҷикистон ҷонибдори тавсеаи технологияҳои "сабз" мебошад ва дар доираи "Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" то соли 2037" азм дорад, ки истеҳсоли неруи барқро пурра аз ҳисоби манбаъҳои таҷдидшаванда ба роҳ монад. Дар ин замина, афзоиши тавлиди энергияи "сабз" яке аз роҳҳои асосии табдил додани Тоҷикистон ба кишвари "сабз" мебошад.

Президенти Комиссияи Иттиҳоди Аврупо Урсула фон дер Ляйен зимни суханронӣ дар Форуми сатҳи баланд таҳти унвони «Осиёи Марказӣ пешорӯйи мушкилоти ҷаҳонии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ» аз НБО-и «Роғун" ёдовар шуда, таъкид намуд, ки «онҳо барои тамоми сайёраи мо ҷиҳати ҳифзи иқлим ва табиати он судовар хоҳанд буд» [11].

Пиряхҳо, ки на танҳо манбаи оби тоза, балки муҳимтарин нишондиҳандаҳои иқлимӣ мебошанд ва дар зери таъсири гармшавии ҷаҳон зуд об мешаванд. Нопадид шудани онҳо ба норасоии об, болоравии сатҳи баҳр ва харобшавии экосистема таҳдид мекунад.

Эълони соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" ба ҷомеаи ҷаҳонӣ як ишораи муҳим мебошад, ки ҳоло амал кардан лозим аст. Танҳо тавассути муттаҳид кардани неруҳои ҳукуматҳо ва ҷомеаи илмӣ метавонанд суръати тағйирёбии иқлимро кам кунанд ва пиряхҳоро ҳамчун рамзи устувории табиӣ ва аҳаммияти ҳаётан муҳими об барои наслҳои оянда нигоҳ доранд. Баррасии ин мушкилот на танҳо дар сатҳи олимону сиёсатмадорон, балки дар байни шаҳрвандони оддӣ низ муҳим аст, зеро ояндаи сайёраи Замин аз тасмими бошууронаи ҳар як инсон вобаста аст.

АДАБИЁТ

1. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. / Эмомалӣ Раҳмон. – Ҷилди даҳум. – Душанбе: Ифрон, 2011. – 576 с.

2. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли ташаббусҳои ҷаҳонӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022). / А. Шарифзода, С. Айниддин. – Китоби 22. – Душанбе: Дониш, 2023. – 334 с.

3. Рӯзномаи “Ҷумҳурият”. – 2024. – 25 сентябр. – №185.

4. Рӯзномаи “Ҷумҳурият”. – 2024. – 13 ноябр. – №226.

5. Рӯзномаи “Садои мардум”. – 2022. – 23 декабр. – №158.

6. Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид № A/77/443 (ба забони русӣ) [Манбаи электронӣ] // United Nations Digital Library System. URL: https://digitallibrary.un.org/record/3997164/files/A_77_443-RU.pdf

7. Суханронии Президенти Комиссияи Иттиҳоди Аврупо Урсула фон дер Ляйен дар маросими кушодашавии форуми иқлими Самарканд (ба забони англисӣ) [Манбаи электронӣ] // Сомонаи Комиссияи Иттиҳоди Аврупо. URL: https://ec.europa.eu/commission/presscorner/detail/en/speech_25_978

8. Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид № A/77/443 (ба забони русӣ) [Манобеи электронӣ] // United Nations Digital Library System. URL: https://digitallibrary.un.org/record/3997164/files/A_77_443-RU.pdf

9. Сомонаи “202–соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” (ба забони англисӣ) [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.un-glaciers.org

10. Суханронии Дабири кулли СММ дар маросими ифтитоҳи COP27 (ба забони англисӣ) [Манбаи электронӣ] // Сомонаи Созмони Милали Муттаҳид. URL: https://www.un.org/sg/en/content/sg/speeches/2022-11-07/secretary-generals-remarks-high-level-opening-of-cop27

11.Президенти Комиссияи Иттиҳоди Аврупо Урсула фон дер Ляйен аз иқтидори бузурги НБО-и «Роғун»-и Тоҷикистон ёдовар шуд [Манбаи электронӣ] // Агентии миллии иттилоотии “Ховар”. URL: https://khovar.tj /2025/04/prezidenti-komissiyai-itti-odi-avrupo-ursula-fon-der-lyajen-az-i-tidori-buzurgi-nerugo-i-azimi-bar-i-obii-ro-un-i-to-ikiston-yodovar-shud

12.Рӯзномаи “Ҷумҳурият”. – 2025. – 9 июн. – №113.

13.Қоҳир Расулзода Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳоро натиҷагирӣ намуд [Манбаи электронӣ] // АМИТ “Ховар”. URL: https://khovar.tj/2025/05/o-ir-rasulzoda-konfronsi-bajnalmilalii-sat-i-baland-oid-ba-ifzi-piryah-oro-nati-agir-namud

ТАДЖИКИСТАН ФОРМИРУЕТ ГЛОБАЛЬНУЮ ПОВЕСТКУ ДНЯ ПО ЗАЩИТЕ ЛЕДНИКОВ

РУХСОРА РАСУЛЗОДА,
кандидат политических наук, преподователь кафедры политики
и связей с общественностью Академии государственного
управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, город Душанбе, ул. Саида Носира 33;
тел: (+992) 918-55-00-25; e-mail: sulton_niyozov@mail.ru

Данная статья посвящена анализу глобальных проблем изменения климата, в частности процесса стремительного таяния ледников и его

влияния на окружающую среду, водные ресурсы, национальную экономику и продовольственную безопасность. В ней освещается вклад Республики Таджикистан в борьбу с последствиями изменения климата и анализируются важные международные инициативы Лидера нации Эмомали Рахмона по объявлению Международного года сохранения ледников (2025) и Всемирного дня ледников (21 марта). В статье также отражено влияние изменения климата на регион Центральной Азии с использованием данных международных организаций, включая ООН, Европейский союз и ЮНЕСКО. В статье также указывается необходимость укрепления научного сотрудничества, создания региональных центров гляциологии и постепенного перехода на зеленую энергетику как средство противодействия этим глобальным угрозам. В статье рассматриваются важные научные и политические вопросы в контексте изменения климата с достоверными аргументами и ссылками на международные документы.

Ключевые слова: *Изменение климата; таяние ледников; глобальный климат; ледники Таджикистана; международные инициативы; устойчивый климат; водная безопасность; зеленая энергетика; научное сотрудничество; Международный год сохранения ледников; Всемирный день ледников; криосфера; гидроэнергетический потенциал; горные экосистемы; устойчивое развитие.*

TAJIKISTAN FORMS GLOBAL AGENDA FOR GLACIER CONSERVATION

RUKHSORA RASULZODA,
candidate of political sciences, lecturer of the Department of politics and public relations of the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str., 33;
tel.: (+992) 918-55-00-25; e-mail: sulton_niyozov@mail.ru

This article analyzes the global problems of climate change, in particular the process of rapid melting of glaciers and its impact on the environment, water resources, national economy, and food security. It highlights the contribution of the Republic of Tajikistan to the fight against the consequences of climate change and analyzes the important international initiatives of the Leader of the nation his Excellency Emomali Rahmon to declare the International Year of Glacier Preservation (2025) and World Glaciers Day (March 21). The article also reflects the impact of climate change on the Central Asian region using data from international organizations, including the UN, the European Union and UNESCO. The article also points out the need to strengthen scientific cooperation, create regional glaciology

centers and gradually transition to green energy as a means of countering these global threats. The article reviews important scientific and political issues in the context of climate change with credible arguments and references to international documents.

Keywords: *Climate change, melting glaciers, global climate, glaciers of Tajikistan, international initiatives, sustainable climate, water security, "green" energy, scientific cooperation, "International Year of Glaciers' Preservation", "World Glaciers Day", cryosphere; hydropower potential; mountain ecosystems; sustainable development.*

УДК: 327(73:5-191.2)

ОМИЛҲОИ МОНЕААФКАН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИМА НИСБАТ БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

ТАЛБАКОВ САИДАҲТАМ ИСРОИЛОВИЧ,
докторанти PhD-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 987-97-59-46; e-mail: talbakov.2018@mail.ru

Вазъи муосири муносибатҳои байналмилалӣ тақозо менамояд, ки кишварҳо аз инзивои (изолатсияи) геополитикӣ раҳо шаванд. Дар ин шароити нави геополитикӣ Осиёи Марказӣ бори дигар нақше, ки минтақа дар замони Роҳи Бузурги Абрешим бозида буд, дубора ба худ бармегардонад ва ҳамчун пули пайвасткунандаи Шарқу Ғарб, Шимол ва Ҷануб, чорсӯйи манфиатҳои гуногуни иқтисодӣ хизмат мекунад.

Аз ин бармеояд, ки ҷаҳони муосир бо суръат тағйир меёбад ва дар ҳамаи ин равандҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба қудратҳои бузург ва ҷойгоҳи онҳо дар зернизомҳои алоҳидаи муносибатҳои байналмилалӣ равона мегардад, ки бешубҳа, ба равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъсиргузор мебошанд. Вобаста ба ин, дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрам ва дурнамои ҷойгоҳи ИМА дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: *воқеияти геополитикӣ, равандҳои минтақавӣ, омилҳои монеаафкан, ҷойгоҳи стратегӣ, манфиатҳо, чолишҳо, масоили демократӣ, мизони эътимод, консепсияи идеологӣ, ИМА, Осиёи Марказӣ,*

Дар шароити кунунӣ, Осиёи Марказӣ ба як минтақаи ҷалби қудратҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои пешрафта табдил ёфтааст. Имрӯз кишварҳои минтақа дар чаҳорчӯби беш аз 10 формати «5+1» бо қариб 40 кишвар ва ду созмони минтақавӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Дар робита ба иқтидор ва имконоти ҳамкориҳо, бояд гуфт, ки давлатҳои ин фазои иқтисодӣ 75 дарсади ММД-и ҷаҳонро ташкил медиҳанд ва дар онҳо ҳудуди 4 миллиард аҳолии ҷаҳон зиндагӣ мекунанд. Инчунин, эътироф накардан ғайриимкон аст, ки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ субъективияти худро тақвият бахшида, ба бозигари мустақил дар арсаи ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд [2].Аз ин рӯ, дар шароити кунунӣ пайдо намудани ҷойгоҳи геополитикӣ дар минтақа барои тамоми қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ душвор гардидааст.

Дар давоми се даҳсолаи сипаригардида, бо дарназардошти хусусиятҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сиёсати минтақавии ШМА, таҳаввулоти зиёд ба вуқуъ пайваста, дар сиёсати хориҷии кишварҳо низ ислоҳоти бешумор ба мушоҳида мерасад, ки ба таҳкими ҷойгоҳи Вашингтон дар сиёсати хориҷии

кишварҳо мусоидат намудааст. Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз дар рӯзномаи минтақавӣ масъалаҳое ҷой доранд, ки ба сиёсати ИМА дар ин самт монеа эҷод мекунанд.

Чунончи, барои ИМА гузинаи ҳамоҳанг намудани сиёсати худ бо дигар қудратҳо дар минтақа ғайриқобили қабул мебошад, зеро он метавонад монеи тарҳҳои ғарбӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҷилавгирӣ аз ҳузури НАТО дар ин минтақа шавад. Албатта, ин вазъ ба мардуми минтақа нафъе нахоҳад дод ва бешубҳа, ҳеҷ як мамлакат дар рақобати (конфронтатсияи) ҳозира ғалаба карда наметавонад. Масалан, мусобиқаи кишварҳои ғарбӣ барои дарёфти алтернатива ба гази Русия боиси он шуд, ки Ховари Миёна ба майдони нави низоъ табдил ёбад. Ҳамин тавр, шиддат гирифтани рақобатҳо дар Осиёи Марказӣ низ истисно нест. Яъне бе муколамаи ошкоро ва шаффоф дар миёни Шарқ ва Ғарб таъминин субот ва амнияти минтақа ғайриимкон мегардад.

Ҳамин тавр, яке аз мушкилоте, ки сиёсати хориҷии ИМА-ро дар Осиёи Марказӣ ноустувор мегардонад, ба омилҳои динӣ, ҳамчун натиҷаи таъсири манфии сиёсатҳои Ғарб, яъне демократияи аз ҳад зиёд алоқаманд мебошад.

Дар шароити ташаккулёбии низоми нави бисёрқутбӣ, ки дар он бартарияти ИМА ногузир дониста намешавад, кишварҳое чун Чин, Русия, Эрон ва ғайра, модели ғарбии тартиботи ҷаҳониро қабул надоранд ва дар пайи эҷоди марказҳои алтернативии қудрат бар пояи арзишҳои фарҳангӣ ва тамаддунӣ ҳастанд. Минбаъд, ИМА ҳамчун як бозигари калидӣ боқӣ мемонад, аммо бартарияти он торафт ба чолишҳо дучор мешавад, ки ба як тартиботи бештар пароканда ва рақобатпазири ҷаҳонӣ оварда мерасонад.

Баргузории "ҳамоишҳо"-и гуногун доир ба чолишҳои демократия ва натиҷаҳои онҳо нишон медиҳад, ки демократияро набояд аз берун таҳмил кард. Худи мардум бояд қонунияти раванди сиёсии худро муайян намоянд. Меъёрҳои миллӣ ва эътимоди дарозмуддат ба ниҳодҳои давлатӣ муҳим мебошанд. Суботи сиёсӣ ва манфиатҳои миллӣ бояд ҳамеша дар мадди назар қарор дошта бошанд.

Ҳамасола гузориши ниҳоии Комиссияи ИМА оид ба озодии дин нашр мегардад, ки вазъи озодиҳои диниро дар саросари ҷаҳон шарҳ медиҳад ва аксар вақт баъзе аз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ зери нигаронии шадид қарор мегиранд.

Бояд эътироф намуд, ки эътилофи Ғарб на ҳама вақт манфиатҳои кишварҳои Осиёи Марказиро ҳамчун бозигарони мустақил ва субъективӣ ба назар мегирад. Масалан, дар ҷаҳон кишварҳое ҳастанд, ки демократияи комил надоранд ва ИМА дар бораи онҳо хомӯширо афзал медонад. Аз ин рӯ, кӯшиши ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ворид кардани ривоятҳои бегонаи сиёсӣ ва фарҳангӣ мавқеи дипломатияи Амрикоро дар минтақа ба таври назаррас заиф мекунад. Аз як тараф, ИМА демократияро, ҳамчун системаи универсалии сиёсӣ барои ҳамаи кишварҳо, тарғиб мекунад, аз тарафи дигар, демократия назорати

ҳаракатҳои диниро мушкил мегардонад, ки дар натиҷа, ин равандҳо ба ифротгароии дунявият оварда мерасонанд.

Дар баробар ин, бояд таъкид намуд, ки гузоришҳои ИМА доир ба вазъи озодиҳои динӣ ва риояи ҳуқуқи инсон фарогир набуда, воқеияти ҳар кишварро ба инобат намегиранд, балки масъаларо аз рӯйи принсипҳои ғарбӣ баррасӣ мекунанд, ки дар ҷомеаи шарқӣ чунин равиш ғайриқобили қабул аст.

Масалан, саволе ба миён меояд, ки оё дар ИМА ҳамаи ҳуқуқҳои инсон бе истисно риоя карда мешаванд? Зимнан, дар ин бора дар гузоришҳои солонаи онҳо ягон сухане нест. Бо вуҷуди ин, сатҳи риояи ин ҳуқуқҳо дар ИМА дар як санади дигар – "Гузориш оид ба нақзи ҳуқуқи инсон дар ИМА дар соли 2023" ба таври муфассал тавсиф шудааст. Тартибдиҳандаи санади мазкур, ки масъаларо бо садҳо далел тасдиқ намудааст, Идораи матбуоти Шурои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад. Дар ин ҷо, масалан, дар бораи чунин як «дард»-и деринаи амрикоӣ, ба монанди нажодпарастӣ, таъкид гардидааст. Аз ҷумла, гузориши Маркази таҳқиқотии "Pew", ки 10 августи соли 2023 интишор кардааст, нишон дод, ки 83 дарсади амрикоиҳои африқотабор иддао доранд, ки ҳукумати ИМА барои пешбурди баробарии нажодӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ накардааст [7]. Аз ин рӯ, бисёре аз мардуми африқоӣ, ки аз сиёсати Амрико ва поймолкунии нажодӣ норозӣ буданд, тарки кишварро ихтиёр карданд. Онҳое, ки ИМА-ро тарк карданд, дар Португалия, Гана, Колумбия ва Мексика ҷамоатҳои нав таъсис доданд, ки ин тамоюл бо номи "Блэксит" маъруф аст. Ҳамзамон, дар гузориш таъкид гардидааст, ки табъиз нисбат ба осиёиҳо низ зиёд гардидааст.

Як назарсанҷии Маркази тадқиқотии "Pew", ки 30 ноябри соли 2023 нашр шуд, нишон дод, ки тақрибан 60 дарсади амрикоиҳои осиёӣ гуфтаанд, ки онҳо аз рӯйи нажод ё мансубияти этникии худ табъизро аз сар гузаронидаанд [8].

Назарсанҷии "Ассошиэйтед Пресс" низ нишон дод, ки 51 дарсади амрикоиҳои осиёӣ ва ҷазираҳои Уқёнуси Ором бар ин назаранд, ки нажодпарастӣ дар ИМА як мушкили хеле ҷиддӣ аст. Таҳқиқоте, ки 27 апрели соли 2023 аз ҷониби Мактаби кори иҷтимоии Донишгоҳи Колумбия нашр шудааст, нишон дод, ки тақрибан аз чор се ҳиссаи амрикоиҳои чинӣ дар соли 2022 табъизи нажодиро аз сар гузаронидаанд ва 55 дарсад метарсанд, ки ҷиноятҳои нафрат ё таъқиб ба амнияти шахсии онҳо таҳдид мекунад [9].

Ҳамзамон, коршиносони чинӣ дар робита ба вазъи озодиҳои динӣ дар ИМА иброз намудаанд, ки мушкилоти таҳаммулнопазирии динӣ шадидтар шудааст: «Солҳои охир шумораи ҷиноятҳое, ки дар заминаи таҳаммулнопазирии динӣ содир мешаванд, торафт меафзояд. Тибқи омори ҷиноятҳои нафрат, ки аз ҷониби Бюрои Федералии Тафтишот дар моҳи октябри соли 2023 нашр гардид, "дар соли 2022 дар ИМА 2042 ҳодисаи ҷиноятҳои ангезаи динӣ ба қайд гирифта шудааст".

Тибқи гузорише, ки Шурои робитаҳои амрикоӣ-исломӣ дар моҳи апрели соли 2023 нашр кардааст, дар соли 2022 дар маҷмуъ, 5156 шикоят дар бораи табъиз алайҳи мусалмонон ворид шудааст, ки асосан, ба табъизи шуғл, табъиз дар соҳаи маориф ва иҷрои ноодилонаи қонунҳо марбут мебошанд [9].

Далелҳои мазкур баёнгари он ҳастанд, ки демократияи идеалӣ дар ҳеч як давлат мавҷуд буда наметавонад, балки ин падида бо вижагиҳои хосси субъектҳои алоҳидаи муносибатҳои байналмилалӣ тавъам мебошад. Аз ин рӯ, ҷониби Вашингтонро зарур аст, ки ҷиҳати густариши мавқеъ дар минтақа масъалаҳои мавриди назарро бо фарогирии ҷанбаҳои гуногун баррасӣ намояд. Маҳз ин равиш имкон медиҳад, ки ҷонибҳо ба манфиатҳои мутақобилан судманд комёб гарданд.

Омили дигаре, ки ба таҳкими нуфузи ИМА дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсир мерасонад, сатҳи эътимод аст. Чун анъана, сиёсати хориҷии ИМА дар асоси ду консепсияи бартаридоштаи идеологӣ: реализми сиёсӣ ва либерализми сиёсӣ ташаккул меёбад. Дар ҳар ду консепсия, ки ғояи рисолати ҷаҳонии таърихии ИМА-ро дастгирӣ ва инкишоф медиҳанд, таъкид мегардад, ки маркази идоракунии захираҳои тамоми ҷаҳони демократӣ Вашингтон мебошад. Аммо дар интихоби равишҳои сиёсии ИМА ҷиҳати ноил гардидан ба ин мақсад, инчунин, дар интихоби воситаҳо, усулҳо ва механизмҳои мушаххасе, ки барои расидан ба ин ҳадаф заруранд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Тафовути асосии мактабҳои реализми сиёсӣ ва либерализм дар омилҳои муайянкунандаи сиёсати хориҷии давлат дар сатҳи асосӣ, яъне бунёдии он алоқаманд аст. Агар намояндагони реализм ба ҳар он чизе, ки ба вуқуъ мепайвандад, аз призмаи манфиатҳои миллӣ, ки мувофиқати онҳо боиси ҳамкорӣ мегардад ва бархӯрд ё номувофиқатии онҳо боиси низоъ мегардад, нигоҳ кунанд, намояндагони либерализм дар асоси сиёсати хориҷии ҳар як давлат арзишҳоро мегузоранд ва ба ин бовар ҳастанд, ки субот ва устувории низоми сиёсӣ мустақиман аз боварибахш будани низомии арзишҳои он вобастагӣ дорад ва ба ин арзишҳо ба ҷаҳони берунӣ таъсир мерасонад [5, 192-196].

Аз ин лиҳоз, ба андешаи намояндагони либерализм, сиёсати хориҷӣ василаи паҳн кардани ин арзишҳо ба дигар субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад ва номутобиқатии арзишҳои фаъолони гуногун сабаби аслии муноқишаҳои байналмилалӣ мебошад.

Чи тавре пажуишгар П. Циганков қайд мекунад, яке аз хусусиятҳои ҷолиби диққати назарияи реализми сиёсӣ, майли асоснок кардани ақидае мебошад, ки сиёсати байналмилалӣ ба қонунҳои объективӣ ва тағйирнопазири рафтори сиёсӣ асос ёфтааст ва решаҳои онҳоро бояд дар худи табиати инсон ҷустуҷӯй намуд.

Консепсияи марказии реализми сиёсӣ–«манфиате, ки аз рӯйи қудрат муайян шудааст» мавҷудияти қонунҳои муносибатҳои байналмилалиро бо ниёзҳои амният, шукуфоӣ ва рушд, ки давлат бояд дар фаъолияти сиёсати берунии худ ҳифз намояд, алоқаманд мекунад.

Намояндагони реализми сиёсӣ таъкид менамоянд, ки дар ҷахони муосир яке аз хусусиятҳои асосии сиёсати байналмилалӣ майлу хоҳиши доимии давлатҳои миллӣ ҷиҳати нигоҳ доштани вазъи мусоид дар арсаи ҷаҳон ё ба манфиати худ тағйир додани он мебошад. Дар навбати худ, ин раванд боиси конфигуратсияи махсуси муносибатҳои байналмилалӣ мегардад, ки мувозинати қувваҳо ном дорад ва мувофиқан сиёсате мебошад, ки ба нигоҳ доштани ин мувозинат нигаронида шудааст [11].

Реализми сиёсӣ ба имкониятҳои танзими ҷомеаи байналмилалӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ё арзишҳои ахлоқӣ шубҳа дорад: вазифаи асосии ахлоқи байналмиллалӣ истифода бурдани он ҳамчун воситаи қувва ба муқобили мухолифони эҳтимолӣ ва воқеӣ мебошад [13].

Ба андешаи намояндагони либерализм, имрӯз иқтидори давлатҳои бузург ҷиҳати истифодаи неруи анъанавии ҳарбӣ дар самти ноил шудан ба мақсадҳои худ пайваста коҳиш меёбад. Неруҳо рӯз то рӯз камтар истифода мешаванд ва маҷбуран коҳиш меёбанд [12], манфиатҳои миллӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ аҳаммияти худро гум мекунанд.

Бисёр унсурҳои муосири ҳокимият аз ҳокимияти давлатӣ канорагирӣ карда, ба низоми байнидавлатӣ имкониятҳои маҳдуди таъсиррасонӣ ба равандҳои ҷориро боқӣ гузошта, онро маҷбур мекунанд, ки ба усулҳои ғайримустақим ва ҳамеша гаронарзиши маҷбуркунӣ кор кунанд [16].

Танзимкунандагони асосии муносибатҳои байналмилалӣ меъёрҳо ё арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ мегарданд, ки ба императивҳои ҳуқуқӣ институтсионализатсия шудаанд ва асоси ташаккули ниҳодҳои дахлдори байналмилалӣ мегарданд [4, 254].

Бо дарназардошти он, ки ҷонибдорони идеологияи реализми сиёсӣ асосан, намояндагони Ҳизби Ҷумҳурихоҳон буда, ҳаводорони ғояҳои либерализми сиёсӣ асосан демократҳо мебошанд ва дар натиҷаи зуд-зуд иваз гардидани ҳизбҳо дар ҳокимият мазмуни сиёсати хориҷии кишвар низ аксар вақт тағйир меёбад. Масалан, баъзан мушоҳида мегардад, ки роҳи сиёсии ИМА, ки ба ҳифзи манфиатхои миллӣ нигаронида шудааст, аммо ногаҳон равишҳо тағйир ёфта, ба паҳн кардани арзишҳои умумибашарӣ, рушди демократия, сохтмони ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси принсипҳои демократии тамаддуни англосаксонӣ ва ғайра машғул мешавад.

Дар натиҷаи чунин гардишҳои тезу ногаҳонӣ сиёсати хориҷии ИМА на танҳо ҷолибияти худро гум намуд, балки таассуроти ноустуворӣ, тағйирпазирӣ ва майли худ ба кирдорҳои номатлубу ғайримантиқиро ба вуҷуд меорад. Ҳатто

чунин таассурот, пеш аз ҳама, дар руҳияи иттифоқчиён ва шарикони эҳтимолии ИМА мушоҳида мегардад. Ин ноустувории сиёсати хориҷии ИМА аллакай боиси нокомии он дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардид, ки дар он ҷо амрикоиҳо барои ба даст овардани мавқеи устувор ва пойдор имкониятҳои хуб доштанд, аммо аз уҳдаи он набаромаданд.

Маҳз ҳамин манзара бо ҳузури ИМА дар Осиёи Марказӣ ба миён омад. Дар ҳоле, ки амрикоиҳо миёни "манфиатҳо" ва "арзишҳо" фарқ мегузоштанд, дар ҳар се-чор сол роҳи сиёсии худро ба куллӣ тағйир медоданд, аз баъзе масъалаҳо даст мекашиданд ва баъдан, ба тарзҳои густурда ба он бармегаштанд, дар натиҷа, аз тамоми мавқеъҳои ишғолкардаи худ маҳрум гардиданд.

Агар, аз як тараф, ҳодисаҳои Андиҷон дар соли 2005, ки раҳбарияти Ӯзбекистон кишварҳои Ғарбро ҳамчун ташаббускор муттаҳам намуд, ба нуфузи ИМА дар минтақа латма зада бошад, аз тарафи дигар, сиёсати ИМА дар Афғонистон мисоли равшани нокомӣ ва нобасомонии он мебошад, ки бо ихтилофоти доимӣ дар интихоби «манфиатҳои миллӣ» ва «арзишҳои умумибашарӣ» рабт дорад. Дар ин замина, навъҳои гуногуни «инқилобҳои ранга», ки дар мамлакатҳои собиқ лагери сотсиалистӣ пайи ҳам ба амал омаданд, сабаб гардидааст, ки имрӯз мизони эътимод ба ИМА дар Осиёи Марказӣ чандон баланд нест ва ин ҳамчунон, ки дар боло зикр гардид, як монеаи дигар дар рушди сиёсати хориҷии ИМА дар минтақа гардидааст [19].

Дар маҷмуъ, номутобиқатии равишҳои ИМА бо зеҳнияти (менталитети) минтақавӣ, боиси монеа дар сиёсати минтақавии Вашингтон мегардад. Барои сокинони кишварҳои минтақа, новобаста аз низоми идоракунии давлатиашон, модели ғарбии тарзи ҳаёт, ҳамчун алтернативаи муносиби зиндагонӣ дар муқоиса ба шароити замони шуравӣ, дониста намешавад.

Гузашта аз ин, зимни таҳлилҳои муқоисавӣ, нигарониҳои зиёд аз мавқеъгириҳои ИМА нисбат ба Осиёи Марказӣ мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ, сиёсати ИМА дар Осиёи Марказӣ ҳамеша устувор ва муваффақ набудааст.

Маълумоти мукаммал надоштан дар бораи авзои этникӣ, руҳию идеологӣ, қавмию мазҳабӣ ва ғайраи минтақа, пурра дарк накардани вижагиҳои кишварҳои минтақа дар ибтидо, сиёсати сарфи назар кардани манфиатҳои кишварҳои дигар ба хотири қудратмандии танҳо худ, дуруст муайян ва мушаххас карда натавонистани афзалиятҳо, «забон» наёфтан бо дигар шарикони рушди минтақа (махсусан, Чин ва Русия) ва ғайра, аз ҷумлаи он камбудиҳоеанд, ки ИМА дар таъйини сиёсати худ роҳ додааст.

Профессори Донишгоҳи Колумбия Ҷеффри Сакс ба ин бовар аст, ки дахолати мақомоти махсуси истихборотии Амрико ба корҳои дигар давлатҳо қариб ҳамеша боиси хунрезӣ ва бесарусомонӣ мегардад, вале ИМА иваз намудани режимҳо сиёсиро ҳамчун воситаи асосии сиёсати берунии худ истифода мебаранд. [18].

Яъне иштибоҳи дигари ИМА дар бобати Осиёи Марказӣ ин буд, ки дар сиёсати хориҷии худ «содироти инқилобҳо» ва махсусан «инқилобҳои ранга»-ро аслиҳаи хеш қарор дод ва бо ин амалаш на фақат дунёро ноором сохт, балки кишварҳои зиёдеро аз худ норозӣ кард [3, 35-36]. Табиист, ки Маскав ва Пекин аз ин фурсат истифода бурда, мавқеъ ва нақши худро дар минтақа бамаротиб тавсеа ва густариш доданд.

Дар баробари талошҳои бузурги олимону донишмандон ва мансабдорони ИМА ҷиҳати густариши нуфузи Вашингтон дар минтақа ва дар баробари нигаронихои намояндагони Шарқ, ҳамчунин, дар миёни олимони амрикоӣ низ андешаҳои манфӣ роҷеъ ба раванди мазкур ҷой дорад. Яъне баъзе аз коршиносон чунин андеша доранд, ки ИМА-ро зарур аст, то ҷиҳати сарфаи зихираҳои молиявии худ ҳарчи зудтар Осиёи Марказиро тарк намояд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Даниэл В. Дрезнер мавқеи худро ба он асоснок мекунад, ки лоиҳаҳои аллакай амалишуда, масалан, ба кор андохтани лӯлаи Боку–Ҷейҳон мавқеи ИМА-ро дар Осиёи Марказӣ пурра мустаҳкам накардаанд [1. С. 156].

Аз ин бармеояд, ки бо дарназардошти масофаи дури ҷуғрофӣ, гегемонияи як қудрат дар минтақа наметавонад муваффақ шавад, аммо ИМА барои тарк кардани Осиёи Марказӣ шитоб намекунад. Илова бар ин, Вашингтон ҷиҳати мустаҳкам намудани мавқеи худ ва ҷилавгирӣ аз густариши нуфузи рақибон дар минтақа чораҳои заруриро роҳандозӣ менамояд. Вашингтон барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар минтақа ва ҷилавгирӣ аз афтодани Осиёи Марказӣ ба зери таъсири монополияи Русия ё Чин чораҳои зарурӣ меандешад.

Вашингтон бояд аз саҳву хатоҳои гузаштаи худ сабақ гирифта, доир ба воқеиятҳои Осиёи Марказӣ ҷиддӣ муносибат намояд. Натиҷаи чунин нокомиҳо дар Афғонистон зоҳир мешавад, ки фаъолияти Вашингтон ба эътидол овардани вазъи буҳронӣ, бунёдӣ ҷомеаи демократӣ ва рушди иқтисодию сиёсӣ арзёбӣ мегардад, ки мутаассифона, натиҷаҳои дилхоҳ надод. Аз ин рӯ, дар шароити муосир, чунин фаъолият зидди сиёсати солим мебошад. Бо вуҷуди ин, дар сурати ислоҳи камбудиҳо ва бартараф намудани омилҳои объективии монеаафкан, ИМА метавонад муносибати самарабахшро дар минтақа роҳандозӣ намояд [15].

Дар шароити имрӯзаи тағйироти ҷаҳонӣ, андозагириҳои амалӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, ҷиҳати бартараф намудани монеаҳо изҳороти умумӣ кифоя нест, балки воқеияти муносибатҳо сатҳу сифати равишҳоро муайян мекунад.

Дар маҷмуъ, новобаста ба он, ки мансабдорони амрикоӣ, аз ҷумла Эван Фейгенбаум, собиқ ёвари котиби давлатии ИМА доир ба корҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ, андешаеро, ки минтақа танҳо як майдони рақобат барои нуфузи қудратҳои беруна аст, рад мекунанд, аммо дар доираҳои илмӣ мунтазам нигаронихо аз пешомади амалишавии ҳадафҳои стратегии ИМА дар минтақа

садо медиҳад. Масалан, дар фазои расонаӣ аз тарафи ИМА матлабҳои гуногун доир ба хавфу чолишҳои эҳтимолӣ ба соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии кишварҳои минтақа аз густариши ҳамкориҳо бо қудратҳои дигар пайваста ба нашр мерасанд. Албатта, ин гуна ривоятҳо барои муддате муассир ҳастанд ва афкори умумиро ба таври зарурӣ шакл медиҳанд. Аммо, вақте аз ҷониби "гӯяндагон"-у "ҳушдордиҳандагон"-и хавфу чолишҳо гузинаи воқеӣ ё роҳкоре барои ояндаи наздик муаррифӣ намешавад, чунин ҳарфҳо батадриҷ камтаъсиру камаҳаммият мегарданд ва муғризона менамоянд.

Илова бар ин, аксар вақт аз ҷониби ИМА дар минтақа лоиҳаҳое амалӣ мешаванд, ки кишварҳо ба он ниёз надоранд, аммо азбаски таваҷҷуҳи сармоягузор ба як масъалаи мушаххас равона шудааст, мутахассисони маҳаллӣ пешниҳодҳои лоиҳавии худро ба ниёзҳои онҳо мутобиқ мекунанд. Аз ҷумла, лоиҳаҳои хеле ками ташкилотҳои волонтёрони ғарбӣ ба ниёзҳои аслии ҷомеаи минтақа мувофиқат мекунанд ва ин якчанд сабаб дорад.

Сабаби асосӣ дар он ҳадафҳое нуҳуфтаанд, ки ҷониби ташаббускори ин лоиҳаҳо кӯшиш мекунанд, ки онро дар кишварҳои минтақа амалӣ созанд.

Ҳатто маҳорати касбии мутахассисон ва волонтёроне, ки аз ИМА ба кишварҳои минтақа фиристода мешаванд, масъалаҳои номуайян вуҷуд дорад, ки онҳо то кадом андоза босалоҳиятанд ва то кадом андоза хуб мефаҳманд, ки ба куҷо омада истодаанд. Яъне аксар вақт сифат ва меъёри омода намудани онҳо равишҳои навро талаб мекунад. Масалан, ихтиёриёне, ки барои баланд бардоштани сифати беҳдошти тандурустӣ ба Тоҷикистон фиристода мешаванд, намефаҳманд, ки онҳо ба мамлакате меоянд, ки ба ҷаҳониён шахсиятҳои бузурги соҳаи тибро ҳадия намудааст. Илов бар ин, волонтёрони омада аксар вакт мамлакат, фарҳанг, таърихи моро намедонанд ва дараҷаи тараққиёти ҷамъиятиеро, ки мо ба даст овардаем, намедонанд [17].

Ин нуктаи назарро ҳатто коршиносони аршади амрикоӣ низ на танҳо дар сатҳи ихтиёриён, балки дар сатҳи намояндагони расмии ИМА эътироф мекунанд. Аз ҷумла маҳаққиқ Ф.Старр дар матлаби худ таҳти унвони "Сиёсати ИМА дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳи минтақавӣ" интиқоди коршиносони минтақаро роҷеъ ба сатҳи касбияти намояндаҳои амрикоӣ дар кишварҳои худ, асоснок намудааст [14].

Барои он, ки Вашингтон аз густариши равобит бо ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ ба таври комил баҳра барад, бояд воқеиятҳои кунунии минтақавиро эътироф намуда, ба онҳо мутобиқ шавад. Ин минтақа дар тули солҳои гузашта ба таври қобили мулоҳиза тағйир ёфтааст ва ин тақозо мекунад, ки стратегияҳои ҷалби ИМА низ тачдиди назар карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Ахмедов, Ф.А. Центральноазиатский регион в фокусе геополитических интересов глобальных акторов (на примере РФ, КНР и США):

Специальность: 23.00.04–“Политические проблемы международных отношений, глобального и регионального развития”: Диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук / Ахмедов Фаррух Абдусаломович. – Душанбе, 2019. – 173 с.

2. Абдулазиз Камилов. Новая Центральная Азия во внешней политике Узбекистана. 14.08.2024. https://uza.uz/ru/posts/novaya-centralnaya-aziya-vo-vneshney-politike-uzbekistana_624715?sfnsn=mo (Санаи мурочиат: 14.02.2025)

3. Каримов, Ш. Т. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Аврупо ва Амрико / Ш. Т. Каримов. – Душанбе: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2023. – 169 р.

4. Lebow R.N. The long peace, the end of the cold war, and the failure of realism. International Organization. Vol. 48. № 2. Spring 1944, p. 254.

5. Манойло, А. В. Внешняя политика США в Афганистане: конфликт интересов и ценностей / А. В. Манойло // Международные отношения. – 2013. – № 2.

6. Профессор Сакс: внешняя политика США ориентирована на смену режимов 29 мая 2024 https://russian.rt.com/inotv/2024-05-29/Professor-Saks-vneshnyaya-politika-SSHA

7. Pew Research Center, August 2023, “Martin Luther King Jr.’s Legacy 60 Years After the March on Washington”. Juliana Horowitz. Martin Luther King Jr.’s Legacy 60 Years After the March on Washington. Americans’ views of progress on racial equality, different forms of protest and what needs to change. August 10, 2023. 32 p. https://www.pewresearch.org/wp-content/uploads/sites/20/2023/08/ST _2023. 08.10_MLK-Legacy_REPORT.pdf

8. Pew Research Center, November 2023, “Discrimination Experiences Shape Most Asian Americans’ Lives”. Neil G. Ruiz, Carolyne Im and Ziyao Tian. Discrimination Experiences Shape Most Asian Americans’ Lives. Stereotypes of Asians in the U.S. as foreigners and a model minority drive discrimination. November 30, 2023. 89 p. https://www.pewresearch.org/wp-content/uploads/sites/ 20/2023/11 /RE_2023.11.30_Asian-American-Discrimination_Report.pdf (Санаи мурочиат: 8.04.2025)

9. Соединённые Штаты пытаются навести «порядок» в чужом доме, забыв о хаосе в собственном. 31.07.2024. https://asia-today.news/31072024/4223/ (Санаи мурочиат: 18.02.2025)

10. Constantin F. Les relations internationales: entre tradition et post-modernitй? Le Trimestre du monde, 3-e trimesre 1994, pp. 66-67;

11. Цыганков П.А. Политическая социология международных отношений. М., 1994; Цыганков П.А. Международные отношения. М., 1996.

12. Цыганков П.А. Хедли Булл и вторая «большая дискуссия» в науке о международных отношениях // Социально-политический журнал. 1997. № 3.

13. Schwarzenberger G. Power Politics. A Study of World Society. Third Edition. London, 1964, pp. 216-221.

14. S. Frederick Starr. U.S. Policy in Central Asia through Central Asian Eyes. SILK ROAD PAPER May 2023. Lithuania. 27 P. https://silkroadstudies.org /resources/230504-SRP-Fred-full.pdf (Санаи мурочиат: 18.03.2025)

15. Stephen Blank. After Afghanistan: What is the future of U.S. policy in Central Asia?. October 6. 2021. https://www.cacianalyst.org/publications/analytical - articles/item/13686-after-afghanistan-what-is-the-future-of-us-policy-in-central-asia.html

16. Shaw, M. Global Society and International Relations. Polity Press. 1994, pp. 17-20;

17. Фаридун Усмонов. Специалисты из США и Европы, направляемые в Таджикистан, некомпетентны. https://www.dialog.tj/news/ne-sovsem-blagorodnaya -missiya-zachem-ssha-otpravlyaet-svoikh-volonterov-v-tadzhikistan (Санаи мурочиат: 18.03.2025)

18. Jeffrey Sachs: The Untold History of the Cold War, CIA Coups Around the World, and COVID's Origin. https://tuckercarlson.com/tucker-show-jeffrey-sachs

19. Юсуфджонов, Ф. М. Место и роль Таджикистана в системе современных международных отношений: специальность 23.00.04 "Политические проблемы международных отношений, глобального и регионального развития": диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук / Юсуфджонов Фаридун Мухаммадиевич, 2018. – 178 с.

ФАКТОРЫ, ПРЕПЯТСТВУЮЩИЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ В ОТНОШЕНИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

ТАЛБАКОВ САИДАХТАМ ИСРОИЛОВИЧ,
докторант PhD Института изучения проблем стран Азии и Европы
Национальная академия наук Таджикистана
734025, Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел.: (+992) 987-97-59-46; e-mail: talbakov.2018@mail.ru

Современное состояние международных отношений требует от стран выхода из геополитической изоляции. В этих новых геополитических условиях Центральная Азия вновь обретает ту роль, которую регион играл в эпоху Великого Шелкового пути, выступая в качестве моста, соединяющего Восток и Запад, Север и Юг, перекрестка разнообразных экономических интересов.

Отсюда следует, что современный мир стремительно меняется, и во всех этих процессах основное внимание сосредоточено на великих державах и их месте в отдельных подсистемах международных отношений, которые,

несомненно, влияют на региональные и глобальные процессы. В связи с этим в данной статье анализируются и обсуждаются острые вопросы и перспективы позиции Соединенных Штатов Америки в Центральноазиатском регионе.

Ключевые слова: *геополитическая реальность, региональные процессы, препятствующие факторы, стратегическое положение, интересы, вызовы, демократические проблемы, уровень доверия, идеологическая концепция, Соединенные Штаты Америки, Центральная Азия.*

OBSTACLE FACTORS TO THE FOREIGN POLICY OF THE UNITED STATES OF AMERICA IN RELATION TO CENTRAL ASIA

TALBAKOV SAIDAHTAM ISROILOVICH,
Doctoral PhD student of the Institute of studying of the problems of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave., 33;
tel.: (+922) 987-97-59-46; e-mail: talbakov.2018@mail.ru

The current state of international relations requires countries to emerge from geopolitical isolation. In these new geopolitical circumstances, Central Asia is once again regaining the role that the region played during the era of the Great Silk Road, acting as a bridge connecting East and West, North and South, and a crossroads of diverse economic interests.

It follows that the modern world is rapidly changing, and in all these processes the main focus is on the great powers and their place in individual subsystems of international relations, which undoubtedly influence regional and global processes. In this regard, this article analyzes and discusses critical issues and prospects for the position of the United States of America in the Central Asian region.

Keywords: *geopolitical reality, regional processes, obstacles, strategic position, interests, challenges, democratic problems, level of trust, ideological concept, United States of America, Central Asia.*

УДК: 327(575.3:44)

ШАРОКАТИ ГУНОГУНҶАНБАИ ТОҶИКИСТОН ВА ФАРОНСА: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОҲ,
номзади илмҳои таърих, котиби якуми Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734001, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33;
тел: (+992 37) 221-18-08; e-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

Дар мақола таърихи ташаккул ва рушду таҳаввули робитаҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Фаронса давоми 33 соли муносибатҳои дипломатӣ, инчунин, вазъи кунунии равобити ду кишвар баррасӣ шудааст. Муаллиф хоссатан таваҷҷуҳро ба аҳаммият, мундариҷа ва натиҷаҳои боздидҳои расмиву кории Президенти Тоҷикистон дар Париж ва ташрифҳои намояндагони баландпояи Фаронса ба Душанбе, таҳлили муколамаи сиёсӣ ва дипломатӣ, равобити иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва гуманитарии ду кишвар равона кардааст. Дар анҷоми мақола бо ибрози қаноатмандӣ аз сатҳу сифати ҳамкориҳои сиёсӣ ва гуманитарӣ дар марҳалаи муосир ба зарурати ҷонибдории ҷонибҳо ва тақвияти ҳузури иқтисодию тиҷоратии Фаронса дар Тоҷикистон, ҳамчун сутуни рушди фарогири муносибатҳо, таъкид шудааст. Зимни таълифи мақола, китобҳову рӯзномаҳо пиромуни фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, инчунин, дигар матолиби электронии дохилию хориҷӣ ва маводи иттилоотию оморӣ истифода шудааст.

Калидвожаҳо: *Аврупо, Тоҷикистон, Фаронса, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, таърих, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муколамаи сиёсӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ, сафарҳои расмӣ.*

Фаронса мақоми бисёрасраи худро ҳамчун маркази глобалии санъат, илм ва фалсафа нигоҳ дошта, ҳамзамон, аз лиҳози таърихӣ ва фарҳангӣ миёни давлатҳои муҳимтарини олами Ғарб буд, ки дар умури байналмилалӣ *(бо мустамликаҳои собиқаш қариб дар тамоми гӯшаи дунё)* нақши бориз бозидааст. Фаронса аз ҷумла дар масоили ҳукуматдорӣ ва шаҳрвандӣ таъсиргузор буда, ба ҷаҳон ғояву равандҳои муҳимми демократиро дар давраи Маърифат ва Инқилоби бузурги фаронсавӣ ҳадя кардааст. Гузаштаи пурифтихори Фаронса ба давлатдории муваффақу моҳиронаи император Карли I ё Шарлеман (солҳои 768-814), Франсиски I (1515-1547), Генрихи IV (1589-1610), подшоҳ Людовики XIV ё Шоҳ–Офтоб (1661-1715), император Наполеон Бонапарт (1799-1814), президент Шарл де Голл (1944-1946, 1959-1969) ва дипломатияи кардиналҳо Ришелие ва Мазарини, сиёсатмадор ва дипломати

бузург Талейран, падарон–асосгузорони Иттиҳоди Аврупо Жан Монне ва Робер Шуман рабт дорад. Агар ба таърихи илму адаби ҷомеаи фаронсавиҳо нигарем, он аз чеҳраҳои мондагори давраи Маърифат (Волтер, Монтеские, Руссо, Дидро), олимону муҳаққиқони барҷаста (Паскал, Декарт, Пастер, Ампер, Лавуазие, Кусто), нависандаву шоирони маъруф бештар дар қарнҳои XIX–XX (Стендал, Эмил Золя, Мопассан, Балзак, Гюго, Александр Дюма, Жорж Санд, Флобер, Жюл Верн, Камю, Сент-Экзюпери, Саган, Мориак), драматургони мумтоз (Корнел, Молиер, Расин, Бомарше) саршор аст. Нобиғагони санъати тасвирӣ (Моне, Делакруа, Сезанн, Роден, Матисс, Пикассо, Шагал, Дали, Ренуар, Гоген, Давид ва ғайра) ва муд (Шанел, Диор, Рабан, Живанши, Пиер Карден, Луи Виттон ва дигарон) бо маҳсули дастону зеҳнашон саҳифаҳои заррини таърихи Фаронсаро рангинтар гардонидаанд. Барои дарки дақиқтару фарогиртари симову нуфузи Фаронса дар зер маълумоти мавриди таваҷҷуҳ қабл аз руҷуъ ба муносибатҳои Тоҷикистон бо ин давлати пешоҳанги аврупоӣ манзур карда мешавад.

Ҷумҳурии Фаронса (бо аҳолии 66,6 млн. нафар ва масоҳати 551,500 км^2) кишвари дар Аврупои Ғарбӣ воқеъбуда аст, ки қаламраваш аз ҳавзаи Рейн то Уқёнуси Атлантика ва аз Баҳри Миёназамин то Гулугоҳи Ла-Манш ва Баҳри Шимолӣ паҳновар ҳастанд. Бо чунин шароити табиӣ ва мавҷудияти қӯҳҳои Алп *(қуллаи баландтарини Аврупои Ғарбӣ дар марзи Фаронса ва Италия – Монблан – дар баландии 4810 метр аз сатҳи баҳр)*, Пиреней, Юра, Арден, Массиви Марказӣ ва Вогез, Фаронса аз қадим ҳамчун пули чуғрофӣ, иқтисодӣ ва лингвистии васлкунандаи Аврупои Шимолӣ ва Ҷанубӣ хизмат мекард. Ҷолибаш он аст, ки ин кишвар таҳти салоҳияти худ дар се уқёнус 11 млн. км^2 обҳои баҳриро соҳибӣ мекунад, ки 97% он берун аз ҳудуди Фаронсаи қитъавӣ ё метрополӣ ҷойгиранд [20].

Фаронса аз рӯйи шумораи объектҳои Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар ҷаҳон ҷойи чаҳорумро ишғол карда, соҳиби мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва табиии беназир мебошад. Тасодуф нест, ки ин кишварро дар соли 2024 теъдоди рекордии беш аз 100 млн. сайёҳ (бо вориди 71 млрд. евро даромад ба буҷети давлат) сайёҳат намуданд. Албатта, омили баргузории Бозиҳои Олимпӣ ва Параолимпии Париж–2024, ифтитоҳи дубораи Калисои ҷомеи Нотр-Дам де Пари, 80-умин солгарди ёдбуди фурудоии иттифоқчиён дар Нормандия нақше бозида бошад ҳам, аммо дар соли 2023 низ шумораи сайёҳон тақрибан 100 млн. нафарро ташкил дода буд [18].

Пойтахти Фаронса – шаҳри Париж яке аз марказҳои пешсафи фарҳангӣ ва тиҷоратии ҷаҳон ба шумор меравад, ки онро беҳуда “ville lumière” (шаҳр–чароғ) наменоманд. Ин шаҳре, ки бешубҳа метавон, онро “шаҳр–осорхонаи зинда дар фазои кушод” номид, маъвои шоҳкориҳои санъату меъморӣ ба монанди Манораи Эйфел, Базиликаи Сакре-Кёр, Калисои ҷомеи Нотр-Дам де Пари, Осорхонаи Лувру Орсэ, Операи Гарние, Аркаи тантанавӣ (ё Тоқи нусрат),

хиёбони Саҳрои Елисей, пулҳои бошукӯҳ аз болои рӯди Сена буда, инчунин, қасрҳои афсонавии Версал ва Фонтенбло начандон дур аз Париж ҷойгиранд. Кушкҳои асримиёнагии муҳташам дар водии Луара *(зиёда аз 300 адад аз теъдоди умумии 3000 кушк дар Фаронса)*, ки идеалҳои даврaҳои Эҳё (Ренессанс) ва Маърифатро таҷассум мекунанд, Соҳили Лоҷвард ё Ривиераи фаронсавӣ (бо шаҳр-курортҳои Марсел, Канн, Нитса, Сан-Тропе), шаҳрҳои ба Венетсия монанди Анси ва Колмар, Харсангҳои Этрета ва шаҳри Рокамадур, ҷазираи Корсика, Калисои ҷомеи таърихии Реймс ҳатто сайёҳи закиро шефтаю мафтун хоҳанд кард [25].

Дар мавриди забони фаронсавӣ бояд гуфт, ки як замон фаронсавӣ “лингва франкаи” дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ (асрҳои XVIII то оғози асри XX) буда, воситаи муошират мукотибаи шоҳону дарбориён, асилзодагон ва тиҷорони машҳур дар тамоми Аврупо маҳсуб меёфт. Ҳоло фаронсавӣ яке аз забонҳои расмии СММ, ЮНЕСКО, СААШ (НАТО), Иттиҳоди Аврупо, Шурои Аврупо, Салиби Сурх ва бисёре аз дигар созмонҳои байналмилалӣ мебошад [16]. Ба ҳолати соли 2022, дар 5 қитъаи дунё (112 кишвар) 321 миллион нафар қобилияти муошират ба забони фаронсавиро дошт [27]. Ҳатто бисёре аз роҳбарони созмону иттиҳодияҳои болозикр, аз қабили Дабири кулли СММ Антониу Гутерриш, Президенти Шурои Иттиҳоди Аврупо Антониу Кошта, Президенти Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен забони фаронсавиро озод балад буда, Раиси Бонки марказии аврупоӣ Кристин Лагард ва Мудири кулли ЮНЕСКО Одри Азуле фаронсавӣ мебошанд.

Ба хотири таҳкими суботи сиёсӣ ба фарқ аз ҷумҳуриҳои сеюм ва чорум, дар Ҷумҳурии панҷуми Фаронса тибқи Конститутсияи соли 1958 шакли нимапрезидентии идоракунӣ бо унсурҳои омехтаи низомҳои парлумонӣ ва президентӣ амал мекунад. Президенти Фаронса *(аз соли 2017 инҷониб сиёсатмадори либералӣ, марказигаро ва еврофил – ҷаноби Эммануэл Макрон)* бо нақши қавӣ ва ваколатҳои васеъ сарвари давлат буда, Сарвазирро ба ҳайси раиси ҳукумат *(аз декабри соли 2024 то ба ҳол ҷаноби Франсуа Бейру, 6-умин Сарвазир дар аҳди Эммануэл Макрон)* таъйин менамояд, Шурои *(Девони)* вазиронро таъйин ва раисӣ мекунад, палатаи поёнии Парлумон *(Маҷлиси миллӣ)*-ро пароканда месозад, инчунин, дигар салоҳиятҳоро соҳиб аст. Сарвазир барои назорати иҷрои қонунҳо, муайянсозии сиёсати давлатӣ ва пешбурди умури дохилӣ масъул аст [21].

Ҷумҳурии Фаронса кишвари узви муассиси Созмони Милали Муттаҳид ва яке аз аъзои доимии Шурои Амнияти СММ, давлати узв ва пешбарандаи Иттиҳоди Аврупо ва Минтақаи Евро буда, ҳамзамон, қисми Ҳафтгонаи Бузург (G7), ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ, Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат, САҲА, Шурои Аврупо, СААШ, СҲИР (ОЭСР), Ҷомеаи Уқёнуси Ором, Комиссияи Уқёнуси Ҳинд, Иттиҳодияи давлатҳои Кариб, узви пешбари Созмони байналмилалии Франкофония ба шумор меравад. Дар қаламраваш қароргоҳҳои якчанд

ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили СҲИР, ЮНЕСКО, Интерпол, Бюрои Байналмилалии Вазну Меъёрҳо ва Созмони Байналмилалии Эпизоотӣ ҷойгиранд [20].

Иқтисоди Ҷумҳурии Фаронса иқтисоди пешрафтаи бозории иҷтимоӣ ва неруи пешбарандаи кишоварзии Иттиҳоди Аврупо буда, дар он иштироки барҷастаи давлат дар бахшҳои стратегӣ мушоҳида мешавад. Фаронса дорои ҳафтумин иқтисоди пешрафтаи ҷаҳон (аз лиҳози ММД-и номиналӣ дар соли 2024 ба андозаи 3,28 трлн. долл. ИМА ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 49,53 ҳаз. долл. ИМА) буда, дар соли 2020 бузургтарин гирандаи сармояи мустақими хориҷӣ дар Аврупо, дуюмин харҷкунандаи калонтарин дар соҳаи таҳқиқот ва рушд (R&D) маҳсуб меёфт. Ҳамчунин, дар соли 2020 шомили даҳгонаи кишварҳои аз ҳама бештар инноватсионӣ тибқи "Bloomberg Innovation Index" шуда, 15-умин рақобатпазиртарин давлати дунё бино ба "Global Competitiveness Report 2019" ва панҷумин бузургтарин тиҷораткунанда дар ҷаҳон ба шумор мерафт [19].

Бахшҳои асосии саноати Фаронса: мошинсозӣ (Alstom), бахусус автомобилсозӣ (Groupe PSA, Groupe Renault, Stellantis), химиявӣ (Air Liquide, Total Energies, Arkema), металлургия (Fives, Orano Cycle), аэрокайҳонӣ (Airbus Group, Safran, Thales), электроника ва электротехника (Schneider Electric, Safran Electronics & Defense, Bolloré, Sequans Communications SA, Legrand, Alcatel-Lucent), сабук (Christian Dior, Kering), хӯрокворӣ (Danone, Carrefour, Lactalis) ва сайёҳӣ (Atout France, Cluster Montagne, Accor, Havas Voyages) ба ҳисоб мераванд. Шаҳри Париж аз рӯйи шумораи ширкатҳои дар феҳристи "Fortune Global 500" дарҷшуда дар Аврупо дар ҷойи аввал (ва дар ҷаҳон дар ҷойи сеюм) қарор дорад.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса 3 марти соли 1992 барқарор шудаанд. Санаи 3 ноябри соли 2001 дар шаҳри Душанбе Сафорати Ҷумҳурии Фаронса кушода шуд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Париж соли 2013 ифтитоҳ ёфт. То соли 2001 ва 2013 пешбурди ҳамкориҳо байни ду кишвар бар зиммаи мутаносибан Сафорати Фаронса дар Маскав ва Сафорати Тоҷикистон дар Брюссел гузошта шуда буд. Ҳамзамон, то соли 2024 Сафорати кишвар дар Париж ба ҳайси Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) фаъолият мекард.

Нахуст бояд қайд кард, ки масири таърихӣ, вазъ ва вижагии робитаҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Фаронса дар даврaҳои гуногун танҳо қисман дар асару китобҳои олимони тоҷик: Т.Назаров, А.Сатторзода, С.Муҳриддин, Р.Қ.Олимов, Э.Раҳматуллоев, А.Шарифзода, З.Сайидзода ва дигарон инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистону Фаронса дар арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва гуманитарӣ дар давраи Истиқлоли давлатӣ то соли

2016 мавзуи пажуҳиши илмии махсус нагардида буданд. Танҳо шуруъ аз соли 2016 мавзуъҳои шарикии гуногунҷанбаи Тоҷикистону Фаронса мавриди омӯзиши дақиқ, таҳлили фарогир ва тадқиқоти илмии маҷмуии мутахассисони ҷавони ватанӣ, аз қабили Ф.А.Шарифзода ва А.М.Ашуров гардида, ҳатто баъдан Сафорати Фаронса дар Душанбе ба ин раванд бо таҳияву нашри маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 30-солагии муносибатҳои дипломатии ду давлат саҳми ташаббускоронаи худро гузошт.

Мубрамияти пажуҳиш, таҳлил ва дарки илмии масоили муносибатҳои Тоҷикистон ва Фаронса дар қолаби дуҷониба мусаллам арзёбӣ мегардад, зеро:

–аввалан, ҳар ду кишварро манфиатҳои муштараки байналмилалӣ мепайванданд, яъне ин таҳкими сулҳу суботи минтақавӣ, таъмини рушди устувор, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароии зӯроварона, қочоқи маводи мухаддир ва тиҷорати одамон, пешбурди ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об, коҳиши паёмадҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо ва илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ) ва ғайра;

–дуюм, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар минтақаи бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии давлатҳои бузург ва хурд, хориҷаи наздик ва дур қарор ёфт. Дар ин зимн, барои Тоҷикистон муҳим буд, то сиёсати хориҷии мутавозинро, ки тавассути диверсификатсияи равобити хориҷии байнидавлатӣ ба пешгирии ташаннуҷҳои дар ин замина эҳтимолдошта равона гардидааст, роҳандозӣ кунад;

–сеюм, тавсифи татбиқи сиёсати хориҷии “дарҳои боз”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи баъдина, ки дар он самти аврупоӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ҳисобида шудааст, бе таҳқиқи илмии ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Фаронса, ки дар Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Иттиҳоди Аврупо (ИА), Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ), Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР), Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (САСШ) ва дигар сохторҳои ҳамгироиёнаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, яке аз ҷойгоҳҳои калидиро ишғол мекунад, нопурра мебуд;

– чорум, дар давраи нисбатан кӯтоҳи Истиқлоли давлатии худ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи муайяни истиқрор, рушд ва таҳкими муносибатҳои сиёсӣ, дипломатӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмӣ, илмӣ-техникӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ ва маданиро бо Ҷумҳурии Фаронса ба даст овард, ки омӯзиши махсусро тақозо мекард. Зарурати нишон додани ҳам комёбиҳои бадастомада ва ҳам имкониятҳои ҳанӯз амалинагардида ба миён омад;

–панҷум, таҳқиқоти илмии муносибатҳои Тоҷикистону Фаронса бо дарназардошти зарурати амалии ҷонноксозии онҳо мубрам аст. Дар ин маврид тавсеаи пояи шартномавию ҳуқуқӣ, фаъолсозии муколамаи сиёсӣ дар сатҳи олӣ

ва баланд, гузаронидани бизнес-форумҳо ва ҳар гуна намоишгоҳҳо, амиқсозии робитаҳои башарӣ ниҳоят ояндадор ва амри зарурӣ дониста шуд [8].

Рушду таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо Фаронса ба сифати шарики боэътимоди Тоҷикистон дар Аврупо, яке аз кишварҳои пешсафи Иттиҳоди Аврупо, узви доимии Шурои Амнияти СММ аз авлавиятҳои муҳимми сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Аз солҳои аввали роҳандозии равобити дипломатӣ муносибатҳои ду кишвар то ба марҳалаи кунунӣ бар мабнои дӯстию рафоқат, шарикии муътамад, дастгирии мутақобила ва эҳтирому эътирофи манфиатҳои миллии якдигар ҷараён доранд.

Оғози амалиёти Неруҳои байналмилалии мусоидат ба сулҳ дар Афғонистон дар соли 2001 ва ҷойгиршавии баъдии ҳайати ҳарбию ҳавоии Фаронса дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе барои ифтитоҳи дарҳоли Сафорати Фаронса дар Душанбе, ҷоннокшавии муколамаи сиёсӣ ва ҳамкории ҳарбию техникӣ миёни Тоҷикистон ва Фаронса шароит фароҳам оварданд. Ба давраи солҳои 2013–2016 ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Париж ва баргузор шудани нахустин машваратҳои сиёсии байниидоравӣ миёни ду кишвар хос аст, ки ин омил ба таҳкими гуфтугӯйи сиёсӣ, таъсиси Шурои соҳибкорони “Фаронса–Тоҷикистон” ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ аз Фаронса ба иқтисодиёти Тоҷикистон мусоидат намуд. Дар баробари ин, фаъолияти Маркази фарҳангии “Бохтар” ва бахши Институти фаронсавии таҳқиқоти Осиёи Марказӣ дар Душанбе, гузаронидани Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Париж дар солҳои 2005 ва 2021, ҳамкории бостоншиносони ду кишвар ҳанӯз аз даврони шуравӣ ба пешрафти равобити фарҳангӣ ва илмӣ миёни Тоҷикистон ва Фаронса боис шуданд.

Тайи давраи гузашта силсиласафарҳои расмӣ ва кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Фаронса (солҳои 2002, 2005, 2015, 2019, 2021 ва 2025) баргузор шуданд, ки ин омил тадриҷан дар таърихи муносибатҳои ду кишвар саҳифаҳои нав ба навро боз мекард.

Баровардани муносибатҳои Тоҷикистону Фаронсаро ба сатҳи сифатан нав олимони варзидаи тоҷик аз дастовардҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар соли 2002 номиданд [2, 99]. Дар ҳақиқат, дар соли зикршуда тамосҳои шарикони тоҷику фаронсавӣ аз рушди бесобиқа бархӯрдор шуданд. Сафарҳои вазири мудофиаи Фаронса Ален Ришар (январи соли 2002) ва вазири корҳои хориҷии Фаронса Доминик де Вилпен (сентябри 2002) ба Душанбе, баимзорасонии Протоколи ҷаласа оид ба ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Фаронса (феврали 2002), Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории мутақобила (октябри 2002), Созишномаи ҳамкории ҳарбии дуҷониба байни вазоратҳои мудофиаи Тоҷикистону Фаронса (декабри 2002) гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Аммо авҷи аълои дастоварду комёбиҳои соли 2002, дар санаи 4-7

декабр баргузор гаштани сафари нахустини расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Фаронса ва умуман, ба кишварҳои Ғарб буд. Ин сафар бо худ гардиши муҳимми асосгузорандаро дар таърихи ташаккулёбӣ ва рушди муносибатҳои шарикии Тоҷикистону Фаронса ба амал овард, инчунин, ба роҳандозии фаъоли ҳамкорӣ ва шаклдиҳии заминаҳои сиёсию ҳуқуқии муносибатҳо бо кишварҳои Ғарб оғоз бахшид. Дар рафти сафар созишномаҳои байниҳукуматӣ доир ба ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ, ҳамкории фарҳангӣ ва илмию техникӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти дохилӣ миёни ду кишвар ба имзо расиданд. Вохӯриҳои пурмаҳсули Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷии Фаронса Доминик де Вилпен, вазири мудофиа хонум Мишел Аллио Мари, вазири корҳои дохилӣ, амнияти дохилӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Николя Саркозӣ, намояндагони Сенат, Президенти Академияи илмҳои Фаронса Юбер Кюрен, доираҳои соҳибкории фаронсавӣ ороста шуданд. Нуқтаи волои сафар мулоқоти Сарвари давлати тоҷикон бо Президенти Фаронса Жак Ширак буд, ки зимни он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои фатҳи уфуқҳои нави ҳамкории дарозмуддати шарикӣ миёни ҷонибҳо изҳори умедворӣ намуданд [5, 40, 47-48].

Мулоқоти навбатии сатҳи олӣ бо Президенти Ҷумҳурии Фаронса Жак Ширак дар чаҳорчӯби сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Фаронса ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Конфронси генералии ЮНЕСКО сурат гирифта буд. Санаи 11 октябри соли 2005 дар Париж сарони ду давлат суҳбати созанда, кушод ва пурмуҳтаво барпо намуданд, ки зимни он маҷмуи васеи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба матраҳ гардид. Бахусус, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамкориҳои ҳарбию сиёсӣ, омодасозии кадрҳои низомӣ, таъминоти моддию техникии артиш ва муассисаҳои олии таълимии соҳа изҳори қаноатмандӣ карда, ҳамзамон, густариши робитаҳои иқтисодию тиҷоратиро дар амри таҳкими муносибатҳои дуҷониба муҳим донистанд. Гузашта аз ин, мавзуъҳои мубориза бо зуҳуроти терроризму экстремизм, сарчашмаҳои маблағгузории онҳо ва барқарорсозии иқтисодии Афғонистон дар меҳвари музокироти роҳбарони Тоҷикистону Фаронса қарор дошт. Дар вохӯрӣ бо вазири саноати Фаронса Франсуа Лоос ва инчунин, бо роҳбарият ва аъзои Иттиҳодияи байналмилалии соҳибкорони Фаронса “MEDEF International” (МЕДЕФ Интернасионал) Президенти кишвар пиромуни роҳандозии робитаҳои доимии тиҷоратию соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя, тавсеаи воридоту содироти молу маҳсулот, бунёди корхонаҳои муштарак ва саҳмгузорӣ дар лоиҳаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули назари муфид анҷом доданд [3, 272-275].

Дар ҳошияи боздиди мазкур дар толори муҳташами бинои Гранд Опера (Опера Гарние)-и шаҳри Париж Рӯзи фарҳанги Тоҷикистон дар Фаронса барпо гардида, сипас дар вохӯрии хосса бо санъаткорони тоҷик 11 октябри соли 2005

Президент Жак Ширак бо ташаббуси худ дар ҳузури Президент Эмомалӣ Раҳмон чор нафар ҳунарманди шинохтаи тоҷик – Давлатманди Хол, Абдувалӣ Абдурашидов, Соҳиба Давлатшоева ва Ҳақназар Аловатовро бо ордени "Санъат ва суханварии Фаронса" сарфароз гардонид [3, 273].

Минбаъд рушди батадриҷи ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Фаронса бо сафарҳои вазири мудофиаи Ҷумҳурии панҷум Мишел Аллио Мари (дар солҳои 2006 ва 2007), сафари расмии вазири корҳои хориҷии Фаронса Бернар Кушнер (соли 2008) ва вазири мудофиаи ин кишвар Жан-Ив Ле Дриан (соли 2012) ба Тоҷикистон тақвият ёфт. Дар ин зимн, бояд тазаккур дод, ки давоми тақрибан 12 сол-оғоз аз соли 2002 то июли соли 2013–даврае татбиқи рисолати оператсионӣ ва нақлиётӣ–логистикии ҳайати ҳарбӣ–ҳавоии Фаронса (DETAIR) дар фурудгоҳи пойтахти Тоҷикистон ҳамкориҳои низомии моддию техникӣ, таълимӣ ва машваратӣ миёни мақомоти дахлдори ду кишвар ҷоннок гардиданд. Ҷонибҳо вохӯриҳои дуҷонибаро дар сатҳи масъулини сохторҳои қудратӣ мунтазам барпо менамуданд. Бавижа, маҳсули ҳамкориҳои низомии мутақобилан судманд миёни ҷонибҳо ин тадриси забони фаронсавӣ барои афсарони тоҷик, таҷрибаомӯзӣ ва бозомӯзии ҳарбиёни мо дар Фаронса, машқҳои ҳарбӣ-оперативӣ дар шароити кӯҳӣ ва тамринҳои ҳавоӣ–десантӣ дар Тоҷикистон, татбиқи корҳои таъмирӣ–сохтмонии инфрасохтори фурудгоҳӣ (хатти парвозу фуруд ва ғайра), инчунин, сохта ба истифода додани иншооти муосири Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе – терминали нави мусофирон *(бо қарзи имтиёзноки ҷониби фаронсавӣ, тирамоҳи соли 2014 ифтитоҳ ёфт – Ф. Ш.)* ва манораи назоратӣ–диспетчерӣ *(бо кумаки бебозгашти ҷониби фаронсавӣ, баҳори соли 2019 баҳрабардорӣ шуд – Ф. Ш.)* буданд [7].

Бозидиди сеюми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз пойтахти Фаронса ҷиҳати иштирок дар Конфронси 21-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (29 ноябри соли 2015) сурат гирифт. Дар доираи он Президенти Тоҷикистон бо роҳбарияти як қатор ширкатҳои бузурги фаронсавӣ вохӯриҳо анҷом доданд [1, 128].

Марҳалаҳои баъдии муносибатҳои Тоҷикистону Фаронсаро, ки давраи аз соли 2018 то ба имрӯзро фаро мегиранд, мо рамзан "аҳди бошукӯҳ" (Прекрасная эпоха, Belle Époque) номидем, зеро давоми ин муддат сафарҳои корӣ ва расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фаронса (солҳои 2019 ва 2021), Намоишгоҳи нигораҳои таърихии Тоҷикистон дар Осорхонаи ҳунарҳои осиёии "Гиме"-и шаҳри Париж ва Рӯзи фарҳанги Тоҷикистон дар ЮНЕСКО, инчунин, дигар чорабиниҳои марбут ба робитаҳои байнимардумӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ доир шуданд. Равобити ду кишвар ба сатҳи сифатан нав бароварда шуд, муколамаи сиёсӣ ва тамосу дидорҳои роҳбарияти олии ҷонибҳо густариш ёфтанд, заминаи ҳуқуқии муносибатҳо васеъ гардонида шуд.

Ҳамин тавр, дар давраи аз 7 то 12 ноябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон дар як вақт сафарҳои расмӣ ва кориро ба Фаронса анҷом дода, дар рафти он дар кори 40-умин иҷлосияи Конфронси генералии ЮНЕСКО ва Форуми дуюми Париж оид ба масъалаҳои сулҳ ширкат варзиданд. Барномаи сафари расмӣ вохӯриҳо бо намояндагони доираҳои илмӣ–фарҳангӣ ва эҷодии тоҷикони Фаронса, соҳибкорону сармоягузорони бонуфузи фаронсавӣ ва муҳимтар аз ҳама, музокироти сатҳи олӣ бо Президенти Ҷумҳурии Фаронса ҷаноби Эммануэл Макронро дар бар гирифт.

Дар ҷараёни вохӯрии нахустини сарони ду давлат 8 ноябри соли 2019 дар Қасри Елисей роҳу имконоти тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, бахшҳои гуманитариву фарҳангӣ муҳокима шуданд. Ҳангоми мулоқот бо роҳбарияти ширкатҳои фаронсавӣ дурнамои ҳамкорӣ ва зарфиятҳои Тоҷикистону Фаронса ҷиҳати густариши баъдии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар бахшҳои ояндадор, аз қабили рушди минбаъдаи гидроэнергетика, зербинои транзитӣ, саноат, аз ҷумла саноати сабук, хӯрокворӣ ва химиявӣ, мошинсозӣ, металлургияи сиёҳ ва ранга, сайёҳӣ, коркарди маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи кишоварзӣ то ба содирот баровардани он баррасӣ шуданд. Ҷониби фаронсавиро дар ин нишаст ҳамраиси Шурои соҳибкорони Тоҷикистону Фаронса ҷаноби Кристоф Фонтен, намояндаи махсуси Вазорати Аврупо ва корҳои хориҷии Фаронса оид ба дипломатияи иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ҷаноби Паскал Лоро, роҳбарони иттиҳодияи «MEDEF International», ширкатҳои “Airbus”, “Cluster Montagne”, “Fives”, “Groupe Innothera”, “Safran”, “Schiever”, “Thales”, “Total”, “Tractebel Engineering” ва дигарон, муаррифӣ намуданд. Аз натиҷаи боздиди мазкур 11 санади нави ҳамкорӣ (бо шумули 7 шартномаи тиҷоратӣ) ба имзо расид [9, 14-18].

Яке аз саҳифаҳои рангину хотирмони соли 2021, ки он давра ҷашни таърихии 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардид, баргузории сафари расмии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Фаронса рӯзҳои 12-14 октябри ҳамон сол буд. Боздиди мазкур бо он хоссу беназир буд, ки зимни он маросими бошукӯҳи истиқболи расмии Роҳбари давлати тоҷикон дар Маҷмааи Артиши миллии Фаронса, гуфтушунидҳои сатҳи олӣ бо Президенти ин кишвар Эммануэл Макрон ва Раиси Сенати Фаронса Жерар Ларше барпо шуда, ҳамзамон бо иштироки сарони ду давлат Намоишгоҳи бесобиқаи нигораҳои таърихии Тоҷикистон таҳти унвони “Тоҷикистон – кишвари дарёҳои тиллоӣ” дар яке аз осорхонаҳои маъруфи аврупоӣ ва дар ҳузури Пешвои миллат Рӯзи фарҳанги Тоҷикистон дар ЮНЕСКО (бо шумули намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва либосҳои миллии Тоҷикистон, инчунин, барномаи фарҳангӣ) ифтитоҳ ёфтанд. Дар асоси ин боздид ҳамчунин, санади фарогири гуногунҷанба зери унвони “Харитаи роҳи рушди ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Фаронса барои солҳои 2021–2026” ба имзо расид, ки бо ҳамин маҷмуи санадҳои ҳамкорӣ то ба 23 адад афзоиш ёфта,

муносибатҳои ду давлатро дар соҳаҳои робитаҳои хориҷӣ, иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ ва саноат, маориф, фарҳанг ва илму техника, сайёҳӣ, алоқаи ҳавоӣ, муосиргардонии инфрасохтори фурудгоҳи Душанбе, мудофиа, амнияти дохилӣ ва ғайра ба танзим медароранд [4, 60-67].

Агар мушаххасан нигарем, дар рафти мулоқоти навбатии роҳбарони ду кишвар моҳи октябри соли 2021 масъалаҳои тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика, металлургия, саноатҳои сабук ва химиявӣ, мошинсозӣ ва истихроҷи маъдан баррасӣ гардида, роҷеъ ба имкониятҳои шарикӣ дар соҳаҳои логистика, нақлиёт, телекоммуникатсия ва электроника, рушди кишоварзӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ табодули назар анҷом дода шуд. Ҳамзамон, иштироки фаъоли ҷониби фаронсавӣ дар бозсозии инфрасохтори Фурудгоҳи байнал-милалии Душанбе ва аэронавигатсияи он, инкишофи энергетика, сохтмони хатҳои интиқоли барқ, дастгирӣ ва муосиргардонии соҳаи тандурустӣ баланд арзёбӣ шуда, зарурати ҷалби шарикони фаронсавӣ дар пешбурди ислоҳот ва такмили низомҳои бонкӣ ва молиявии Тоҷикистон таъкид гардид. Дар ин раванд бахусус, ҷонноксозии кори Шурои соҳибкорони Тоҷикистон ва Фаронса дар доираи фаъолияти Иттиҳодияи байналмилалии соҳибкорони фаронсавӣ муҳим хонда шуд. Илова бар ин, зимни матраҳсозии масоили рушди равобити башардӯстона қайд гардид, ки таъмини мактабҳои Тоҷикистон бо устодони забони фаронсавӣ, ифтитоҳи бахшҳои донишгоҳҳои Фаронса дар кишвари мо, ҷудо кардани квотаҳо барои таҳсили донишҷӯёни мо дар бахши илмҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, дақиқ ва муҳандисӣ, туризм, менеҷмент ва сиёсатшиносӣ ба табодули маърифатӣ такони тоза хоҳад бахшид [4, 60-67].

Ахиран, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Нитса дар ҳошияи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба уқёнусҳо бо Президенти Фаронса ҷаноби Эммануэл Макрон мулоқот намуданд. Сараввал дар мулоқот Эммануэл Макрон ба Президенти Тоҷикистон барои қабули даъват ва иштирок дар чорабиниҳои байналмилалии Нитса сипосгузорӣ намуда, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар умури ҷаҳонии обу иқлим махсус таъкид сохт. Президенти Фаронса ҳамчунин, ҷониби Тоҷикистонро бо баргузории муваффақонаи нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе табрику таҳният гуфт. Дар идомаи музокирот ҷонибҳо ба густариши беш аз пеши ҳамкориҳо дар самтҳои тиҷоративу иқтисодӣ, энергетика, саноат, кишоварзӣ, ҷалби сармоя ва технология, истихроҷ ва коркарди маъданҳо диққат тамаркуз карда, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангиву башарӣ, илму маориф ва сайёҳиро амри зарурӣ донистанд. Таҳкими равобити байнипарлумонӣ ҷузъи муҳими муносибатҳо маънидод гардида, ҳамзамон, аз раванди пуртаҳаввули шарокати кишварҳо дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, Созмони Милали Муттаҳид, қаноатмандӣ баён гардид. Мусоҳибон ба мавзуъҳои ҳамкорӣ дар масоили тағйирёбии иқлим ва таъсири манфии он ба

муҳити зист, аз ҷумла, дар чаҳорчӯби ташаббуси нави муштараки ҷонибҳо– “Даҳсолаи амал барои дастгирии илмҳои криосферӣ, солҳои 2025–2034”, дахл карданд. Тарафҳо аз мавқеи наздик ва ҳамсон роҷеъ ба таъмини амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, хоссатан, дар ҷодаи мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, изҳори хушӣ намуданд [29].

Бояд таъкид дошт, ки ба ибораи сафири Фаронса дар Тоҷикистон ҷаноби Мишел Тарран (солҳои 2021–2023), бори аввал баргузор шудани Намоишгоҳи нигораҳои таърихии комилан ба Тоҷикистон бахшидашуда дар Осорхонаи ҳунарҳои осиёии “Гиме”-и шаҳри Париж рӯйдоди нодире буда, ҷиҳати ҷашн гирифтани сиюмин солгарди Истиқлоли кишвари ҷавони мо бо таърихи чандинҳазорсолааш дар Фаронса фурсати муносибе фароҳам овард. Тавре ӯ менигорад, он инъикосгари таваҷҷуҳи Фаронсаи қадим ба ҷаҳони эронӣ аст, ки ба омӯзиши он мактаби бонуфузи шарқшиносон фаъолият дошту дорад. Аз тарафи дигар, Тоҷикистон як навъ анъанаи франкофилиро дар худ таҷассум мекунад, ки ҳам аз решаҳои таърихии худ ва ҳам аз даврони ворид шуданаш ба фарҳанги русиву шуравӣ ба мерос гирифтааст. Дипломати фаронсавӣ изҳори итминон мекунад, ки бинобар ҳамин падидаи таърихӣ робитаҳо байни Тоҷикистону Фаронса дар бахшҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ҳарбӣ ба осонӣ ривоҷ ёфтанд. Ба хулосаи сафири Фаронса, дипломатҳо, пажуҳишгарон, ҳунармандон, ҳарбиён ва ходимони созмонҳои гуманитарӣ ба зудӣ ба ҳамдигарфаҳмӣ расиданд ва якҷоя дар тули сӣ сол таърихи нави муносибатҳои расмиву инсониро эҷод ва такмил намуданд [9, 7-8].

Бояд зикр намуд, ки 211 осори таърихи куҳану ғании ба намоиш гузошташудаи халқи тоҷик, аз ҷумла, бозёфтҳои гаронарзиши “Хазинаи Амударё” (аз Осорхонаи Британия махсус барои намоишгоҳ оварда буданд), Тахти Сангин, Панҷакенти қадим, шаҳраки Саразм, Аҷинатеппа, Қалъаи Кофарниҳон, Ҳулбук, маснуоти нодир аз тиллою нуқра ва ғайра (аз фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии бостоншиносии Тоҷикистон), ҳам Президенти Фаронса Эммануэл Макрон ва ҳам даҳҳо ҳазор тамошобинони аврупоиро тасхир кард. Тавре Роҳбари давлати Фаронса дар саҳифаи фейсбукии худ аз таассуроти амиқаш изҳори ақида кард, намоишгоҳи мазкур, ки мавсуф аз он ҳамроҳи Президенти Тоҷикистон қариб ду соат дидан намуд, самараи заҳмати бисёрсолаи бостоншиносон ва коршиносони осорхонавии тоҷику фаронсавӣ мебошад. Боиси хушнудист, ки номҳои Ж.-С.Гардэн, А.-П.Франкфор, Р.Безенвал, Ф.Брюне, Б.Мютен, М.Казанова, Ж.Ф.Жарриж аз миёни коршиносону таҳқиқотчиёни фаронсавӣ ва А.Исҳоқов, А.Раззоқов, Р.Масов, Б.Литвинский, В.Ранов, Ш.Қурбонов, С.Бобомуллоев ва дигарон, аз зумраи олимону бостоншиносони тоҷику шуравӣ абадан бо ҳарфҳои заррин дар таърихномаи ҳамкориҳо ва таҳқиқоти бостоншиносии ду кишвар сабт гардид. Намоишгоҳи нигораҳои таърихии Тоҷикистон дар

Осорхонаи “Гиме” тантанаи волои натиҷаҳои фаъолияти мӯшикофонаи пуршарафи онҳост.

Қобили тазаккур аст, ки сарони ду давлат доир ба масоили муҳимми рӯзномаи дуҷониба ва ҷаҳонӣ тамосу машварати доимиро ба роҳ мондаанд. Ҳамин тариқ, 26 ноябри соли 2022 бо ташаббуси ҷониби фаронсавӣ суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Фаронса баргузор шуд, ки дар рафти он нахуст аҳаммияти идомаи талошҳои якҷоя бо мақсади татбиқи бомароми созишҳои ду кишвар аз натиҷаи гуфтушунидҳои сатҳи олии дар Париж соли 2021 доиршуда таъкид гардид. Ҷонибҳо ҳамчунин, масъалаҳои мубрами амнияти минтақавӣ ва ҳамоҳангӣ дар амри муқовимат ба таҳдиду чолишҳои муосирро баррасӣ карда, аз ҷумла диққатро ба мушкилоти Афғонистон, бахусус, вазъияти мураккаби ҳарбӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дурнамои таҳаввули вазъ дар ин кишвар равона сохтанд [10].

Робитаҳо байни намояндагони баландпояи ду кишвар низ дар сатҳи матлуб қарор дорад. Ҳамин тариқ, рӯзҳои 10-12 ноябри 2021 дар рафти боздиди корӣ аз шаҳри Париж вохӯриҳои дуҷонибаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо мушовири Президенти Ҷумҳурии Фаронса оид ба Аврупои Континенталӣ ва Туркия хонум Изабел Дюмон, котиби давлатии Вазорати Аврупо ва корҳои хориҷии Фаронса ҷаноби Жан-Батист Лемуан, директори Осорхонаи миллии санъати осиёии “Гиме”-и Фаронса хонум Софи Макариу барпо шуданд. Сироҷиддин Муҳриддин бо роҳбари ниҳоди сиёсати хориҷии Фаронса хонум Катрин Колонна санаи 8 декабри соли 2022 дар шаҳри Париж бори нахуст дидору гуфтугӯ намуд. Мусоҳибон аз самараҳои хуби боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Фаронса (октябри 2021) ва муколамаи таҳкимёфтаи сиёсӣ ибрози қаноатмандӣ карда, омодагии ҷонибҳоро ҷиҳати танзими даври навбатии машваратҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ баён доштанд. Дар ин зимн, ҳавасмандӣ дар амри идомаи татбиқи Харитаи роҳи рушди ҳамкориҳо аз соли 2021 ва дастгирии ҷониби Фаронса дар таъмини амнияти сарҳадоти Тоҷикистон бо Афғонистон изҳор гардид [17]. Илова бар ин, 10 ноябри соли 2023 дар ҳошияи Форуми навбатии Париж оид ба масъалаҳои сулҳ вазир С.Муҳриддин бо ҳамтои фаронсавии худ К.Колонна бори дувум вохӯрда, доир ба масоили ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо ва атрофи мавзуоти байналмилаливу минтақавӣ музокирот анҷом дод [23].

Дар мавриди робитаҳои фарогири ду кишвар месазад каме ба муҳтавои охирин даври машваратҳои сиёсии байниидоравӣ миёни ду кишвар таваққуф кард, ки зимни сафари муовини якуми вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Исматулло Насредин ба шаҳри Париж (11-12 декабри соли 2024) баргузор шуд. Дар ин чорабинӣ, ки боиси баррасии ҳолат ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маорифу фарҳанг, масъалаҳои

байналмилалӣ ва мавзуоти минтақавӣ гардид, ҳайати ҷониби Фаронсаро директори Департаменти Аврупои қитъавии Вазорати Аврупо ва корҳои хориҷӣ Брис Рокфей роҳбарӣ намуд. Пас аз тавсифи дастовардҳои муносиботи ду кишвар, ба мисоли сафарҳои Президенти Тоҷикистон ба Париж ва муколамаи густурда бо Президенти Фаронса Эммануэл Макрон, ташкили Намоишгоҳи нигораҳои таърихии тоҷикон дар Осорхонаи "Гиме", Исматулло Насредин ҷонибдории кишвари моро аз иқдомоти байналмилалии Фаронса, ки ба рушди умум нигаронида шудаанд, иброз намуд ва дар робита ба ҳамкориҳои байнипарлумонӣ таклиф дошт, ки машваратҳои гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонии ду кишвар бо дарназардошти интихоботи парлумонии Тоҷикистон, ки моҳи марти соли 2025 дар назар аст, ва таҳаввулоти охири ҳокимият дар Фаронса барқарор шаванд [11].

Роҳбари ҳайати Тоҷикистон изҳор дошт, ки сатҳи кунунии равобити иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Фаронса ҷавобгӯйи ҳадафу манфиатҳои тарафҳо нест, зеро ҳар ду кишвар имконоту захираҳои бузурги бароҳмонии тиҷорат дар бахшҳои гуногунро доранд, ки истифодаи он барои ҷонибҳо ва мардумони онҳо манфиат хоҳад овард. Дар ин қарина, иқтидори соҳаҳои иқтисодиву тиҷоратии кишварамон, бахусус зарфиятҳои бузурги энергетикӣ, саноати кӯҳӣ, кишоварзӣ, туризм ва дигарҳо муаррифӣ шуда, ҷалби сармоя ва технологияи фаронсавӣ ба ин бахшҳо манфиатбор барои ҳар ду кишвар арзёбӣ гардид ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар ин самтҳо арз шуд. Ҳавасмандии мо ба роҳандозии ҳамкориҳо бо ширкатҳои фаронсавӣ, бахусус ҷалби ширкатҳои "TotalEnergies", "EDF", "Carpi", "Danone", "Lactalis" ва "Orano" ба бозори Тоҷикистон қайд гардид. Роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Фаронса низ ба зарурати таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ишора карда, иброз дошт, ки имкони танзими сафарҳои Президенти Фаронса Эммануэл Макрон ба ин ё он кишвар бештар ба омили пешравӣ дар густариши робитаҳои иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, ҷониби фаронсавӣ аз мусоидати ҷониби мо дар танзими ҳамкории ширкати "POMA SAS" бо Тоҷикистон дар самти татбиқи лоиҳаи навсозии роҳи танобии (канатная дорога) пойтахт, лоиҳаи корхонаи сементбарорӣ ва навсозии қубурҳои обгузари ҷӯйборҳо ва каналҳо дар Тоҷикистон пурсон шуд.

Дар ин радиф, 6 феврали соли 2025 дар шаҳри Париж дар ҳамкории Сафорати Тоҷикистон бо Иттиҳодияи байналмилалии соҳибкорони Фаронса муаррифии иқтидору имконоти бахшҳои гуногуни соҳаи саноати тоҷик зимни нишасти махсус аз ҷониби муовини вазири саноат ва технологияҳои нави кишвар Азиз Назар анҷом дода шуд. Мавсуф аснои суҳбату суханронӣ дар назди намояндагони ширкатҳои фаронсавии "AMG Antimony SICA", "Assystem", "CLEIA", "Ginger Sofreco", "Herbert Smith Freehills", "Seureca-Veolia", "Weecycling" ва ғайра, инчунин, масъулони ниҳодҳои марбутаи Фаронса дар бораи рушду зарфиятҳои саноатҳои истихроҷи маъданҳои табиӣ,

бофандагӣ, хӯрокворӣ, сохтмон, кишоварзӣ ва дорусозӣ маълумот дод. Таваҷҷуҳи бештари доираҳои саноатии Ҷумҳурии Фаронса ба имкониятҳои ҳамкорӣ дар бахшҳои саноати кӯҳӣ, алалхусус, истеҳсолу хариди сурма, тавлиди энергияи тақдидшаванда, коркарди партовҳо, истеҳсоли фосфату доруҳои минералӣ ва масолеҳи сохтмонӣ равона шуд. Худи ҳамон рӯз вохӯрии муовини вазир Азиз Назар бо ваколатдори байниидоравии Фаронса оид ба маъданҳои стратегӣ Бенжамин Галлезот доир шуда, табодули афкору маълумоти судбахш атрофи имкониятҳои саноати маъданҳои табиӣ сурат гирифт. Масъалаҳои ҳамкорӣ дар гузаронидани иктишофи геологӣ, ба омӯзиш фаро гирифтани мутахассисони тоҷик ва роҳандозии ташхисгоҳҳо, истеҳсоли маводҳои тарканда низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Пазироии намояндаи Тоҷикистон дар Париж аз аҳаммияти хосса ва ниёзмандии ҷониби Фаронса ба ашёи хоми муҳим дарак медиҳад, ки фурсати хуберо барои рушди ҳамкориҳо дар ин бахш фароҳам меовард [12].

Агар ба гузаштаи начандон дури шаклгирии робитаҳои иқтисодии ду давлат назар афканем, ҳамагӣ даҳ сол пеш, 23-24 апрели соли 2015 ҳайати «MEDEF International» бо гурӯҳи иборат аз 20 намояндаи иттиҳодияи бузурги "ETI", корхонаҳо дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмон ва инфрасохтор, энергетика, таъминоти об, технологияҳои баланд, телекоммуникатсия, нақлиёти ҳавоӣ, хизматрасониҳои давлатӣ зимни сафари корӣ ба Душанбе дар Анҷумани соҳибкорони ду кишвар бо ҳузури ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ иштирок намуд. Моҳи ноябри ҳамон сол ҳайати соҳибкорони Тоҷикистон зери роҳбарии раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҷумҳурӣ Қодири Қосим ба Париж сафари кории ҷавобӣ анҷом дода, аз натиҷаи гуфтушунид бо ҳамтоён миёни кумита ва иттиҳодияи «MEDEF International» Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ ба имзо расид ва Шурои соҳибкорони Тоҷикистону Фаронса таъсис ёфт. Он давра дар Тоҷикистон фаъолияти 25 ширкати хурду бузурги Фаронса, аз қабили "Alstom", "Schiever, Fives", "Total", "Merieux", "Michelin", "Geres", "Gemalto", "Airbus", "Coyne et Bellier", "Isover Saint-Gobain", "Nutristar, Sofreco", "Yves Rocher", "L'Oreal" ва дигарон ба қайд расида буд. Бахши хусусии Фаронса дар авиатсия, энергетика, кишоварзӣ, электротехника, савдои тақсимотӣ, сохтмони инфрасохторӣ, инчунин, хизматрасониҳои муҳандисию машваратии иқтисод амал мекард.

Бозсозии НБО-и "Норак" аз тарафи ширкати "Alstom" (соли 2013), сохтмони терминали нави муосир дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе (соли 2014), ифтитоҳи гипермаркети "Ашан" дар шаҳри Душанбе ва насби низоми мукаммали идоракунии сарҳад ва раводид аз ҷониби ширкати "Thales" (соли 2016) намунаҳои барҷастаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Фаронса ба шумор мераванд. Бояд гуфт, ки низоми идоракунии сарҳад дар 20 гузаргоҳи сарҳадӣ (аз ҷумла, 2 фурудгоҳи байналмилалӣ ва 18 нуқтаи назорати сарҳадии заминӣ) ҷойгир карда шуда,

низоми идоракунии раводид дар сафорату консулгариҳои Тоҷикистон дар хориҷа, инчунин, дар веб-платформаи дархости раводиди электронӣ амал мекунад [9, 226-228]. Ба ғайр аз ин, дар марҳалаи кунунӣ ширкати бонуфузи фаронсавии “Tractebel Engineering” бо таҷрибаву технологияҳои муосири худ дар раванди сохтмони иншооти бузурги аср – НБО-и “Роғун” саҳмгузор аст.

Тоҷикистон ба татбиқи лоиҳаҳои зерсохторӣ ва саноатӣ, ҷалби технологияҳои муосир ва таъсиси корхонаҳои муштарак бо ҷониби Фаронса манфиатдор аст. Ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои энергетика, сайёҳӣ, нақлиёт, телекоммуникатсия, рақамикунонӣ, робитаи мустақими ҳавоӣ миёни Душанбе ва Париж, саноати сабук, дорусозӣ, сохтмони иншооти гуногунсоҳа ва дигар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт метавонанд дар чаҳорчӯби ташаббусҳои муштараки роҳбарияти ду кишвар тақвият ёбанд. Ҳар ду кишвар барои афзоиши ҳаҷми молу маҳсулот ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ имкониятҳои бузург дошта, ин раванд ба муосиргардонии иқтисоди миллии Тоҷикистон ва диверсификатсияи сохтори тиҷорат мусоидати амалӣ хоҳад кард [6]. Дар ин зимн, шоёни диққат аст, ки дар соли 2024 ҳаҷми тиҷорати Тоҷикистон бо Фаронса 12,7 млн. долл. ИМА (содирот – 3 млн. 85 ҳаз. долл. ИМА ва воридот – 9 млн. 663,2 ҳаз. долл. ИМА)-ро ташкил дода, аз рӯйи ин нишондод дар солҳои охир танҳо соли 2022 (бо ҳаҷми 66,5 млн. долл. ИМА) намунавӣ буд [13]. Сармоягузориҳои Фаронса ба Тоҷикистон дар солҳои 2007-2024 дар ҳаҷми 172 млн. долл. ИМА таъмин гардида, бештар бахшҳои хизматрасонии молиявӣ, саноат ва тиҷоратро фаро гирифтанд [14].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СММ, инчунин, дигар ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба ба роҳ мондаанд. Тоҷикистон аз ташаббусҳои байналмилалии Фаронса дар чаҳорчӯби созмонҳо ба таври анъанавӣ пуштибонӣ карда, масоили пешбарии номзадии он кишварро ба ниҳодҳои интихоботии СММ ба таври мусбат баррасӣ менамояд. Махсусан, Тоҷикистон номзадҳои пешбаришудаи Фаронсаро ба мансаби мудири кулли Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Созмони Байналмилалии Меҳнат, узвият дар Шурои СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ (ЭКОСОС), Иттиҳоди байналмилалии алоқа (ITU), Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ (UNCITRAL), Кумитаи СММ оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъйиз нисбати занон (CEDAW), Додгоҳи байналмилалии адолат ва Додгоҳи байналмилалии ҷиноӣ (додгоҳи Гаага) дастгирӣ намудааст [15]. Дар навбати худ, Фаронса низ аз ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самтҳои дипломатияи обӣ, ҳифзи пиряхҳо, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва дигар чолишҳои амниятии замони муосир ҷонибдорӣ кардааст.

Дар зимни таваҷҷуҳ ва ҳузури ҷониби Тоҷикистон дар чорабиниҳои байналмилалии бо ташаббуси ҷониби Фаронса барпошаванда, бояд гуфт, ки 10

ноябри соли 2023 дар шаҳри Париж Ҳамоиши навбатии Париж оид ба масъалаҳои сулҳ бо иштироки сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, ҳайатҳои баландпояи кишварҳо, роҳбарони ниҳодҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ доир гашт, ки дар он ҳайати Тоҷикистон зери роҳбарии вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин ширкат варзид. Худи ҳамон рӯз, бо ибтикори ҷониби фаронсавӣ Париж мизбони Нишасти қутбии "Як сайёра" гардида, дар кори он Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷии кишвар намояндагӣ кард. Чорабинии мазкур сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, намояндагони баландпояи кишварҳо, коршиносону олимон, роҳбарони ниҳодҳои байналмилалӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, намояндагони мардуми бумӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ ва бахши хусусиро аз кишварҳои гуногун ба манзури баррасии мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, хоссатан, вазъи пиряхҳо дар сайёра ба ҳам овард [22].

Дар қаринаи талошҳои муштараки марбут ба пешбурди рӯзномаи ҳифзи пиряхҳо, боиси хушнудист, ки Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Фаронса оид ба эълони солҳои 2025–2034 ҳамчун "Даҳсолаи амал барои дастгирии илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ)" пешниҳод манзур карда буд, ки тавассути Қатъномаи A/RES/78/321 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 13 августи соли 2024 ҷонибдорӣ ёфт [24].

Таъсис ёфтани Институти фаронсавии омӯзиши Осиёи Марказӣ (L'Institut français d'études sur l'Asie centrale – IFEAC) дар соли 1993 омили қавии вусъати бесобиқаи равобити илмии Тоҷикистону Фаронса аз нуқтаи назари илмҳои иҷтимоӣ гардид. Аз оғози фаъолияти "IFEAC" Тоҷикистон низ ба чорабиниҳои илмӣ ва ё ташаббусҳои институт ҳамроҳ шуда буд. Дар баробари ин, кори институт дар минтақа аз соли 1998 пас аз таъйини директори он ҷаноби Венсан Фурнё (1998-2002) воқеан, фаъол гардид. Он давра фаъолияти пурсамари минтақавии "IFEAC" ба панҷ самт тамаркуз ёфта буд: фаъолнокии олимони тоҷик дар аксари самтҳои фаъолияти институт, аз ҷумла, нашри мақолаҳои онҳо дар маҷаллаи "Les Cahiers d'Asie centrale" (Дафтарҳои Осиёи Марказӣ), дастгирии интишори таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик, ташвиқи пажуҳишгарони ҷавони фаронсавӣ ва дигар кишварҳои аврупоӣ барои гузаронидани таҳқиқот бахшида ба Тоҷикистон, кушодани филиали институт дар Душанбе ва нашри "Фарҳанги тоҷикӣ–фаронсавӣ". Қобили зикр аст, ки таҳияи "Фарҳанги тоҷикӣ-фаронсавӣ" бо ташаббуси директори институт В. Фурнё дар робитаи қавӣ бо омӯзгори забони фаронсавӣ ва мутахассиси равобити адабии Фаронса ва Тоҷикистон шодравон Шокир Мухтор соли 1999 оғоз ёфта, он дар нашрияи "Asiatheque" (Азиятек) соли 2003 нашр шуд. Гузашта аз ин, пажуҳишҳо, рисолатҳо ва нашрияҳои илмии В. Фурнё ба ҳайси омӯзгор-муҳаққиқ пас аз соли 1995 барои ошносозии Тоҷикистон ба доираҳои махсус низ мусоидат кардаанд: мақолаҳо, бобҳои асарҳои дастаҷамъона ва монографияҳо ба таърихи Тоҷикистон чун ҷузъи Осиёи Миёна дар даврaҳои гуногун, хоссатан асри XVIII,

аз як тараф, ва даврони шуравӣ, аз тарафи дигар, бахшида шудаанд. Масалан, ҷаноби Фурнё доир ба таърихи илмҳои иҷтимоӣ, мубоҳисаи бостоншиносӣ, мардумшиносӣ ва таърихӣ дар Тоҷикистон пас аз соли 1945 дар соли 2019 монография таҳти унвони "Таҳаввулоти шуравӣ ва хотира дар Осиёи Марказӣ. Аз "Индигенизатсия" *(слияние с туземцами, коренизация–Ф.Ш.)* то истиқлол"-ро интишор намуд. Тибқи ин асар, доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди худшиносии миллии тоҷик дар тимсоли сулолаи Сомониён аз охири солҳои 40-уми асри гузашта шуруъ карданд [9, 47-49].

Шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ ҷаноби Франсис Ришар, масъули бахши дастхатҳои форсӣ дар Китобхонаи миллии Фаронса (солҳои 1974–2003), китобдор ва директори илмии Китобхонаи донишгоҳии забонҳо ва тамаддунҳо (2006–2014) – солҳои 2011–2012 ба ҳайси директори "IFEAC" фаъолият кардааст. Мавсуф ба шарофати талошҳои илмию ҷамъиятӣ ва робитаҳои фаъоли худ бо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ), Маркази мероси хаттӣ, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи миллӣ, донишгоҳҳои миллӣ ва омӯзгории кишвар санаи 19 декабри соли 2012 узви хориҷии АМИТ интихоб шуда буд. Ӯ доир ба нишастҳои зиёд, аз қабили симпозиумҳои байналмилалии ба ҳаёту фаъолияти Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ёдбуди Ҳаким Тирмизӣ, 3000-солагии Ҳисор ва Конфронси ба шарқшиноси маъруф А.Семёнов бахшидашуда бо ҳамтоёни тоҷикаш табодулу ҳамкориҳои пурмаҳсул дошт. Ба ибораи ӯ, яке аз қаноатмандии бузургаш ин татбиқи лоиҳаи Намоишгоҳи Тоҷикистон дар Париж тирамоҳи соли 2021 буд, ки ҳамроҳи Наргис Хоҷаева, намояндаи "IFEAC" дар Тоҷикистон (солҳои 2000–2017), ин орзуи деринаро аз солҳои 2010-ум дар сар мепарварид [9, 41-43].

Зери роҳбарии яке аз директорони ахири "IFEAC" (2016–2020), профессори Донишкадаи миллии забонҳо ва тамаддунҳои шарқии Париж (INALCO) Катрин Пужол ҳамкориҳои самарабахш ба роҳ монда шуда, дар шаҳри Душанбе чорабиниҳои гуногун, аз қабили мизҳои гирд (зери унвони "Дарки хатари радикализатсияи исломгароён аз ҷониби ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ ва Аврупо, интиқоли таҷриба" (12–13 октябри соли 2017) ва "Шаҳрҳои оянда" (13 майи соли 2019), аз ҷумла, мақолаи ӯ "Шаҳрҳои ояндаи Осиёи Марказӣ, Остона, Бишкек, Душанбе дар оинаи таърих" дар шумораи махсуси "Дафтарҳои Осиёи Марказӣ") ва мактаби тобистона "Барои мутахассиси ҷавони дастхатшинос" (сентябри соли 2018) ташкил шуданд. Чандин докторантон бо дастгирии "IFEAC" дар он солҳо таҳқиқоти худро пурра ё қисман ба Тоҷикистон бахшиданд (Арияна Зевако, Оливие Феррандо, Жулия Дирембергер ва ғайра). Боиси зикр аст, ки Катрин Пужол дар симати кунуниаш дар "INALCO" 13 декабри соли 2021 "Рӯзи бахшида ба Тоҷикистон"-ро бо иштироки Венсан Фурнё ("EHESS" – Мактаби олии омӯзиши илмҳои иҷтимоии Фаронса), Франсис Ришар ("CNRS"–Маркази миллии таҳқиқоти илмии

Фаронса), Жулиян Торез (CNRS) ва Софи Ҳоман (INALCO) баргузор намуд [9, 52-55].

Тоҷикистон ҳамчунин, таҷрибаи хеле мусбати ҳамкориро бо ташкилоти ғайридавлатии фаронсавии "ACTED"–Агентии ҳамкориҳои техникӣ ва рушд дорад, ки он дар давоми солҳои 2000-ум ба туфайли дастгирии мунтазами сарпарастон, аз қабили Иттиҳоди Аврупо, Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ, Вазорати Аврупо ва корҳои хориҷии Фаронса, Сафорати Ҷумҳурии Фаронса дар Тоҷикистон ва дигар сафоратҳо барномаҳои гуногуни обтаъминкунӣ ва беҳдошт, лоиҳаҳои коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ташаббусҳои идоракунии маҳаллиро амалӣ намудааст. Ба ғайр аз ин, филиали "ACTED" дар Тоҷикистон ба манзури ташвиқу тарғиби мероси фарҳангии тоҷикон соли 2001 Маркази фарҳангии "Бохтар"-ро таъсис дод, ки инак, 25 сол боз дар кишвар чорабиниҳои гуногуни маърифатӣ ва фарҳангиро бо шумули таълими оммавии забони фаронсавӣ, баргузории семинару конфронсҳо, Ҳафтаи Франкофония, намоишгоҳҳои китобҳо ва осори санъат, озмунҳои мусиқӣ, забондонӣ ва дигар ташаббусҳо ба роҳ мондааст.

Ба таври мисол метавон зикр кард, ки "ACTED" соли 2011 сохтмони марказҳои саломатиро дар деҳоти марзии Тоҷикистону Афғонистон ба анҷом расонида, дар соли 2015 дастрасии 285 корхонаи хурду миёнаро ба маблағгузорӣ, технология ва омӯзиши техникӣ дастгирӣ кард. Илова бар ин, дар зарфи солҳои 2016–2020 ин ташкилот ҳамкориро бо ҷамоатҳои маҳаллӣ дар самти идоракунии муштараки захираҳои табиӣ ва рафъи хавфҳои офатҳои табиӣ, дастгирии воситаҳои зиндагии аҳолии деҳот ва ҳавзаҳои асосии обӣ роҳандозӣ намуд. Намунаи барҷастаи чунин фаъолият лоиҳаи "Беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва амнияти озуқаворӣ тавассути идоракунии устувори захираҳои табиӣ" мебошад, ки дар ҳавзаи рӯди Зарафшон бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва дигар шарикони рушд дар доираи Лоиҳаи миллии идоракунии захираҳои об татбиқ мегардад. Чунин лоиҳа дар ҳавзаи Сирдарё низ дар ҳамёрӣ бо ташкилоти швейтсариягии рушд «Helvetas», Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ) ва Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ амалӣ карда мешавад.

Ба ҳолати соли 2022 "ACTED" дар Тоҷикистон 11 лоиҳа, аз ҷумла 5 лоиҳаи минтақавиро дар ҳамкории зич бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самтҳои сайёҳӣ, рушди иқтисод, энергияи сабз, тавонмандсозии занон ва мубориза бо хушунати хонаводагӣ мавриди татбиқ қарор дода буд. Чун қисми таркибии стратегияи ҷаҳонии 3Zero (Zero Carbon – чунки мо як сайёра дорем, Zero Poverty – чунки камбизоатӣ набояд монеа барои зарфиятҳои ҳама бошад, Zero Exclusion–чунки ҳеч кас набояд дар канор монад), созмони "ACTED" дар Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон фаъолияташро ба се самти зерин нигаронидааст: 1. Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва эҷоди муқовимат тавассути баланд бардоштани устуворӣ; 2. Мусоидат ба рушди устувор ва фарогир; 3. Таҳкими

ҷомеаи шаҳрвандӣ ва идоракунии оқилона дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва минтақавӣ. Ба ин муносибат созмони "ACTED" ахиран дар Душанбе Маркази беназири "3Zero House Dushanbe"-ро таъсис дод, ки барои эҷоди ҳамоҳангӣ дар ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкории иҷтимоӣ бо дигар ташкилотҳо мусоидат менамояд [9, 190-192].

Бояд тазаккур дод, ки шаҳри Парижи Фаронса ба туфайли ЮНЕСКО дар таърихи 5-8 июни соли 2024 ҳамчунин, мизбони Конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба 815-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ зери унвони «Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва саҳми ӯ дар густариши фарҳанги ҷаҳонӣ», намоишгоҳ доир ба осору эҷодиёти ӯ, намоиши мусаввараву либосҳои миллии тоҷикӣ ва барномаи фарҳангӣ таҳти унвони «Оҳангҳои ҷовидонӣ» гардид. Дар ифтитоҳи ин чорабиниҳо вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён иштирок ва суханронӣ намуд [26]. Илова бар ин, қобили таваҷҷуҳ аст, ки аз 21 то 30 июн дар Ҳафтаи мӯди ҷаҳонии Париж тарроҳи тоҷик Хуршед Сатторов либоси миллии тоҷикӣ, аз ҷумла чаканро муаррифӣ кард. Ин чорабинӣ дар доираи Намоишгоҳи байналмилалии мӯдҳои шарқӣ – "Oriental Fashion Show" таҳти унвони «Роҳи Абрешим» баргузор шуда, зимни он равшанӣ, рангорангӣ, ғановат ва гуногунии шаклу тарзҳои маъноии гулдӯзии чакани миллӣ аз ҷониби бонувони зебои тоҷик намоиш дода шуд.

Рӯйдоди муҳимми дигари фарҳангӣ–намоишномаи театрии ҳунарман-дони балети Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони "Дивертисмент" буд, ки 26 марти соли 2025 дар Театри «Gymnase Marie Bell»-и Париж нахустин бор дар миқёси Аврупо баргузор гардид. Ин чорабинӣ дар ҳамкории Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ бо созмони "France UNESCO Art Culture" ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фаронса танзим карда шуд. Ҳунармандони моҳири тоҷик дар саҳнаи ин театри бостонии пойтахти Фаронса бо намоиш додани шоҳкориҳои балет, аз қабили «Шопенианаи бузург», «Дон Кихот», «Фаввораи Боғчасарой», «Илҳом аз Осиё» ва «Каприз Паганини» санъати волои муосири тоҷикро пешкаши ҳаводорони асили балет гардониданд [28].

Таҳлили муносиботи шарикии гуногунҷанбаи Тоҷикистону Фаронса нишон медиҳад, ки робитаҳои сиёсӣ миёни ду кишвар дар сатҳи оливу баланд ба таври қаноатбахш роҳандозӣ гардида, дар ин самт танзими сафари расмии ҷавобии Президенти Фаронса Эммануэл Макрон ба Душанбе мубрам ба назар мерасад. Ҳамзамон андешидани иқдомҳои мутақобила дар ҷодаи таҳкими робитаҳои воқеан зичи иқтисодию тиҷоратӣ, бахусус, мусоидат ба ҳузури иқтисодии ширкату корхонаҳои фаронсавӣ дар Тоҷикистон, боиси ба марҳалаи сифатан нав баромадани муносибатҳои сиёсӣ–иқтисодӣ хоҳад гашт. Роҳҳалли ҳамаи дигар масъалаҳо дар рӯзномаи ҳамкориҳои ду кишвар аз ин ду унсури калидӣ вобастагӣ дошта, умед аст, ки ҷонибҳо дар солҳои наздик ба чунин

дастовард ноил хоҳанд гашт ва барои мардумони худ уфуқҳои тозаи дӯстию рафоқатро боз хоҳанд кард.

АДАБИЁТ

1. 25 қадам дар паҳнои олам / Зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.

2. Назаров Т.Н., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

3. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли фарҳанги оламгир (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2005). – Китоби 5. Нашри дуюм. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

4. Шарифзода Ф.А. «Прекрасная эпоха» в истории таджикско-французских отношений (2018-2022 гг.). – Хуҷанд: Хуросон, 2023. – 199 с. (ба заб. русӣ ва франс.)

5. Шарифзода Ф.А. Таджикистан-Франция: узы дружбы и сотрудничества: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 248 с.

6. Ашуров А.М. Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Фаронса. // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният (Маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). - №1 (5) 2023. – С. 130 – 138.

7. Шарипов Ф.А. (Шарифзода Ф.А.) О военно-политическом сотрудничестве Таджикистана и Франции. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз (Маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). - №2 (52), 2016. – С. 82 – 96.

8. Шарифзода Ф.А. Ташаккул ва рушди муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса (солҳои 1991-2016): автореф. дисс. ... номзади илмҳои таърих: 07.00.15 / Ф.А. Шарифзода. –Душанбе, 2018. – 25 с.

9. Дӯстии Париж ва Душанбе: 30 соли муносибатҳои дипломатӣ (1992 – 2022). Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2022. – 225 с. (ба заб. тоҷ. ва фарансавӣ).

10. Рӯзномаи “Садои мардум”. – 2022. – 29 ноябр. - №148 (4568).

11. Бойгонии ҷории Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон

12. Бойгонии ҷории Сафорати Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Фаронса.

13. Маълумоти бюллетенҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 ва 2024.

14. Маълумоти омории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

15. Маълумотномаи Раёсати созмонҳои байналмилалии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳо байни Тоҷикистон ва Фаронса дар доираи созмонҳои байналмилалӣ.

16. Мусоҳибаи Рауль Делькорд: «Французский язык – важный инструмент мировой дипломатии» [Манбаи электронӣ] // Портали ширкати расонаии фаронсавии "Radio France Internationale" (RFI). URL: https://www.rfi.fr /ru/20210321-рауль-делькорд-французский-язык-–-важный-инструмент-мировой-дипломатии (Санаи нашр: 21.03.2021)

17. Пресс-релизи Вазорати Аврупо ва корҳои хориҷии Фаронса таҳти унвони «Тоҷикистон – суҳбати вазир Катрин Колонна бо ҳамтои тоҷикаш Сироҷиддин Муҳриддин (8 декабри соли 2022)» [Манбаи электронӣ] // URL: https://www.diplomatie.gouv.fr/fr/dossiers-pays/tadjikistan/evenements/article/ tadjikistan-entretien-de-la-ministre-catherine-colonna-avec-son-homologue-270317 (ба заб. франс.)

18. 2024, соли рекордӣ барои сайёҳии байналмилалӣ дар Фаронса [Манбаи электронӣ] // Сомонаи "Campus France". URL: https://www.campusfrance.org /en/actu/2024-annee-record-pour-le-tourisme-international-en-france (ба заб. англ.)

19. Мақолаи "Иқтисоди Фаронса" дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia. org/wiki/Economy_of_France (ба заб. англ.)

20. Мақолаи "Фаронса" дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/ wiki/France (ба заб. англ.)

21. Мақолаи "Фаронса" дар Донишномаи Britannica. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.britannica.com/ place/France (ба заб. англ.)

22. Маълумотномаи "Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Фаронса" [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Сафорати Тоҷикистон дар Фаронса. URL: https://mfa.tj/tg/paris/munosibatho/munosibathoi-dujoniba

23. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: www.mfa.tj

24. Суханронӣ дар иҷлосияи умумии Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://president.tj/event/news/48897

25. Топ-40 главные достопримечательности Франции [Манбаи электронӣ]. URL: https://dzen.ru/a/Xx04MtTDKD4 X97xW

26. Хабари «Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва саҳми ӯ дар густариши фарҳанги ҷаҳон». Таҳти чунин унвон бо ташаббуси Тоҷикистон дар ЮНЕСКО конференсияи байналмилалӣ оғоз гардид. [Манбаи электронӣ] // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон "Ховар". URL: https://khovar.tj/2024/06/ mavlono-aloluddini-balh-va-sa-mi-dar-gustarishi-far-angi-a-on-ta-ti-chunin-unvon-bo-tashabbusi-to-ikiston-dar-yunesko-konferensiyai-bajnalmilal-o-oz-gardid/

27. Чанд франкофон дар дунё мавҷуд аст? [Манбаи электронӣ] // Сомонаи "L'Observatoire de la langue française". URL: https://observatoire. francophonie.org/qui-parle-francais-dans-le-monde (ба заб. франс.)

28. Ҳунарнамоии балети тоҷик дар Париж [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Фаронса. URL: https://mfa.tj/tg/paris/view/16806/hunarnamoii-baleti-tojik-dar-parizh

29. Ҷумҳурият. – 2025. – 10 июн. – №114.

МНОГОГРАННОЕ ПАРТНЕРСТВО ТАДЖИКИСТАНА И ФРАНЦИИ: ВЧЕРА И СЕГОДНЯ

ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОХ,
кандидат исторических наук, первый секретарь Управления стран Европы и Америки Министерства иностранных дел Республики Таджикистан
734001, Таджикистан, город Душанбе, улица Шероз 33;
тел: (+992 37) 221-18-08; e-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

В статье рассматривается история становления, развития и эволюции многогранных отношений между Таджикистаном и Францией на протяжении 33 лет дипломатических отношений, а также современное состояние взаимоотношений между двумя странами. Автор особо акцентирует внимание на значение, содержание и результатаҷ официальных и рабочих визитов Президента Таджикистана в Париж, а также визитов высокопоставленных французских представителей в Душанбе, анализируя политико-дипломатический диалог, экономические, торговые и гуманитарные отношения между двумя странами. В конце статьи, выражая удовлетворение уровнем и качеством политического и гуманитарного сотрудничества на современном этапе, подчеркивается необходимость активизации и укрепления экономического и торгового присутствия Франции в Таджикистане как опоры всестороннего развития отношений. При написании статьи использованы книги и газеты о внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан и публикации Министерства иностранных дел, научные труды, научно-популярные статьи, а также другие отечественные и зарубежные электронные издания и информационно-статистические материалы.

Ключевые слова: *Европа, Таджикистан, Франция, внешняя политика, международные отношения, история, Президент Таджикистана, политический диалог, экономические и гуманитарные связи, официальные визиты.*

MULTIFACETED PARTNERSHIP BETWEEN TAJIKISTAN AND FRANCE: THE PAST AND THE PRESENT

SHARIFZODA FIRDAVS ABDUFATTOH,
candidate of historical sciences, First Secretary of the Department of European and American countries of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan,
734001, Tajikistan, Dushanbe city, Sheroz str. 33;
tel.: (+992 37) 221-18-08; e-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

The article is devoted to the history of formation, development and evolution of multifaceted ties between Tajikistan and France over 33 years of diplomatic relations, as well as the current state of relationships between the two countries. The author especially emphasizes the importance, content and results of the official and working visits of the President of Tajikistan to Paris, as well as the visits of high-ranking French representatives to Dushanbe, analyzing the political-diplomatic dialogue, economic, trade and humanitarian relations between the two countries. At the end of the article, expressing satisfaction with the level and quality of political and humanitarian cooperation at the current stage, the need to activate and strengthen the economic and trade presence of France in Tajikistan is emphasized as an important pillar for the development of all-round relations. When writing the article, books and newspapers about the foreign policy activities of the President of the Republic of Tajikistan and publications of the Ministry of Foreign Affairs, scientific works, scientific and popular articles, as well as other domestic and foreign electronic publications and informational and statistical materials were used.

Keywords: *Europe, Tajikistan, France, foreign policy, international relations, history, President of the Republic of Tajikistan, political dialogue, economic and humanitarian relations, official visits.*

УДК: 327(575.3:510)"1992/2000"+070

ИНЪИКОСИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ЧИН ДАР МАРҲАЛАИ АВВАЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ (СОЛҲОИ 1992-2000) ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

ШАРИФХОНЗОДА МОҲИРА ШАРИФХОН,
унвонҷӯйи кафедраи муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мутахассиси пешбари Раёсати
таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: 918-36-21-22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

Дар мақолаи мазкур марҳалаи аввали муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Қобили зикри хос аст, ки эҳёи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин на танҳо ба манфиати ду кишвар, балки ба нафъи минтақа ва ҷаҳон аст. Аз ин рӯ, муаллиф ба муҳиммияти заминаҳои таърихӣ чун омили мусоидаткунанда барои муносибатҳои давраи нав таъкид мекунад. Дар мақола аз санадҳое, ки солҳои 1991–2000 имзо гардидаанд, ёдрас мегардад. Мақола бо такя ба маводи матбуоти даврӣ навишта шудааст.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, Чин, "Панҷгонаи Шанхай", истиқлол, амният, шарикони стратегӣ, ҳамсоягии нек, Роҳи Бузурги Абрешим, матбуоти даврӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ.*

Марҳалаи аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи ташаккули дипломатияи муосири тоҷик нақши ҳалкунанда дошт. Зеро дар ин давра Тоҷикистон ба марҳалаи нави рушди низоми давлатдории миллӣ ворид гардида, барои пешбурди сиёсати хориҷии фарогир ва ҷавобгӯй ба манфиатҳои миллӣ заминаҳои устувор гузошта шуд. Имрӯз аз ин мавқеъ ба давраи касби Истиқлоли давлатӣ дар солҳои 90-уми асри XX назар афканем, метавон гуфт, ки дипломатияи дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои бузург ноил гардидааст. Яке аз чунин дастовардҳои дипломатияи тоҷик дар ин давра барқарорӣ ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобила миёни Тоҷикистон ва Чин ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин шарикони анъанавӣ ва кишварҳои ҳамсарҳад буда, дар тули таърих ҳамкориҳои созанда доштанд ва дар масири Роҳи Бузурги Абрешим халқҳои тоҷик ва чинӣ робитаҳои тиҷоратиро дастгирӣ менамуданд. Ин муносибатҳои неки ҳамҷаворӣ дар давраи аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон барқарор гардида, таҳқиқи

махсусияти ҳамкориҳои ду давлат дар ин давра аҳаммияти муҳимми таърихӣ ва илмӣ касб намудааст.

Аз ин рӯ, дар доираи мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки инъикоси ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин тайи солҳои 1992-2000 дар матбуоти даврии ватанӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шавад. Зеро матбуоти даврӣ чузъи муҳимми робитаи бо аҳолӣ дар ҷомеа буда, дар давраи навин ҷиҳати иъикоси ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Ҳоло матбуоти даврии кишвар нақшҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ дорад, ки ин дар самти иттилоотонӣ, хабаррасонӣ, инъикоскунӣ, таҳлилу баҳогузорӣ ва пешбарии манфиатҳои давлатӣ дар самти сиёсати хориҷӣ низ нақши муҳим дорад. Маҳз дар ин замина ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Чин дар марҳалаи муайян мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Санаи 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шурои олии ҶШС Тоҷикистон “Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид. Санади мазкур қадами аввал дар самти табдили Тоҷикистон ба як субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ буда, заминаҳои устувори пешбурди сиёсати хориҷии мустақилро барои Тоҷикистон дар марҳалаи нави таърихӣ фароҳам овард. Маҳз дар заминаи “Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” принсипҳои асосии фаъолияти байналмилалии давлат бо такя ба эътирофи ҳуқуқи байналмилалӣ ва эътирофи манфиатҳои дигар давлатҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардиданд.

Чунончи, ин нуктаро собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров дар китоби худ зери унвони “Дипломатияи муосири тоҷик” баён намудааст: “Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ тамоми кишварҳои узви онро зарурате пеш омад, то ин ки роҳи наверо баҳри ҳифз ва таҳкими робитаҳои худ пеш гиранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари узви Иттиҳоди Шуравӣ низ аз ин раванд дар канор набуд [19, 285].

Ҳамин тариқ, Изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми сентябри соли 1991 қабул гардида, тавассути ин санад Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман эълон гардид. Минбаъд Тоҷикистон мустақилона самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷиро муайян намуда, бо дигар давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мемонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо роҳандозии сиёсати дурандешона ва қобили пешгӯйӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷаҳониён қарор гирифт. Аллакай дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври расмӣ эътироф гардид. Дар баробари ин, шуруъ аз соли 1991 то санаи 28 январи соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистонро 77 давлати дунё ба расмият шинохт ва

ҷиҳати роҳандозии равобити дипломатӣ ва ташаккули ҳамкориҳои мутақобила мароқ зоҳир намуданд.

Тавре профессор Рашид Олимов қайд мекунад: "Санаи 29 январи соли 1992 Шурои Амнияти СММ дар ҷаласаи худ тавсия дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид қабул карда шавад. Ҷумҳурии Мардумии Чин, ҳамчун узви доимии Шурои Амнияти СММ, қарори Шурои амнияти СММ-ро дастгирӣ кард" [1,124]. Омили мазкур манфиатдории ҷониби Чинро дар рушди робитаҳои судманд бо ҷониби Тоҷикистон нишон медиҳад.

Дар таърихи 28 январи соли 1992 дар бахши " Ахбори тозатарин" хабаре таҳти унвони "Инҳо истиқлоли давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд" нашр гардид. Хабари мазкур доир ба расмият шинохтани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби якчанд кишвар башорат медод. Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Руминия, Ҷумҳурии Халқии Муғулистон, Ҷумҳурии Аргентина, Ҷумҳурии Полша, Канада, Иттиҳоди Австралия, Ҷумҳурии Куба, Ҷумҳурии Федеративии Бразилия, Давлати Исроил, Либияи Араб, Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Халқии Бангладеш, Ҷопон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Серра Леоне... ва ғайра. Ҳамин тавр, то ба ин давра Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро 77 давлати дунё ба расмият шинохта ва ҳар кадом хоҳиши бо кишвари мо равобити дипломатӣ барқарор намуданро доштанд [7, 2].

Баъди ба даст овардани Истиқлоли сиёсӣ, дар он яке аз масъалаҳои калидӣ ин истиқрори муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои хориҷӣ ба шумор мерафт. Дар ин замина, муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 4-уми январи соли 1992 барқарор гардид. Вобаста ба оғози барқарорсозии расмии фаъолияти хадамотҳои дипломатии ду ҷониб дар расонаҳои хабарӣ чунин иттилоъ нашр шудааст: "Дар асоси манфиатҳо ва омодагии халқҳои ду кишвар ва принсипҳои Оинномаи СММ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин қарор карданд, ки миёни ду давлат муносибатҳои дипломатиро дар сатҳи сафирон аз таърихи 4 январи соли 1992 барқарор намоянд" [2]. Тавре ки дар рӯзномаи "Садои мардум" оварда шудааст, тарафҳо тасмим гирифтанд, ки муносибатҳои дипломатии худро дар сатҳи сафирон ба роҳ монанд. Ҳукуматҳои ҳар ду кишвар, ҳамкориҳояшонро дар ассоси принсипи эҳтироми мутақобилаи соҳибихтиёрӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар ва манфиатҳои муштарак ва амсоли ин принсипҳо ба роҳ мондаанд. Тарафҳо кӯшиш менамоянд, ки тамоми масъалаҳои ҷойдоштаро бо роҳи гуфтушунид ҳал намоянд. Ҳамчунин, робитаҳои дипломатӣ дар асоси принсипҳои созишномаи Вена ба роҳ монда шуда, ба намояндагии тарафи дигар дар иҷрои вазифаҳояш ҳамагуна кумаки зарурӣ расонида мешавад.

Бояд гуфт, ки Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар шаҳри Душанбе 13 марти соли 1992 ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Пекин 7 апрели соли 1997 ба фаъолияти расмӣ шуруъ намуданд.

Дар ин раванд, "Санаи 31 августи соли 1992 Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Си Чжао Мин ваколатномаи худро пешниҳод намуд" [11, 1]. Нахустин Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Си Чжао Мин зимни суханронии худ аз нақши эҳёи робитаҳо барои ду кишвар ёдоварӣ намуда, решаи қадимӣ доштани ин робитаҳоро қайд намуд. Ҳамчунин, аз омодагии Ҳукумат ва мардуми Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷиҳати густариши бештари ин робитаҳо сухан гуфта, дурнамои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Чинро мусбат арзёбӣ намуд.

Зимнан, ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаҳои гуногуни судманд ҷараён гирифта, намояндагони расмии давлатҳо дар ҷустуҷӯйи роҳҳои таҳкими робитаҳои мутақобила буданд. Дар ин миён ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни давлатҳо рушд намуданд.

Чунончи, "Филми наве, ки кормандони Маркази кино ва барномаҳои бачагонаи "Телевизиони тоҷик" ва киностудияи "Тён-Шон"-и ноҳияи мухтори Шинҷону Уйғури Чин ба наворгирии он шуруъ карданд, "Роҳи Бузурги Абрешим" номида шуд [17, 2]. Филми "Роҳи Бузурги Абрешим" фарогири тамоми ҷанбаҳои қадимӣ ва имрӯзаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин буд. Сохтани филм дар якҷоягӣ тавассути филмсозони ҳар ду тараф ба роҳ монда шуда буд ва аз эҳё ва густариши ҳамкориҳои фарҳангии давлатҳо дар давраи рушди Роҳи Бузурги Абрешим дарак медод.

Дар баробари ин, самтҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Чин дар ин давра муайян карда шуд. Дар санаи 4 январи соли 1994 ҳайати расмии Чин ҷиҳати баррасии маҷмуи масъалаҳои иқтисодӣ ба Тоҷикистон ташриф овард. Ҳайатро вазири равобити иқтисоди хориҷӣ ва тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ли Лантсан роҳбарӣ намуд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар раванди мулоқот миёни намояндагони ду давлат "Созишнома дар бораи рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин" ба муҳлати панҷ сол баста шуд [8]. Санади мазкур дар таҳкими алоқаҳои тиҷоратӣ миёни давлатҳо мусоидат намуда, чиҳати иштироки Чин дар ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX заминаҳои созанда фароҳам овард.

Дар баробари ин, миёни ин ду давлати ҳамсоя робитаҳои илмию техникӣ низ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба маҷрои рушд равона карда шуд. Чунончи, саронии Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин соли 1993 Созишномаи ҳамкории илмию техникиро имзо карда буданд. Ин

сабаби ривоҷи ҳамкории олимони ҳар ду кишвар дар доираи Академияи илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Чин гардид" [12, 2].

Бо ин роҳ, робитаҳои илмӣ байни ниҳодҳои илмии ду давлат ташкил ёфта, ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо даъвати Академияи илмҳои Чин ба ин кишвар сафар карданд. Зимнан, дурнамои ҳамкориҳои илмии миёни ниҳодҳои илмӣ, масъалаи коркарду истифодаи сарватҳои геологӣ ва тавлиду фурӯши маснуоти маъданӣ муайян карда шуд.

Ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дучор гардидани Тоҷикистон масъалаи рушди муносибатҳоро бо дигар кишварҳо, бо дарназардошти мусоидат ба ҳалли низоъ, боз мубрамтар месохт. Аҳаммияти ин масъала дар он зоҳир мегардид, ки дар баробари омили дохилӣ, инчунин, омилҳои беруна низ барои ҳалли масъалаи ҷанг нақш доштанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин, чун кишвари ҳамсарҳад бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, анъанаҳои ҳамсоягии некро дар замони ҷанги дохилии кишвар идома дода, ба Тоҷикистон дар ин давраи душвор кумакҳои башардӯстонаи худро пайваста мерасонид. "Дар давраи мушкили ҷанги шаҳрвандӣ ва баъди барқарор шудани сулҳу оромӣ дар рушди инфрасох-тори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун як ҳамсоякишвари дӯсту хайрхоҳ, кумаку ёрии моддиву техникии худро дареғ надошта, ҳамин тавр, шарики боэътимоди давлати ҷавону соҳибистиқлоли Тоҷикистон будани худро Чин дар амал собит намуд" [19, 285].

Дар ҷойи дигар олими ватанӣ доир ба ҳайси "Кафили боэътимоди сулҳу субот баромад кардани Русия, Эрон, Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ" ёдовар шуд, ки ин низ барои истиқрори муносибатҳои ҳар ду ҷониб замина гузошт [1, 124].

Дар матбуоти даврӣ доир ба масъалаи кумак маводу матлабҳои зиёд ба табъ расидааст. Тавре ки АМИТ "Ховар" иттилоъ додааст: "Сафоратхонаи Чин дар Тоҷикистон ба Раёсати ҷамъиятии Ҳилоли Аҳмар барои расонидани кумак ба оилаҳои аз офати табиӣ осебдида даҳ ҳазор доллари амрикоӣ интиқол додааст. Ин чун кумаки башардӯстона ба мардуми тоҷик аз ҷониби Чин буд" [18].

Ҷанбаи муҳимми муносибатҳои дуҷонибаи давлатҳоро бунёди заминаҳои меъёриву шартномавӣ ва ҳуқуқии байнидавлатӣ ташкил медиҳад, ки барои рушду устувори ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, башардӯстона, сармоягузорӣ мусоидат намуда, дараҷаи робитаҳои байнидавлатиро ба сатҳи нав мебароранд. Вобаста ба ин масъала, дар матбуоти даврии ватанӣ мақолаву матлабҳои зиёди расмӣ ва илмиву таҳлилӣ доир ба давраи баррасишаванда нашр шудаанд.

Тавре маълум аст, шуруъ аз соли 1993 то соли 1996 миёни кишварҳо дар баробари дигар санадҳо ду эъломия ба имзо расид, ки дар роҳи минбаъдаи муносибатҳо нақши назаррас доранд. Дар китоби муштараки муҳаққиқони тоҷику чинӣ таҳти унвони "Тоҷикистон ва Чин" оварда мешавад, ки "Чин

тавассути эъломияҳои муштараки соли 1993 ва соли 1996 ба раванди оштии миллии тоҷикон таъсири мусбат расонида, ба роҳбарияти Тоҷикистон эътимод бахшид" [26, 107].

Дигар санаде, ки ин муносибатҳоро мустаҳкам мекард, "Эъломияи муштарак дар бораи усули муносибатҳои мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин" маҳсуб меёбад. Бо даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ян Шанкун аз 8 то 11 марти соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов бо ташрифи расмӣ ба Чин сафар намуд. Дар ҷараёни сафар меҳмони олиқадри тоҷик аз шаҳрҳои Нантун, Шанхай ва Урумчӣ дидан кард, ҷиҳати рушди ҳамкориҳои дуҷониба санадҳои дахлдор имзо гардиданд. [16, 41]

Қобили тазаккур аст, ки маҳз дар рӯзи дуюми сафари расмӣ, 9-уми марти соли 1993, дар шаҳри Пекин "Эъломияи муштарак дар бораи усули муносибатҳои мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин" ба имзо расид. Эъломияи мазкур аз 12 банд иборат буда, дар он манфиатҳои мутақобилаи тарафҳо ба назар гирифта шудааст. Нуктаҳои муҳимми ин Эъломия – эҳтироми мутақобила, мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарӣ, судмандии мутақобила ва амсоли инҳо ташкил медиҳад, ки дурнамои рушди муносибати давлатҳо бешак, ба риояи ҳамин нуктаҳо вобаста аст.

Шуруъ аз оғози истиқрори муносибатҳо таҳти роҳбарии сарони Тоҷикистон ва Чин робитаҳои ду кишвар устуворона ба сатҳи нав қадам ниҳоданд. Қобили зикри хос аст, ки истиқрори ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин на танҳо ба манфиати ду кишвар буда, балки ба нафъи минтақа ва ҷаҳон аст. Тавре дар банди якуми "Эъломияи муштарак дар бораи усули муносибатҳои мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин" оварда шудааст: "Тарафҳо чунин меҳисобанд, ки барқарор намудан ва инкишоф додани муносибатҳои байни ду давлат дар ҳама соҳаҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои куллӣ ва ормонҳои мардуми ду кишвар буда, ба пойдории сулҳу субот дар Осиё ва тамоми ҷаҳон мусоидат мекунад" [14, 41].

Саҳифаи навбатии муҳим дар таърихи муносибатҳои Тоҷикистон ва Чин имзои Эъломияи навбатӣ маҳсуб мешавад. Дар саҳифаҳои аввали рӯзномаи "Народная газета" таҳти унвони "Имзои ҳуҷҷатҳои ҳамкорӣ" маводе нашр гардида, иттилоъ медиҳад, ки "Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати нигоҳ доштани истиқлоли миллӣ дастгирӣ менамояд". Ҳамзамон, дар баробари Эъломия, нуҳ санади дигари ҳамкорӣ ба имзо расид. Ҳамчунин, масъалаи эҳёи робитаи ҳавоӣ низ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт.

Зимни сафари расмии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин аз шаҳрҳои иқтисодӣ ва саноатии ин кишвар, аз ҷумла ба

минтақаи иқтисодии Нантун ва баъдан Шанхай – маркази бузурги саноатӣ, дидан намуданд" [10,1]. Зимни ин сафарҳо, масъалаи ҷорӣ кардани дастовардҳои иқтисодӣ ва саноатии Чин дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қобили тазаккур аст, ки ин боздид ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкории Тоҷикистон бо Чин таъсири амиқ дошта, санадҳои имзогардида ҷиҳати таҳкими равобити ду кишвар дар соҳаҳои гуногун ҳамаҷониба мусоидат намуданд.

Хабари дигар бо фарогири таассуроти сафар рӯйи чоп омадааст, ки дар он қайд шудааст: "Имрӯз Сарвари давлат қаноатмандии худро аз ҷараёни сафари Чин иброз намуд. Раиси Шурои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қисми расмии сафари худро дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ба анҷом расонид" [22]. "Анҷоми пурраи сафари расмии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар хабари зери унвони "Бозгашти Эмомалӣ Раҳмонов ба Душанбе" дарёфтан мумкин аст" [5].

Дар охири солҳои 90-уми асри XX ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба сатҳи сифатан нав бароварда шуд. Ба ин ҷараён, пеш аз ҳама, раванди шаклгирии Созмони "Панҷгонаи Шанхай" мусоидат намуд.

Маҳз дар асоси ба инобат гирифтани риояи пурраи тамоми санадҳои қаблан ба имзо расида, дар санаи 26 апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхайи Чин "Созишнома миёни Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳкими эътимоди низомӣ дар сарҳад" ба имзо расонида шуд. Сарони панҷ давлати ҳамҷавор бо дарки масъалаҳои мубрами дар минтақа ва ҷаҳон ҷойдошта баъди гуфтушунидҳо ба натиҷаи имзои ин санади муҳим дастёб гардиданд. Дар робита ба масъалаи болозикр, рӯзномаи "Ҷумҳурият" бо такя ба манбаъҳои муътамад аз моҳияти ин Созишномаро ба доираи аҳолӣ пешкаш намудааст. Аз ҷумла, дар ин раванд "Нутқи Эмомалӣ Раҳмон дар маросими имзои "Созишнома миёни Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳкими эътимоди низомӣ дар сарҳад", "Брифинг дар Шанхай" [4] ва "Бозгашт аз Чин" [3] рӯйи чоп омадааст.

Санади мазкур заминаҳои устуворро ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба гузошта, ба раванди ҳамшарикии Чин бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, махсусан бо Тоҷикистон, шароити созгорро фароҳам овард.

Бинобар ин, дар матбуоти даврии ватанӣ дар робита ба рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ин давра матлабҳои зиёд ба нашр расонида шудааст. Чунончи, санаи 4 апрели соли 1998 Сафири навтаъйини Ҷумҳурии Мардумии Чин Фу Тсзоан Чжан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эътиборнома супорид [13] ва зимни суҳбат ҷонибҳо аз гузошта шудани заминаи ҳамкорӣ ёдовар гардида, умедворӣ худро ба густариши ояндаи он иброз доштанд. Дар ҷараёни суҳбат

аз аҳаммияти сохтани роҳи Мурғоб–Кӯлоб–Қароқум гуфта шуд. Инчунин, дар ин вохӯрӣ даъватномаи роҳбари Чин ба сарвари Тоҷикистон ҷиҳати сафар ба Ҷумҳурии Мардумии Чин расонида шуд.

Дар ин замина, 11 августи соли 1999 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин аз боздиди дӯстона аз шаҳри Пекин оғоз гардид. Дар ҷараёни ин сафар миёни роҳбарони Тоҷикистон–Эмомалӣ Раҳмон ва Чин – Сзян Сземин мулоқоти сатҳи олӣ доир гардида, дар ҷараёни суҳбати сарони давлатҳо масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи давлатҳо дар тамоми соҳаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд [20].

Дар ҷараёни сафар “Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи инкишофи минбаъдаи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ” 13 августи соли 1999 дар шаҳри Далян ба имзо расид. Дар матбуоти даврӣ саҳифаи ҷашнӣ, ки пурра ба сафари Чин бахшида шудааст, ба назар мерасад. Эъломия фарогири манфиатҳои умумии тарафҳо маҳсуб меёфт [21]. Дар ҷараёни мулоқоти роҳбарони олимартабаи ҳар ду кишвар масъалаи бастани “Созишнома дар бораи сарҳади давлатӣ”–ро низ мавриди баррасӣ қарор доданд [9].

Воқеаи таърихӣ дар муносибатҳои ҳар ду кишвар сафари нахустини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сзян Сземин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июли соли 2000 ба вуқуъ пайваст. Дар ҷараёни ин сафар миёни роҳбарони ду давлат доир ба тавсеаи робитаҳои сӯдманд табодули афкор сурат гирифт. Итминони комил меравад, ки мулоқоти сарони номбурда ба тақвияти сулҳу амният ва густариши робитаҳои гуногуни кишварҳо замина хоҳад гузошт [15]. Дар ҷараёни сафари расмии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи санадҳои ҳамкории байнидавлатӣ марбут ба муносибатҳои мутақобилаи ду кишвар имзо гардиданд. Санади асосӣ “Эъломияи муносибати дуҷонибаи сарони кишварҳо” ба ҳисоб мерафт.

Хабарнигори АМИТ “Ховар” иттилоъ медиҳад, ки инчунин, миёни ҷонибҳо “Протоколи табодули ҳуҷҷатҳо дар бораи тасвиби Созишнома дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Чин”, “Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкориҳои техникию иқтисодӣ” ва “Созишномаи ҳамкорӣ миёни Прокуратураҳои генералии ҳар ду кишвар” ба имзо расонида шуданд [6].

Дар саҳифаи ҷашнии рӯзномаи “Садои мардум” аз 6 июли соли 2000 пурра ҷараёни сафари нахустини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сзян Сземин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст, ки дар мисоли хабарҳои “Ташрифи Сзян Сземин ба Тоҷикистон”, “Мулоқоти Роҳбарони Тоҷикистон ва Чин”, “Сзян Сзэмин ба пояи ҳайкали Исмоили Сомонӣ гулчанбар гузошт”, “Пазироии Генерали Чин” ва “Имзои ҳуҷҷатҳо” рӯи чоп омадааст.

Ҳамин тавр таҳлили мавод ва матлабҳои нашршуда дар матбуоти даврии ватанӣ нишон доданд, ки маҷмуи робитаҳои мутақобилаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар маркази таваҷҷуҳ буда, тамоми паҳлуҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи давлатҳо инъикос гардидааст.

Хулоса, таҳқиқи муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ аҳаммияти бузурги таърихӣ ва илмӣ дорад. Бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар заминаи маводи матбуоти даврии ватанӣ таҳия гардида, он барои шинохти раванди шаклгирии ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Чин дар солҳои 90-уми асри XX мусоидат намудааст.

Таҳқиқоти мазкур марҳалаи муҳим аз соли 1992–эътироф гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи дигар давлатҳои ҷаҳон, бахусус, аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин, барқарорсозии ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаҳои гуногун дар солҳои 90-уми асри XX, тақвияти ҳамкориҳои бисёрҷониба дар заминаи Раванди Шанхай ва таҳкими сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба бо бастани силсилаи созишномаҳои байнидавлатӣ зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 11 августи соли 1999 ва сафари ҷавобии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сзян Сземин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2000 дар бар мегирад.

АДАБИЁТ

1. Алимов, Р. К. Взаимодействие Таджикистан и Китая в ООН / Р.К. Алимов // [Манбаи электронӣ] URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vzaimodeystvie-tadzhikistana-i-kitaya-v-oon. (Санаи мурочиат: 17.10.2024.)

2. Баёнияи муштарак дар бораи барқарор кардани муносибатҳои дипломатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин. Рӯзномаи “Садои мардум”, 7 январи соли 1992, № 4 (255).

3. Бозгашт аз Чин. Рӯзномаи “Ҷумҳурият. 4 майи соли 1996, № 12-13

4. Брифинг дар Шанхай. Рӯзномаи “Ҷумҳурият”, 4 майи соли 1996, №12-13

5. Дар бораи Сафири Фавқулода ва комилҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин таъйин намудани Каримов Ҷ.Ҳ. Рӯзномаи “Ҷумҳурият”, 11 январи соли 1997, №2.

6. Имзои ҳуҷҷатҳо. Рӯзномаи “Садои мардум”, 6 июли соли 2000, № 51 (1223).

7. Инҳо мустақилияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд, 28 январи соли 199 №19 (18569). –С. 2.

8. Мулоқоти Р. Н. Набиев бо вакилони Чин. Рӯзномаи “Садои мардум”, 7 январи соли 1992, № 4 (255).

9. Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмонов бо Сафири Чин. Рӯзномаи “Ҷумҳурият”, 7 августи соли 1999, № 63.

10. Подписаны документы о сотрудничества. Рӯзномаи “Народная газета”, 12 марти соли1993, №39 (18744). –С. 1.

11.Посол Китайской Народной Республики вручил верительные грамоты. Рӯзномаи "Народная газета", 1 сентябри 1992, №84 (18636).– С.1.

12.Равобити олимони Тоҷикистон ва Чин. Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 5 феврали соли 1994. – С.2

13.Сафири нави Чин. Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 11 апрели соли 1998.

14.Таджикистан–Китай: 30 лет плодотворного сотрудничества. Сборник основных документов. – Душанбе: 2022. - 220 с.

15.Ташрифи Сзян Сзэмин ба Тоҷикистон. Рӯзномаи "Садои мардум", 6 июли соли 2000, № 51 (1223).

16.Тоҷикистон–Чин: аз дӯстии таърихӣ то ба шарикии стратегӣ. Таҳрири умумӣ. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 326 с.

17. Ҳамкори бо манфиати тарафайн. Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 10 августи соли 1996. –С. 2.

18. Чиниҳо ба Тоҷикистон кумак карданд. "Ҷумҳурият". 9 июни соли 1992. Сешанбе №106 (18656)

19. Шарифӣ А. Нигоҳе ба таърихи барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин /А. Шарифӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2019. – № 4 (67). – С. 284-293.

20. Эмомалӣ Раҳмонов ба Ҷумҳурии Мардумии Чин рафт. Рӯзномаи "Садои мардум", 14 августи соли 1999, № 53 (1143).

21. Эмомалӣ Раҳмонов дар Чин. Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 19 августи соли 1999,№66, Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи инкишофи минбаъдаи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ. Рӯзномаи "Ҷумҳурият", 19 августи соли 1999, №66,

22. Эмомали Рахмонов выразил удовлетворение итогами визита в Китай. Рӯзномаи "Народная газет", 13 марти 1993, №40 (18745).

ОТРАЖЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И КИТАЯ НА ПЕРВОМ ЭТАПЕ НЕЗАВИСИМОСТИ (1992-2000 ГГ.) В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

ШАРИФХОНЗОДА МОХИРА ШАРИФХОН,
соискатель кафедры международных отношений Национального университета Таджикистана, ведущий специалист отдела анализа внутренней политики и прогнозирования Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
телефон: 918-36-21-22, e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

В данной статье проанализирован и рассмотрен первый этап отношений между Республикой Таджикистан и Китайской Народной

Республикой. Следует отметить, что возрождение сотрудничества между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой идёт на благо не только двух стран, но и на благо региона и мира. Поэтому автор подчёркивает важность исторического фона как фактора, способствующего отношениям новой эпохи. В статье упоминаются документы, подписанные в 1991-2000 годах. Следует отметить, что события представлены согласно временной хронологии. Статья основана на материалах периодической печати.

Ключевые слова: *Таджикистан, Китай, "Шанхайская пятёрка", независимость, безопасность, стратегические партнёры, добрососедство, "Шелковый путь", периодические издания, межправительственные соглашения.*

REFLECTION OF COOPERATION OF TAJIKISTAN AND CHINA AT THE FIRST STAGE OF INDEPENDENCE (1992-2000) IN THE PERIODICAL PRESS

SHARIFKHONZODA MOHIRA SHARIFKHON,
Applicant of the Department of International Relations of the National University of Tajikistan, leading specialist of the Department Analysis and Forecasting of Domestic Policy of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tell.: (+992) 918-36-21-22; e-mail: mohirasharifkhonzoda@gmail.com

This article analyzes and examines the first stage of bilateral relations of the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China. It is worth noting that the revival of cooperation of the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China is for the benefit of not only the two countries, but also for the benefit of the region and the world. Therefore, the author emphasizes the importance of the historical background as a factor contributing to the relations of the new era. The article mentions documents signed in 1991-2000. It should be noted that the events are presented according to time chronology. The article is based on materials from the periodical press.

Keywords*: Tajikistan, China, "Shanghai Five", independence, security, strategic partners, good neighborliness, Silk Road, periodical press, intergovernmental agreements.*

УДК: 32.019.51

ТАШАККУЛИ ЭЛИТАИ ИЛМӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ КОҲИШ ДОДАНИ САТҲИ ХУРОФОТ ВА ҶАҲОЛАТ

ЮСУФЗОДА АВАЗИ НУРАЛӢ,
унвонҷӯйи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 901-99-58-82

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи робитаи байни ташаккули элитаи илмӣ ва раванди паст кардани сатҳи хурофот ва ҷаҳолат дар ҷомеа бахшида шудааст. Нақши элитаи илмӣ дар пешбурди дониши илмӣ ва рушди тафаккури танқидӣ нишон дода шудааст. Донишҳои илмӣ, ҳамчун заминаи муқобилат бо эътиқоди ирратсионалӣ ва имкони шинохтани донишҳои ғайриилмӣ баррасӣ карда шудаанд. Намунаҳои таърихӣ ва муосири таъсири олимон ва институтҳои барҷастаи илмӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва паҳн кардани ҷаҳонбинии илмӣ таҳлил гардидаанд. Ба мушкилоте, ки ҳангоми ҳамкории элитаи илмӣ бо ҷомеа ба миён меоянд, аз ҷумла, нобоварӣ ба илм, маъмулгардонии ақидаҳои зиддиилмӣ ва парешонии ақидаҳо доир ба масъалаҳои илмӣ диққати махсус дода мешавад. Дар асоси таҳлили маълумоти таҷрибавӣ (эмпирикӣ) ва консепсияҳои назариявӣ тавсияҳо доир ба таҳкими мавқеи илм дар ҷомеа ва баланд бардоштани самаранокии талошҳои элитаи илмӣ дар мубориза бо хурофот ва ҷаҳолат пешниҳод карда шудаанд.

Калидвожаҳо: *элитаи илмӣ, хурофот, ҷаҳолат, дониши илмӣ, тафаккури танқидӣ, оммавигардонии илм, афкори ҷамъиятӣ.*

Дар ҷаҳони муосир, ки дар баробари рушди босуръати илму технология хурофотпарастию дурӯғпардозӣ рушд мекунад, нақши элитаи илмӣ дар мубориза бо хурофот ва ҷаҳолат аз ҳарвақта дида муҳимтар мешавад. Хурофот ва ҷаҳолате, ки дар ҷомеа реша давондааст, метавонад ба пешрафти соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар халал расонад, рушди тафаккури интиқодиро боздорад ва барои анҷом додани назарфиребӣ заминаи мусоид фароҳам оваорад. Аз ин рӯ, доираҳои илмӣ ҳамчун дорандагони донишҳои илмӣ ва донандагони равишҳои методологӣ бояд ба ин падидаҳои манфӣ фаъолона муқобилат нишон диҳанд, дастовардҳои илмию технологиро паҳн намоянд, саводнокии илмии шаҳрвандонро баланд бардоранд, дар оммавигардонии илм саҳми назаррас гузоранд ва дар маҷмуъ, барои тавсеаи ҷаҳонбинии илмии одамон мусоидат намоянд.

Элитаи илмӣ дар симои олимони барҷаста, муҳаққиқон ва коршиносони соҳаҳои гуногуни дониш имконияти беназири таъсиррасонӣ ба афкори

ҷамъиятӣ ва ташаккули фазои зеҳнии ҷомеаро дорад. Онҳо қодиранд эътиқод ва таассуби мавҷударо ба таври танқидӣ таҳлил кунанд, муфлисшавии онҳоро муайян созанд ва алтернативаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро пешниҳод намоянд. Бо дониш ва эътибори худ, олимон метавонанд тасаввуроти бардурӯғро ба таври боваринок рад кунанд, бофтаю сохта будани афсонаҳоро фош созанд ва бартариҳои муносибати илмиро ба фаҳмиши ҷаҳон нишон диҳанд.

Таблиғи илм яке аз воситаҳои муассисири муболиза бо хурофот ва ҷаҳолат аст. Олимон метавонанд дар барномаҳои таълимӣ фаъолона иштирок кунанд, дар лексияҳо ва баромадҳои оммавӣ суханронӣ намояд, мақолаҳо ва китобҳои бадеӣ нашр кунанд ва платформаҳои муосири васоити ахбори оммаро барои паҳн кардани донишҳои илмӣ истифода баранд. Муҳим аст, ки консепсияҳои илмиро ба таври дастрас ва ҷолиб пешниҳод намоем, то ки таваҷҷуҳи оммави васеъро ҷалб карда тавонем ва шавқу рағбати онҳоро нисбат ба илм ва донишҳои илмӣ бедор созем.

Ғайр аз ин, элитаи илмӣ бояд бо системаи маориф фаъолона ҳамкорӣ карда, барномаҳои таълимӣ ва методологияҳоеро таҳия намояд, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар насли ҷавон мусоидат кунад. Ба кӯдакон ва ҷавонон таълим додани таҳлили иттилоот, фарқ кардани далелҳо аз афсонаҳо, арзёбии эътимоднокии манбаъҳо ва қабули қарорҳо дар асоси далелҳои оқилона муҳим аст. Ниҳоят, бояд иброз дошт, ки муболиза бо хурофот ва ҷаҳолат на танҳо вазифаи олимон, балки тамоми ҷомеа аст. Аммо маҳз элитаи илмӣ, ки дорои дониш, таҷриба ва салоҳият аст, метавонад дар ин раванд нақши калидӣ дошта, ба ташаккули ҷомеаи огоҳ, оқил, бомаърифат ва пешрафта мусоидат кунад.

Таърихи муносибатҳои мутақобилаи байни илм ва хурофот садсолаҳоро дар бар мегирад. Аксар вақт муносибати байниҳамдигарии онҳо дар шакли низоъ ба мушоҳида мерасанд. Дар ҷомеаҳои қадима эътиқодҳои динӣ ва тасаввуроти ғайритабиӣ қисми ҷудонопазири шарҳи ҳодисаҳои табиӣ ба шумор мерафтанд. Масалан, дар Мисри Қадим нақши қувваҳои илоҳӣ офатҳои табииро шарҳ медод ва амалияҳои ҷодугарӣ ҳамчун роҳи таъсиррасонӣ ба тақдир ба таври васеъ истифода мешуданд. Дар ин замина, хурофот воситаи дарки ҷаҳон буд ва дар аксар маврид онро аз ақидаҳои динӣ ҷудо намудан хеле душвор менамуд. Таърихнигори масъалаҳои динӣ Мирча Эллиаде қайд мекунад, ки «ҷодугарӣ ва дин муддати тулонӣ бо ҳам алоқаманд буданд, бо ҳам ҳамкорӣ мекарданд ва аксар вақт якҷоя шуда, падидаи мураккаби фарҳангиро ташкил медоданд» [31, с.79].

Тафаккури илмӣ ҳамчун шакли махсуси дониш дар Давраи Эҳё ва Замони Нав ташаккул ёфт. Карл Линней дар асри XVIII бори аввал таснифи мавҷудоти зиндаро системавӣ кард, ки ин намунаи аввалини муносибати илмӣ дар муқобили хурофот буд [15]. Аммо ба ин нигоҳ накарда, ҳатто дар даврони

инқилобҳои илмӣ низ соҳаҳои пуркуввате вуҷуд доштанд, ки тавассути хурофот идора карда мешуданд. Масалан, сарфи назар аз хусусияти ғайриилмӣ доштани худ, эътиқод ба астрология дар байни элитаҳои маълумотдор маъмул буд. Мувофиқи таҳқиқоти солҳои 1930-ум, астрология тақрибан дар байни 50 дарсади аҳолии ИМА (аз ҷумла, одамони маълумотдор) паҳн шуда буд [2]. Чунин ҳолат ба ҷаҳонбинии илмии оммаи васеъ таъсири манфӣ мерасонид. Моҳи марти соли 2025 як гурӯҳ олимони амрикоӣ ба хулосае омаданд, ки эътиқод доштан ба астрология нишонаи зеҳнияти пасти инсон аст [28].

Дар асри XIX нақши илм бо рушди усулҳои таҷрибавӣ ва таҳлили назариявӣ хеле афзоиш ёфт. Ҳамин тавр, натиҷаҳои силсилаи озмоишҳои Луи Пастерро дар бораи микробиология эълон карданд, ки дар асл хурофоти марбут ба мавҷудоти ноаёнро, ки инсон ҳамчун қувваҳои ҷодугарӣ қабул мекунад, вайрон кард. Луи Пастер изҳор дошт, ки «микробҳо ба унсурҳои моддаи физикӣ монанд мебошанд ва ба қонунҳои илм итоат мекунанд» [16, 326]. Бо вуҷуди чунин дастовардҳо, хурофотпарастӣ дар ин самт идома меёфтанд ва ба фарҳанги оммавию рӯзгори мардум таъсир мерасониданд.

Дар асри XX дастовардҳои илмӣ ба сатҳи баландтар расиданд. Ин боиси бартараф кардани аксари тасаввуроти хурофотӣ дар кишварҳои пешрафта гардид. Масалан, дар шароити иттилоотонии фарогир, таҳсилоти оммавӣ ва рушди илми тиб эътиқод ба қувваҳои ҷодугарӣ ва фавқултабиӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтанд. Таҳқиқоте, ки солҳои 1980-ум гузаронида шуд, нишон дод, ки сатҳи эътиқод ба ҷодугарӣ ва қувваҳои фавқултабиӣ дар кишварҳои Аврупо то 10-15 дарсад коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, соҳаҳое боқӣ мемонанд, ки дар онҳо хурофот таъсири қавӣ доранд, масалан, дар соҳаи тибби халқӣ ё эзотерика [37].

Бо вуҷуди пешрафти назарраси илмӣ, намунаҳои зиёди ҳамзистии донишҳои илмӣ ва эътиқодоти хурофотӣ мавҷуданд. Ин махсусан, дар соҳаи тандурустӣ ва тиб, ки дар он афсонаҳо дар бораи хосиятҳои «муъҷизавӣ»-и гиёҳҳо ё амалияҳои аз ҷиҳати биологӣ беасос, ба монанди истифодаи тӯморҳо барои муҳофизат аз бемориҳо маъмуланд, ба назар мерасад. Масалан, дар Чин тибби анъанавӣ аксар вақт бо тибби муосир якҷоя карда мешавад, дар ҳоле ки бисёр таҷрибаҳо бо таҳқиқоти илмӣ тасдиқ карда нашудаанд, аммо вазни зиёди иқтисодӣ ва фарҳангӣ доранд [23].

Намунаи ҷолиб дар асри XXI афзоиши маъруфияти пешгӯйиҳои астрологӣ ва шаклҳои гуногуни эзотерика дар байни насли ҷавон мебошад. Тибқи назарсанҷиҳои соли 2022 дар Русия, тақрибан 40 дарсади ҷавонон ҳадди аққал баъзан ба гороскопҳо ё нумерология муроҷиат мекунанд, ки ин аз рушди падидаи «Ренессанси хурофотӣ» ва аз он шаҳодат медиҳад, ки афкори хурофотӣ пурра аз байн намеравад, балки таҳти таъсири омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ тағйир меёбад. Бисёре аз олимон, ба монанди Эдвард Тейлор, қайд мекунанд, ки

«ҳамзистии муосири илм ва хурофот бо механизмҳои психологӣ алоқаманд аст: тарс, ҷустуҷӯйи маъно ва мероси фарҳангӣ» [37, с.17].

Пажуҳишҳои муосир тасдиқ мекунанд, ки аксари одамон хурофотро комилан рад намекунанд, балки онҳоро ҳамчун роҳи коҳиш додани изтироб ё таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд. Таҳқиқоте, ки соли 2023 дар ИМА гузаронида шуд, нишон дод, ки тақрибан 60 дарсади пурсидашудагон бовар доранд, ки «осори хушбахтӣ» ё эътиқоди анъанавӣ метавонад ба хушбахтӣ оварда расонад [34]. Дар ин замина, илм бештар ҳамчун усули ба даст овардани донишҳои объективӣ ва хурофот ҳамчун як қисми рамзи фарҳангӣ, ки дар шуури омма нигоҳ дошта мешавад, қабул карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили раванди таҳаввули муносибатҳои байни илм ва хурофот нишон медиҳад, ки он аз муқовимати шадид ба омехташавӣ майл намудааст. Дар замони муосир дастовардҳои илмӣ бо эътиқодоти анъанавӣ ҳамзистӣ карда, бофтаи мураккаби фарҳангии ҷомеаи муосирро ташаккул медиҳанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки муносибати илм ва хурофот як раванди мураккаб ва динамикие мебошад, ки дар он илму хурофот на танҳо ба ҳамдигар муқобилат мекунанд, балки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд, гуногунрангии дониш ва таҷрибаҳои фарҳангии инсонро ташаккул медиҳанд.

Давраи Эҳё (Ренессанс) дар таърихи рушди тафаккури инсон марҳалаи муҳим ба шумор меравад. Ин давра ба ташаккули усули муосири илмӣ ва тафаккури танқидӣ таъсири назаррас гузошт. Дар ин давра олимон ва файласуфон ҳамчун иштирокчиёни фаъоли мубориза, ки ба принсипҳои ақлгароӣ, маълумоти таҷрибавӣ (эмпирикӣ) ва танқиди оқилона такя мекарданд, бар зидди воситаҳои бартаридоштаи шарҳи ҷаҳон – догмаҳои динӣ, хурофот ва таассубу нодонӣ баромад карданд. Шахсиятҳои муҳимтарини ин давра: Галилео Галилей, Исаак Нютон, Вольтер ва Дени Дидро, дар паҳн кардани ақидаҳои илмӣ саҳми назаррас гузоштанд. Онҳо муътақид буданд, ки пешрафти инсон танҳо тавассути рушди донишҳои илмӣ, даст кашидан аз хурофот ва тарбияи тафаккури интиқодӣ имконпазир аст.

Галилео Галилей (1564-1642), ҳамчун асосгузори илми муосир, аввалин шуда усулҳои таҷрибавиро барои санҷиши фарзияҳо истифода бурд ва доираи таҳқиқоти илмиро муқаррар кард. Ӯ тасаввуроти аристотелиеро, ки дар асрҳои миёна ҳукмрон буданд, рад кард. Дар асарҳои худ ӯ номуносибии ҷаҳонбинии ҳуҷайравиро, ки ба догматҳои калисо асос ёфтааст, нишон дод ва модели гелиосентрикии ҷаҳони Коперникро тавассути мушоҳидаҳои телескопӣ тасдиқ кард. Чунин таҳқиқоти илмӣ нисбат ба ӯ муқовимати шадиди ниҳодҳои диниро ба бор овард. Галилео Галилей изҳор дошта буд, ки «ҳақиқат ё дурӯғ бояд бо таҷриба санҷида шавад, на бо мақомот» [8,125]. Рафтори Галилео Галилей рамзи инқилоби илмӣ гардид. Таҳқиқоти ӯ ба эътиқоди кӯр-кӯронаи догмаҳо

нуқта гузошт ва тавассути маълумоти таҷрибавӣ (эмпирикӣ) асоснок кардани ғояҳоро талаб кард.

Донишманди бузург Исаак Нютон (1643-1727), ҳамчун асосгузори механикаи классикӣ, қонунҳои умумибашарии табиатро таҳия карда, ба қафомонии инсон аз тафсирҳои динии ҷаҳон таъсири ҷиддӣ гузошт. Дар яке аз асарҳои ӯ таҳти унвони «Асосҳои математикии фалсафаи табиӣ» (1687) нақши усулҳои таҷрибавӣ ва математикӣ дар шарҳи қонунҳои ҳаракат ва гравитатсия таъкид карда шудааст. Нютон иброз дошта буд, ки «асосҳои математикӣ шарти зарурӣ барои фаҳмиши аниқу дақиқи табиат аст» [18, 45]. Равишҳои илмии ӯ тасаввуроти ҷаҳонро ҳамчун соҳаи дахолати илоҳӣ халалдор карданд ва барои таҳқиқи мустақилонаи қонунҳои табиат бидуни таассуби динӣ заминаи зарурӣ фароҳам оварданд.

Файласуфи машҳури фаронсавӣ Волтер (1694-1778) яке аз намояндагони дурахшони Давраи Эҳё (Ренессанс) ба ҳисоб меравад. Ӯ барои озодии фикр зидди фанатизм ва таассуби динӣ баромад мекард. Дар асари худ «Номаҳои фалсафӣ» ӯ чунин навиштааст: «Ман мебинам, ки дар дин хатоҳои зиёд мавҷуданд, аммо ман фавран аз имон даст намекашам. Ман на бо ёрии таассуб, балки бо роҳнамоии ақл ва далелҳо ҳақиқатро меҷӯям» [4,369]. Волтер сензураи калисоро фаъолона танқид карда, изҳор дошта буд, ки имон бояд ба ақл ва далелҳои илмӣ асос ёбад, на ба догмаҳои динӣ. Чунин изҳороти илмӣ марҳалаи муҳим дар ташаккули дониши илмии дунявӣ буд.

Дени Дидро (1713-1784), идеологи инқилоби Фаронса ва оммависози тафаккури илмӣ, дар «Энсиклопедия»-и худ зарурати ба низоми муайян даровардани дониш ва мубориза бо таассубро таъкид карда буд. Вай чунин мешуморид, ки таҳсилот ва маърифат воситаҳои муҳимтарини озод кардани инсон аз ҷаҳолат ва хурофот мебошанд. Ба андешаи ӯ: «Ҳар қадаре, ки мо маърифатнок шавем, ҳамон қадар сабабҳои камтар барои бовар кардан ба хурофот боқӣ мемонанд» [7, 119]. Асарҳои Дени Дидро имкон доданд, ки ғояҳои имконияти таъмин намудани пешрафт тавассути дониши илмӣ ва таҳлили интиқодии эътиқодоти мавҷуда ташаккул дода шавад.

Ин шахсиятҳо, ки пешрафти илмӣ ва фалсафиро таҷассум мекунанд, аксар вақт бо муқовимати қувваҳои динӣ ва консервативӣ мувоҷеҳ мешуданд. Зеро намояндагони калисо ғояҳои навро ҳамчун таҳдид ба тартиботи муқарраршуда қабул мекарданд. Бо вуҷуди ин, файласуфон ва олимони номбурда дар мубориза бо хурофот ва ҷаҳолат саҳми назаррас гузоштанд ва осори онҳо барои рушди афкори илмӣ ва арзишҳои гуманистӣ дар асрҳои минбаъда замина гузошт. Равиши онҳо ба принсипҳои эмпиризм, ратсионализм, танқиди догмаҳо ва маорифпарварӣ асос ёфтааст, ки дар фаъолияти илмии замони муосири низ муҳим боқӣ мемонанд.

Пажуҳишҳои муосир самаранокии ин усулҳоро дар эҷоди фарҳанги илмии «скептитсизм» ва тафаккури интиқодӣ тасдиқ мекунанд. Дар асарҳои машҳури замони муосир, аз ҷумла дар асари «Сохтори инқилобҳои илмӣ»-и Томас Кун (1962), нишон дода мешавад, ки чӣ гуна тағйирёбии парадигмаҳо ва рақобати илмӣ ба рад кардани догмаҳо ва ташаккули моделҳои объективии ҷаҳон мусоидат карданд [13]. Олимони замони муосир анъанаҳои маорифпарваронаи пешгузаштагони худро идома медиҳанд. Чунин тамоюлот бо талошҳои доимӣ барои оммавигардонии илм, тафаккури интиқодӣ ва мубориза бо маълумоти бардурӯғ тасдиқ карда мешавад.

Таҳлили анҷомёфта нишон медиҳад, ки нақши олимони Давраи Эҳё дар мубориза бо хурофот хусусияти бунёдӣ дорад. Онҳо ба масъалаҳои мусаллаҳ кардани ақл ва рушди усулҳои таҷрибавӣ (эмпирикӣ) диққати зиёд додаанд. Танқиди догмаҳои динӣ, фаъолона паҳн намудани ғояҳои маърифатӣ ва рад кардани догматизм барои пешрафти илмӣ ва иҷтимоӣ ангезаи пурқувват гардида, ба тафаккури муосири илмӣ ва ҷаҳонбинии гуманистӣ асос гузошт.

Дар замони ҳозира яке аз роҳҳои паҳн гардидани эътиқоди хурофотӣ таъсири платформаҳои иттилоотии муосир, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ, мебошад. Дар давраи рақамикунонӣ, муошират оммавӣ хусусияти босуръат ва васеътар пайдо мекунад. Чунин вазъ эҳтимолияти паҳншавии маълумоти бардурӯғ ва афсонаҳоро зиёд мекунад. Тибқи таҳқиқоте, ки дар маҷаллаи «Science» нашр шудааст, шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд на танҳо паҳншавии иттилоотро суръат бахшанд, балки таъсири паҳншавии хурофотро тақвият диҳанд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ маълумоти бардурӯғ аз ҷониби аксари корбарон бо сабаби такроран нашр шудан, ҳамчун маълумоти боэътимод, қабул карда мешавад [36]. Ин тамоюл дар мавриди хурофоти марбут ба экстрасенсорика, тибби халқӣ, пешгӯйиҳои мистикӣ ва эзотерика, ки аксар вақт ба мундариҷаи иттилоотӣ бе санҷиши дурусти далелҳо ворид мешаванд, ба осонӣ мушоҳида мегардад.

Заиф будани тафаккури интиқодии одамон низ дар устувории хурофот нақши муҳим мебозад. Пажуҳишҳои замони муосир нишон медиҳанд, ки дараҷаи инкишофи тафаккури интиқодии аҳолӣ, вобаста ба сатҳи системаи таълимӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва хусусиятҳои шахсӣ, аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ҳамин тавр, тибқи таҳқиқоти дар доираи барномаи “PISA” [*The Programme for International Student Assessment (PISA) – Барномаи байналмилалӣ оид ба арзёбии дастовардҳои таълимии донишҷӯён*] гузаронидашуда, сатҳи пасти тафаккури интиқодӣ бо ҳассосияти бештар ба изҳороти иттилооти бардурӯғ алоқаманд аст [38]. Набудани малакаҳои таҳлилӣ одамонро аз шинохтани хатоҳои мантиқӣ, тафтиши манбаъҳо ва ҷудо кардани далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок аз тахминҳои одӣ бозмедорад. Дар натиҷа, хурофот ҳамчун маълумоти боэътибор қабул карда мешаванд.

Сатҳи пасти сифати таҳсилоти умумӣ сабаби дигари паҳншавӣ ва устуворшавии хурофот мебошад. Барномаҳои таълимие, ки методологияи илмӣ, тафаккури интиқодӣ ва ҷанбаҳои таърихии рушди донишҳои илмиро камтар фаро гирифтаанд, имкон намедиҳанд, ки дар мафкураи шаҳрвандон фаҳмиши устувортари принсипҳои асосии ҳақиқати илмӣ ташаккул дода шавад. Дар натиҷа, одамон одатан, ба эътиқодоти анъанавӣ муроҷиат мекунанд, баъзан тавзеҳоти одӣ, вале бардурӯғро дар бораи падидаҳои табиат нигоҳ медоранд. Чунин ҳолат ба воситаи натиҷаҳои таҳқиқоти дар давлатҳои гуногуни ИДМ гузаронидашуда тасдиқ карда мешавад. Масалан, дар таҳқиқоте, ки дар маҷаллаи «Паёми Академияи илмҳои Русия» нашр шудааст, қайд карда мешавад, ки сатҳи таҳсилоти тақрибан 60 дарсади пурсидашудагоне, ки ба хурофот бовар доштанд, аз рӯйи арзёбии таълимӣ аз миёна ҳам пасттар будааст [14].

Ҳолатҳои мушаххаси таърихӣ нишон медиҳанд, ки набудани тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои маърифатӣ ба устувории эътиқоди хурофотӣ таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, дар раванди паҳншавии эътиқод ба хосиятҳои муъҷизавии хурофот, таҳлилгарон гигиенаи нокифояи иттилоотӣ ва сатҳи пасти саводнокии илмиро дар байни намояндагони гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ҷудо мекунанд [12]. Мисоли дигар бовар ба фарзияи «захролудшавии об» бо олудаҳои радиатсия мебошад, ки дар байни сокинони деҳоти кишварҳои саноатӣ паҳн мешавад. Дар деҳот, чун анъана, сатҳи таҳсилот аксар вақт пасттар аст ва аз ин рӯ, таҳлили интиқодии иттилоот низ душвор мегардад. Маҳз дар чунин муҳит эътиқоди хурофотӣ ташаккул меёбад. Дар чунин шароит элитаи илмӣ нақши муҳим мебозад. Зеро зиёиён қодиранд, ки дар байни аҳолии деҳот на танҳо донишҳои илман исботшударо паҳн намоянд, балки дар ташаккули малакаҳои устувори интиқодии онҳо иштирок кунанд.

Элитаи илмӣ тавассути фаъолияти таълимӣ, оммавигардонии донишҳои илмӣ ва пешбурди усулҳои таҳлили интиқодӣ дар муборизаи бо хурофот нақши ҳалкунанда дорад. Дар доираи татбиқи барномаҳои илмӣ-маърифатӣ, ба монанди «Илм ва ҷомеа», олимон ва омӯзгорон дар гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва маъракаҳои илмӣ-таълимӣ, ки ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ нигаронида шудаанд, фаъолона иштирок мекунанд. Дар баъзе кишварҳои ҷаҳон дар заминаи чунин ташаббусҳо захираҳои мултимедиявие сохта мешаванд, ки ба оммавигардонии далелҳо дар бораи ҷаҳон ва рушди усулҳои илмӣ равона шудаанд. Самаранокии чунин ташаббусҳо бо натиҷаи пажуҳишҳои илмӣ тасдиқ карда мешавад. Зеро таҳқиқи ин масъала муайян намудааст, ки пас аз иштирок дар барномаҳои оммавигардонии илм сатҳи тафаккури танқидӣ 15-20 дарсад меафзояд ва майл ба қабули эътиқоди хурофотӣ коҳиш меёбад [10].

Ғайр аз ин, нақши ВАО ва журналистикаи илмӣ дар ташаккули фарҳанги илмӣ хеле назаррас аст. Журналистон ва блогнависоне, ки ба муаррифии

дастовардҳои илмию техникӣ машғуланд, бо истифода аз манбаъҳои исботшуда ва ба таври возеҳу равшан баён кардани ғояҳои худ ба паст шудани сатҳи хурофот ва тасаввуроти бардурӯғ мусоидат мекунанд. Тибқи таҳлиле, ки дар маҷаллаи «Public Understanding of Science» гузаронида шудааст, фаъолона муаррифӣ намудани дастовардҳо ва иштибоҳоти илмӣ ба ташаккули малакаҳои шаҳрвандон ҷиҳати дарки интиқодии иттилоот ва муқовимат ба хурофот мусоидат мекунад [32].

Таъкид кардан муҳим аст, ки бартараф намудани эътиқоди устувори хурофотӣ тадбирҳои системавиро талаб мекунад. Аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, васеъ кардани ташаббусҳои илмӣ, рушди тафаккури интиқодӣ ва гигиенаи иттилоотӣ метавонанд боиси коҳиш ёфтани хурофот-парастии шаҳрвандон гарданд. Дар доираи ин тадбирҳо бояд равишҳои байнисоҳавӣ барои таҳияи стратегияҳои самарабахши муборизаи бо паҳншавии донишҳои бардурӯғ ва таҳкими фарҳанги илмию маърифатии аҳолӣ ташаккул дода шаванд. Аз ҷумла, дар ин раванд истифодаи дастовардҳои психология, сотсиология, сиёсатшиносӣ, илмҳои педагогӣ ва технологияҳои иттилоотӣ хеле муҳим мебошанд.

Рушди тафаккури илмӣ ва муносибати танқидӣ нисбат ба иттилоот хосси ҷомеаи муосир мебошад. Аммо, дар баробари ин, хурофоту ҷаҳолат низ дар байни мардум мавҷудияти худро нигоҳ медоранд ва то андозае ба қабули қарорҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт таъсири назаррас мерасонанд. Оқибатҳои оқибатҳои манфии таъсири хурофот ва ҷаҳолат дар соҳаҳои тандурустӣ, сиёсат ва иқтисод бештар ба назар мерасанд. Таъсири мафкураи хурофотӣ аксар вақт эътирофи дастовардҳои илмиро халалдор мекунад, самаранокии ниҳодҳои ҷамъиятиро коҳиш медиҳад ва ба паҳншавии тасаввуроти нодуруст мусоидат намуда, дар ниҳоят ба пешрафти иҷтимоӣ ва рушди ҷомеаи муосир монеъ мешавад.

Дар соҳаи тандурустӣ хурофот дар шакли эътиқод ба табобатҳои мардумӣ, фолбинию ҷодугарӣ, расму оинҳои марбут ба беморӣ ва инчунин, даст кашидан аз расмиёти тиббии аз ҷиҳати илмӣ асоснок зоҳир мешавад. Масалан, паҳншавии эътиқодҳо дар бораи «чашми бад» ё «чашм кардани одам» боиси канорагирӣ аз ташхисҳои тиббӣ ва эмкунӣ мегардад. Аммо чунин расмиёти тиббиро Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (СҶТ) ҳамчун яке аз роҳҳои самараноки пешгирии бемориҳои сироятӣ тасдиқ намудааст. Дар таҳқиқоти олимони Ҳиндустон нишон дода мешавад, ки эътиқод ба сабабҳои ғайритиббии беморӣ (масалан, ҷоду кардани инсон ҳамчун сабаби беморӣ) ва нобоварӣ ба тиб нишондиҳандаҳои эмкуниро коҳиш медиҳад ва гирифторшавӣ ба бемориҳои сироятиро зиёд мекунад [33].

Зимни табобати инсон ба ҷои воситаҳои илмӣ истифода намудани усулҳои халқӣ зуҳуроти махсуси афкори хурофотӣ мебошад, ки аксар вақт ба

мушкилоти ҷиддӣ ё марги инсон оварда мерасонад. Дар Русия соли 2022, тибқи маълумоти Маркази омори тиббии Русия, зиёда аз 30 дарсади беморон дар заминаи эътиқодоти хурофотӣ ба тибби ғайрианъанавӣ муроҷиат кардаанд [25]. Чунин рафтори одамон дар баъзе ҳолатҳо расонидани кумаки тиббии тахассусиро душвор мекунад ва ҳолати беморро бадтар менамояд. Масалан, дар раванди табобати бемориҳои саратон истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ ё бо таҳқиқоти илмӣ тасдиқнашуда аксар вақт ба авҷгирии беморӣ оварда мерасонад ва имконияти барқароршавии солимиро коҳиш медиҳад.

Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа низ хурофоту асотирҳо аксар вақт афкори ҷамъиятиро ташаккул медиҳанд ва ба ташаббусу қарорҳои қабулшуда ё қабулшаванда таъсир мерасонанд. Хусусан, паҳншавии маълумоти бардурӯғ боиси ташаккулёбии образҳои ирратсионалии душман мегардад, ки чунин ҳолат хеле хатарнок аст, махсусан, агар ин гуна маълумоти бардурӯғро ташкилотҳои экстремистию террористӣ паҳн намуда бошанд. Дар шароити имрӯза хурофоту ҷаҳолат силоҳи идеологии ҳизбу ҳаракатҳои тундгароии динӣ гардидаанд. Онҳо аз сатҳи ҷаҳолат ва эътиқодоти хурофотии мардум истифода бурда, амалу рафтори онҳоро дар муқобили қарорҳои сиёсии ба таври оқилона қабулшуда равона месозанд.

Мисоли дигар, паҳн кардани тасаввурот дар бораи «таъсири манфӣ ва муносибати душманонаи неруҳои хориҷӣ» мебошад. Чунин тасаввурот аксар вақт ба моделҳои тафаккури хурофотӣ асос ёфта, ба муколамаи байни миллатҳо ва кишварҳои гуногун монеъ мешавад. Дар таҳқиқоте, ки олимони Маркази омӯзиши коммуникатсияҳои оммавии Донишгоҳи давлатии Маскав гузаронидаанд, нишон дода мешавад, ки «ташаккули стереотипҳои манфӣ дар бораи «душмани эҳтимолӣ» асосан, бо консепсияҳои мифологие, ки дар шуури омма реша давондаанд, вобаста аст ва дар бисёре аз мавридҳо ба муқаррар кардани муколамаҳои созанда ва созишномаҳои дипломатӣ халал мерасонад» [22, 85].

Дар соҳаи иқтисод хурофот дар шакли сармоягузориҳои ғайримантиқӣ, тахминҳо ва эътиқод ба «ҷалбсозии ғайримантиқӣ» ё «барори кору таваккал» зоҳир мешавад. Масалан, дар шуури омма ақидае маъмул аст, ки тибқи он санаҳо ё рақамҳои муайян (масалан, рӯзҳои муайяни ҳафта, даврaҳои фаталӣ) метавонанд ё «нокомӣ»-ро ба вуҷуд оваранд, ё ба муваффақият мусоидат кунанд. Ин ба он оварда мерасонад, ки соҳибкорон ва сармоягузорони инфиродӣ қарорҳоеро қабул мекунанд, ки на ба маълумоти объективӣ, балки ба эътиқоди хурофотӣ асос ёфтаанд ва чунин муносибат аксар вақт ноустувории бозорҳоро ба вуҷуд меоваранд. Инчунин, таъсири хурофот дар интихоби санаҳои сармоягузорӣ ва амалияи рафтори фондҳои брокерӣ мушоҳида мешавад. Чунин тарзи рафтор принсипҳои оқилонаро дар идоракунии иқтисодӣ вайрон мекунад ва аксар вақт ба талафоти молиявӣ оварда мерасонад [3].

Ғайр аз ин, бовар ба бозигарони «хушбахт» ё стратегияҳои муайяни маркетингие, ки ба муқаррароти хурофотӣ асос ёфтаанд, ба рушди усулҳои ғайримантиқӣ ва ирратсионалии таҳлили бозор мусоидат мекунанд. Дар ин маврид олимони соҳа иброз намудаанд, ки «чунин эътиқодҳо ба устувории дарозмуддати бозорҳо таъсири манфӣ мерасонанд ва ба рушди тачрибаҳои устувори молиявӣ, ки ба маълумоти объективӣ ва таҳлили илмӣ асос ёфтаанд, халал мерасонанд» [11, 98].

Тавре қаблан низ ишора гардид, элитаи илмӣ дар муқовимат ба хурофот ва ҷаҳолат нақши муҳим мебозад. Корҳои назариявӣ ва амалии мутахассисон дар соҳаи психология, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва педагогика ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва паҳн кардани донишҳои илмӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, тибқи маълумоти Маркази таҳқиқоти маърифатии чанде аз кишварҳои аврупоӣ: «Маъракаҳои иттилоотие, ки ба баланд бардоштани маърифати аҳолӣ нигаронида шудаанд, сатҳи эътиқоди аҳолиро ба хурофот ва хаёлҳои бофтаю сохта хеле коҳиш медиҳанд» [19, 27].

Фаъолияти маърифатӣ на танҳо паҳн кардани далелҳои илмӣ, балки рушди малакаҳои таҳлили интиқодии иттилоот, эҷоди эътимод ба ниҳодҳои илмӣ ва коршиносонро дар назар дорад. Дар ин раванд, навсозии доимии усулҳои муошират илмӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Элитаи илмӣ бо истифода аз имкониятҳои ВАО, лоиҳаҳои таълимӣ ва ташаббусҳои маъмулгардонии илмӣ метавонанд ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва паст кардани сатҳи эътиқоди хурофотӣ мусоидат кунанд.

Яке аз равишҳои босамари мубориза бо хурофоту ҷаҳолат татбиқи усулҳои педагогикаи илмӣ ва оммавигардонии илм мебошад. Масалан, дар доираи амалигардонии лоиҳаи «Илм бар зидди хурофот» бояд лексияҳои интерактивӣ, намоишҳои илмӣ ва платформаҳои рақамии таълимӣ истифода бурда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки ҳақиқати илмӣ ба оммаи васеъ расонида шавад. Нақши олимон ва омӯзгорон, ки ҳамчун маорифпарварон ва пешбарандагони муколамаи байни олимон ва ҷомеа баромад мекунанд, махсусан муҳим аст.

Дар ин самт ба инобат гирифтану мавриди истифода қарор додани тачрибаи байналмилалӣ низ муҳим аст. Масалан, барномаи Ҷамъияти оммавигардонии илм дар Иттиҳоди Аврупо, ки лоиҳаҳои паҳнкунии донишҳои илмӣ ва рушди тафаккури танқидиро амалӣ мекунад, хеле ҷолиб мебошад. Бо ишора ба чунин шакли фаъолият, Комиссияи аврупоӣ самаранокии ташаббусҳои таълимиеро, ки ба паст кардани сатҳи хурофот дар байни ҷавонон ва аҳолии осебпазир нигаронида шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар доираи чунин барномаҳо тачрибаи муҳокимаҳо ва мубоҳисаҳои илмӣ, таҳлили танқидии

рафторҳои хурофотие, ки ба рушди малакаҳои таҳлилӣ ва таҳкими фарҳанги илмӣ равона шудаанд, ҷорӣ карда мешаванд.

Дар маҷмуъ, нақши элитаи илмӣ на танҳо дар паҳн кардани донишҳои илмию объективӣ, балки дар ташаккули қобилияти шаҳрвандон барои мустақилона фарқ кардани далелҳои илмӣ аз хаёлоти бофтаю сохта, таҳияи муносибати танқидӣ ба иттилоот дар шароити зиёдшавии босуръати иттилоот мебошад. Фаъолияти таҳқиқотӣ ва ташаббусҳои маърифатӣ ба коҳиши таъсири хурофот ба қабули қарорҳо мусоидат мекунанд. Чунин тарзи муносибат дар ниҳояти кор ба ташаккули шуури устувортар ва ба ҷаҳонбинии илмӣ нигаронидашудаи ҷамъиятӣ оварда мерасонад.

Яке аз механизмҳои муҳимтарини ташаккули фарҳанги илмии ҷомеа фаъолияти мунтазами илмию маърифатӣ, аз ҷумла оммавигардонии илм, баргузории машғулиятҳои лексионӣ ва семинарӣ, намоиши дастовардҳои илмӣ, ташкили дарсҳои тахассусӣ (мастер-классҳо), инчунин, нашри асарҳои илмӣ-оммавӣ мебошад. Дар доираи ин самти фаъолият, нақши элитаи илмӣ *(олимони касбӣ, омӯзгорон, рӯзноманигорон, фаъолони ҳаракатҳои илмӣ)* дар муборизаи бо хурофот муайян карда мешавад. Фаъолияти онҳо ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии илмии аҳолӣ, бартараф кардани хурофот ва коҳиш додани ҷаҳолат, мусоидат мекунад.

Паҳнкунии огоҳона ва мақсадноки донишҳои илмӣ дар байни табақаҳои васеи аҳолӣ моҳияти аслии оммавигардонии илмро ифода мекунад. Он на танҳо баргузории лексияҳо ва семинарҳои илмию оммавӣ, балки нашри мақолаҳо дар воситаҳои ахбори омма, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва намоишҳоеро дар бар мегирад, ки махсус барои популяризатсияи консепсияҳои мураккаби илмӣ таҳия шудаанд. Ҳамин тариқ, элитаи илмӣ ҳамчун миёнарав байни олимон ва ҷомеа амал карда, ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва саводнокии илмии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Ташкили намоишгоҳҳо ва ҳамоишҳои илмӣ як шакли дигари муҳимми фаъолияти илмию маърифатӣ мебошад. Ҷашнвораи ҳарсолаи илмӣ зери унвони «Классика ва навоварӣ» дар шаҳри Маскав садҳо ҳазор меҳмонро ҷамъ меоварад, ки дар байни онҳо на танҳо донишҷӯён ва мактаббачагон, балки аҳолии калонсол, аз ҷумла намояндагони элитаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ низ ҳастанд. Ин чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки дастовардҳои илми муосир нишон дода шаванд, таваҷҷуҳ ба фаъолияти таҳқиқотӣ бештар гардад ва стереотипҳои марбут ба касбҳои илмӣ аз байн бурда шаванд. Намоишгоҳи байналмилалии «Илм ва инноватсия», ки дар доираи форумҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҷашнвораҳои ҷаҳонии илм баргузор мешавад, яке аз роҳҳои бештар намудани шавқу завқи ҷавонон ба донишҳои илмӣ маҳсуб меёбад. Дар чорабиниҳои мазкур олимони пешрафта таҳқиқоти нави худро пешниҳод мекунанд ва ба

тамошобинон намоишҳои интерактивӣ ва дарсҳои тахассусӣ (мастер-классҳо) пешниҳод карда мешаванд.

Нашри китобҳо ва мақолаҳои илмию оммавӣ имкон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи ҷомеа нисбат ба илму технология бештар шавад. Асарҳои илмию оммавии чунин муаллифон, ба монанди Карл Саган [26, 27], Шермер Майкл [30], Азимов Айзек [1], Яков Перелман [21], Георгий Гамов [5], Грин Брайан [6], Пенроуз Роҷер [20], Фейнман Ричард [29] ва ғайра, дар самти оммавигардонии илм хеле назаррас мебошанд. Ин асарҳо шарҳи дастраси падидаҳои мураккаби илмиро пешниҳод мекунанд ва хонандагонро ба омӯзиши мустақилона сафарбар месозанд. Баъзе олимон ҳатто барои онҳое, ки ба навиштани маводҳои илмӣ-оммавӣ машғул шудан мехоҳанд, дастури методӣ таҳия намудаанд [9]. Соли 2016 дар Федератсияи Русия бо ташаббуси Вазорати илм ва маорифи ин кишвар озмуни «Беҳтарин оммависозони илм» баргузор гардид. Дар озмуни мазкур аз рӯйи номинаҳои «Беҳтарин барномаи телевизионӣ дар бораи илм», «Беҳтарин лоиҳаи маҷозӣ дар бораи илм», «Беҳтарин асари илмию оммавӣ», «Беҳтарин маҷаллаи илмию оммавӣ», «Беҳтарин лоиҳаи илмию оммавӣ» ва «Беҳтарин лоиҳаи илмию оммавии кӯдакона» ғолибон муайян карда шуда, ба онҳо ҷоизаҳои тақдим гардиданд [17]. Чунин чорабиниҳо барои бештар намудани таваҷҷуҳи олимону фаъолони ҷомеа дар кишварҳои аврупоӣ хеле зиёд баргузор мегарданд.

Элитаи илмӣ дар тайёр кардан ва татбиқ намудани барномаҳои таълимӣ барои синну соли гуногун фаъолона иштирок мекунад. Дар донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои олам лексияҳои кушоди профессорони пешбар, дарсҳои кушода ва дарсҳои такмили маҳорат дар мавзеъҳои муосири илмӣ, масалан, лексияҳо доир ба биотехнология, зеҳни сунъӣ ва астрофизика ташкил карда мешаванд. Чунин машғулиятҳои лексионӣ ҳар сол ҳазорон шунавандагонро ҷалб мекунад ва ба ташаккули муносибати мусбати онҳо ба илм ва паст кардани сатҳи хурофот мусоидат мекунад.

Илова бар ин, қисми муҳимми фаъолияти элитаи илмӣ ҳамкории фаъоли он бо ВАО мебошад. Солҳои охир афзоиши назарраси шумораи барномаҳои телевизионии соҳаи илм, блогҳо ва сомонаҳои оммависози дастовардҳои илму техника ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, ба шарофати фаъолияти рӯзномани-горони илмӣ ва шахсиятҳои шинохтаи расонаҳои хабарӣ ҷомеа имкони хубтар дарк кардани далелҳои илмӣ ва таҳлили интиқодии иттилооти оммавиро пайдо намуд. Асарҳои илмию таҳқиқотии замони муосир нишон медиҳанд, ки чунин стратегияҳои иртиботӣ сатҳи саводнокии илмиро хеле баланд мебардоранд ва дар мубориза бо паҳншавии хурофот кумак мекунанд [39]. Гузашта аз ин, дар доираи сиёсати давлатӣ ташаббусҳои бузурге, ки ба рушди барномаҳои миллии маориф ва дастгирии илмию иттилоотӣ равона шудаанд, амалӣ карда мешаванд. Барномаҳои «Илм ва технология–самти афзалиятноки рушд»,

инчунин, лоиҳаҳои байналмилалӣ, ба монанди барномаи Иттиҳоди Аврупо– «Horizon Europe», ки дар доираи онҳо элитаи илмӣ дар муаррифӣ намудани донишҳои илмӣ фаъолона иштирок мекунад, намунаи чунин ташаббусҳо мебошанд.

Нақши элитаи илмӣ дар мубориза бо хурофот ва ҷаҳолат бо таҳқиқоти илмӣ, ки самаранокии кори маърифатиро тасдиқ мекунанд, тақвият дода мешавад. Масалан, дар кори илмии пажуҳишгар Е.Туриел муайян карда шуд, ки ҷалби мунтазами аҳолӣ ба чорабиниҳои илмию таълимӣ сатҳи эътимодро ба донишҳои шубҳанок коҳиш медиҳад ва тафаккури танқидии онҳоро мустаҳкам мегардонад [40]. Таҳлили фаъолияти марказҳои пешрафтаи илмӣ нишон медиҳад, ки маъракаҳои фаъоли иттилоотӣ сатҳи эътимоди аҳолиро ба хулосаҳои илмӣ баланд мебардоранд ва паҳншавии маълумоти нодурустро коҳиш медиҳанд.

Дар маҷмуъ, элитаи илмӣ дар самти ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, паҳн кардани донишҳои илмӣ ва вайрон кардани низоми донишҳои хурофотӣ саҳми назаррас мегузорад. Фаъолияти онҳо, ки табақаҳои васеи иҷтимоиро аз мактаббачагон то калонсолон фаро мегирад, ташкили системавӣ, навсозии доимии усулҳо ва дохил кардани воситаҳои муосири коммуникатсиониро талаб мекунад. Танҳо муносибати ҳамаҷониба ва аз ҷиҳати методӣ асоснок метавонад таъсири дарозмуддатро дар фаъолияти маърифатӣ таъмин намояд ва ба баланд гардидани фарҳанги илмии ҷомеа мусоидат намояд.

Дар замони муосир истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дар раванди дарки донишҳои илмӣ ва мубориза бо хурофоту ҷаҳолат, аҳаммияти калон дорад. Таъсири онҳо ба миқёси фарогирӣ, суръати паҳншавии иттилоот ва имкони ҳамкории мустақим бо аудиторияи васеъ вобаста аст. Дар робита ба ин, нақши элитаи илмӣ дар истифодаи ин платформаҳо, махсусан, барои ташаккули далелҳои алтернативӣ, нуқтаи назари илмӣ ва муқоисаи маълумоти нодуруст муҳим мегардад.

Таҳқиқоти илмии замони муосир ба самаранокии васоити ахбори оммаи иҷтимоӣ дар паҳн кардани донишҳои илмӣ ишора мекунанд. Масалан, дар кори илмии Лоуренс Питман, ки ба омӯзиши иттилооти парокандаи шабакаи интернет бахшида шудааст, таъкид карда мешавад, ки «чунин шабакаҳо, ба монанди “Twitter”, “Facebook” ва “YouTube” портали мубоҳисаҳои илмӣ шудаанд ва ба паҳншавии васеи консепсияҳои илмӣ дар байни ғайримутахассисон мусоидат мекунанд» [41, с.49]. Аз ҷумла, истифодаи видеоҳои кӯтоҳ, инфографика ва мемҳо имкон медиҳанд, ки ғояҳои мураккаби илмӣ ба осонӣ азхуд карда шаванд. Маълум аст, ки чунин шакли интиқоли иттилоот таваҷҷуҳи зиёди шунавандагону бинандагонро ба вуҷуд меоварад. Аз ҷониби дигар, маълумоти оморӣ дар бораи афзоиши шумораи пайравони олимон ва

ташкилотҳои илмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ самаранокии ин усули фаъолиятро нишон медиҳанд.

Намунаи истифодаи бомуваффақияти шабакаҳои иҷтимоӣ маъракаи маърифатию таълимии “NASA” мебошад, ки аз солҳои 2010-ум дар мубодилаи хабарҳо дар бораи миссияҳои илмӣ, кашфиёти кайҳонӣ ва рӯйдодҳои илмии худ фаъол аст. Дар натиҷаи чунин талошҳо, инфрасохтори муошарати байни олимон ва ҷомеа, аз ҳама муҳим, сатҳи эътимод ба манбаъҳои илмӣ афзоиш ёфт. Ба ҳамин монанд, дар фазои кишварҳои пасошуравӣ низ оммавигардонии илм тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва бо роҳҳои дигари иттилоърасонӣ амалӣ карда мешавад. Бо ташаббусҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шабакаҳои иттилоотии интернетие, ки дар он мусоҳибаҳо бо олимон, баррасиҳои таҳқиқоти муосир ва маводҳои таълимӣ нашр карда мешаванд, муаррифии донишҳои илмӣ анҷом меёбанд. Чунин шакли фаъолият сатҳи нодонӣ ва хурофоти маъмулро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд. Масалан, профессор А. Пушков қайд мекунад, ки «ҳузури фаъоли коршиносони илмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар муносибат ба донишҳои илмӣ эътимоди мардумро бештар месозад ва дар мубориза бо маълумоти бардурӯғ, алахусус, дар заминаи мавзуъҳои шадид, ба монанди пешгирии бемориҳои сироятӣ ва тағйирёбии иқлим кумак мерасонад» [24, с.76].

Ҷанбаи муҳимми ин масъала, инчунин, эҷод ва паҳн кардани маводҳои дорои мундариҷаи илмӣ мебошад. Маводе, ки ба аудиторияҳои гуногун мутобиқ карда шудааст, таъсири онро хеле афзоиш медиҳад. Масалан, гурӯҳи коршиносони «ScienceCommunicationLab» дар ИМА бо таҳияи маводи мултимедиявие машғуланд, ки барои мактаббачагон ва донишҷӯён пешбинӣ шудааст ва ба ташаккули тафаккури интиқодии онҳо ва малакаҳои арзёбии иттилоот мусоидат мекунад. Таҳлили чунин ташаббусҳо нишон медиҳад, ки ин равиш на танҳо ба паҳн кардани дониши илмӣ, балки ба рушди саводнокии илмии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бо вуҷуди ин, истифодаи ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин, хатари паҳн кардани маълумоти нодуруст ва таблиғи хурофоти маъмулиро бештар месозанд. Таҳқиқоти анҷомдодаи пажуҳишгар Мартин Нюс нишон медиҳад, ки алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоӣ аксар вақт паҳншавии мундариҷаи иттилоотро бо унсурҳои эҳсосию эмотсионалӣ тақвият медиҳанд, ки дар натиҷа, маълумоти носаҳеҳ ё нодуруст дар назари хонанда ва бинанда афзалият пайдо мекунад [42]. Дар робита ба ин, нақши элитаи илмӣ на танҳо ба эҷоди мундариҷаи илмии иттилоот, балки ба кори фаъол доир ба таҳрири он, инчунин, ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ дар шунавандагону бинандагон барои шинохтани хабарҳои қалбакӣ оварда мерасонад. Баъзе коршиносон пешниҳод мекунанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар расонаҳои электронӣ бо системаҳои тафтиши далелҳо ҳамгиро карда шаванд. Ба андешаи онҳо, чунин иқдом имкон

медиҳад, ки сифати иттилоот баланд бардошта шавад. Масалан, лоиҳаи «FatCheck» дар ИМА ва ташаббуси байналмилалии «PolitiFact» самаранокии чунин усулҳоро нишон медиҳанд.

Элитаи илмӣ, инчунин, бояд дар муколама бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ бо истифода аз забони фаҳмо, канорагирӣ аз жаргонҳои академӣ ва эҷоди мундариҷаи илмӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангии шунавандагон фаъолона ширкат варзад. Ин, дар навбати худ, аз олимон на танҳо дониши илмӣ, балки малакаҳои муошират ва ҳассосият ба хусусиятҳои дарки иттилоот аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни синну солӣ ва иҷтимоиро талаб мекунад. Унсури муҳим ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои илмӣ ва маъракаҳои васоити ахбори иҷтимоӣ барои ноил шудан ба таъсири синергетикӣ мебошад. Дар доираи чунин барномаҳо ташкили гурӯҳҳои бисёрсоҳавии мутахассисони илм, ВАО ва робита бо ҷомеа, ки барои таҳияи стратегияҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ масъуланд, пешбинӣ карда мешавад. Масалан, дар Русия дар ин самт Маркази иртиботи илмии Донишгоҳи давлатии Маскав фаъолият мекунад. Ин марказ ба рушди захираҳои электронии самти оммавигардонии илм машғул буда, бо маълумоти бардурӯғи «YouTube», «ВКонтакте» ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ мубориза мебарад.

Самаранокии амалии чунин ташаббусҳо бо оморе, ки тағйирёбии сатҳи саводнокии илмии аҳолиро нишон медиҳанд, тасдиқ карда мешавад. Мувофиқи маълумоти оморӣ ва мушоҳидаҳои олимону коршиносон, ҳузури фаъоли маводҳои илмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ боиси афзоиши муносибати мусбат ба илм ва дарки интиқодии хурофот дар байни ҷавонон мегардад. Дар оянда рушди стратегияҳои ҳамкории элитаи илмӣ бо ВАО-и иҷтимоӣ бояд ба таҳқиқоти доимии таҳлилӣ, арзёбии самаранокии маъракаҳои татбиқшаванда ва ислоҳи равишҳои ин самти фаъолият асос ёбад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии соҳаҳои ҷамъиятӣ зарурати таҳлили механизмҳои паҳншавии хурофот ба миён меояд. Элитаи илмӣ дар ин раванд нақши назаррас мебозад ва эътиқодоти ғайримантиқиеро, ки зери таъсири омилҳои маърифатӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ пайдо мешаванд, ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, нодуруст будани онҳоро ошкор месозад. Дар чунин маврид муайян кардани қонуниятҳои психологии эътирофи хурофот, механизмҳои ҳамгироии онҳо бо фарҳанги оммавӣ ва роҳҳои паҳншавии хурофот фазои иттилоотии ҷомеа ҷанбаи муҳимтарини пешгирии таҳдиду хатари хурофотпарастӣ мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии илм дар ин замина таҳлили таассуби маърифатӣ ва иштибоҳоти мафкуравӣ мебошад, зеро маҳз онҳо барои ташаккули тасаввуроти хурофотӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Дар доираи психологияи когнитивӣ (маърифатӣ) як зумра падидаҳо, аз қабили тафаккури эҳтимолӣ ва стратегияҳои эвристикие, ки дар моделсозии эътиқодоти

ирратсионӣ нақш мебозанд, васеъ омӯхта мешаванд. Дар корҳои илмии як гурӯҳ олимон ба таври муфассал нишон дода шудааст, ки чӣ гуна саҳву хатоҳои мунтазами фаҳму дарк майли эътиқоди хурофотиро афзоиш медиҳанд [43].

Ҷомеашиносон дар фаҳму дарки механизмҳои паҳншавии хурофот саҳми илмӣ гузоштаанд. Дар доираи пажуҳишҳои сотсиологӣ рамзҳои фарҳангӣ, анъанаҳо ва муҳити иҷтимоӣ омӯхта мешаванд. Чунин корҳои илмӣ доираи фарҳангии дарки воқеияти атрофро ташаккул медиҳанд. Олимони ин самти илмӣ исбот намудаанд, ки хурофот дар ҷомеаҳое, ки аъзоёнаш онҳоро ҳамчун роҳҳои таҳкими ҳувияти гурӯҳӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ истифода мебаранд, устуворӣ пайдо мекунанд [44]. Таҳлили анъанаҳои байни наслҳо нишон медиҳад, ки эътиқодҳо тавассути омӯзиш, муҳити иҷтимоию фарҳангӣ ва маълумоти ВАО интиқол дода мешаванд [45].

Механизми паҳншавии хурофот махсусан, дар шароити рушди бемайлони расонаҳои рақамӣ ва шабакаи интернет тавсеа меёбад. Пажуҳишҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳамчун омили бавуҷудоварандаи занҷирҳои иттилооти ғайриилмӣ, фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо дар аксар маврид суръат ва фарогирии паҳншавии эътиқодоти ғайримантиқиро тақвият медиҳанд. Дар ин замина, раванди табдил ёфтани хурофоти маҳаллӣ ба тамоюли глобалӣ дар асарҳои илмии олимон тасдиқ гардидаанд [46]. Чунин равандҳо дар заминаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба амал меоянд. Маълумоти таҳлилӣ нишон медиҳад, ки оммавишавии хурофот аксар вақт бо тасдиқи таассуби маърифатии аудитория ва инчунин, ҳаяҷонбахшии эҳсосии мундариҷаи иттилоот алоқаманд аст. Маҳз ҳамин омилҳо самаранокии паҳн гардидани чунин эътиқодотро тақвият медиҳад.

Пажуҳишҳои илмӣ инчунин, падидаҳои марбут ба ҳифзи психологии инсон ва ихтилофи маърифатии онро ошкор кардаанд. Дар шароити афзоишёбии ҳаҷми иттилоот ва ба буҳрон рӯ ба рӯ шудани тафаккури интиқодӣ, одамон тавзеҳоти одии рӯйдодҳои мураккабро меҷӯянд ва ба хурофот ҳамчун шаклҳои коҳиши изтироб ва ҷустуҷӯйи назорат аз болои тақдир муроҷиат мекунанд. Дар заминаи таҷрибаҳои психологӣ ва дар доираи лоиҳаҳои илмӣ муайян карда шудааст, ки эътиқод ба қувваҳои фавқултабиӣ ҳангоми рӯ ба рӯ шудани инсон бо номуайянӣ ва таҳдидҳо, воситаи мутобиқсозии психологӣ мегардад [47].

Дар таҳқиқоти олимону коршиносони соҳа омӯзиши нақши барномаҳои таълимӣ ва журналистикаи илмӣ дар муқовимат ба паҳншавии хурофот аҳаммияти махсус дорад. Элитаи илмӣ тавассути фаъолияти маърифатӣ кӯшиш мекунад, ки дарки интиқодии иттилоотро таъмин кунад, ба рушди ҷаҳонбинии илмӣ ва таҳкими эътимод ба донишҳои илмӣ мусоидат намояд. Масалан, яке аз лоиҳаҳои илмӣ ташкили нашрияҳои илмӣ–оммавӣ, лексияҳо ва маъракаҳои иттилоотиро дар бар мегирад, ки барои вайрон кардани низоми хурофот дар

шуури омма пешбинӣ шудаанд [48]. Донишгоҳу марказҳои пешрафтаи илмӣ чорабиниҳоеро баргузор менамоянд, ки муносибати одамонро ба усулҳои илмӣ ва тафаккури интиқодӣ ҷиддитар мекунанд. Чунин чорабиниҳо дар дарозмуддат ба паст шудани сатҳи паҳншавии эътиқодоти ғайримантиқӣ мусоидат менамояд.

Дар маҷмеъ, дастгирии таҳқиқоти илмӣ дар самти мубориза бо хурофот муносибати байнисоҳавиро дар бар мегирад. Ин на танҳо психология ва ҷомеашиносӣ, балки антропология, таҳқиқоти соҳаи васоити ахбори омма ва коммуникатсия, илми когнитивӣ ва фарҳангшиносӣ низ мебошад. Ҳамкории байни муассисаҳои илмӣ, сохторҳои давлатӣ, васоити ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷанбаи муҳимтарини ин самти фаъолиятро ташкил намуда, ба таҳияи стратегияҳои самараноки таълим ва пешгирии хурофотпарастӣ имкон медиҳад. Пешрафти илмӣ дар ин соҳа зарурати ташаккули равишҳои системавиро тақозо менамояд. Равиши системавӣ барои пешгирии паҳншавии эътиқодоти хурофотӣ ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии илмӣ ва тафаккури интиқодӣ зарур дониста мешавад.

Дар ҷамъбасти таҳлили нақши элитаи илмӣ дар коҳиш додани хурофот ва ҷаҳолат бояд таъкид кард, ки маҳз ин гурӯҳи зиёиён муҳаррики асосии пешрафт дар паҳн кардани донишҳои илмӣ ва рушди таҳлили интиқодӣ мебошанд. Саҳми онҳо на танҳо бо кашфиёти илмӣ маҳдуд намешавад, балки фаъолияти самараноки маърифатиро низ дар бар мегирад, ки ба решакан намудани таассубу хурофоти ҷомеа равона шудааст.

Элитаи илмӣ, ки дорои дониш ва методологияи амиқи илмӣ мебошад, қодир аст, ки тасаввуроти хурофотиро вайрон кунад ва номуносибии онҳоро аз нуқтаи назари далелҳои объективӣ ва мантиқӣ ошкор намояд. Нашри корҳои илмӣ, гузаронидани лексияҳо ва семинарҳо, иштирок дар муҳокимаҳои оммавӣ ҳамаи воситаҳое мебошанд, ки онҳо барои расонидани донишҳои илмӣ ба аудиторияи васеъ истифода мебаранд.

Бояд қайд кард, ки муқовимати муассир ба хурофот ва ҷаҳолат на танҳо бартарии зеҳнӣ, балки масъулияти ахлоқиро низ талаб мекунад. Элитаи илмӣ бояд нақши худро дар ташаккули ҷаҳонбинии ҷомеа дарк кунад ва кӯшиш намояд, ки дониши паҳнкардаи он барои ҳама дастрас ва фаҳмо бошад. Ин маънои онро дорад, ки қобилияти мутобиқ кардани мафҳумҳои мураккаби илмӣ ба забони содатар, пайдо кардани забони умумӣ бо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва эҳтиром ба хусусиятҳои фарҳангии онҳо унсурҳои асосии масъулияти ахлоқии элитаи илмӣ аст. Аммо муқовимат бо хурофот на танҳо мубориза бо фиреб аст. Он, инчунин, мубориза барои ба амал баровардани рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти одамон барои мустақилона таҳлил кардани иттилоот, фарқ кардани ҳақиқат аз дурӯғ ва қабули қарорҳои огоҳона мебошад. Элитаи илмӣ дар ҳолатҳои зарурӣ, масалан, дар ҳолати мувоҷеҳ шудан ба хурофот-

парастӣ бояд на танҳо ҷавобҳои тайёрро пешниҳод карда тавонад, балки ба одамон фаҳмонад, ки онҳо бояд мустақилона савол диҳанд ва бо истифода аз усули илмӣ ба онҳо ҷавоб ҷӯянд.

Ҳамин тариқ, элитаи илмӣ дар мубориза бо хурофот ва ҷаҳолат нақши муҳим мебозад. Дониш, таҷриба ва масъулияти ахлоқии онҳо омилҳои асосии ташаккули ҷомеаи донишгаро ва пешрафта мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Азимов, А. Краткая история химии. Развитие идей и представлений в химии [Текст] / Пер. с англ. –М.: Мир, 1983. – 190 с.

2. Американская астрология, астрология в США [Электронный ресурс]. – URL: https://urania.ru/Nae/A/american.htm (дата обращения: 09.05.2025 г.)

3. Белов, В. Финансовые пузыри и психология массовых инвесторов [Текст] / В. Белов. – М.: Наука, 1999. – 180 с.

4. Вольтер. Философские сочинения [Текст] / Пер. с франц. С.Я. Шейнман-Топштейн. – М.: Наука, 1988. – 751 с.

5. Гамов, Г. Великие физики от Галилео до Эйнштейна. Как были сделаны самые значимые научные открытия [Текст] / Пер. с англ.–М.: Центрполиграф, 2021. – 386 с.

6. Грин, Б. Элегантная Вселенная (суперструны, скрытые размерности и поиски окончательной теории) [Текст] / Пер. с англ. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 288 с.

7. Длугач, Т.Б. Дени Дидро [Текст] / Т.Б. Длугач. – М.: Канон, 2009. – 208 с.

8. Дмитриев, И.С. Упрямый Галилей [Текст] / И.С. Дмитриев. –М.: Новое литературное обозрение, 2015.–848 с.

9. Иванов, И. Объясняя науку. Руководство для авторов научно-популярных текстов [Текст] / И. Иванов. – М.: Альпина нон-фикшн, 2021. – 226 с.

10. Иванова, А.П. Влияние участия в научно-просветительских программах на развитие критического мышления [Текст] / А.П. Иванова // Журнал «Наука и образование». – 2023. – Т.17. – №2. – С.123-136.

11. Кузнецов, И. Суеверия и иррациональные практики в современном рынке капиталов [Текст] / И. Кузнецов // Экономика и управление. – 2024. –Т.7. –№1. – С.89-104.

12. Кузнецова, И.А. Распространение магических верований в сельских регионах России [Текст] / И.А. Кузнецова, Е.М. Смирнова // Журнал социологических исследований. – 2021. – Т.8. – №3. – С.87-101.

13. Кун Томас. Структура научных революций [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2003. – 605 с.

14. Лебедева, Т.В. Влияние уровня образования на устойчивость к суевериям [Текст] / Т.В. Лебедева // Вестник Российской академии наук. – 2020. – Т.90. – №4. – С.423-431.

15. Линней и его «Система природы» [Электронный ресурс]. –URL: https://www.nkj.ru/archive/articles/32022/ (дата обращения: 09.05.2025 г.)

16. Луи Пастер. Избранные труды в двух томах [Текст] / Пер с франц. Т.1. – М.: Издательство Академии наук СССР, 1960. –1012 с.

17. Названы лучшие популяризаторы науки [Электронный ресурс]. –URL: https://www.kommersant.ru/doc/2911712 (дата обращения: 11.05.2025 г.)

18. Ньютон Исаак. Математические начала натуральной философии [Текст] / Пер. с лат. и комментарии А.Н. Крылова. – М.: Наука, 1989. – 688 с.

19. Павлов, Д. Эффективные методы просветительства и популяризации науки: мировой опыт и российские практики [Текст] / Д. Павлов // Журнал науки и образования. – 2023. –Т.10. –№4. –С.22-39.

20. Пенроуз, Р. Новый ум короля: О компьютерах, мышлении и законах физики [Текст] / Пер. с англ. – М.: Едиториал УРСС, 2003. – 384 с.

21. Перельман, Я.И. Занимательные задачи и опыты [Текст] / Пер. с англ. – М.: Эксмо, 2018. – 320 с.

22. Петрова, Е. Мифы и стереотипы в современных медиа: роль в формировании образа врага [Текст] / Е. Петрова // Вестник Московского университета. Серия: Социальные науки. – 2021. –№3. –С.78-94.

23. Пушкарская, Н.В. Традиционная медицина как пример китайской эпистемической культуры [Текст] / Н. В. Пушкарская // Идеи и идеалы. – 2022. – Т.14. – № 1-1. – С. 50-67.

24. Пушков, А. Наука в соцсетях: потенциал и вызовы [Текст] / А. Пушков // Российский журнал науки и технологий. – 2020. –№5. –С.73-81.

25. Российский центр медицинской статистики [Текст] // Статистический сборник по охране здоровья населения России, 2021. –М., 2022.

26. Саган, К. Космос: Эволюция Вселенной, жизни и цивилизации [Текст] / Пер. с англ. – СПб.: Амфора, 2008. – 370 с.

27. Саган, К. Эволюция мозга. Драконы Эдема [Текст] / Пер. с англ. – СПб.: Пальмира, 2018. – 115 с.

28. Ученые из США выяснили, что вера в астрологию говорит о низком интеллекте [Электронный ресурс]. –URL: https://www.amic.ru/news/uchenye-iz-ssha-vyyasnili-chto-vera-v-astrologiyu-govorit-o-nizkom-intellekte-559737 (дата обращения: 09.05.2025 г.)

29. Фейнман, Р. Наука, не-наука и все-все-все [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2017. – 230 с.

30. Шермер, М. Скептик: Рациональный взгляд на мир [Текст] / Пер. с англ. – М.: Альпина нон-фикшн, 2017. – 336 с.

31. Эллиаде, М. Магия, священное и миф [Текст] / М. Эллиаде. – М.: Радуга, 1949.

32. Fahy D., Nisbet M. Scientific communication and public understanding // Public Understanding of Science. – 2020. –Vol.29. –No.7. –P.789-803.

33. Singh S., Kumar R., Gupta P. Vaccine hesitancy and traditional beliefs: A cross-sectional study in India // Journal of Public Health. – 2020. –Vol.42. –No.4. –P.679-685.

34. Smith J., Lee K. Belief Systems in the Age of Science: A Cross-Cultural Perspective // International Journal of Social Psychology. – 2023. –Vol.6. –No.1. –P.78-95.

35. Taylor, E. Psyche and Society: The Role of Superstitions in Modern Life. Routledge, 2019.

36. Vosoughi S., Roy D., Aral S. The spread of true and false news online // Science. – 2018. –Vol.59. –No.3. –P.146-161.

37. Wong, H. Contemporary trends in esotericism and their impact on young people // Journal of Contemporary Cultural Studies. – 2020. –Vol.12. –No.3. –P.45-60.

38. Organisation for Economic Co-operation and Development (OECD) // PISA 2018 Results. – Paris: OECD Publishing, 2018.

39. Hofstein A., Rosenfeld S. Scientific communication and public understanding of science: The challenge of promoting scientific literacy // Journal of Science Communication. – 2020. –Vol.19. –No.2. –P.45-62.

40. Turiel, E. The development of scientific understanding and its relation to critical thinking // Cognitive Development. – 2019. –No.5. –P.31-45.

41. Pitman, L. Dissemination of scientific information in the digital age: the role of social media // Journal of Science and Society. – 2018. –Vol.12. –No.3. –P.45-58.

42. News, M. Algorithms and the spread of false information in social media // International Journal of Information Management. – 2020. –No.3. –P.163-169.

43. Kahneman D. Tversky A. Cognitive biases and their influence on superstitious beliefs // Journal of Experimental Psychology. – 1974. –Vol.13. –No.2. –P.351-370.

44. Smith J., Zhang L. Superstition and Social Identity: Cultural Transmission in Urban Communities // Cultural Sociology. – 2019. –Vol.13. –No.4. –P.453-470.

45. Hart, R. Cultural Epigraphy and the Transmission of Superstitions // Historical Anthropology. – 2017. –Vol.28. –No.2. –P.123-137.

46. Liu Y., Park S. The role of social media in the dissemination of superstitions // New Media & Society. – 2022. –Vol.24. –No.3. –P.563-580.

47. Johnson, P. Superstition as Cognitive Coping Mechanism // Psychological Science Review. – 2020. –Vol.15. –No.1. –P.44-59.

48. Miller, S. Science Outreach for Rational Thinking // Journal of Science Communication. – 2021. –Vol.19. –No.2. –P.85-101.

ФОРМИРОВАНИЕ НАУЧНОЙ ЭЛИТЫ И ПРОБЛЕМЫ СНИЖЕНИЯ УРОВНЯ СУЕВЕРИЙ И НЕВЕЖЕСТВА

ЮСУФЗОДА АВАЗИ НУРАЛИ,
соискатель отдела политологии Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33;
тел.: (+992) 901-99-58-82

Статья посвящена исследованию взаимосвязи между формированием научной элиты и процессом снижения уровня суеверий и невежества в обществе. Рассматривается роль научной элиты в продвижении научного знания, критического мышления и скептицизма как противовеса иррациональным убеждениям и псевдонаучным теориям. Анализируются исторические и современные примеры влияния выдающихся ученых и научных институтов на формирование общественного мнения и распространение рационального мировоззрения. Особое внимание уделяется проблемам, возникающим при взаимодействии научной элиты с обществом, включая недоверие к науке, популяризацию антинаучных взглядов и поляризацию мнений по научным вопросам. На основе анализа эмпирических данных и теоретических концепций предлагаются рекомендации по укреплению позиций науки в обществе и повышению эффективности усилий научной элиты в борьбе с суевериями и невежеством.

Ключевые слова: *научная элита, суеверия, невежество, научное знание, критическое мышление, популяризация науки, общественное мнение.*

FORMATION OF THE SCIENTIFIC ELITE AND ISSUES OF REDUCING THE LEVEL OF SUPERSTITION AND IGNORANCE

YUSUFZODA AVAZI NURALI,
applicant of the Department of political science of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 901-99-58-82

The article is devoted to the study of the relationship between the formation of the scientific elite and the process of reducing the level of superstition and ignorance in society. The role of the scientific elite in promoting scientific knowledge, critical thinking and skepticism as a counterweight to irrational beliefs and pseudoscientific theories is considered. Historical and modern examples of the influence of outstanding scientists and scientific institutions on the formation of public opinion and the dissemination of a rational worldview are analyzed. Particular attention is paid to the problems arising from the interaction of the scientific elite with society, including distrust of science, popularization of anti-scientific views and polarization of opinions on scientific issues. Based on the analysis of empirical data and theoretical concepts, recommendations are offered to strengthen the position of science in society and increase the effectiveness of the scientific elite's efforts in the fight against superstition and ignorance.

Keywords: *scientific elite, superstition, ignorance, scientific knowledge, critical thinking, popularization of science, public opinion.*

УДК: 502.131.1+338.45(575.3

ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИНДУСТРИИ “САБЗ” ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ 44;
тел: (+992) 939-44-38-50; e-mail: chirad-58@mail.ru

МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.:(+992 37) 221-32-48; e-mail: oraz-2009@mail.ru

Ҷаҳони муосир дар шароити тезутундшавии равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ қарор гирифта, тағйирёбии иқлим ва ифлосшавии муҳити зист аз мушкилоти асосии глобалӣ ба шумор меравад. Зарурати мутобиқ кардани истеҳсолот ба принсипҳои иқтисодиёти "сабз" ба ҳадафи муҳимми рушди устувори бисёр кишварҳо табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дарназардошти аҳаммияти рушди саноати миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки манбаъҳои табиӣ, якчанд иқдомоти муҳимми стратегиро амалӣ менамояд.

Дар ин замина, таваҷҷуҳи асосӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи сармоягузорӣ ва такмили механизмҳои сиёсати иқтисодӣ равона гардидааст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2022-2026-ро "Солҳои рушди саноат" эълон намуда, ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръатро, ҳамчун самти асосии рушди кишвар, таъкид намуданд.

Дар айни замон, иқтисодиёти “сабз” ҳамчун як модели пешрафтаи рушди устувор шинохта шуда, кишварҳои ҷаҳон ба истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва коҳиши партовҳои зараровар аҳаммияти хос медиҳанд. Тоҷикистон низ дар ин самт қадамҳои устувор гузошта, ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалиро ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои “сабз” тақвият мебахшад.

Таҳқиқоти мазкур ба баррасии имкониятҳо ва мушкилоти саноатикунонии босуръат бо дарназардошти талаботи иқтисоди “сабз” равона гардида, аҳаммияти истифодаи равишҳои инноватсионӣ ва ҳамгироии рушди устуворро таъкид менамояд.

Калидвожаҳо: *раванди саноатикунонии босуръати кишвар, механизм, соҳаи саноат, ташаккул, рушди устувор, стратегия, инноватсия, консепсия,*

харитаи роҳ, экосистемаи саноатӣ, корхона, самаранокӣ, принсип, истеҳсолот, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ.

Айни замон раванди ҷаҳонишавӣ бо як қатор мушкилот мувоҷеҳ гардидааст. Ифлосшавии муҳити зист дар натиҷаи зиёд гардидани газҳои гулхонавӣ яке аз ин мушкилот ба ҳисоб меравад, ки ҳалли он зарурати мутобиқ гардонидани раванди истеҳсоли молу маҳсулотро бо принсипҳои иқтисодиёти "сабз" ба миён гузоштааст. Дар ин раванд зарур аст, ки ба омилҳои демографӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Зеро иқтисоддони "сабз" М.Скотт-Като тавсия медиҳад, ки «дар оянда ҷомеа бояд ба як инқилоби «сабз»-и саноатӣ равона шавад. Тиҷорат низ бояд сабзтар гардад, энергия бо самара бештар истифода шавад ва партовҳои гази карбон коҳиш ёбанд» [17].

Зимнан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: *"Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла, раванди саноатикунонии босуръати кишвар, пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд»* [1].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди саноат танҳо бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва сармоягузории технологӣ имконпазир аст, ки донишгоҳҳо дар ин раванд нақши калидӣ доранд. Масалан, дар тадҳиқоти пажуҳишгарон Ю.Г. Мислякова ва А. Древалева омадааст, ки "омилони асосии саноатикунонии нав корхонаҳои саноатӣ, аҳолӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки имкониятҳои бузурги тараққиёти илму техника доранд, дар маркази ҳамаи инҳо мебошанд» [9].

Дар ин радиф, Ҳадафи Глобалии 13-уми Маҷмаи Умумии СММ доир ба мубориза бо тағйирёбии иқлим буда, агар чораҳои зарурӣ дида нашаванд, чунин мушкилотро дар пай хоҳад дошт:

–ҳарорати уқёнусҳо баланд шуда, пиряхҳо об мешаванд. Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2065 сатҳи миёнаи баҳр 24–30 сантиметр ва 40–63 сантиметр то соли 2100 баланд шавад;

–баланд шудани ҳарорати ҳаво ва уқёнусҳо ва обшавии пиряхҳо боиси аз соли 1901 то соли 2010-юм 19 см боло рафтани сатҳи баҳр гардид;

–аз соли 1979 то ба ҳол дар ҳар даҳ сол яхи баҳри Арктика 1,07 миллион км^2 кам шуд;

–дар байни солҳои 1880 ва 2012 ҳарорати миёнаи ҷаҳон 0,85 дараҷа баланд гардид. Ғайр аз ин, ҳар як дараҷа баланд шудани ҳарорат боиси тақрибан 5 дарсад кам шудани ҳосили ғалла мешавад;

–аз соли 1990 партобҳои оксиди карбон (CO2) дар ҷаҳон тақрибан 50% афзоиш ёфтааст. Консентратсияи CO2 дар атмосфера дар соли 2016 ба ҳадди

таърихӣ расида, 15-17% тамоми партовҳои CO2 ба нақлиёт рост меояд, 53% партовҳо бо раванди истихроҷи маъданҳо алоқаманданд;

–аксари оқибатҳои тағйирёбии иқлим дар тули садсолаҳо идома хоҳанд кард, ҳатто агар партовҳо қатъ шаванд [3, 14], зеро тағйирёбии иқлим ба тамоми кишварҳои тамоми қитъаҳо таъсир мерасонад. Иқтисодиёти кишварҳоро хароб мекунад ва ба зиндагии мардум таъсир мерасонад. Шароити обу ҳаво тағйир меёбад, сатҳи баҳр баланд мешавад ва ҳодисаҳои обу ҳаво шадидтар мешаванд.

Ҳифзи экология, таъмини оби тозаи ошомиданӣ ва истеҳсоли маводи ғизоии экологӣ муҳим мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки маҳсулоти кишвар бо истифода аз неруи “сабз” истеҳсол гардад ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалӣ барои рушди иқтисодиёти “сабз” тақвият ёбад. Ҳукумати кишвар барои рушди устувор таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, саноатикунонии босуръатро, ҳамчун ҳадафи стратегии чаҳорум, қабул кардааст. Ин иқдом ба ташкили ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, таҳкими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ барои татбиқи «Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” барои солҳои 2023–2037» аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Илова бар ин, пажуҳишгарон: Ш. Раҳимзода, Л. Саидмуродзода ва Ф. Муминова иброз менамоянд, ки «камшавии муайяни пешниҳоди сармоягузорӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ метавонад ба ҷараёнҳои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон таъсири манфӣ расонад, ки ин зарурати хеле беҳтар намудани фазои сармоягузориро тақвият медиҳад. Дар баробари ин, иқтисоди мамлакатҳои дорои бозорҳои рӯ ба тараққӣ низ таъсири манфии коҳиши талаботи хориҷиро эҳсос хоҳанд кард. Ҳамзамон, паст шудани сатҳи фаъолнокии сармоягузорӣ ба вусъати иқтидори истеҳсолӣ монеа эҷод мекунад» [11].

Ногуфта намонад, ки дар самти иқтисоди “сабз” роҳбарияти олии кишвар устуворона ва ҳадафмандона қадам гузошта, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар ин самт пешсаф мебошад. Чунки, дилхоҳ мамлакат манфиатдор аст, ки рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва иқтисоди “сабз”-ро доро бошад. Маҳз саноатикунонии босуръати кишвар боис мегардад, ки то соли 2030 ҳиссаи саноати мамлакат дар ММД-и ба сатҳи 30 дарсад ва вазъи қиёсии соҳаҳои коркард бошад, дар сохтори саноат аз нишондиҳандаи ниҳоии сатҳи байналмилалӣ (70 дарсад) ба сатҳи 75,5 дарсад расонида шавад. Махсусан, барои понздаҳ соли минбаъда миқдори маблағгузории «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» барои солҳои 2023-2037» ба маблағи 21,6 млрд. сомониро пешбинӣ менамояд, ки марҳалаҳои он давра ба давра оварда шудааст, ки дар ин хусус ба таври муфассал ибрози андеша намудаем [6].

Сарватҳои табиӣ асоси муҳимми рушди саноати миллӣ буда, ашёи истеҳсолот, қувваи барқ ва маҳсулоти истеъмолӣ аз онҳо ҳосил мегардад.

Татбиқи “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз" ин равандҳоро суръат мебахшад. Бисёр кишварҳо то соли 2030 коҳиши дукаратаи партовҳо ва то соли 2050 бечурм кардани онҳоро ҳадаф қарор додаанд. Бо вуҷуди таъсири мусбати саноат ба зиндагии мардум, истифодаи технологияҳои муосир барои коҳиши таъсири манфии экологӣ зарур аст. Илова бар ин, ворид намудани принсипҳои иқтисоди “сабз” ба раванди инноватсионӣ тағйирот дар равишҳои технологӣ, ташкилӣ ва идоракуниро талаб мекунад. Зеро усулҳои мутобиқсозии ташкили раванди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти талаботи иқтисоди “сабз” ба ҳамгироии рушди устувор ба фаъолияти корхонаҳо, кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд. Дар ин замина, ба усулҳои асосии он дохил мешаванд:

–истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (панелҳои офтобӣ, турбинаҳои шамолӣ) дар равандҳои истеҳсолӣ;

–таҳия ва татбиқи маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза;

–рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои интеллектуалӣ;

–тарҳрезии аз ҷиҳати экологӣ самаранок;

–тарҳрезии биноҳо бо истифода аз роҳҳои каммасрафи энергия (масалан, шишаи муҳофизаткунандаи офтоб, изолятсияи гармӣ);

–тарҳрезии равандҳое, ки дубора коркард ё дубора истифода мешаванд.

Лозим ба таъкид аст, ки усулҳои мутобиқсозии ташкили раванди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, бо дарназардошти талаботи иқтисоди “сабз”, муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунанд, ки на танҳо технологӣ, балки тадбирҳои ташкилӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро низ дар бар мегирад. Татбиқи чунин қарорҳо ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки ба тағйирот дар иқтисодиёт ва қонунгузорӣ устувортар бошанд, таъсири манфиро ба муҳити зист коҳиш диҳанд ва ҳамзамон, рақобатпазирии онҳоро дар бозор баланд бардоранд.

Аслан, корхонаҳоро дар шароити имрӯза зарур аст, ки истеҳсолотро бо истифодаи такроршавандаи мавод ва ҷузъҳои такроршаванда ташкил диҳанд, ки ҳамин тариқ таъсири муҳити зистро коҳиш дода, мутобиқшавии худро бо дарназардошти талаботҳи иқтисодиёти “сабз” тақвият бахшанд. Дар ин росто, муҳаққиқи ватанӣ Л.Саидмуродзода қайд менамояд, ки «рушди иқтисоди “сабз” яке аз шартҳои асосии ҳифзи муҳити зист ва экология барои наслҳои ҳозира ва оянда эътироф мешавад» [12]. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкур басо муҳим ва баҳснок буда, новобаста аз ин раванди инноватсионии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва мутобиқшавии онҳо бо принсипҳои рушди устувор, сарфаи манбаъҳо ва коҳиш додани таъсири манфии муҳити зист тақозои замон мебошад. Масалан, корхонаҳо бояд ба таҳияи ва татбиқи технологияҳое, ки дар онҳо манбаъҳои табиӣ ва энергия камтар истифода мешаванд, таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Масалан, истифодаи манбаъҳои барқароршаванда (энергияи офтобӣ, бодӣ) ва технологиҳои камхарҷ ва камзарар барои муҳити зист. Ин раванди

мутобиқшавӣ ба иқтисоди “сабз” на танҳо барои хатти истеҳсолот, балки барои беҳбудии муҳити зист ва рушди оянда муфид аст. Илова бар ин, тамоми корхонаҳо ба лоиҳаҳои “сабз”, ки ба ҳифзи муҳити зист, таъмини манбаъҳои барқароршаванда ва коҳиш додани истифодаи манбаъҳои аз ҳад зиёд таъсир расонанда (нафт, газ) равона мешаванд, зарурат дошта, ҳамкориҳои судманди онҳо бо марказҳои таҳқиқотӣ, донишгоҳҳо ва ширкатҳои соҳаи технологӣ барои татбиқи инноватсияҳои муосир дар раванди истеҳсолот ва хидматрасонӣ ба манфиати кор мебошад.

Татбиқи инноватсия дар соҳаи саноат равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҷанбаҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологиро фаро мегирад. Ба андешаи мо, инноватсия дар саноат ба қабул кардани технологияи нав, усулҳои муосир ва моделҳои нави фаъолияти тиҷоратӣ дахл дорад, метавонад барои татбиқи стратегияҳои самарабахши рушди иқтисодӣ ва устувории экосистемаи саноатӣ кумак расонад [8].

Ҳамин тавр, татбиқи механизмҳои омехта, ба монанди имтиёзҳои андозӣ, субсидияҳо, стандартгузорӣ ва татбиқи технологияҳои нав, метавонад ба ташаккули муҳити устувори экологӣ мусоидат намояд. Ин равиш на танҳо ҳифзи табиат ва муҳити зистро таъмин мекунад, балки дар асоси иқтидорҳои мавҷуда самаранокии устувори дарозмуддатро низ кафолат медиҳад. Аз ин лиҳоз, механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди «сабз» дар расми 1 нишон дода шудааст.

Дар шароити муосир доир ба расми мазкур метавон гуфт, ки рушди инноватсионӣ дар саноат бо дарназардошти принсипҳои иқтисоди “сабз” ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ дониста мешавад. Дар шароити Тоҷикистон, ки дорои захираҳои табиӣ ва имкониятҳои рушди экосистемавӣ мебошад, механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бояд ба таносуби рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист асос ёбанд. Ин равиш на танҳо ба беҳбуди вазъи экологии кишвар мусоидат мекунад, балки барои ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ имкониятҳои нав фароҳам меоварад.

Ҳоло дар корхонаҳои саноатии тамоми олам, ба андешаи пажуҳишгар А. Солеҳзода: «Комплеки нақлиётии ҷаҳонӣ бо мақсади гирифтани неруи барқ ва ҳарорату гармӣ маводи энергетикии сӯзишворӣ, аз ҷумла ангишт, нафту газ истифода мегардад, яъне сӯзонида мешаванд» [14]. Ба андешаи мо, 75 дарсади партовҳо гулхонавӣ ва 90 дарсади тамоми партовҳои карбонӣ ба ҳавои атмосфера хориҷ гардида, муҳити зистро ифлос ва заҳролуд месозанд ва боиси паҳн шудани бемориҳои гуногун мегарданд, дар ин хусус ба таври возеҳ ибрози андеша намудаем [7].



Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти соҳа.

Расми 1. Механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди “сабз”.

Мусаллам аст, ки Тоҷикистон ба марҳалаи нави рушд ворид шуда, бо татбиқи “Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" барои солҳои 2023–2037” қадамҳои боэътимод дар рушди саноати миллӣ мегузорад. Бо вуҷуди имкониятҳо, истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ дар дохил пурра ба роҳ монда нашудааст ва садҳо навъи онҳо аз хориҷ ворид мегарданд. Рушди корхонаҳои хурд, ки ҳам вазифаҳои иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоиро иҷро мекунанд, бо зиёдшавии иқтидори

инноватсионӣ ба устувории саноат мусоидат менамояд. Ин корхонаҳо нисбат ба корхонаҳои бузург зудтар ба шароити бозор мутобиқ мешаванд, ки ин барои рушди истеҳсолоти дохилӣ муҳим аст.

Ба андешаи пажуҳишгар А.И. Сивкова: «Самаранокии татбиқи иқтисоди “сабз”-ро бо истифода аз нишондиҳандаҳое, ки системаи макроиқтисодиро тавсиф мекунанд, арзёбӣ кардан мумкин аст. Барои баҳодиҳии умумии истеҳсолот ва пешрафти иқтисодии кишвар маълумот дар бораи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) истифода мешавад, ки он нархи ниҳоии бозории воҳиди дар дохили кишвар истеҳсолшударо дар соли тақвимӣ чен мекунад. Аммо арзёбии самаранокии ҷорӣ намудани чунин як низоми мураккабу бисёрсоҳавии низоми иқтисодии кишвар, ба мисли иқтисоди «сабз» нишондиҳандаҳои мушаххасро тақозо менамояд» [13]. Дар шароити иқтисоди ҷаҳонӣ ва геополитикии пешгӯйинашаванда, саноати кишвар бо татбиқи барномаҳои стратегӣ рушд кардааст. Барои дастрасӣ ба захираҳои табиӣ ва муқобила бо тағйирёбии иқлим татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар саноат аҳамияти хосса дорад.

Дар ин хусус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: *«Мо рушди устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ нададон ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем»* [15, 4]. Боиси хушнудӣ аст, ки дар раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ ва бо иқдоми шоистаи Пешвои миллат эълон гардидани солҳои 2022–2026 «Солҳои рушди саноат», саноати ватанӣ ҳамчун неруи азими пешбаранда ва иқтидори калидии тараққиёти иқтисодӣ дар мамлакат ҳисобида мешавад. Саноатикунонии босуръат, ҳамчун ҳадафи стратегии чоруми кишвар, рушди устувор, ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро таъмин мекунад.

Ба андешаи мо, дар марҳалаи муосири рушд мутобиқ кардани соҳаи саноат ба принсипҳои иқтисоди “сабз” талаб мекунад, ки корхонаву давлатҳо нақшаи мушаххас дошта бошанд. Дар ин замина, харитаи роҳ ҳамчун як роҳнамои асосӣ якчанд марҳала ва қадамҳои муҳимро фаро мегирад, ки метавонанд ба корхонаҳои саноатӣ дар гузариши осон ба модели иқтисоди “сабз” кумак кунанд. Инчунин, он ба коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар асоси стандартҳои нави экологӣ ва татбиқи самараноки принсипҳои иқтисоди “сабз” мусоидат хоҳад кард.

Алҳол харитаи роҳ дар соҳаи саноат метавонад ҳамчун роҳнамои асосӣ барои гузариш ба иқтисоди “сабз” хидмат намуда, ба шароит ва имкониятҳои миллӣ ва байналмилалӣ мутобиқ карда мешавад, инчунин, барои ҷорӣ кардани

таҷрибаҳои беҳтарин дар рушди иқтисодии кишвар истифода мешавад. Ҳамзамон, харитаи роҳи иқтисоди "сабз" бояд бо шароити махсуси кишвар ё минтақа мутобиқ карда шавад. Бо вуҷуди ин, принсипҳои асосӣ метавонанд асоси ҳар як стратегияи рушди устуворро ташкил дода, барои расидан ба ҳадафҳои дарозмуддати иқтисодӣ ва экологӣ заминаи устувор фароҳам оваранд. Зеро эътироф шуда истодааст, ки ноил шудан ба рушди устувор асосан ба "сабз" гардонидани иқтисодиёт вобаста аст,–иброз менамояд пажуҳишгар М.Досиев [4, 31].

Лозим ба ёдоварист, ки кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бо мақсади таҳлил ва рушди самтҳои асосӣ дар соҳаи табдил додани сармоягузорӣ ба иқтисодиёти «сабз» ба роҳандозии технологияҳои тоза ва энергетика бо номи «Ташаббуси иқтисоди "сабз" (Ташаббуси иқтисоди "сабз", 2008) шуруъ карданд. Ба андешаи муҳаққиқон: У. Олимҷонзода ва Л. Қосимов: "Сарфи назар аз саъю кӯшишҳои бистсолаи рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист дар сатҳи ҷаҳонӣ натиҷае надоданд, ки дар натиҷа, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба як қатор буҳронҳои мувозинати экологӣ мувоҷеҳ шуд, ки охиринаш боиси зарурати ташаккули муҳити зист гардид, ки навъи нави рушди иқтисодӣ–«биоиқтисодиёт» тавассути призмаи рушди иқтисоди "сабз", ки ба самти муҳимтарин рушди муосири ҷаҳонӣ табдил ёфта, асоси онро назарияи рушди устувор ташкил медиҳад, ки дар ташаккули он нақши муҳим бозидааст, ки аз равиш ва воситаҳои нави таҳқиқот, аз ҷумла принсипи самаранокӣ ва оптимизатсияи истифодаи захираҳои табиӣ ва инсонро дар бар мегирад» [10].

Вақте ки мо дар бораи иқтисодиёти "сабз" дар саноат сухан меронем, дар назар дорем, ки саноат дар ҷараёни рушди худ ба мувозинати беҳтаре байни афзоиши иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист мерасад. Концепсияи иқтисодиёти "сабз" ба саноат кумак мекунад, ки бо истифода аз технологияҳои тоза, сарфаи энергия ва кам кардани партовҳо, на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки манфиатҳои экологиро низ ба даст оварад.

Лозим ба таъкид аст, ки вақтҳои охир дар ҷаҳони муосир сармоягузории ба истилоҳ «сабз» маъмул гашта истодааст. Ин ҷо сармоягузорие фаҳмида мешавад, ки на танҳо барои ба даст овардани фоида, балки ҳамзамон, барои ҳифзи муҳити зист равона шудааст. Гузариш ба сармоягузории "сабз" дар мубориза бо тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонавӣ, ифлосшавии об, буридани дарахтон ва мусоидат ба рушди устувори муҳити зист аҳаммияти бузург дорад. Бинобар ин, равандҳои имрӯзаи ҷаҳони муосир талаб менамоянд, ки маҳз худи сармоягузорӣ низ «сабз» шавад. Яъне лоиҳаҳое сармоягузорӣ шаванд, ки ба рушди иқтисоди "сабз" саҳм мегузоранд.

Ибораи маблағгузории "сабз" ба истилоҳи неруи "сабз" алоқаманд аст. Моҳиятан неруи "сабз" энергияе мебошад, ки аз манбаъҳои барои муҳит безарар гирифта шудааст ва ба муҳит таъсири манфӣ намерасонад. Доир ба ин

масъала пажуҳишгари ватанӣ Д. Мерганов қайд менамояд: «Ҳукумати мамлакат барои таҷдиду бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ, ворид намудани технологияи ҳозиразамон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, махсусан, истифодаи манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва татбиқи иқтисодиёти "сабз", фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ иқдомоти зиёдро амалӣ намуда истодааст ва тавре мушоҳида мешавад, натиҷаҳо назаррасанд» [5]. Дар ин хусус муҳаққиқон: Ш. Раҳимзода, Л. Саидмуродзода, Ф. Муминова қайд менамоянд, ки «интизор меравад, ки талошҳои стратегӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ба унсурҳои калидии фароҳам овардани шароит барои рушди дарозмуддати иқтисодӣ табдил меёбанд" [11].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби сармоягузории "сабз" ҳадаф дорад, то соли 2037 иқтисоди "сабз"-ро татбиқ намояд ва саноатикуниониро ба хотири рушди устувор ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ суръат бахшад. Дар ин раванд нақши калидиро энергияи "сабз" мебозад. Аввалан, Тоҷикистон дорои имкониятҳои бузурги тавлиди энергияи "сабз" мебошад, зеро иқтидори умумии энергияи барқи обии кишвар ба 527 миллиард киловатт-соат баробар аст, дар ҳоле ки то имрӯз танҳо панҷ дарсади он истифода шудааст. Тавре медонем, Тоҷикистон бо кӯҳҳои худ аз маъданҳои гуногун ғанӣ мебошад, ки истеҳсол ва истифодаи ин имконот метавонад ба иқтисоди мамлакат таъсири мусбат дошта бошад. Мувофиқи арзёбии коршиносон, 88 дарсади конҳои маъдани Тоҷикистон мавриди истифода қарор надоранд. Ба андешаи пажуҳишгар Қ.Шаҳноз: «Имрӯз бо дарназардошти рушди иқтисоди "сабз" ва рақамикунонӣ ниёз ба маъданҳое, ки дар ҳамин раванд нақши калидӣ доранд, хеле зиёд шудааст. Аз ҷумла, литий, волфрам, нуқра маъданҳое ҳастанд, ки барои технологияи "сабз" бисёр муҳим дониста мешаванд. Дар маҷмуъ, 12 маъдани асосие, ки барои гузариши "сабз" аз ҷониби коршиносон лозим дониста мешавад, даҳтоаш дар Тоҷикистон ҳаст. Аз ин даҳ маъдан шаштои он аллакай истеҳсол карда мешавад. Агар сурмаро гирем, аз лиҳози истеҳсоли он Тоҷикистон дар ҷаҳон дар ҷойи сеюм меистад. Яъне имкониятҳо хеле фароҳанд» [16].

Дар Паёми навбатии Сарвари давлат қайд гардидааст, ки «Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои саноат, бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, энергияи "сабз" ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо–саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд» [2]. Тибқи СМР–2030 метавон хулоса намуд, ки «ҳадафи асосии саноатикунонии босуръати кишвар ташаккул додани саноати миллии

рақобатпазир ва дар асоси он ба сатҳи сифатан баланд бардоштани тамоми иқтисоди миллӣ ва таъмини некуаҳволии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад» [15,14].

Ҳамин тавр, Ҳукумати кишвар бо сафарбар намудани тамоми захираҳо татбиқи лоиҳаҳои "сабз", истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи неру ва рушди иқтисоди "сабз"-ро ҳадафи асосӣ қарор додааст, ки ба рушди устувор мусоидат мекунанд. Дар давоми 34 соли Истиқлоли давлатӣ, Тоҷикистон дар баробари мустақлияти сиёсӣ, ба истиқлоли иқтисодӣ низ ноил гардида, рушди соҳаҳои пешбар, аз ҷумла саноатро таъмин намуд. Новобаста ба мушкилоти ҷаҳонӣ, натиҷаҳо умедбахш мебошанд. Ҳадафи аслӣ–пайгирии сиёсати Пешвои миллат барои ҳифзи табиат ва рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Бар асоси таҳлил ва мавҷудияти зарурати мутобиқсозии соҳаи саноат ба принсипҳои иқтисодиёти "сабз", муайян гардид, ки татбиқи чораҳои нав ва самаранок муҳим аст. Барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо, таваҷҷуҳи махсус бояд ба таъсиси инфрасохтори истеҳсолии "сабз", ҷалби сармояи "сабз" ва дастгирии мутавозинии экологӣ равона карда шавад. Дар натиҷа, муҳити мусоид барои корхонаҳои саноатиро фароҳам оварда, истифодаи манбаъҳои табииро коҳиш медиҳад. Дар ин замина, барои рушди босуботи соҳа ба ҷалби сармоягузориҳо замина гузошта, бо татбиқи технологияҳои тоза ва устувор бояд ба ҳифзи муҳити зист ва истифодабарии самараноки захираҳо мусоидат намояд. Аз нигоҳи мо, бо мақсади таҳкими раванди имкониятҳои мавҷуда ва захираҳои соҳаи саноат, пешниҳодҳои мушаххас барои ҷорӣ намудани технологияҳои "сабз", механизмҳои мусоид барои ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва таъсири мусбати татбиқи консепсия ба рушди иқтисодиёти миллӣ таҳия намудани "Консепсияи миллии татбиқи принсипҳои иқтисодиёти "сабз" дар соҳаи саноат" муҳим арзёбӣ мегардад. Бо ин роҳ метавон ба ҳамгироии устувори иқтисодиёти "сабз" ва соҳаи саноат таккони ҷиддӣ бахшад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 шаҳри Душанбе [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/event/ missives/ 24850 (Санаи мурочиат ба сомона 20.05.2025)

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 23.12.2022 шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ] https://prezident.tj/event/'missives/27245 (Санаи дархост ба сомона 27.05.2025).

3. Викторова Е.В., Зайнуллина А.Б., Кузнецов Л.М., Петренко Д.А., Янковская А.А. Устойчивое развития: экология, экономика, общество (Авторский коллектив) // Цель 13 в области устойчивого развития (ЦУР).– Санкт-Петербург, 2019.–14 с. [Электронный ресурс] https://unecon.ru/sites/

default/files/buklet_dlya_studentov_s_oblozhkoy_compressed.pdf?ysclid=m8sscrr9vk798857326

4. Досиев М.Н. Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз”: назария, методология, амалия. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ). – Душанбе, 2024. – 344 с.

5. Мерганов Д. Ҳадаф аз маблағгузории “сабз” дар чист? Нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои мардум». – №86 (4036), 18.07.2019 [Захираи электронӣ] https://sadoimardum.tj/index.php?do=search&

6. Муртазоев О.Қ. «Иқтисоди сабз»–қадами устувор дар самти тағйирёбии иқлим [Захираи электронӣ] https://old.mts.tj/?p=10204 (Санаи дархост ба сомона 05.06.2025).

7. Муртазоев О.Қ. Рушди саноати миллӣ бо дарназардошти татбиқи принсипҳои иқтисоди “сабз” дар мамлакат / О.Қ. Муртазоев // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2023. – № 3 (7). – С. 83-95. – EDN HSLJHW.

8. Муртазозода О. Ҳамгироии инноватсионӣ ҳамчун омили ташаккули экосистемаи саноатӣ / О. Муртазозода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2025. – № 1(13). – С.114-128. – EDN BXVAYN.

9. Мыслякова Ю.Г., Древалев О. Роли вузов в условиях новой индустриализации// Материалы Международной научно-практической конференции “Новая индустриализация: мировое, национальное, региональное измерение”.–Екатеринбург, Издательство Уральского государственного экономического университета, 2016. – С. 37-39.

10.Олимҷонзода У.О., Қосимов Л.Ф. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди биоиқтисодиёт. Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022, 4-2 (51). – С. 200-209.

11.Раҳимзода Ш.М. Амсилаҳои дурнамосозии рушди дарозмуддати соҳаҳои иқтисоди миллӣ //Ш.М. Раҳимзода, Л.Х. Саидмуродзода, Ф.М. Муминова /Монография/ – Душанбе: Институт иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2024. – 225 с.

12.Саидмуродзода Л.Ҳ. Иқтисоди “сабз” ва нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли масоили экологӣ / Л.Ҳ. Саидмуродзода, М.А. Ҳакимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – № 1. – С. 68-81.

13.Сивкова А.И. Показатели эффективности внедрения "зеленой” экономики в промышленность РФ // Журнал: Научный альманах центрального черноземья / Южно-Уральский государственный гуманитарно-педагогический университет. - № 1-5, 2022. – С. 146-152.

14.Солеҳзода А.А. Ҷумҳурии Тоҷикистон: Роҳ ба сӯйи рушди устувор дар заминаи принсипи иқтисоди “сабз” / Маҷаллаи Вазорати рушди иқтисод ва

савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон–“Тоҷикистон: иқтисод ва идора”. – Душанбе: 2020. - № 2. – С.60-69.

15. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, аз 1 декабри соли 2016. – №636.

16. Шаҳноз Қ. Тоҷикистон ба кишвари сармоягузории “сабз” табдил меёбад. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷумҳурият". –Санаи нашр:, 10.10.2024. №:198 [Захираи электронӣ] https://jumhuriyat.tj/4507-toikiston-ba-kishvari-sarmojaguzorii-sabz-tabdil-meebad.html (Санаи дархост ба сомона 19.11.2024)

17. Scott-Cato M. Green Economics: An Introduction to Theory, Policy and Practice, London: Earthscan, 2009. – 240 c. ISBN: 9781844075713.

ФОРМИРОВАНИЕ МЕХАНИЗМОВ “ЗЕЛЕНОЙ” ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ КАК ФАКТОРА УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ,
доктор экономических наук, профессор, заместитель директора Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул Айни 44;
тел: (+992)939-44-38-50; e-mail: chirad-58@mail.ru

МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ,
кандидат экономических наук, доцент, первый заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел.: (+992 37)221-41-63; e-mail: oraz-2009@mail.ru

В современном мире происходят ускоренные экономические, социальные и экологические процессы, а изменение климата и загрязнение окружающей среды являются одними из основных глобальных проблем. Необходимость адаптации производства к принципам «зеленой» экономики стала важной целью устойчивого развития для многих стран. Республика Таджикистан, учитывая важность развития национальной промышленности, охраны окружающей среды и эффективного использования природных ресурсов, также реализует ряд важных стратегических инициатив.

В этом контексте основное внимание уделяется внедрению инновационных технологий, повышению уровня инвестиций и совершенствованию механизмов экономической политики. Лидер нации уважаемый Эмомали Рахмон объявил 2022–2026 годы «Годами индустриаль-ного развития» и подчеркнул стратегические цели, среди которых ускоренная индустриализация, это основное направление развития страны.

В настоящее время "зеленая" экономика признана передовой моделью устойчивого развития, и страны мира придают особое значение использованию экологически чистых технологий, возобновляемых источников энергии, сокращению вредных выбросов. Таджикистан также предпринимает серьезные шаги в этом направлении, укрепляя сотрудничество с международными партнерами по реализации зеленых проектов.

Целью данного исследования является изучение возможностей и проблем быстрой индустриализации с учетом требований "зеленой" экономики, а также подчеркивается важность использования инновационных подходов и интеграции устойчивого развития.

Ключевые слова: *процесс ускоренной индустриализации страны, механизм, отрасль, формирование, устойчивое развитие, стратегия, инновация, концепция, дорожная карта, промышленная экосистема, предприятие, эффективность, принцип, производство, реализация инновационных проектов.*

FORMATION OF "GREEN" INDUSTRY MECHANISMS AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

MIRSAIDOV ABROR BOBOEVICH,
Doctor of Economic Sciences, professor, Deputy Director of the Institute of Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Ayni ave. 44;
tel.: (+992) 939-44-38-50; e-mail: chirad-58@mail.ru

MURTAZOZODA ORAZ,
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, First Deputy Director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992 37) 221-41-63; e-mail: oraz-2009@mail.ru

The modern world is experiencing accelerated economic, social and environmental processes, and climate change and environmental pollution are among the main global problems. The need to adapt production to the principles of a "green" economy has become an important goal of sustainable development for many countries. The Republic of Tajikistan, given the importance of developing national industry, environmental protection and the efficient use of natural resources, is also implementing a number of important strategic initiatives.

In this context, the main focus is on the introduction of innovative technologies, increasing the level of investment and improving the mechanisms of economic policy. The leader of the nation, the respected Emomali Rahmon, declared 2022–2026 as the

"Years of Industrial Development" and emphasized strategic goals, including accelerated industrialization as the main direction of the country's development.

Currently, the "green" economy is recognized as an advanced model of sustainable development, and countries around the world attach particular importance to the use of environmentally friendly technologies, renewable energy sources, and the reduction of harmful emissions. Tajikistan is also taking serious steps in this direction, strengthening cooperation with international partners in the implementation of "green" projects.

The aim of this study is to examine the opportunities and challenges of rapid industrialization taking into account the requirements of a "green" economy, and highlights the importance of using innovative approaches and integrating sustainable development.

Keywords: *process of accelerated industrialization of the country, mechanism, industry, formation, sustainable development, strategy, innovation, concept, roadmap, industrial ecosystem, enterprise, efficiency, principle, production, implementation of innovative projects.*

УДК: 338.43(575.3):330.34

ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ

РУСТАМ РАҲМАТЗОДА,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва ва иқтисоди Тоҷикистон
735700, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14;
тел: (+992) 555-02-20-00; 907-70-89-50; e-mail: farzona070489@.ru

ЮСУФЗОДА ҲАМЗАЛӢ ФАЙЗУЛЛО,
унвончӯйи Институти иқтисод ва таҳлили системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон,
735700, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14;
тел: (+992) 93-541-00-41; e-mail:farzona070489@.ru

Дар мақола ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ баррасӣ шудааст. Масъалаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот, меъёру нишондиҳандаҳои он дар соҳаи кишоварзии давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ омӯхта шудаанд. Дар асоси истеҳсолоти кишоварзӣ замини кишт, замини обёришаванда афзоиши меёбад ва таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулоти озуқаворию истеҳсоли худӣ аз истифодаи самарабахши замин ва захираҳои обӣ вобаста мебошад, пас он таҳлили муфассал дода мешавад. Инчунин, як қатор меъёрҳо таҳлили иқтисодӣ мақоми асосии нишондиҳандаҳо, тағйирёбии миқдорию тарафҳои алоҳидаи падидаҳои иқтисодиро мусоидат менамояд. Тавсия дода мешавад, ки фоиднокӣ ва дараҷаи даромаднокии истеҳсолот, имкони ба амал баровардани раванди такористеҳсол, хабардор будан доир ба талабот нисбат ба сабзавот ва сатҳи нархҳои бозор ва кафолатҳои фурӯши он, ки рушди соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо *заминҳои воҳидҳо, замини обёришаванда, самаранокии иқтисодии истеҳсолот, маҳсулоти озуқаворию истеҳсоли худӣ, самаранокии истеҳсолот, рушд, захираҳои моддӣ, фондҳои истеҳсолӣ, таъминоти заминҳои кишт.*

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 1 мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳамасола дороиҳои бонкҳои ватани рӯ ба афзоиш доранд. Мисол, агар дар соли 2024 дороиҳои КВД БА ҶТ “Амонатбонк” 8 719,90 миллион сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2023 дар ҳаҷми 7 579,3 млн.сомониро ташкил дода буд, ки 1 140,5 млн.сомонӣ ё 15% афзоиш ёфтааст. Дороиҳои бонкҳои дигари кишвар низ дар диаграмма ба таври возеҳ нишон дода шудаанд.

Диаграммаи 1.

Дороиҳои бонкҳои кишвар дар соли 2024 (млн.сомонӣ)



Манбаъ: Таҳияи муаллиф [4].

Баъд аз ташкилоти қарзии болозикршуда, шояд солҳои оянда дар радабандии сегонаи беҳтарини бонкҳои калони кишвар Бонки байналми-лалии Тоҷикистон шомил шавад, чунки дар соли ҳисоботӣ дороиҳояш ба 3 919,0 млн.сомонӣ баробар шудааст, фоидааш бошад, 220,9 млн.сомонӣ, ҳамчунин, дар саросари кишвар беш аз 31 филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ 59 адад дорад ва дар радифи бонкҳои пардохтпазири кишвар бонки мазкур яке аз бонкҳои машҳур ва бозоргир низ ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир моҳияти ҳастӣ ва тамоми буду бош дар низоми бонкӣ, хусусан бонкҳо, ин амалиёти қарзии онҳо ба шумор меравад ва рушду ташаккули онҳо низ маҳз аз хизматрасониҳои қарзияшон низ пеш аз ҳама, сарчашма мегиранд.

Ба ақидаи пажуҳишгари ватанӣ Б.Ҷӯраев: “Қарз (кредит) – маблағи пулие, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ба муштарӣ бо шартҳои таъминнокӣ, муҳлатнокӣ, музднокӣ ва пардохтнокӣ дода мешавад” [2]. *Қарз* – маблағест, ки аз тарафи бонк ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо шартҳои муайян пешниҳод шуда, дар ҳолатҳои дар муддати зарурӣ пас гардондан ва пардохт кардан, дода мешавад. *Пешниҳоди қарз*–шакли асосии амалиёти бонки тиҷоратӣ ба шумор меравад, бинобар ин, қисми зиёди даромадҳои бонки тиҷоратиро маҳз хизматрасониҳои қарзӣ низ ташкил медиҳанд.

Чун қоида, хидматрасониҳои бонкӣ бояд ба талаботи муштариёни мушаххас ҷавобгӯй бошанд, бинобар ин, онҳо ҳамчун хизматрасониҳои қарзӣ барои ояндабинию (стратегия) болоравӣ тарҳрезӣ шудаанд. Барои боз ҳам дар сатҳи зарурӣ омӯхтани мавзуи таҳқиқшаванда бобати ҳаҷми сандуқи қарзии бонкҳои кишвар дар соли ҳисоботии 2024 маълумот хоҳем дод. Ҷадвали рейтингии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нуқтаи назари ҳаҷми сандуқи қарзӣ дида мебароем (ниг. ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2.

Сандуқи қарзии бонкҳои Тоҷикистон дар соли 2024 (млн.сомонӣ)



Манбаъ: Таҳияи муаллиф [4].

Тибқи маълумоти дар диаграммаи 2 овардашуда ба назар мерасад, ки ҳарчанд КВД БА ҶТ “Амонатбонк” аз ҳама зиёд дороиҳоро дар кишвар соҳиб бошад ҳам, вале аз рӯйи ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда, ки бақияи фаъол доранд, ҷойи якум ба ҶСК “Бонки Эсхата” бо маблағи 3 880,0 миллион сомонӣ насиб гардидааст, ки аз сиёсати олии қарзии бонки мазкур дарак медиҳад. Дар ҳоли имрӯз ҶСК “Бонки Эсхата” аз зумраи он бонкҳои бузург ва пардохтпазири кишвар ҳисобида мешавад, ки сандуқи қарзияш ба сандуқи қарзии зиёда аз 5 бонки бонуфузи кишвар, аз ҷумла: “Бонки Арванд”, “Аввалин бонки молиявии хурд, “Алифбонк”, “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”, КВД БССТ “Саноатсодиротбонк”, “Душанбе Сити–Бонк” ва як қатор бонкҳои хурд баробар мебошад. Чунин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҶСК “Бонки Эсхата” яке аз иштирокчиёни фаъоли бозори қарзии кишавар маҳсуб ёфта, ба он хеле фаъолона таъсир мерасонад ва мутаносибан, фоидаи бештарро низ соҳиб мегардад.

Одатан, тавоноӣ ё худ иқтидори молиявии ҳар як бонки муваффақ аз рӯйи ҳаҷми сармоягаш ҳисоб карда мешавад. Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки бузургтарин бонки кишвар, ки тавоноӣ ва иқтидори баланди молиявӣ ё худ ҳаҷми сармояро ба худ касб намудааст, ин ҶСК “Ориёнбонк” ба шумор меравад, зеро нишондиҳандаи молиявии бонки мазкур тақрибан ба маблағи ду бонки пуриқтидори кишвар, ки дар панҷгонаи бонкҳои пуркуввати кишвар шомиланд, аз ҷумла КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ва ҶСК “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” баробар мебошад, ки дар диаграммаи 3 ба хубӣ нишон дода шудааст.

Диаграммаи 3.

Сармояи бонкҳои Тоҷикистон дар соли 2024 (млн.сомонӣ)



Манбаъ: Таҳияи муаллиф [4].

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 3 бармеояд, сармояи бонкҳои Тоҷикистон дар соли 2024 ба таври назаррас самти рушдро ба худ касб намудаанд. Барои мисол, агар сармояи ҶСК “Ориёнбонк” дар соли 2024 маблағи 1 385,8 млн.сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2023 маблағи 1 248,6 млн.сомониро ташкил намудааст, ки 137,1млн.сомонӣ ё 11,0 дарсад афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, агар дар ҷойи охирони ин радабандӣ –ҶСК “Тавҳидбонк”-ро гирем ҳам, сармояи он дар соли 2024 нисбати соли 2023 ба маблағи 24,8 млн.сомонӣ ё 25 дарсад афзоиш дорад.

Барои таъмини фаъолияти устувори низоми бонкии кишвар ва ҳамзамон, эътимодноки бонкҳои ватанӣ нақш ва мавқеи асосии ташкили сиёсати бонкии мукаммал дар ҷойи аввал меистад, ки қисми таркибии онро сиёсати амонатӣ

ташкил медиҳад. Пеш аз он ки моҳият ва мазмуни сиёсати амонатии бонки тиҷоратиро нишон диҳем, моро зарур аст, ки ба қисмҳои таркибии он, алалхусус мафҳуми амонат, амалиёти амонатӣ ва сиёсати амонатӣ сарфаҳм равем.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, таҳти рақами 524, мафҳумҳои “амонат” ва “пасандоз”-ро ба таври зерин шарҳ додааст:

Амонат – маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ҷойгир карда шудаанд. Амонат – маблағест, ки барои нигоҳдорӣ ба бонк бо шарти баргардонидан дар муҳлати нишондодашуда ва бо шартҳои муайян дода мешавад [8].

Пасандоз– маблағҳои пулие, ки бо шарти пардохти фоизи муайян ҳуқуқи истифодаи муваққатиашон ба ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) дода шудааст [3].

Аз рӯйи ҳаҷми пасандозҳо дар соли 2024 мавқеи пешсафро дар низоми бонкии кишвар, хусусан миёни бонкҳо, КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ишғол менамояд, чунки ҳаҷми пасандозҳо дар ин бонк чунон зиёданд, ки он ба маблағи пасандозҳои 5 бонки бузургтарини Тоҷикистон баробар шуда, наздикии 8 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки КВД БА ҶТ “Амонатбонк” бештар ба хизматрасонии чаканафурӯшии давлатӣ, аз ҷумла гирифтан ва ситонидани андоз, пардохти неруи барқ, хадамоти коммуналӣ, хизматрасонӣ барои додани нафақа, маоши сохторҳои буҷетӣ ва ғайра, машғул мебошад (ниг. ба диаграммаи 4).

Диаграммаи 4.

Бақияи амонатҳо дар бонкҳои Тоҷикистон дар соли 2024 (млн.сомонӣ)



Манбаъ: Таҳияи муаллиф [4].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоми кушишҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва умуман ташкилотҳои қарзие, ки таркиби низоми бонкиро ташкил менамоянд, ба ғайр аз Бонки миллии Тоҷикистон, бо мақсади фоида ба даст овардан, фаъолият мебаранд.

Ҳангоми муқоисаи даромад ва хароҷот натиҷаи ниҳоии молиявӣ – фоида ё зарар муайян мегардад. Дар шароити муосир мақсад аз фаъолияти асосии бонкҳо, пеш аз ҳама, гирифтани фоидаи зиёд ва бе зиён фаъолият намудан дар бозори бонкии кишвар, ба шумор меравад. Миқдори фоида инъикоскунандаи натиҷаи ниҳоии ҳамаи навъҳои фаъолияти бонк аз рӯйи ҳамаи амалиёти фаъол ва ғайрифаъол мебошад. Дар вақти фоидаи бисёр ба даст овардан, бонк метавонад фаъолияташро васеъ намуда, инчунин, дар рушди амалиёт, хизматрасонӣ, зиёд кардани сармоя ва умуман, захираҳои молиявии бонк, манбаи асосӣ бошад.

Фоидаи бонки тиҷоратӣ–натиҷаи молиявии фаъолияти бонк дар шакли болоравии даромад нисбат ба хароҷот ба шумор меравад [1]. Барои боз ҳам фаҳмиши амиқи фоида доир ба фоидаи софи бонкҳои кишвар, ки зинаи асосии низоми бонкии кишварро ташкил медиҳанд, дар шакли диаграмма маълумот хоҳем дод. Менигарем ба диаграммаи 5.

Диаграммаи 5.

Фоидаи софи бонкҳои кишвар дар соли 2024 (млн.сомонӣ)



Манбаъ: Таҳияи муаллиф [4].

Тибқи нишондиҳандаҳои диаграммаи 5 ба хубӣ дида мешавад, ки фоидаи софи бонкҳои кишвар дар соли 2024 ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Мисол, фоидаи софи ҶСК “Бонки Эсхата” дар соли 2023 агар 220,7 млн.сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 257,0 млн. сомонӣ расидааст, ки 36,3 млн.сомонӣ ё 16,5 дарсад зиёд шудааст. Ба ҳамин монанд ҳамаи бонкҳои ватанӣ дар соли ҳисоботии 2024, тавре дар диаграммаи 5 оварда шудааст, бо фоида ҷамъбаст намудаанд.

Барои возеҳ нишон додани ҳолати молиявии бонкҳои тиҷоратии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ва таҳлили амиқи онҳо таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии баъзе аз бонкҳои тиҷоратии бузурги кишвар ва вазъи мавҷудаи онҳоро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои кишвар дар соли 2023

№	Номгӯйи Бонкҳо	Пасандозҳо (млн.сомонӣ)	Қарзҳо (млн.сомонӣ)	Меъёри Пардохтп-ии ҷорӣ (К2.1,%)	Филиалҳо, МХБ (миқдор)	Банк-тҳо (шумора)
1	ҶСК “Ориёнбонк”	2 383,7	3 498,4	115%	297	153
2	ҶСК “Бонки Эсхата”	2 592,0	3 136,6	76%	145	257
3	КВД БА ҶТ “Амонатбонк”	5 378,6	1 819,0	76%	623	344
4	ҶСП “Бонки Арванд”	266,2	897,3	123%	74	18
5	ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд”	838,8	687,7	61%	47	33
6	ҶСП “Спитамен Бонк”	809,2	893,7	73%	72	79
7	ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон”	1 912,6	490,7	79%	31	59
8	ҶСК “Алифбонк”	944,5	485,5	52%	15	128
9	ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”	1 329,0	622,4	82%	73	120
10	ҶСП “Душанбе Сити Бонк”	1079,4	98,3	57%	14	665
11	КВД БССТ “Саноатсодиробонк”	145,9	374,1	314%	10	12
12	ҶСК “Тавҳидбонк”	96,5	108,9	55,4	38	58
13	Шуъбаи бонки “Тиҷорат”-и ҶИЭ	24,3	23,4	111%	-	-

Манбаъ: дар асоси маълумоти сомонаи БМТ [4].

Аз маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 дорои гуногунрангии фаъолият ва нишондиҳандаҳои мухталиф мебошад. Ҳадафи таҳлил баррасии пасандозҳо, қарзҳо, меъёри пардохтпазирӣ, шумораи филиалҳо ва дигар омилҳои марбут ба фаъолияти бонкҳо мебошад. Метавон илова намуд, ки аз лиҳози пасандозҳо КВД БА ҶТ "Амонатбонк" бо ҳаҷми пасандозҳо 5,378.6 млн. сомонӣ пешсаф буда, ин нишондиҳанда вобаста ба эътимоди мардум ба ин бонк ва фарогирии филиалҳо ба минтақаҳои кишвар мебошад. Ҳамзамон, ҶСК "Ориёнбонк" (3,498.4 млн. сомонӣ) ва ҶСК "Бонки Эсхата" (3,136.6 млн. сомонӣ) дар пешниҳоди қарзҳо мавқеи асосӣ доранд.

Ҳамин тавр, дар соли 2023 бонкҳои тиҷоратии кишвар бисёр фаъолияти хуб доштанд ва нишондиҳандаҳои молиявии онҳо низ ба низом афзоиш ёфта истодааст. Барои мисол тибқи нишондоди ҷадвали 1 нишондиҳандаҳои молиявии ҶСК “Ориёнбонк” дар соли 2023 афзоиш ёфтаанд, хусусан, пасандозҳояш ба 2 383,7 млн.сомонӣ баробар шудааст, қарзҳои бонки мазкур дар ҳамин сол 3 498,4 млн. сомониро ташкил намудааст, меъёри пардохт-пазирии ҷорӣ (К2.1,%) ба 115% расидааст, филиалу марказҳои хизматрасонии бонкӣ бошад, дар ин бонк ба 297 адад ва банкоматҳояш ба 153 адад расидааст. Вобаста ба нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои ватанӣ дар ҷадвали 1 маълумот оварда шудааст ва аз он бармеояд, ки дар соли 2023 ин нишонди-

ҳандаҳои молиявӣ дар аксари бонкҳои тиҷоратӣ афзоиш ёфтааст, ки он албатта аз стратегияи олии бонкҳои кишвар дарак медиҳанд.

Др шароити муосир яке аз масъалаҳои асосии баррасишаванда дар ҳама ташкилотҳои қарзии кишвар, пеш аз ҳама, бонкҳо ин даромаднокии онҳо ба шумор меравад ва барои бозҳам васеътар омухтани мавзуи матраҳшаванда доир ба даромаднокии бонкҳои тиҷоратии кишвар барои солҳои 2018-2023 маълумот хоҳем дод. Менигарем ба ҷадвали 2.

Ҷадвали 2.

Даромаднокии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2023

(бо ҳаз.сом)

Бонкҳо	Солҳо						Тағйирот 2018-2023 бо%
	2018	2019	2020	2021	2022	2023	
ҶСК "Ориёнбонк"	63198645	77176626	121051358	115223756	292200000	315400000	+4,9 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	12639729	15435325	24210272	23044751	58440000	63080000	+4,9 маро.
ҶСК "Бонки Эсхата"	37768474	56781879	68063872	89843152	233900000	174400000	+4,6 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	7553695	11356376	13612774	17968630	46780000	348880000	+4,6 маро.
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"	30003764	34361949	40961890	56560453	72300000	93800000	+3,1 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	6000753	6872390	8192378	11312091	14460000	18760000	+3,1 маро.
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	5740714	15647474	6991119	17651273	25400000	27000000	+4,7 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	1148143	3129495	1398224	3530255	5080000	5400000	+4,7 маро.
ҶСП "Халиқ бонк Тоҷикистон"	25420110	-269218	4162089	1955161	-2400000	-	-
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	5084022	-	832418	391032	-	-	-100
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	3408612	14605431	9239285	17110379	49000000	144100000	+42,2 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	681722	2921086	1847857	3422076	9800000	28820000	+42,2 маро.
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	8676991	7611130	5374364	6102816	67600000	45900000	+5,2 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	1735398	1522226	1067811	1220563	13520000	9180000	+5,2 маро.
ҶСП "Спитамен Бонк"	15192903	10998191	5839054	5118114	36500000	20000000	+1,3 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	3038581	2199638	1167811	1023623	7300000	4000000	+1,3 маро.
ҶСК "Тавҳидбонк"	2796057	4267824	4019612	4769397	14900000	-800000	-
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	559211	853565	803922	953879	2980000	-	-
ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон"	-4324603	3143282	-361290	-46018679	2200000	400000	-
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	-	628656	-	-	440000	80000	-
ҶСП Бонки "Арванд"	7914555	7762058	2612691	6204566	36000000	22400000	+2,8 маро.
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	1582911	1552412	522538	1240913	7200000	4480000	+1,3 маро.
ҶСП «Душанбе Сити Бонк»	-	-	-	-	128400000	38200000	-
Ҳаҷми андоз аз даромад	-	-	-	-	25680000	7640000	-
ҶСК «Алиф бонк»	-	-	4463172	-8390843	47400000	-7700000	-
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	-	-	892634	-	9480000	-	-
КВД БССТ «Саноатсодиротбонк»	-	-	4300000	23300000	24800000	24300000	-
Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад	-	-	860000	4660000	4960000	4860000	-

Манбаъ: ҳисоби муаллиф [4].

Тибқи маълумоте, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ин соли ҳисоботӣ даромаднокии қариб тамоми бонкҳои ватанӣ рӯ ба афзоиш дорад. Барои мисол ҶСК “Ориёнбонк” даромаднокияш дар соли 2018 агар ба 63 198 645 ҳаз.сомонӣ баробар бошад,

пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 315 400 000 ҳаз.сомонӣ баробар шудааст, ки 252 201 355 ҳаз.сомонӣ ё 5,99 маротиба зиёд шудааст. Ҳаҷми андоз аз даромад бошад, агар дар соли 2018 маблағи 12 639 729 ҳаз.сомониро ташкил дода бошад, пас ҳаҷми андоз аз даромад дар соли 2023 ба 63 080 000 ҳаз.сомонӣ баробар шудааст, ки 50 440 271 ҳаз.сомонӣ ё 4,99 маротиба афзоиш дорад. Нисбати маълумоти дигар бонкҳои кишвар дар ҷадвали 2 ба хубӣ оварда шудаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки низоми бонкӣ дар рушди иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дошта, бонкҳо воситаҳои асосии муомилоти пулӣ, амонатҳо ва қарзҳоро таъмин мекунанд. Вазифаҳои бонкҳо аз ҷалби пасандозҳо, миёнаравӣ дар қарздиҳӣ, баровардани пулҳои қарзӣ ва таъмини гардиши пули нақд иборат мебошанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, бонкҳо ба рушди саноат, таъмини суботи иқтисодӣ ва такмили сохтории иқтисод мусоидат менамоянд. Бо дарназардошти таъкиди Пешвои миллат, такмили хизматрасониҳои рақамӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти низоми бонкӣ, бахусус, дар ноҳияҳои дурдаст, вазифаи муҳим арзёбӣ гардида, сиёсати бонкӣ бояд бо мақсади ба даст овардани фоида, беҳтар кардани хизматрасонӣ ва таъмини устувории молиявӣ рушд кунад. Дар натиҷа, рушди бонкҳои ватанӣ ба таҳкими иқтисоди миллӣ, суботи молиявӣ ва баланд шудани сатҳи боварии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити имрӯзи иқтисодиёти кишвар нақши тамоми ташкилотҳои қарзӣ дар вобастагӣ бо имконоти молиявии дар дасташондошта бисёр назаррас мебошанд. Низоми бонкӣ дар рушди худ дар марҳалаи баркарорсозии иқтисодиёт, вақте талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ ба таври намоён рушд ва афзоиш меёбад, бевосита ба ин низом як такони махсус хоҳад бахшид. Дар баробари афзоиши ҳаҷми амалиёти бонкӣ, даромадҳои бонкӣ низ меафзоянд, ки он барои рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ истифода мешаванд ва дар маҷмуъ, метавонад дар рушду инкишофи иқтисодиёти миллӣ мусоидат намоянд. Масалан, дар соли 2024 афзоиши назарраси дороиҳо, сандуқи қарзӣ, сармоя ва пасандозҳо КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” ва ҶСК “Бонки Эсхата” дар пешбурди рушди иқтисодӣ пешсаф буда, захираҳои молиявӣ ва эътимоди муштариёнро таъмин мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Банковское дело:/ Под ред.д-ра экон.наук,проф. Г.Г.Коробовой. –М.: Экономисть, 2004. – 751с.

2. Ҷӯраев Б. Фаъолияти бонкӣ. –Душанбе, 2014, –424 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», №782, аз 26.12. 2011.

4. Маҷаллаи “Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ”, №4 (99)–2023, №3 (106), июл-сентябри соли 2024.

5. Муртазоев О.Қ., Ҳалимов Л.М., Султонов З.С. Рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва равандҳои асосии ташаккулёбии он//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе: ТГУК, –2023. –№4(45). – С.287–294.

6. Одинаев Ҳ.С. Хусусиятҳои асосии экосистемаи бонкӣ дар шароити муосир // Маҷаллаи «Муносибатҳои бапйналмилалӣ ва амният» / Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Аржанг, 2025. - №1 (13). – С.195–206.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2024, Душанбе [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/event/ missives/49225.

8. Свиридов О.Ю. Банковское дело. Серия «Экономика и управления». – Ростов н/Д: МарТ, 2002. – 416 с.

РОЛЬ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

ХАЛИМОВ ЛОИК МИРЗОВАЛИЕВИЧ,
к.э.н., доцент, заведуший кафедрой банковского дела
Таджикского государственного университета коммерции
734061, Таджикистан, город Душанбе, ул. Дехоти ½;
тел: (+992) 93-444-41-86; e-mail: loik.halimov@mail.ru

В сегодняшних условиях, современная банковская система считается важнейшей отраслью народного хозяйства любой экономически развитой страны. Ее главная и практическая роль заключается в том, что она управляет платежно-расчетной системой государства; она осуществляет большую часть своих торговых соглашений через депозиты, инвестиции и, конечно, через кредитные операции; банки наряду с другими финансовыми инструментами направляют сбережения населения на другие предприятия и производственные структуры. При этом банки выступают посредниками в распределении капитала для осуществления денежных расчетов, кредитования экономики, существенно повышают общую эффективность производства и способствуют росту производительности общественного труда.

Ключевые слова: *Банк, банковская система, активы, депозиты, капитал, кредит, платежная система, кредитные организации, денежное обращение.*

THE ROLE OF THE BANKING SYSTEM IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

HALIMOV LOIQ MIRZOVALIEVICH,
Candidate of economic sciences, Associate Professor, Head of the Department of Banking of theTajik state university of commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dehoti str. ½;
tel.: (+992) 93-444-41-86; e-mail: loik.halimov@mail.ru

In modern conditions, the modern banking system is considered the most important sector of the national economy of any economically developed country. Its main and practical role is that it manages the state's payment and settlement system; it implements most of its trade agreements through deposits, investments and, of course, through credit operations. Banks, along with other financial instruments, direct the population's savings to other enterprises and production structures. At the same time, banks act as intermediaries in the distribution of capital for the implementation of monetary settlements, lending to the economy, significantly increase the overall efficiency of production and contribute to the growth of social labor productivity.

Keywords: *Bank, banking system, assets, deposits, capital, credit, payment system, credit institutions, money circulation.*

УДК: 331.108

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

РУСТАМЗОДА ФИТРАТ МУЗАФАР,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, тел:
тел.: (+992) 935-392-020; e-mail: fitrat_f@mail.ru

Дар мақола мафҳум, моҳият, таснифот, принсип, вазифаҳо ва омилҳои сармояи инсонӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф моҳият, таснифот ва омилҳои рушдёбандаи сармояи инсониро омӯхт ва онҳоро тибқи ақидаҳои худ гурӯҳбандӣ намудааст.

Сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ аз ҳаракати захираҳои меҳнатӣ ва қобилияти онҳо вобаста мебошад.

Калидвожаҳо: *сармояи инсонӣ, сармоя, таснифот, омилҳо, принсип, вазифаҳо, тамоюлҳо, нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои асосии он.*

Дар охири асри XX ва оғози асри XXI олимони иқтисоддон ба чунин хулоса омадаанд, ки яке аз омили муҳимми рушди иктисодиёти ҷаҳон на сармояи ҷисмонӣ, балки сармояи инсонӣ мебошад, чун ки номбурда пеш аз ҳама ба боло бурдани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии иқтисодиёт мусоидат менамояд. Аз ин рӯ сиёсати иқтисодии давлатҳои рушдёфтаи ҷаҳон ба ҳарчи бештар хароҷоту сармоягузорӣ намудан ба сармояи нигаронида шудааст, зеро ин омили муҳимми рушди устувори иқтисодиёт мебошад. Ин ақида аз давраи гузаштан аз иқтисодиёти усули экстенсивии рушди истеҳсолот ба усули интенсивии он собит мегардад. Дар ин замина истифодаи технологияҳои нав босуръат пеш меравад ва талабот ба афзоиши шумораи коргарон кам гардида, арзиши ақидаҳои эҷодии сармояи инсонӣ хеле ҳам баланд гардида, мавқеаш дар истеҳсолот аввалиндараҷа мегардад.

Гуфтаҳои болоро бо пайдоиши ширкати “Google”, ки соли 1998 дар заминаи ақидаҳои замонавии созанда ва истифодаи технологияи иттило-отии муосир таъсис ёфтааст, тасдиқ намудан мумкин аст.

Ҳамчунин, даҳсолаҳо пештар аз ин, ширкати номбурда, дар заминаи Стивен Ҷобс ширкати “Apple” гардида буданд, ки таъсис ёфта, дар замони муосир яке аз бонуфузтарин ва гаронарзиштарин ширкатҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад. Чи тавре қайд гардид, заминаи асосии рушд ва муваффақияти

ширкатҳои мазкур, ин истифодаи самараноки ғояҳои эҷодӣ ва созандаи сармояи инсонӣ мебошад аксарияти ширкатҳои гуногуни ҷаҳон омода ҳастанд, ки барои истифодаи ин арзишҳо бо ширкатҳои рушдёфта ҳамкорӣ намоянд.

Дар ин самт нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ки дар аксари давлатҳои рушдёфта дар асоси принсипҳои озодии инсон ва муттаҳид гардидани одамон асос ёфта, барои рушди технологияҳои муосир ҳаракати қувваи корӣ ва мол мусоидат менамояд. Дар навбати худ дар бозори ҷаҳон низ ҳаркати капитал, қувваи корӣ ва молҳоро ширкатҳои алоҳида барои ҳамкориҳои мутақобилаи судманд байни корманд ва менеҷер самаранок истифода менамоянд, инҷо сухан дар бораи истифодаи тачрибаю малакаҳои кормандон аз тарафи менеҷерон меравад [6].

Дар шароити муосир аҳамияти чунин малакаҳо ба монанди қабули қарорҳои фаврӣ, аллалхусус дар ҳолатҳои хавфу хатар ва ташкили шароит барои бехатарии кормандон мустақилияти кормандон ва ғайра, аҳамияти хоса дорад, ки ин ҳам дар асоси ғояҳои эҷодӣ бадаст оварда мешавад [7].

Доир ба таъриф ва маънои мантиқии сармояи инсонӣ дар адабиёт нуқтаи назари олимон гуногунранг аст ва ин масъаларо дар татқиқоти оянда ба таври бояду шояд дида мебароем. Ҳоло яке аз таърифҳои аз тарафи аксари олимону мутахассисон эътирофгардидаро, ки чунин мазмун дорад, пешкаши хонандагони гиромиқадр менамоем: “Сармояи инсонӣ гуфта маҷмуи қобилиятҳои модарзодӣ ва пйдонамуда буда нишонҳои саломатии бардавом, малакаҳо, ҷамъи донишҳоро (донишҳои касбию фарҳангӣ, фалсафаю иқтисодӣ ва сиёсиро) дар бар гирифта барои рушди ҷомеа (иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳангӣ) хидмат менамояд, меноманд.

Ба ақидаи мо, сармояи инсонӣ мафҳуми муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, тамоми захираҳои инсонӣ, ки барои рушди ҷомеа ва истеҳсолот истифода мешаванд, дар бар мегирад. Он аз донишу малакаҳо, саломатӣ, тачриба, мотивация ва шароити иҷтимоиву фарҳангӣ ташкил ёфта, бо таълим, омӯзиш ва нигоҳубини саломатӣ рушди худро мегирад. Сармояи инсонӣ яке аз омилҳои асосии пешрафти устувор ва афзоиши самаранокии кори инсон аст. Барои инкишофи он сармоягузориҳои мунтазам дар соҳаҳои таълим, беҳдошт ва муҳити иҷтимоӣ зарур аст.

Дар давраи гузариш боло бурдани самаранокии истеҳсолот ҳамчунин, аз ҳамбастагӣ ва якдигарфаҳмии кормандон вобаста мебошад. Ҳар як корманд бояд нафақат дар соҳаи хеш мутахассиси баландихтисос бошад ва дар баробари ин ҳамеша, ба омӯзиши навовариҳо машғул гардида, малака ва маҳорати хешро такмил диҳад ва аз уҳдаи истифодабарии саривақтии технологияҳои муосир баромада тавонад.

Мавриди зикр аст, ки дар чунин раванд давлат ё ширкатҳои алоҳида барои рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳон барои аз техникаву технологияҳои

муосир, сарватҳои табиро самаранок истифода бурдан, бештар барои мавҷудияти мутахассисҳои баландихтисоси дорои қобилиятҳои эҷодӣ ва ғояҳои созанда диққати калон медиҳанд. Чунки бе кадрҳои баландихтисос натиҷаи хуби иқтисодӣ ба даст овардан ғайриимкон аст. Ба андешаи мо, сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ – ин як омил ва захираи муҳими истеҳсолот буда, донишу малакаҳо, саломатӣ ва таҷрибаи инсонро дар бар мегирад. Он боиси афзоиши самаранокии меҳнат, баландшавии истеҳсолот ва рушди иқтисодӣ мегардад. Барои инкишофи сармояи инсонӣ сармоягузории доимӣ дар соҳаҳои таълим, беҳдошт ва омӯзиш зарур аст. Ин сармоягузориҳо на танҳо сатҳи малака ва қобилияти коргаронро беҳтар мекунанд, балки рақобатпазирии иқтисод ва зиндагии мардумро низ хубтар мегардонанд.

Чӣ тавре дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 қайд мегардад: “…Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад”. [1]

Ба ақидаи Ораз Муртазозода: “…имкониятҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар баробари ҷанбаҳои технологӣ, молиявию иҷтимоӣ ба корхонаҳо имкон медиҳанд, ки захираҳои худро самаранок идора намуда, муносибатҳои мутақобила дар дохили корхона ва шарикони берунаро беҳтар созанд ва дар бозори имрӯза рақобатпазир бошанд. Таҳлили муҳити беруна, вобаста ба тамоюлҳои технологии ба рушди саноат таъсиркунандаро дар доираи рақобатҳо дуруст арзёбӣ намудан ба манфиати кор мебошад. Яке аз омилҳои ба он таъсиркунанда, арзёбии захираҳои илмию техникӣ, сармояи инсонӣ ва захираҳои мавҷуда барои сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошад, ки дар равандҳои муассир барои муайян ва татбиқи ғояҳои созанда ҳиссагузор мебошанд”. [3]

Дар низоми иқтисоди бозорӣ сармояи инсонӣ ҳамчун шакли неруи инсонӣ ба шумор рафта дар муайян намудани захираҳои инсонии ҷомеа – маҷмуи сармояи меҳнатӣ, инсонӣ ва иттилоотӣ аҳаммияти калон дорад. Ба таври дигар, заминаи ташаккули меҳнатии давлатро рушди неруи зарфияти сармояи инсонӣ ташкил медиҳад.

Чи тавре дар боло қайд гардид, сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт вобастагии калон дорад. Зеро ин нишондиҳанда дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол мекунад. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар кишвар

ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст [5].

Принсипҳои калидии самти мазкури фаъолият бо баинобатгирии ҳалли маҷмуи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ, инчунин, фароҳам овардани шароит ва заминаҳои устувор доир ба ташаккул ва истифодаи донишҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошанд. Вазифаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар давраи дарозмуҳлат инҳо мебошанд: [5]

– пешбурди соҳаҳои иҷтимоиёт тариқи баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла, дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ, таъмини саривақтии барқ ва ғайра;

– фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ.

Қобили зикр аст, ки неруи инсонӣ ва сармоя дар раванди рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар хоҷагии ҷаҳон нақши ҳалкунандаро мебозад, ки он на танҳо дар сатҳи умумии истеҳсолоту истеъмоли молу хизмат, балки ба рушди технологӣ ва инноватсионии он таъсиррасон мебошад. Дар навбати худ, дар ин замина, захираҳои сармояи инсонӣ ташаккул ёфта, барои боло бурдани сифати истеҳсоли маҳсулоту хизмат дар ширкатҳои алоҳида ва инчунин, иқтидори истеҳсолии онҳо нақши бориз доранд.

Бо ибораи дигар, байни рушди сармояи инсонӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт як пайвастагии органикии дутарафа ҷой дорад ва ин омилҳо аз якдигар вобаста ва боҳам пайваст мебошанд. Ин қонуният ки дар заминаи рушду бакамолрасии захираҳои инсонӣ ба амал меояд, пурра ба иқтисоди миллӣ тааллуқ дорад ва дар навбати худ барои пешравии нафақат хоҷагидорӣ, балки инфрасохторӣ иҷтимоӣ ва роҳҳои дигаргунсозии он таъсиррасонбуда, бо дарназардошти талаботи инноватсионӣ боиси омода намудани мутахассисони баландихтисос барои бозори меҳнат мегардад, ки ин омил дар навбати худ барои боло бурдани самаранокӣ ва ҳаҷми истеҳсоли молу хизмат дар мамлакат мусоидат менамояд.

Аз навиштаҳои боло бармеояд, ки дар ҷомеаи муосир инсон фақат бо дониш, қобилият, ғояҳо ва малакаву маҳорати баланд метавонад ҳамчун сармояи баландарзиш гардад ва арзиши он ҳатто аз сарватҳои табиии кишвар муҳимтар мебошад, зеро агар ин ё он мамлакат дорои захираҳои ғании табиӣ бошаду мутахассисони соҳавӣ, ки онро самаранок коркард намуда барои истеъмоли дохилӣ ва фурӯхтан дар бозори ҷаҳон надошта бошанд, захираҳои табиӣ ҳамчун “захира” бе истифода боқӣ мондан мегиранд.

Аз ҳамин лиҳоз, бо дарназардошти рақобати шадид дар бозори ҷаҳон ҳар як давлат вазифадор аст, ташаккул ва рушди сармояи инсонии замо-

навӣ, ки ба талаботи хоҷагии ҷаҳони муосир ҷавобгӯй мебошанд, ба механизм ва роҳҳои омода намудани он корҳои илмию амалӣ ва ташкилии онро ҳамчун вазифаи муҳиму стратегӣ пеш барад. Инҷо бамаврид аст, ки мо таснифоти умумии сармояи инсониро аз нигоҳи олимони соҳа пешкаш намуда, мавқеи худро пешниҳод намоем (ниг., ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Таснифоти сармояи инсонӣ

№	Ақидаи олимон оид ба сармояи инсонӣ	Таснифот
1	Тасниф аз рӯйи сатҳ ва сохтори сармояи инсонӣ	Сармояи инсониро дар сатҳҳои микро -, мезо- ва макро, ё ба таври дигар, сармояи инсонии инфиродӣ, коллективӣ ва миллӣ номидан мумкин аст. Бо ибораи дигар, сармояи инсонии дар сатҳи микро ё индивид, сатҳи мезо бошад ҳамчун як ташкилот, ширкат, гурӯҳи ширкатҳоро дар бар мегирад.
2	Биченко Ю.Г.	Муаллиф сармояи инсониро аз рӯи табиати пайдоишаш ба ду навъ ҷудо намудааст: биологӣ ва фарҳангӣ. маънои қобилияти инсонро ба ҷисмонӣ ва зеҳнӣ ҷудо намуданро дорад. Яъне ба сармояи биологӣ қобилияти иҷрои ҷисмонии ҳар гуна кор, вазъи саломатӣ ва ба сармояи фарҳангӣ: маълумот, малака, маҳорат, таҷриба, хислат ва дигар сифатҳои маънавии инсон, ки дар фаъолияти меҳнатиаш истифода мегарданд, дохил мешавад.
3	Илинский И.В.	Таснифоти профессор Илинский И.В. ба таснифоти Биченко Ю.Г. монанд буда, фақат фарқ дар он аст, ки дар таснифи Илинский И.В. сармояи инсонии фарҳангиро ба сармояи маориф ва сармояи фарҳангӣ ҷудо намуда, ба ин сохтор сармояи саломатиро илова намудааст, ки дар навбати худ он ба сифатҳои ирсии модарзодӣ (меросӣ) ва бадастомада тақсим мешавад.
4	Аз рӯйи соҳаи таҳқиқот	Вобаста ба мавзуи таҳқиқот сармояи инсонӣ ба сармояи умумӣ ва мушаххас тасниф карда мешавад. Ба сармояи умумӣ – дониш ва иттилоот дохил мешавад ва сармояи инсонии мушаххас малака ва маҳорати инсонро дар бар мегирад.
5	Ба ақидаи муаллиф	Сармояи инсониро вобаста ба дараҷаи истифодабарии он тасниф намудан мумкин аст, чунки аз рӯйи нишонаҳои биологии одамон дорои дониши муайяне мебошанд ва он танҳо аз рӯйи дараҷаи истифодабарӣ муайян карда мешавад. Мисол, баъзан инсонҳо дониши баланди илмӣ доранд, вале қобилияти истифодабарии онро надоранд. Ва қисмати дуюм, маҳорати баланди ташкилотчигӣ доранд, вале дониши он қадар баланд надоранд.

Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Дар хусуси ҷадвали мазкур метавон илова намуд, ки ақидаи олимон доир ба сармояи инсонӣ гуногун буда, дар шароити муосир рушди сармояи инсонӣ дар доираи ҳамкорӣ бо истеҳсолот ба ҳаёти ҷомеа махсусан таъсири қавӣ мерасонад. Зеро аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ яке аз муҳимтарин мавзуъҳо ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, рушди сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон яке аз муҳимтарин равандҳоест, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ ва беҳбуди сифати зиндагии мардум мусоидат

мекунад. Бинобар ин, мо бо профессор Илинский И.В. дар он хусус, ки ҳамақида ҳастем, сармояи инсониро бо дарназардошти ҳамаи қисмҳояш бо формулаи зерин муайян намудааст:

СИ=СС+СМ+СФ (1)

СИ – сармояи инсонӣ;

СС – сармояи саломатӣ;

СМ – сармояи маълумот;

СФ – сармояи фарҳангӣ.

Таҷриба нишон медиҳад, ки сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию демографии давлат таъсири мусбат расонида, ҳамчунин, тавассути маблағгузорӣ бахотири такмилдиҳии қобилиятҳои инсонӣ, барои сарфа гардидани вақт дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизмат мусоидат менамояд. Бинобар ин, сармояи инсонӣ аз рӯйи хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва демографӣ баҳогузорӣ гардида, бо формулаи зерин муайян карда шавад:

СИ=СИҚ+СИҶ+СФ+СД (2)

СИ – сармояи инсонӣ;

СИҚ – сармояи инсонӣ иқтисодӣ;

СИҶ – сармояиинсонӣ иҷтимоӣ;

СФ – сармояи фарҳангӣ;

СД – сармояи демографӣ.

Таҳлил нишон медиҳад, ки агар сармояи инсонӣ аз рӯйи хусусиятҳо бо формулаи 1 ва аз рӯйи истифодаи он дар бахшҳои гуногуни фаъолияти инсон (иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг), бо дарназардошти омилҳои демографӣ, бо формулаи 2 тасвир карда мешавад. Дар ҳолати аз тарафи олимони соҳа 5 коркарди услуби ҳисобу китоби бахшҳои алоҳидаи дар ин формулаҳо овардашуда, сармояи умумии инсониро бо формулаҳои 1 ва 2 ҷамъбаст намудан мумкин аст. Бамаврид аст, ки баъзе аз омилҳои ба сармояи иноснӣ таъсиррасониро, ки дар расми 1 оварда шудааст, шарҳ диҳем.

Дар ҷанбаи макроиқтисодӣ омилҳои рушди сармояи инсониро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард: макроиқтисодӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодӣ, навоварӣ, иҷтимоӣ, миллӣ-давлатӣ, демографӣ, институт-сионалӣ, экологӣ, байналмилалӣ, идеологӣ [2].

Ба омилҳои иқтисодӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла: даромадҳои шахсони воқеӣ, сатҳи таваррум, ММД ба ҳар сари аҳолӣ, қобилияти харидории пули миллӣ, сатҳи бекорӣ, сатҳи озодии иқтисодӣ ва ғайра, дохил мешаванд. Барои рушд ва самаранок истифода гардидани сармояи инсонӣ ба инобат гирифтани омилҳои зерин ҳам аҳаммияти амалӣ ва ҳам назариявӣ дорад (расми 1).



Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.

Расми 1. Омилҳои рушди сармояи инсонӣ

Дараҷаи ҳосилнокии меҳнат ва динамикаи он, ҳаҷми вақти кор дар як сол, дараҷаи музди кор, таҷҳизоти технологии замонавии корхона, шароити такмили ихтисос ва ғайра, ба сохтори омилҳои истеҳсолию иқтисодӣ дохил мешаванд.

Омилҳои инноватсионӣ: аз шумораи кормандоне, ки дар соҳаи илм ва таҳқиқотҳои илмӣ машғуланд, ҳиссаи хароҷот барои илм ва таҳқиқот дар ММД, шумораи патентҳо, ихтироъҳо, ҳуқуқи муаллифӣ, намунаҳои технологияҳои нав ва ғайра иборатанд.

Ба омилҳои иҷтимоӣ шумораи аҳолии бо кор таъминшуда ва бекорон, сатҳи таҳсилоти шаҳрвандон, сохтори касбӣ ва тахассусии қувваи корӣ, вазъи тандурустӣ ва фарҳанг, ва ғайра дохил мешаванд.

– *Омилҳои миллӣ:* сиёсати инноватсионӣ, сатҳи дастгирии соҳибкорӣ аз тарафи давлат, сиёсати манфиатҳои ҷамъиятӣ, сиёсати экологӣ ва ғайра.

– *Омилҳои демографӣ нишондиҳандаҳои:* шумораи аҳолӣ, давомнокии миёнаи умр, суръати афзоиши табиии аҳолӣ, фавт, муҳоҷират ва ғайра иборат аст.

– *Омилҳои институтсионалӣ* – сатҳи рушди иттифоқҳои касаба, иттифоқҳои корфармоён, сатҳи рушди биржаҳо, агентиҳои таблиғотӣ ва кадриро дарбар мегирад.

– *Омилҳои экологӣ:* сифати ғизою об, муҳити зист, шароити рекреатсионӣ ва иқлимӣ.

– *Омилҳои идеологӣ:* арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа, афзалиятҳои миллӣ, давлатӣ ва ғайра иборат мебошанд.

– *Омилҳои байналмилалӣ:* дараҷаи ҳамгироии мамлакат ба фазои байналмилалӣ, сатҳи сармоягузории хориҷӣ, мавҷудияти корпоратсияҳои

трансмиллӣ дар кишвар, муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ ва ғайра, дохил мешаванд. Ба андешаи мо, ба муосиртарин омилҳои он дохил мешаванд:

1. Инноватсионӣ – таҳқиқот ва навовариҳо малакаҳоро такмил медиҳанд;

2. Технологӣ – рақамигардонӣ ва технологияи нав сатҳи дониш ва қобилиятҳоро беҳтар мекунад;

3. Иқтисодӣ – мувофиқат бо талаботи бозор ва омӯзиши пайваста иқтидори инсонро нигоҳ медорад;

4. Ҳамгироӣ – ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба имкониятҳоро васеъ мекунад ва ғайра.

Дар ин замина, рушди муваффақонаи сармояи инсонӣ асосан, ба таълим ва саломатӣ, ки неруи асосии рушди инсонӣ ва иқтидори истеҳсолӣ мебошанд, вобаста аст. Таълим малакаҳо ва донишҳоро фароҳам меоварад, ки барои фаъолият дар бозори меҳнат ва муҳити техникӣ ва иҷтимоӣ заруранд, саломатӣ бошад, имконияти истифодаи пурсамари қобилиятҳоро таъмин мекунад. Ғайр аз ин, рушди технологӣ, вазъи иқтисодӣ, муҳити иҷтимоӣ ва сиёсати давлатӣ низ нақши муҳим доранд. Технология шакли кор ва зиндагиро тағйир дода, малакаҳои нав талаб мекунад. Иқтисод захираҳо ва сармоягузориро фароҳам меоварад, муҳити иҷтимоӣ рафтору афкорро ташаккул медиҳад ва сиёсати давлатӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва дастгириро таъмин менамояд.

Барои рушди устувор зарур аст, ки барномаҳои ҳамоҳангшудаи сармоягузорӣ дар таълим, саломатӣ, технология ва сиёсати иҷтимоӣ амалӣ карда шаванд, то зарфияти инсонӣ пурра истифода шуда, кишвар бо талаботи ҷаҳонӣ ҳамоҳанг гардад. Бояд гуфт, ки истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар се сатҳи иқтисодиёт: дар сатҳи мамлакат, минтақа ва дар сатҳи корхонаю ширкатҳо ба амал оварда мешавад, аз “Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030” бармеояд ва барои рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар нақши калидӣ мебозад.

Дар ин росто, сармоягузорӣ ба илму маориф, аз ҷумла аз ҳисоби сармоягузорони инфиродӣ боло бурдани масъулияти иҷтимоии соҳибкорон ва эътимоднокии онҳо ба ҷомеа, аз самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ маҳсуб мешавад. Дар ин хусус, муҳаққиқ М.Н. Назирова иброз медорад, ки “…таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир аҳаммияти соҳаи маориф ва ба даст овардани таҳсилот ҳамчун омили муҳимми суботи ҷомеа баромад намуда, рушди иқтисодиёт ва ҷомеа меафзояд. Аз ин рӯ, имрӯз соҳаи маориф бевосита ба ташаккули сармояи инсонӣ таъсир мерасонад. Дар таҳқиқоти муосири иқтисодиёти меҳнат сармояи инсонӣ ҳамчун ченаки қобилияти таҷассумшудаи шахс барои ба даст овардани даромад фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, сармояи инсонӣ қобилият ва

истеъдоди фикрӣ, таҳсилот ва тахассуси бадастовардаро дар бар мегирад". [4]

Ҳамин тариқ, рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир маҷмуи омилҳои гуногунро дарбар мегирад, ки муҳимтарин онҳо таълим, саломатӣ, малакаҳои касбӣ, муҳити иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Барои дастёбӣ ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, давлатҳо ва ҷомеаҳо бояд ба сармоягузорӣ дар ин самтҳо аҳаммияти махсус диҳанд. Таъмин намудани дастрасӣ ба маорифи босифат, нигоҳубини тандурустӣ, омӯзиши доимӣ ва муҳити иҷтимоии мусоид барои рушди зарфияти инсонӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир, аз сатҳи давлат то ширкатҳои хусусӣ ва шахсони алоҳида вобастагӣ дошта, ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию демографии кишвар таъсири назаррас мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023. ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] https://www.president.tj/event/missives/36370

2. Гафарова Л.А. Человеческий капитал: Условия накопления и отдачи. /Л.А. Гафарова//Вестник УГНТУ. Наука, образование, экономика. Серия: Экономика. -2012. -№2 (2). – с. 16-18.

3. Муртазозода О. Арзёбии имкониятҳои рушди инноватсионии низоми саноатӣ ва омилҳои он // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷаллаи Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. - Душанбе, 2024. - № 4(12). - С.126-141.

4. Назирова М.Н. Таҳсилоти миёнаи асосӣ ҳамчун омили муҳимми рушди сармояи инсонӣ // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - Душанбе, 2024. - № 4(88). - С.298-308.

5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – 2016. – с. 46 – 67

6. Тростинская В.П. Человеческий капитал современной России. /В.П. Тростинская, И.Р. Тростинская. //Международные отношения и диалог культур. -2014. -№2 (2013).- с.91-110

7. Хафизова Г. Накопление и потребление человеческого капитала. /Г. Хафизова. //Риск: ресурсы, информация, снабжение, конкуренция. - 2011. -№4. - с.347-348

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

РУСТАМЗОДА ФИТРАТ МУЗАФАР,
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой
мировой экономики и международных отношений
Таджикского государственного университета коммерции,
734061, Таджикистан, город Душанбе, ул. Дехоти ½;
тел: (+992) 93-539-20-20; e-mail: fitrat_f@mail.ru

В статье анализируются понятие, сущность, классификация, принципы, задачи и факторы человеческого капитала с точки зрения ряда авторов. Автор изучил природу, классификацию и факторы развития человеческого капитала и сгруппировали их по своему мнению.

Человеческий капитал считается важным фактором развития производства и экономики, от его качества напрямую зависит прогресс всех отраслей. Эффективное использование человеческого капитала зависит от мобильности трудовых ресурсов и их способностей.

Ключевые слова: *человеческий капитал, классификация, факторы, принципы, задачи, тенденции, его основные показатели и особенности.*

THEORETICAL ASPECTS OF HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT IN MODERN CONDITIONS

RUSTAMZODA FITRAT MUZAFAR,
candidate of economic sciences, Associate Professor, head of the
Department of world economy and international relations of the
Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dehoti str. ½,
tel.: (+992) 93-539-20-20; e-mail: fitrat_f@mail.ru,

The article analyzes the concept, essence, classification, principles, tasks and factors of human capital from the point of view of several authors. The author studied the nature, classification and developing factors of human capital and grouped them according to his opinions.

Human capital is considered an important factor in the development of production and the economy, the progress of all sectors is closely dependent on its quality. Effective use of human capital depends on the mobility of labor resources and their abilities.

Keywords: *human capital, capital, classification, factors, principles, tasks, trends, indicators and its main characteristics.*

УДК: 351.74:005.93(575.3)

КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАХШИ ДАВЛАТӢ

ШАРИФӢ ФИРӮЗА БУРИХОНЗОДА,
номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ 44;
тел.: (+992) 918-79-70-66; e-mail: fsharifova @mail.ru

Дар мақола консепсияҳои муосири идоракунии хизматрасониҳои бахши давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, зарурати истифодаи онҳо дар марҳалаи нави рушди мамлакат, ки низоми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, вобаста ба тағйироти сифатии ҳаёти иҷтимоӣиқтисодӣ ва талаботи давлати иҷтимоӣ, дар табодул қарор дорад, асоснок карда шудааст. Муаллиф ба мафҳуми «давлати иҷтимоӣ», ки мазмуну вазифаҳои он дар заминаҳои консептуалию бунёдии идоракунии бахши хизматрасониҳои давлатӣ қарор мегирад, муқаррарот ворид намуда, рӯйи кор омадани вазифаҳои давлатро дар таъмини шароит барои пойдории мувозинати ҷамъиятӣ ва озодии шахс, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва инкишофи синфи миёна, ба риштаи таҳлил гирифтааст. Чандин пешниҳодотро дар бобати мукаммалгардонии механизмҳои татбиқи сифатҳои давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, вобаста ба шароити воқеии рушди иқтисодиву иҷтимоии он, асоснок намудааст.

***Калидвожаҳо**: давлати иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, буҷети давлатӣ, вазифаҳои давлати иҷтимоӣ, сифати инноватсионии хизматрасониҳои давлатӣ, иқтисодиёти бахши давлатӣ ва ғайра.*

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” масъалаи таъмини фаъолнокиву самаранокии идоракунии давлатии ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар пояи ҳамоҳангсозии оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими давлатӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол менамояд. Дар ин Стратегия «иҷрои фаъолияти мақсаднок ва муназзам оид ба такмилдиҳии равандҳои маъмурӣ, тезонидани қабули қарорҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, бахусус дар самти ҳамкорӣ бо сармоягузорон, танзим ва назорат, пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ» [10] дар радифи самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии низоми идоракунии давлатӣ қарор гирифтааст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” (аз 22 феврали соли 2007 № 275) хизматрасонии давлатӣ дар доираи принсипҳои зерин амал мекунад: «Волоияти Конститутсия ва қонунҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон; афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ; инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ; касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ; баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ ва ғайра» [3].

Дар асарҳои илмии олимони ватанӣ: Мирсаидов А.Б., Бурҳонзода З.С., Сангинов Д.Ш., Аҳмадов Р.Р. ва дигарон [5], масъалаҳои хизматрасониҳои давлатӣ дар доираи таҳқиқи хизматрасонии иҷтимоӣ ва хизмати иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аммо масъалаҳои идоракунии хизматрасониҳои бахши давлатӣ дар доираи консепсияҳои муосир, ки хосси давлати иҷтимоӣ мебошад, дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашуданд. Аз ин лиҳоз, зарурат пайдо шуд, ки дар ин мақола ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намоем.

Дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои устувори идоракунии давлатӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолиятдошта бунёд шудаанд. Дигаргуниҳои маъмурие, ки дар ин давра гузаронида шуданд, ба ташаккулу рушди низоми фаъолияти ниҳодҳои гуногуни ҳокимият ва бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ мусоидат намуд. Ҳадафи ниҳоии ин дигаргуниҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ) дар таъмини фаъолияти самараноки системаи идоракунии давлатӣ ва ниҳодҳои он, ки қобилияти бо суръат ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ–иқтисодиро доранду баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат менамояд, нигаронида шудааст.

Дар марҳалаи нави рушди мамлакат низоми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, вобаста аз тағйирот, сифати ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва талаботи давлати иҷтимоӣ, коркарди асосҳои консептуалиро дар заминаи муносибатҳои муосир нисбат ба фаъолияти давлати иҷтимоӣ тақозо менамояд. Сиёсати давлати иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба таъмини зинадагии шоиста барои мардум ва ҳар як шаҳрванди мамлакат тавассути ташкили фаъолияти самараноки ҳама ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ самтгирӣ дорад. Бинобар ин, бори дигар ба мафҳуми «давлати иҷтимоӣ», ки мазмуну вазифаҳои он дар заминаҳои консептуаливу бунёдии идоракунии бахши хизматрасониҳои давлатӣ қарор мегирад, муқаррарот ворид менамоем. Истилоҳи «давлати иҷтимоӣ» дар миёнаи асри XIX дар осори илмии ҷомеашиносӣ пайдо шуда буд, ки дар асоси шаклгирии ин мафҳум фалсафаи бузурги олмонӣ қарор гирифта буд. Иқтисодчии олмонӣ Лоренс фон Штейн, ки яке аз асосгузорони назарияи “давлати иҷтимоӣ” маҳсуб мешавад, ба вазифаҳои давлат таъмини шароит барои пойдории мувозинати ҷамъиятӣ ва озодии шахс, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва инкишофи синфи миёна, дохил намудааст [8].

Коркарди асосҳои фундаменталии давлати иҷтимоӣ дар асарҳои олими намоёни олмонӣ А.Вагнер инъикос ёфтааст. Мувофиқи назарияи А.Вагнер, давлати иҷтимоӣ натиҷаи табаддулоти давлати буржуазӣ ба давлати

некуаҳволии оммавӣ мебошад [9]. Аммо дар адабиёти илми муосир оид ба мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» (аз калимаи олмонӣ "Sozialstaat") маънидодкунии зарурӣ мавҷуд нест. Ба ибораи дигар тасаввуроти ба система гирифта шуда доир ба моҳияти давлати иҷтимоии муосир ва таҳаввули уҳдадориҳои иҷтимоии давлат ташаккул наёфтаанд. Бинобар он, масъалаи коркарди нишондодҳо, ки тибқи онҳо ин давлатро ба категорияи иҷтимоӣ ворид намудан ҳанӯз боқӣ мемонад. Маҳдуд будани нишондодҳои мушаххас, ки фаъолияти иҷтимоии давлат ва сифатҳои иҷтимоигардии онро арзёбӣ менамояд, дар роҳи мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва вазифаҳои иҷтимоии давлат монеа эҷод менамояд. Муаммо дар он аст, ки масъалаи арзёбии самаранокии иқтисодии давлати иҷтимоӣ дар майдони баҳс қарор дорад. Масалан, гурӯҳи муаллифон (В. Бодюл, Р. Дарендорф, Ҷ. Стиглитс) ақида доранд, ки дар давлати иҷтимоӣ истифодаи ғайрисамараноки захираҳои зиёд тавассути сафарбарии онҳо ба соҳаи иҷтимоиёт сурат мегирад ва ҳамин тариқ, рафтори туфайлихӯрӣ ва муфтхӯрии аҳолиро зиёд мекунад. Гурӯҳи дигар бошад, (Н. Гритсенко, Д. Риттер), баръакс, самаранокии иқтисодиву иҷтимоии давлати иҷтимоиро, ки тавассути рушди инсон ва сармояи инсонӣ сурат мегирад, таъкид менамоянд. Гурӯҳи пажуҳишгарон (К. Ватрин, Г. Вилгеродот, Х. Ламперт, Н. Волгин, М. Дмитриев, Е. Жилтсов, Ю. Одегов, А. Котляр, Б. Ракитский ва дигарон), масъалаҳои мубрами давлати иҷтимоиро дар доираи иқтисодиёти бозори самти иҷтимоӣ дошта ва рушди шарики иҷтимоӣ дар бахши соҳибкории иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор додаанд [4].

Новобаста аз ақидаҳову муносибатҳои гуногун нисбат ба тавзеҳи давлати иҷтимоӣ, умумияти бунёди давлати иҷтимоӣ–шакли махсуси давлати муосири мутамаддин буда, дар маҷмуи фаъолияти он таъмини сатҳи баланди ҳимояи иҷтимоии аъзои ҷомеа ҷойгоҳи марказиро ишғол менамояд. Ин масъала мустақиман, дар маркази фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, ки ба истеҳсолу пешниҳоди маҳсулоти иҷтимоӣ сарукор доранд, ҷой мегирад. Пайвастан бо инкишофи консепсияи давлати иҷтимоӣ дар конститутсияҳои як қатор мамлакатҳои Аврупо мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» ворид карда шуд. Чунончи, ибораи «давлати иҷтимоӣ» дар Қонуни асосии ҶФО (ФРГ) дар соли 1949, Конститутсияи Фаронса дар соли 1958, Конститутсияи Испания соли 1978, Руминия – 1991, Словения – 1991, Украина – 1996, Колумбия – 1991, Перу – 1993, Эквадор – 1998, Венесуэла–1999 ва як қатор дигар мамлакатҳо дарҷ ёфтааст. Дар моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қайд шудааст, ки *«Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, шароитҳоро барои ҳаёти арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар як фард фароҳам меоварад»*[2]. Вобаста бо муқаррароти конститусионӣ, Ҳукумати мамлакат тадбирҳоро доир ба дарёфти

механизмҳои татбиқи амалии сифатҳои иқтисодиёти конститутсионӣ ва неру бахшидани нақши ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ дар таъмини тақсимоти боадолатонаи даромадҳо, баланд бардоштани уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва дастгирии камбизоатон, амалигардонии пешрафтҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятии ҳама аъзои ҷомеа аз рӯйи принсипи «тараққиёти яке шарт ва оқибати тараққиёти дигаре» амалӣ шуда истодааст [6]. Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2024) низ ба самтҳои иҷтимоигардии фаъолияти давлат таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст: *«Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад. Соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43 дарсади хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад»* [7].

Дар мамлакат ҷараёни пойдоршавии давлати иҷтимоӣ босуръат идома дорад ва пайваста ба ин, дар майдони илми ватанӣ таҳқиқотро низ фаро гирифтааст. Дар майдони илм ақида ва консепсияҳои гуногун ташаккул ёфта истодааст. Дар сатҳи меъёрӣ принсипҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ рӯйи кор омадаанд ва дар сатҳи таҷрибавӣ (эмпирикӣ) бошад, таҷрибаи аслии фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ дар самти ҳалли муаммоҳои иҷтимоии ҷомеа ғанӣ гашта истодааст. Новобаста аз ин, омӯзиши адабиёти илмии кишварҳои ба тамаддун расида ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар мамлакат аз манфиат дур намебошад. Масалан, аз тарафи аксари пажуҳишгарон мафҳуми «давлати иҷтимоӣ»-ро бо мафҳуми «давлати саховатманд» (welfarestate) ҳаммаъно донистаанд. Тасаввуроти иқтисодии давлати иҷтимоиро консепсияи Ҷ. Кейнс [1] муайян намудааст. Вай зарурати дахолати фаъоли давлатро ба ҳаёти хоҷагидории ҷомеа асоснок карда буд ва минбаъд пайравони ӯ ба консепсияи давлати саховатманд таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба зарурати тараққиёти иқтисодиёти омехта, ки хосси рушди иқтисодиёти муосир аст, таъкид намуданд. Дар доираи ин консепсия давлат нақши миёнарав, неруи «болосинфӣ» дорад, ки фаъолияти он ба ҷорӣ намудани принсипи тақсимоти боадолат ва таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ, қонеъгардонии манфиатҳои ҳама қишрҳои ҷомеа ва бартараф кардани нобаробарӣ дар ҷомеа равона карда шудааст. Дигаргуншавии куллии ҷомеа, пеш аз ҳама, дар самти тақсимоти моликият, захираҳо, даромадҳо, инкишофи ниҳодҳои ҳуқуқи моликият дар маркази ҳадафҳои чунин навъи давлат қарор мегирад. Таъмини рушди иқтисодӣ воситаи асосии таъмини ҳама аъзои ҷомеа бо неъматҳои моддӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Айни замон консепсияи давлати иҷтимоӣ дар чорчӯбаи “назарияи давлати саховатманд” инкишоф ёфта истодааст, ки он аз назарияи иқтисодчии шведӣ, барандаи Ҷоизаи Нобел–Карл Гуннар Мюрдал (1898–1987) маншаъ мегирад. Карл Гуннар Мюрдал дар китоби худ «Берун аз ҳудуди давлати саховатманд» маънои назарияи саховатмандии ҷамъиятиро чунин шарҳ медиҳад: «Оромона, бе табаддулот, амалан, бидуни табаддулот дар давлати капиталистӣ амалигардонии сиёсати оммавии мувофиқашуда бо дарназардошти самаранокӣ, ки оҳиста иқтисодиёти мамлакатро мувофиқи манифатҳои аксари шаҳрвандон оварда мерасонад». Дар маркази таваҷҷуҳи ин донишманди пажуҳишгар иштироки мустақими давлат дар ҳаёти иҷтимоӣ–иқтисодии ҷомеа, ки ҳадафи нигоҳдории мувозинат ва рушди муътадили ҳаёти иҷтмоиву иқтисодиро ба воситаи инкишофи бахши давлатии хизматрасонӣ, ба нақшагирӣ дар иқтисодиёт ва танзимкунӣ, ки ҳадафи давлати саховатманд мебошад, қарор гирифтааст. Сифатҳои хосси давлати саховатманд, ба монанди тараққиёти иқтисодиёти омехта, ғайримарказонида шудани ҳокимияти сиёсӣ ва дар мавҷуд набудани зиддияти идеологӣ, ки натиҷаи муътадилгардонии зиддиятҳои манфиатҳо дар ҷомеа ва ё натиҷаи қонеъгардонии манфиатҳои ҳама табақаҳои иҷтимоӣ мебошад, дар асари ҷомеашиноси амрикоӣ Даниел Белл – «Суқути идеологӣ» («Конец идеологии») таҷассум ёфтаанд.

Аммо рушди ғайрихаттӣ ва такрорёбии буҳрони иқтисодиву молиявии ибтидои асри XXI водор намуд, ки аксари ҳолатҳои назарияи давлати саховатмандро бознигарӣ шаванд ва дар натиҷаи ин консепсия бархе хислати худро дигаргун намуд. Инкишофи назарияи мазкур дар таҳқиқоти дар доираи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва давлатии иқтисодиёт сурат гирифта, масъалаҳои таъмини тақсимоти боадолат, рушди неъматҳои ҷамъиятӣ ва ғайра, ба назар мерасад. Аксаран, чунин сифатҳои хосси давлати иҷтимоиро низоми суғуртакунии иҷтимоӣ, пардохтҳои иҷтимоии буҷетӣ, низомҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва шуғл, таъминоти дастрасии маориф, тандурустӣ ва инкишофи фарҳангӣ, ҳифзи иҷтимоии категорияҳои аҳолии ниёзманд, муътадилгардонии нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеа, таъсисдиҳии шароитҳои мувофиқи аз нав тақсимкунии неъматҳо, пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоӣ ва ғайра, дар маркази таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини инкишофи бахши давлатии хизматрасонӣ, ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми амалигардонии сифатҳои давлати иҷтимоӣ, тадбир ва кӯшишҳо ба харҷ дода шуда истодааст. Мувофиқи маълумоти ҷадвали 1, пайваста бо афзоиши ҳаҷми буҷети давлатӣ, афзоиши ҳаҷми маблағгузории соҳаи неъматҳои аҳаммияти иҷтимоидошта, ки сармоягузорӣ ва фазои мусоидро барои рушди инсон ва сармояи инсонӣ созгор менамояд, тамоюли рушди устувор дорад. Дар соли 2023 ҳаҷми ҳама хароҷоти

буҷети давлатӣ ба 43 млрд. сомонӣ баробар шуд, ҳол он ки дар соли 2000-умин нишондиҳанда ба 291,3 млн. сомонӣ баробар буд.

Ҷадвали 1.

Динамикаи маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои хизматрасониҳои аҳаммияти иҷтимоӣ дошта (млн. сомонӣ)

Солҳо	Ҳамагӣ хароҷоти буҷети давлатӣ	Аз он ҷумла			Бо ифодаи фоиз нисбат ба ММД,%
		Маориф	*Тандурустӣ*	*чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ ва солимгардонӣ*	
2000	291,3	38,2	18,5	9,2	5,6
2005	1402,7	253,1	82,4	41,8	5,2
2010	7272,3	1019,5	367,2	298,5	6,8
2015	16277,4	2539,3	1037,2	574,3	8,5
2020	24812,5	4311,4	2583,1	987,1	9,5
2023	43034,8	7108,5	3277,4	1471,7	9,0

Ҷадвал дар асоси “Омори солонаи ҶумҳурииТоҷикистон.– 2024 –С. 371-399” тартиб дода шудааст.

Расми 1.

Маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ (млн. сомонӣ)



Афзоиш дар ин давра (нисбат ба соли 2000-ум) зиёда аз 147 маротибаро ташкил дод. Мувофиқан, дар давраи таҳлилшаванда маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф аз 38,2 млн. сомонӣ то 7,1 млрд. сомонӣ афзоиш ёфта, дар соҳаи тандурустӣ аз 18,5 млн. сомонӣ то 3,2 млрд. сомонӣ, дар соҳаи чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ ва солимгардонӣ бошад, аз 9,2 млн. сомонӣ то 1,4 млрд. сомонӣ афзоиш ёфтааст. (Ниг., ба Расми 1.) Хизматрасониҳои давлатӣ дар ин самтҳо шароитҳои мусоидро барои рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва афзун намудани ҳаҷми неъматҳои иқтисодӣ тавассути рушди сармояи инсонӣ, ки захира ва омили асосии рушди иқтисоди муосирро муайян менамояд, таъмин карда мешавад.

Таъмини самаранокии рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва зиндагии шоистаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва мувофиқан, дар амал рӯйи кор омадани сифатҳои иқтисодиёти бозории таъйиноти иҷтимоӣ дошта, мукаммалгардии

механизмҳо, шаклҳо ва усулҳои дахолату танзими давлатии иқтисодиётро дар назар дорад. Мутобиқати оқилонаи ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди ҷомеа, шартҳои ибтидоӣ, таъмини дарозмуддати тараққиёти мамлакат ва такмили принсипҳо, шаклҳои ҳамзистии бозору давлатро дар чорчӯбаи бахши ҷамъиятӣ мутобиқат мекунонанд. Инкишофи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ дар мамлакат дар навбати аввал аз хислати инноватсионии рафтори иқтисодии бахши давлатӣ, ҳамчун яке аз унсурҳои фаъоли бозорӣ ва иқтисодиёти омехта, вобастагӣ дорад. Зеро маҳз фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт дорои самараи баланди мултипликативӣ буда, хизматҳои давлатӣ, ки онҳо пешниҳод менамоянд, ба сифати мултипликаторҳо баромад мекунанд. Дар натиҷаи аз тарафи давлат пешниҳод шудани хизматҳои гуногуни сифати инноватсионӣ дошта, амалҳои фоиданок ба миён меоянд, ки ба тағйироти сифатӣ ва тағйирёбии мусбати ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа мусоидат менамояд. Дар ҷараёни хизматрасониҳои давлатӣ ва амалигардии мақсадҳои онҳо самараи синергетикиву мултипликативии он дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ зуҳур менамояд. Мантиқан, фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсири ғайримустақимро ба истеҳсоли маҳсулот, танзими ба восита ва таъсиси муҳит ва шароит барои ташкили фаъолияти иқтисодиро дар назар дорад. Мувофиқан, натиҷаи пешниҳод намудани хизматҳои давлатӣ дороиҳои ғайримоддӣ ва ё неъматҳо баромад мекунанд, ки онҳо шароитҳоро барои офаридани неъматҳои моддӣ фароҳам меоваранд.

Аз ҷиҳати амалӣ хизмати давлатӣ бо худ ҳама гуна амалҳои ниҳоди (институти) ҳокимиятро ифода мекунад, ки онҳо бояд нисбат ба аъзои ҷомеа ва субъектҳои иқтисодиёт мутобиқи қонун амалӣ намоянд. Ба хизматҳои давлатӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ дохил мешаванд, ки бо додани шаҳодатномаҳо ва ҷубронпулиҳо, бақайдгирӣ ба сифати бекорӣ, бақайдгирии амволи ғайриманқул, пешниҳод намудани субсидияҳо, маълумотномаҳо, иттилоот, машваратҳо, баррасии муроҷиатҳо, пешниҳод намудани ахбор ва ғайра, алоқаманд мебошанд. Лекин, бо дарназардошти навгонии мафҳуми «хизмати давлатӣ», то ҳол навъҳои хизматҳои давлатии расман эътирофшуда, новобаста ба он, ки аз тарафи коршиносон (экспертҳо) пешниҳод намудани таснифоти гуногун, мавҷуд намебошад. Олими рус Тихомиров Ю.А. хизматҳои давлатиро ба оммавӣ ва маъмурӣ ҷудо мекунад [11]. Хизматҳое, ки барои беҳтаргардонии шароитҳои беруна равона карда шудаанд, Ӯ ба хизматҳои давлатии оммавӣ дохил мекунад, ки онҳо хислати мақбурӣ низ дошта метавонанд, зеро «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ухдадор менамоянд, ки доир ба сабабҳои муайян бо мақомоти давлатӣ алоқаманд шаванд, то ин ки ба оқибатҳои ногувор роҳ надиҳанд». Категорияи хизматҳое, ки ба дигар ниҳодҳо (институтҳо) ва ё мақомоти давлатӣ равона карда шудаанд, хизматҳои давлатии маъмурӣ меноманд. Ба ҳайси мисол мумкин аст тайёркунии ҳуҷҷатҳоро барои мақомоти

давлатӣ, мувофиқакунӣ ва намояндагӣ овард. Ба ҷиҳатҳои фарқкунандагии хизматҳои давлатии маъмурӣ дохил мешаванд: пешниҳоди хизматҳои инфиродӣ, муроҷиати истеъмолкунандагон ба мақомоти давлатӣ, пешниҳод кардани хизматҳои бевосита дар мақомоти давлатӣ, амалигардонии хизматҳои вобаста ба сабабҳои объективии (иҷтимоӣ-иқтисодии) имконнопазирии гузаронидани онҳо ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни гузаронидани ислоҳоти доимии бахши давлатии хизматрасонӣ фаъолона инкишоф меёбад, ки ба тағйироти принсипиалӣ дар сохтори мақомоти давлатӣ оварда расонида, онҳо дар шароити рушди технологияи рақамӣ сифати инноватсионӣ гирифта истодаанд. Тақсимоти вазифаҳо пешниҳод кардани хизматҳои давлатӣ байни ниҳодҳои ҳокимият дақиқ муайян карда шуда, механизмҳои танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва принсипҳои коркард ва қабули қарорҳои идоракунӣ ва ғайра, такмил ёфта истодаанд. Лекин, дар баробари ҳамаи ин тадбирҳо, сифати хизматрасонии давлатӣ, махсусан, дар самтҳои ҳаётан муҳим, такмил мехоҳад. Бинобар ин, дарёфти шаклҳои муосири ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ташаккулёбии бахши хизматрасонии давлатӣ мувофиқи васеъшавии интихоби истеъмолии аҳолӣ ба мадди аввал гузашта, ба муҳимтарин масъалаи рӯз табдил ёфтааст.

Бахши хизматрасонии давлатӣ дар ҷумҳурӣ бояд ба яке аз нишондодҳои асосии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тараққиёти иқтисодиёти омехта мубаддал шавад. Ҳамин тавр, дар марҳалаи ҳозира масъалаи зарурӣ ба итмом расонидани коркарди феҳристи пурраи хизматҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Зеро фаъолияти дурусти бахши хизматрасонии давлатӣ ва таркиби қаноатбахши иқтисодии он кафили тараққиёти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва заминаи истеҳсолоти васеи неъматҳо дар асоси тағйироти вазъи сифатии объектҳо ва иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва ё предметҳои он ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег (General Theory of Employment, Interest and Money), 1936.

2. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – С.3.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” (аз 22 феврали соли 2007, № 275)

4. Мирсаидов А.Б. Основные тенденции развитие социального сектора и параметры становление социального государства в Республики Таджикистан// Таджикистан и современный мир, 2016, № 3 (53), –С. 262-269

5. Мирсаидов А.Б., Бурҳонзода З. С. Масъалаҳои таъмини институтсионалии фаъолияти ташкиливу идоракунӣ дар низоми таҳсилот// Паёми ДДТТ, 2022. –С.44-51;

6. Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография.–Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. –424 с.

7. Ахмадов Р.Р. Основы формирования и развития сферы социальных услуг в сельской местности (на материалах Республики Таджикистан): дис. канд. экон. наук. – Душанбе, 2017. – С. 5.

8. Мирсаидов А.Б., Шарифи Ф.Б. Государственные услуги: экономическое содержание, типология//Таджикистан и современный мир, 2016, № 3. –С.189-197.016, № 3 (53). –С. 262-269. но-гуманитарные знания (М.), 2000, №2.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2024)

10. См: Stein L. Gegenwart und Zukunft der Rechts-und Staatswissenschaftbei Deutschlands. Stuttg., 1876.

11. См: Гончаров П.К. Социальное государство: сущность, мировой опыт, российская модель. – Социально-гуманитарные знания (М.), 2000, № 2.

12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –С. 40.

13.Тихомиров, Ю.А. Правовые аспекты административной реформы /Ю.А.Тихомиров // Законодательство и экономика. – 2009. – № 4. – с.27-37.

СОВРЕМЕННЫЕ КОНЦЕПЦИИ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕКТОРА УСЛУГ

ШАРИФИ ФИРУЗА БУРИХОНЗОДА,
кандидат экономических наук, ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул Айни 44;
тел: (+992) 918-79-70-66; e-mail: fsharifova @mail.ru

В статье рассматриваются современные концепции управления государственного сектора услуг и обосновывается необходимость их использования на новом этапе развития страны, когда система государственного сектора в сфере услуг претерпевает трансформацию в связи с изменением качества социально-экономической жизни и требованиями социального государства. Автор внесла уточнение в понятие «социальное государство», содержание задач которого базируется на концептуальных и фундаментальных основах управления сферой государственных услуг, проанализировал реализацию задач государства по обеспечению условий стабильности, социального равновесия и индивидуальной свободы, сокращению бедности и развитию среднего класса. Обосновала ряд предложений по

совершенствованию механизмов реализации качеств социального государства в Таджикистане в зависимости от реальных условий его экономического и социального развития.

Ключевые слова: *социальное государство, социальная политика, социальные услуги, государственный бюджет, задачи социального государства, инновационное качество государственных услуг, экономика государственного сектора и т. д.*

MODERN CONCEPTS OF PUBLIC SECTOR SERVICES MANAGEMENT

SHARIFI FIRUZA BURIKHONZODA,
candidate of economic sciences, leading researcher at the Institute of economics and demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Ayni str. 44;
tel.: (+992) 918-79-70-66; e-mail: fsharifova @mail.ru

The article studies modern concepts of public sector services management and substantiates the need for their use at a new stage of the country's development, when the public sector system in the field of services is undergoing transformation due to changes in the quality of socio-economic life and the requirements of the social state. The author introduced regulations into the concept of «social state», the content of whose tasks is based on the conceptual and fundamental foundations of the management of the public service sector, and analyzed the implementation of state tasks in ensuring conditions for the stability of social balance and individual freedom, reducing poverty and developing the middle class. Substantiated several proposals for improving the mechanisms for implementing the qualities of the social state in Tajikistan in relation to the real conditions of its economic and social development.

Keywords*: social state, social policy, social services, state budget, tasks of the social state, innovative quality of public services, public sector economics, etc.*

УДК: 338.27

ҲАМГИРОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ТАТБИҚИ РУШДИ ИҚТИСОДИ “САБЗ”

САЛИХОВ ҶАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ,
муовини сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои рушди иқтисодиёти соҳавииМаркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 904-14-03-14; e-mail: salikhov9696@mail.ru

Тавре маълум аст, Тоҷикистону Чинро муносибатҳои чандинсолаи таърихӣ ва дӯстию ҳамсоягии неки густаришёфта мепайвандад. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ташаккул ёфта, бо роҳбарии сиёсати хирадмандонаву сулҳҷӯёна ва созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда шуда, дар доираи санадҳои дахлдори танзимшавандаи минтақавию байналмилалӣ ҷиҳати густариш бахшидани робитаҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангию таърихӣ мунтазам тақвият меёбад.

Тоҷикистон ва Чин дар ҳалли аксари масъалаҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ ва ҳамоҳангии иқтисодӣ мавқеи густурда дошта, дар доираи созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла СҲШ, СММ, САҲА, ИА ва дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ мавқеи яксон ё ба ҳамдигар наздик доранд.

Дар низоми рушди дипломатияи иқтисодӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ робитаҳои Тоҷикистону Чин дар шароити муосир боз ҳам мустаҳкамтар гардида, ҷонибҳо ҳамкориро дар доираи имкониятҳо ва манфиатҳои миллӣ дар самтҳои муҳимми ҷомеа густариш мебахшанд. Бинобар ин, бо боварии комил метавон гуфт, ки муносибатҳои Тоҷикистону Чин дар доираи нақшаи пешбурди ташаббуси “Як камарбанд, як роҳ” ва “Стратегияи рушди миллии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, бо дарназардошти воқеиятҳои муосир, пайваста ва давра ба давра боз ҳам амиқтар ва васеътар мешаванд.

Калидвожаҳо: *иқтисоди “сабз”, энергияи “сабз”, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, иқтисоди миллӣ, ҳамкориҳои судманд, созишнома, тиҷорати хориҷӣ, рушди иқтисодӣ, тавсеаи ҳамкориҳо, сармоягузорӣ, минтақа, дурнамо.*

Ташаккули ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва бисёрсамтӣ дар низоми иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳанӯз 20-уми майи соли 2013 дар доираи Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин "Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои шарикии стратегӣ" ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки солҳои охир ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Чин бомувафаққият рушд мекунанд. Матлаби мазкурро метавон аз тақвияти афзоиши тиҷорати дуҷониба, сармоягузорӣ ва саноатӣ арзёбӣ намуд. Илова бар ин, Тоҷикистон таҳкими минбаъдаи шарики стратегӣ ва робитаҳои иқтисодиро бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар асоси усулҳои баррасии манфиатҳо ва баробарҳуқуқӣ аҳаммияти авалиндараҷа медиҳад. Вобаста ба ин, зимни ташрифи Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи гузориши матбуотии роҳбарони кишварҳо чунин иброз доштанд: *"Бо қаноатмандӣ мехоҳам таъкид намоям, ки солҳои охир ҳамкории тиҷоратию иқтисодии кишварҳои мо босуръат рушд карда, вусъат меёбад. Чин яке аз се шарики бузурги тиҷоратии Тоҷикистон буда, саҳми он дар иқтисоди кишвар 40 дарсадро ташкил медиҳад. Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки Чин бузургтарин сармоягузори мо ба ҳисоб меравад. Давоми дах соли охир ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ба маблағи беш аз 4 миллиард доллари амрикоӣ сармоягузорӣ ҷалб шудааст, ки 1,5 миллиард доллари онро сармояи мустақим ташкил медиҳад"*. [1]

"Муҳим аст, ки ҳамкории амалӣ густариш дода шавад ва заминаи мустаҳками моддии муносибатҳои Чину Тоҷикистон фароҳам гардад. Ҷониби Чин муштаракан бо ҷониби Тоҷикистон бо мақсади рушди бештар ва эҳёи ду кишвар нақшаи пешбурди ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» ва «Стратегияи рушди миллии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро дорад. Тарҳрезии тадбирҳои нав ҷиҳати дар оянда афзун намудани ҳаҷми тиҷорат, суръат бахшидан ба сохтмони қитъаҳои асосии роҳи мошингарди «Чин–Тоҷикистон», зиёд кардани шумораи парвозҳои мустақим бо дарназардошти талаботи ду ҷониб, густариши ҳамкорӣ дар соҳаи технологияҳои муосир ва олӣ, аз ҷумла мошинҳо бо истифодаи неруи алтернативӣ, манбаҳои барқи офтобӣ ва телекоммуникатсияи кайҳонӣ низ муҳим аст. Мо барои аз Тоҷикистон содир кардани маҳсулоти кишоварзӣ, ҳавасманд гардонидани корхонаҳои бонуфузи Чин барои афзун намудани ҳаҷми сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ва мусоидат ба бунёди низоми муосири саноатӣ дар Тоҷикистон омода мебошем". [2]

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо азму иродаи худ тавонист сиёсати хориҷии худро бо сиёсати "дарҳои боз" дар низоми геосиёсию геостратегӣ ва равандҳои зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон тавсеа бахшад. Мушарраф шудан ба сифати як кишвари сулҳҷӯй ва

ташаббускор дар масъалаҳои дохилию байналмилалӣ аз иқдомҳои наҷиб ва хизматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад.

Густариши робитаҳои ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар асоси решаҳои таърихию фарҳангӣ, дӯстию ҳамҷаворӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамдигарфаҳмии амиқ тақвият ёфта, то шарики ҳамаҷонибаи стратегӣ оамада расидааст. Имрӯз дар ҳалли масъалаҳои муҳимми минтақавию байналмилалӣ шарикии Тоҷикистону Чин дар тамоми соҳаҳо намунаи барҷастаи муносибатҳои байни ҳар ду мамлакат ба шумор меравад.

Барои рушд ва тақвияти муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ байни Тоҷикистону Чин як қатор лоиҳаву санадҳои дахлдор роҳандозӣ гардидаанд, ки намунаи равшани он лоиҳаи «Як камарбанд, як роҳ» аст, ки дар масири нави ҳамкориҳо самаранокии худро нишон дода, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон манфиатдор мебошад, ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки аз ибтидои солҳои соҳибистиқлолии мамлакат, Чин дар масири ташаккули давлатдории Тоҷикистон кумакҳои беандоза расонида, саҳми он дар таҳкими рушди босуботи кишвар ва расидан ба ҳадафҳои олии мамлакат назаррас аст. Бояд гуфт, ки робитаҳои ҳамгироидоштаи ду кишвари дӯсту бародар дар муносибатҳои байналмилалӣ низ ҳамоҳанг буда, дар соҳаҳои танзими ҷаҳонии интернет, мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ, ислоҳоти ниҳодҳои молии байналмилалӣ ва тавсеаи ҳуқуқи кишварҳои рӯ ба инкишоф дар онҳо бармало мушоҳида мешавад. Тоҷикистон ва Чин дар доираи созмонҳои ҷаҳонӣ (СММ, СҶТ, СҲШ) ҳамкории зич доранд.

Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо иқдомҳои башардӯстона аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин дар тамоми бахшҳои муҳимми кишвар, аз ҷумла бунёди корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ, таҷдиду сохтмони роҳҳои мошингарди аҳаммияти байналмилалидошта, сохтмони неругоҳҳои барқии обию бодӣ ва офтобӣ, таҷдиди низоми кишоварзӣ ва омодасозии кадрҳо ҷиҳати истифодаи техникаву технологияи муосир дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба ва бисёрҷониба амалӣ гашта истодаанд, ки дар низоми рушди иқтисодии Тоҷикистон саҳмгузор хоҳанд буд. Бинобар ин, *Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ҳамкории ду давлат дар соҳаҳои болозикр беш аз пеш густариш меёбанд.*

Тибқи маълумоти расмӣ, айни замон дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои чинӣ дар кишвар 5 адад корхонаи сементбарорӣ, 21 адад корхонаи хиштбарорӣ, 1 адад корхонаи истеҳсоли газоблок, 1 адад корхонаи истеҳсоли шифер ва 1

адад корхонаи истеҳсоли гачкартон мавриди фаъолият қарор доранд, ки маблағгузории он беш аз 500 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [4].

Соли 2023-юм дар ноҳияи Ёвон корхонаи истеҳсоли гачкартон бо зарфияти солонаи 30 миллион метри мураббаъ мавриди истифода қарор дода шуд, ки ҳаҷми сармояи он беш аз 23 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, дар он 150 ҷойи кории нав бунёд ёфтааст. Илова бар ин, тибқи маълумоти расмӣ дар оянда бунёд ва навсозии 3 корхонаи истеҳсоли хишт бо истифода аз роботҳои худкор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон низ пешбинӣ гардидааст, ки ин аз густариши робитаҳои дуҷонибаи кишварҳо дарак медиҳад.

Маҷмааи истеҳсолии нассоҷии «Ҷунтай – Данғара – Син Силу Текстил»-и ноҳияи Данғара калонтарин корхонаи коркарди нахи пахта дар Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳар сол ҳаҷми истеҳсоли ресмони пахтагинро афзоиш дода, дар густариши иқтидори содиротии мамлакат саҳми назаррас мегузорад. Аз соли 2014 то ба ҳол корхона ба миқдори беш аз 1 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда шуда, сикли ресандагӣ ба пуррагӣ ба истифода дода шудааст, ки иқтидори солонаи корхона 24,5 ҳазор тонна коркарди нахи пахта ба ҳисоб рафта, айни ҳол дар корхона 1450 нафар корманд кору фаъолият доранд.

Мавриди ба зикри хос аст, ки Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» соли 2023 ба иқтидори 14,5 ҳазор тонна ресмони пахтагин, 14,9 миллион метри мураббаъ газвор, 4831,36 тонна нахи пахта 6852,7 чигити пахта, 1651,7 ҳазор дона футболка ба маблағи 764,5 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст. Тазаккур бояд дод, ки корхонаи мазкур дар Осиёи Марказӣ яке аз маҷмааҳои бузурги саноатӣ ва калонтарин лоиҳаи муштаракии Тоҷикистон ва Чин ба шумор мервад.

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 адад ширкати истихроҷ ва коркарди саноати маъданҳои кӯҳӣ ва филизоти қиматбаҳо мавҷуд буда, аз ин шумора 7 ададаш бо ҷалби сармояи Ҷумҳурии Мардумии Чин фаъолият менамоянд. Дар ин росто, шумораи кормандон 12500 нафарро ташкил дода, аз инҳо 11495 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1005 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошанд.

Инчунин, аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Корхонаи муштараки «Зарафшон» бо ҷалби беш аз 119 млн. доллари ИМА санаи 5 июли соли 2023, бо иштироки мустақими Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаи металлургии истеҳсоли миси филизӣ мавриди амал қарор дода шуд, ки корхонаи мазкур бо технологияи муосир муҷаҳҳаз буда, ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ ва дар доираи талаботи иқтисоди “сабз” мутобиқ мебошад.

Дар робита ба ин, дар шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд, 30 марти соли 2023, бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон бо гузоштани санги асос ба бунёди марҳалаи дуюми коргоҳи металлургии истеҳсоли сурб, нуқра ва миси Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Чин» бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҳаҷми 42,6 млн. доллари ИМА корҳо оғоз гардиданд, ки ҷиҳати фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ иқдоми саривақтӣ ба шумор рафта, дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат ва “Солҳои рушди саноат, 2022–2026” ба нақша гирифта шудааст. Лозим ба зикр аст, ки раванди коргоҳи мазкур аз сурбгудозӣ, сехи тозакунии газҳои дудӣ, коргоҳи истеҳсоли чанги ангишт, анбор барои нигоҳдории руҳ, пойгоҳи коркарди обҳои гардон, сехи сурбу электролит ва дигар иншооти ёрирасон иборат буда, дар се марҳала фаъолият менамояд, ки сарчашмаи тавлиди сурб ва руҳ асосан аз кони Зарнисор дастрас мегардад.

Фаъолияти ҶДММ-и «ТВЕА–Душанбе саноати кӯҳӣ» низ яке аз корхонаҳое дониста мешавад, ки санаи 5-уми июли соли 2023 дар мавзеи Дуобаи Шарқии ноҳияи Айнии вилояти Суғд бо зарфияти 900 ҳазор тонна маъдан дар як сол сохта ба истифода дода шудааст. Корхона асосан аз ду кон –«Кумарғи Боло» ва «Дуобаи Шарқӣ» маҳсулот дастрас менамояд, ки дар рушди саноати миллӣ таъсири мусбат хоҳад расонид.

Бояд қайд кард, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 700 ширкат бо сармояи чинӣ фаъолият доранд, ки ба иқтисодиёти миллӣ дар даҳ соли охир беш аз 3,8 млрд. доллари ИМА сармоя ворид намудаанд.

Ҳамзамон, соҳаи нақлиёт яке аз соҳаҳои муҳим барои ҳар як кишвар ба шумор рафта, фаъолияти дигар соҳаҳоро ҷоннок менамояд, зеро рушди дилхоҳ соҳа бидуни густариши соҳаи роҳу нақлиёт ва логистика ғайриимкон аст. Бинобар ин, ҳамасола бо ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ инфрасохтори соҳаи нақлиёт мукаммалтар мегардад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба лоиҳаҳои соҳаи нақлиёти Тоҷикистон аз соли 2006 таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҷиҳати рушди соҳа сармоягузорӣ менамояд.

“Ҷумҳурии Мардумии Чин шарики боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои коммуникатсионӣ ва истиқлоли энергетикӣ мебошад. Бо такя ба робитаҳои дуҷонибаи мутақобилан судманди тарафҳо, даҳҳо лоиҳаҳои вобаста ба роҳу нақлиёт ва энергетикӣ татбиқ карда шудаанд” [3]. Масалан, дар асоси дастгириҳои молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин як қатор лоиҳаҳои стратегии сармоягузорӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт, аз ҷумла «Сохтмон ва таҷдиди роҳи автомобилгарди «Душанбе–Хуҷанд–Бӯстон-Чаноқ» ба маблағи 216,1 млн. доллари ИМА, «Сохтмони нақби автомобилгарди Шаҳристон», «Сохтмони роҳи автомобилгарди «Душанбе–Данғара», «Таҷдиди қитъаи роҳи автомобилгарди «Душанбе–Қулма» иборат аз 347 километр ва ғайра,

мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар татбиқи яке аз чор ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба давлати транзитӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Илова бар ин, бо кумаки молиявии Чин қитъаҳои мушкилтарин шоҳроҳи «Душанбе–Қулма» қитъаи роҳи «Қалъаихумб–Ванҷ–Рӯшон» ба маблағи 204 млн. доллари ИМА мавриди азнавсозӣ қарор дошта, ба рушди минбаъдаи долони навтаъсис ва мултимодалии «Чин–Тоҷикистон–Ӯзбекистон–Туркманистон–Эрон–Туркия» мусоидат хоҳад намуд.

Илова бар ин, соли 2024 Ёддошти тафоҳум байни Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасниҳои логистикӣ»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази байналмилалии логистикии «Ҷинлида»-и шаҳри Кошғар»-и Ноҳияи Мухтори Шинҷон–Уйғури Ҷумҳурии Мардумии Чин доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика ба имзо расид. Марказ аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии нақлиёти автомобилӣ (IRU) аккредитатсия шудааст. Кошғар, ки онро «дарвозаи тиҷоратӣ» дар Ғарби Чин меноманд, маркази асосии логистикӣ барои борҳое мебошад, ки байни Чин ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Ҷанубӣ ва дигар минтақаҳо интиқол дода мешаванд. Дар асоси ин санади мазкур, ҷонибҳо ҳамкориро дар соҳаи нақлиёту логистика ва рушди ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ва контейнерӣ тақвият дода, ҷиҳати баланд бардоштани маҳорат ва дониши кормандон ба иштироки мутахассисони якдигар дар машварату таҷрибаомӯзиҳо ва дигар маъракаҳо мусоидат намуда, ҳамкориро оид ба рушди истифодабарии технологияҳои рақамӣ ҷиҳати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва содагардонии раванди интиқоли бор ба роҳ монда шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ марҳалаи наву пурвусъати соҳаи энергетика оғоз ёфта, таъмини истиқлоли энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат муайян гардид. Дар доираи татбиқи ин ҳадафи бузург бо талошҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи электроэнергетикаи мамлакат дар маҷмуъ, 35 лоиҳаи сармоягузорӣ бо ҷалби беш аз 57,2 миллиард сомонӣ татбиқ гардидааст, ки башорат-диҳандаи ояндаи дурахшони соҳаи энергетикаи Тоҷикистон мебошанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон, аз ҷумла бунёди зеристгоҳҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, саҳми муносиб ва калидӣ гузошта, сохтмони Маркази барқу гармидиҳии “Душанбе–2”, сохтмони зерист-гоҳҳои барқии 500 кВ «Душанбе-500», «Суғд–500», хатҳои интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб–Шимол» ба масофаи 263,8 км, «Роғун–Душанбе» ба масофаи 198 км, зеристгоҳҳои барқии 220 кВт «Лолазор», «Хатлон», «Айнӣ», «Шаҳристон», «Шаҳринав», хатҳои интиқоли барқи 220 кВт

«Лолазор–Хатлон», «Хуҷанд–Айнӣ» 83,2 км далели возеҳу равшани гуфтаҳо буда, бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин тавассути Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ гардиданд.

Бояд қайд кард, ки дар татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ширкатҳои чинӣ, ба монанди «Повер-Чайна», «ТВЕА», «Хуавей», «Синохайдро», «Пингао», «Кайфа» ва «Хексин» ба ҳайси паймонкор (пудратчӣ) ва таҳвилкунандаи таҷҳизот саҳми бештар дошта, аз ҷониби Бонки содироту воридоти Ҷумҳурии Мардумии Чин дар маҷмуъ, 880 млн. доллари ИМА барои татбиқи ин лоиҳаҳо маблағҳои қарзи имтиёзнок пешниҳод гардидааст. Дар баробари ин, сармояи мустақими ширкатҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ба соҳаи энергетикаи Тоҷикистон 197 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Инчунин, моҳи майи соли 2024 имзои Ёддошти тафоҳум байни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «POVER – CHINA»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин доир ба ба рушди манбаъҳои энергияи барқароршаванда ба имзо расид. Дар доираи қарордоди мазкур, ҳавасмандӣ ҷиҳати бунёди неругоҳҳои бодӣ ва офтобӣ дар кишвар ба нақша гирифта шуда, ширкатҳо мақсад доранд, ки марҳала ба марҳала бо маблағгузорӣ силсилаи неругоҳҳои офтобию бодиро дар қаламрави Тоҷикистон зиёд намуда, зарфияти умумии онро беш аз 1500 МВт расонанд. Зимнан, ширкати чинии «Eging PV Technology Co., LTD» дар Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» Ёддошти тафоҳум ҷиҳати бунёди зеристгоҳи барқии офтобӣ бо маблағи умумии сармоягузорӣ дар чор марҳала 1,5 млрд долари ИМА ва дар марҳалаи аввал сохтмони зеристгоҳи барқии офтобиро бо маблағи 150 миллион доллар ва бо иқтидори 200 МВт дар масоҳати 250 гектар ба имзо расонид, ки қарордоди мазкур дар амал татбиқ намудани шохисҳои “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037” саҳми муассир мегузорад.

Соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳрии Тоҷикистон яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти давлат дониста шуда, сол то сол дар ҷумҳурӣ маҳсулоти кишоварзӣ бештар истеҳсол гардида, талабот ба маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тозаи Тоҷикистон аз хориҷи мамлакат низ бештар мегардад. Бояд гуфт, ки Тоҷикистон барои афзоиши пешниҳоди маҳсулоти ватанӣ, ки бозорҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ба он ниёзи бештар доранд, имкони бузург дошта, бахусус, ба зардолуи тару хушк, мавиз, омехтаи хушкмева, чормағз, донаи зардолу, арахис, тути хушк, асал, пой ва панҷаи мурғ талабот зиёд аст.

“Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди гузариш аз кишвари аграрӣ–саноатӣ ба саноатӣ–аграрӣ қарор дорад. Ин шаҳодат медиҳад, ки соҳаи аграрӣ инкишоф ёфтааст ва метавон дар марҳалаҳои гуногун молу маҳсулоти ин соҳаро дар корхонаҳои саноатӣ коркард намуд. Ҳамчунон,

барои таъмини пурраи амнияти озуқаворӣ ин ду соҳа дар занҷираи бо ҳамдигар пайванди фаъол қарор доранд. Ба вуҷуд омадани мушкилот дар соҳаи кишоварзӣ, боиси пайдо ва нофаъол гардидани дигар соҳаҳо мегардад. Аз ин лиҳоз, барои пурра рушд намудани ин соҳа тамоми чораҳои заруриро андешида, истифода оқилонаи манбаъҳои дар ихтиёрдошта аз манфиат холӣ нест". [5]

Бо дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмини рақобатнокии маҳсулоти асосии содиротӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва дарёфти бозорҳои нави фурӯш марказҳои логистикӣ сохта шуда, барои ташкил кардани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда, диверсификатсияи содирот, муаррифии молу маҳсулоти ватанӣ дар хориҷи мамлакат ва фароҳам овардани шароити мусоид барои содироткунандагон заминаҳои воқеӣ мегузорад.

Дар Тоҷикистон то охири соли 2027 дар доираи Барномаи «Кишвари сабз» дар ҳазорон гектар замин ниҳолу буттаҳо шинонда, ҷиҳати кам кардани газҳои гулхонавӣ, гузариш ба иқтисодиёти «сабз», таъмини нигоҳдории устувории низоми табиӣ, васеъ намудани майдони ҷангалзор, боғу токзор, минтақаҳои "сабз", ташкил ва васеъ намудани масоҳати минтақаҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва таъмини рушди устувор ва амнияти экологии аҳолӣ корҳои зиёде анҷом дода мешаванд.

Дар доираи густариши муносибатҳои ду кишвари дӯсту ҳамҷавор – Тоҷикистону Чин масъалаҳои фароҳам овардани шароит барои таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ дар ҷаҳон, беҳтар намудани сифати маҳсулоти ғизоӣ, рушди деҳот, пешгирии тағйирёбии иқлим, хушксолӣ, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва пешгирии вайроншавии таркиби хок, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ изҳори назар намуда, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаҳои рустанипарварӣ, механиконии кишоварзӣ, гузариш ба кишоварзии "сабз", мубориза бар зидди бемориҳои сарҳадгузар, кишоварзии рақамӣ, табодули таҷриба ва такмили ихтисоси кормандони комплекси агросаноатӣ, ташкили паркҳои технологии зироаткорӣ, техникаи кишоварзӣ, коркард ва бастубанди маҳсулоти кишоварзӣ минбаъд низ афзоиш ёфта, марҳалаи баландро касб мекунанд.

Бо таҳлили робитаҳои имрӯзаи Тоҷикистону Чин метавон бо итминон гуфт, ки онҳо дар оянда бемайлон инкишоф хоҳанд ёфт. Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи СҲШ бо Тоҷикистон муносибатҳои дарозмуддати стратегӣ дорад.

Ҳамин тавр, таъкид менамоем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ тавонист бо сиёсати хориҷии санҷидаву мутавозин, ки манфиатҳои миллиро дар назар дорад, бо кишвари бузурги ҳамсоя муносибатҳои гуногунҷанбаи сиёсиву иқтисодӣ барқарор намуда, ба

натиҷаҳои судманд ноил гардад. Итминони комил дорем, ки муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар оянда ба марҳалаи нави шарикии стратегӣ табдил ёфта, ба манфиатҳои мардуми ҳар ду кишвар хизмат мекунанд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои ин ду кишвари дӯсту ҳамҷавор то ҳол имконияту зарфиятҳои бузурги рушд доранд ва тақвияти самтҳои дар боло зикршуда ҳамкориҳои муттақобилан судмандро дар муносибатҳои дуҷониба фароҳам меоварад.

АДАБИЁТ

1. Мусоҳибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори Агентии иттилоотии «Синхуа» дар ҳошияи сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2024/07/iz-oroti-matbuotii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-emomal-ra-mon-az-r-ji-nati-a-oi-safari-davlatii-raisi-um-urii-mardumii-chin-si-inpin-ba-um-urii-to-ikiston/

2. Муносибатҳои Чин ва Тоҷикистон: Ба хотири ояндаи дурахшон [Захираи электронӣ] https://khovar.tj/2024/07/munosibat-oi-chin-va-to-ikiston-ba-hotiri-oyandai-durahshon/

3. Мирзоев Ниёз, Мирзоев Ҳабибҷон Табрикҷонович. Марҳалаи нави ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин/ Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”/Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Аржанг, 2024. –№1(85). – С. 40-47.

4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,–2024// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Бахши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ.–305 с.

5. Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода, Ғуломюсупов Нусайрӣ Мамадюсупович. Нақши хизматрасонии логистикӣ дар раванди саноатикунонии босуръат ва рушди амнияти иқтисодиёти кишвар/ Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имруз”/ Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: Аржанг, 2024. – №1(85). – С.122-134.

6. Салихов Ҷ.Б./Масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар меҳвари таваҷҷуҳи бевоситаи Роҳбарияти олии кишвар (дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)/ [Захираи электронӣ]/ https://old.mts.tj/?p=12095.

7. Муртазозода О./ Иқтисоди “сабз”–қадами устувор дар самти тағйирёбии иқлим/[Захираи электронӣ]/ https://old.mts.tj/?p=10204

ИНТЕГРАЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В РЕАЛИЗАЦИИ РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ

САЛИХОВ ДЖАМШЕД БОБОХАЛИЛОВИЧ,
заместитель начальника Управления экономических отраслевых проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел: (+992) 904-14-03-14; e-mail: salikhov9696@mail.ru

Как известно, Таджикистан и Китай связывают многолетние исторические отношения, давняя дружба и добрососедство. Внешняя политика Республики Таджикистан формируется в рамках защиты национальных интересов, исторических и культурных ценностей, в созидательной политике Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона и постоянно укрепляется в рамках соответствующих региональных и международных нормативных документах с целью расширения экономических, политических, культурных и исторических связей.

Таджикистан и Китай занимают широкие позиции в решении важнейших вопросов внешнеполитического и экономического сотрудничества, занимают равные или близкие позиции во влиятельных региональных и международных организациях, включая ШОС, ООН, ОБСЕ, Европейский Союз и другие влиятельные мировые организации.

В системе развития экономической дипломатии, в мировом опыте отношения между Таджикистаном и Китаем в современных условиях стали еще крепче, и стороны расширяют сотрудничество в рамках национальных возможностей и интересов в важных сферах жизни общества. Поэтому можно с полной уверенностью сказать, что отношения между Таджикистаном и Китаем в рамках плана продвижения инициативы «Один пояс, один путь» и «Национальной стратегии развития Таджикистана на период до 2030 года» будут постоянно и постепенно углубляться и расширяться с учетом современных реалий.

Ключевые слова: *зеленая экономика, зеленая энергетика, региональные и международные организации, внешняя политика, национальная экономика, взаимовыгодное сотрудничество, соглашения, внешняя торговля, экономическое развитие, расширение сотрудничества, инвестиции, зеленая энергетика, регион, перспектива.*

INTEGRATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA IN THE IMPLEMENTATION OF "GREEN" ECONOMY DEVELOPMENT

SALIKHOV JAMSHED BOBOKHALILOVICH,
Deputy Head of the Department of analysis of sectoral economic development issues of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992) 904-14-03-14; e-mail: salikhov9696@mail.ru

It is known that Tajikistan and China are linked by long-standing historical relations, long-standing friendship and good-neighborliness. The foreign policy of the Republic of Tajikistan is formed within the framework of protection of national interests, historical and cultural values, under the guidance of wise, peace-loving, constructive and creative policy of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon and is constantly strengthened within the framework of relevant regional and international normative documents in order to expand economic, political, cultural and historical ties.

Tajikistan and China have broad positions in addressing the most important issues of foreign policy and economic cooperation, hold equal or close positions in influential regional and international organizations, including the SCO, the UN, the OSCE, the European Union and other influential world organizations.

In the system of development of economic diplomacy in the world experience, the relations between Tajikistan and China in modern conditions have become even stronger, and the parties are expanding cooperation within the framework of national capabilities and interests in important spheres of society. Therefore, it can be said with full confidence that the relations between Tajikistan and China within the framework of the "One Belt, One Road" initiative promotion plan and the "National Development Strategy of Tajikistan for the period up to 2030" will be constantly and gradually deepened and expanded taking into account modern realities.

Keywords: *"green" economy, "green" energy, regional and international organizations, foreign policy, national economy, mutually beneficial cooperation, agreement, foreign trade, economic development, expanded cooperation, investment, region, perspective.*

УДК: 004:330.46(575.3)

ИМКОНИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛОТӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА МИЛЛӢ

АБДУЛЛОЕВ УМАРҶОН ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи система ва технологияҳои иттилооотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев 63/3;
тел.: (+992) 98-906-64-64 ; e-mail: abdulloev_umar_h@mail.ru

АЛИҚУЛОВ АЛИШЕР РАИМБЕРДИЕВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент, мудири кафедраи система ва технологияҳои иттилооотии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63/3;
тел.: (+992) 98-839-38-38 ; e-mail: alisher.alikulov.80@mail.ru

Дар мақола муаллифон доир ба имкониятҳои технологияҳои иттилотӣ дар рушди иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили қарор доданд. Онҳо қайд мекунанд, ки рушди иқтисоди рақамӣ дар иқтисоди миллӣ аз истеҳсолкунандагони молу хидматрасониҳо ва муносибатҳои истеъмолкунандагон оид ба рушди тиҷорати электронӣ, коҳиш додани харочот ва масраф кардани вақт бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад. Чунки заминаи рушди иқтисоди рақамӣ аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ вобастагӣ дошта, истеъмолкунанда метавонад, ки хидматрасониҳо аз порталҳои Web (серверҳои тиҷоратӣ) кластерҳои рақамии (дар заминаи платформаҳои ракамӣ) истифода кунанд. Ташкили платформаҳои рақамӣ барои рушди тиҷорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол марҳалаи рушдро тай мекунад. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки барои таҳиягарони платформаҳои рақамӣ бевосита донишҳои забонҳои барномасозӣ ва маълумот дар бораи ҳолати бозори маҳсулоти рақамӣ ва платформаҳо лозим мегардад.

Калидвожаҳо: *иқтисоди рақамӣ, рушди иқтисоди миллӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, технологияҳои нав, технологияҳои муосири истеҳсолӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ, платформаҳои рақамӣ ва бозори маҳсулоти рақамӣ.*

Вобаста бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 октябри соли 2021 Барномаи давлатии миёнамуҳлат оид ба рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қарор қабул карда шуд, ки

ин барнома барои рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ заминаи мусоидро фароҳам овард. Дар ин раванд дар Ҷумҳури Тоҷикистон як қатор корҳо ба сомон расонида шудааст. Барномаи қабул кардашуда барои боз ҳам фароҳам овардани шароити мусоит барои рушди ҷомеъа, баланд бардоштани савияи дониши шаҳрвандон дар ҷумҳурӣ, сайқал ва баланд бардоштани некуаҳволӣ, беҳтар намудани сифати зиндагии шаҳрвандони мамлакат бо роҳҳои зиёд кардани дастрасӣ ба низомҳои иттилоотӣ доир ба молҳо ва хидматрасониҳо дар иқтисоди рақамӣ, истифодаи технологияҳои муосири истеҳсолӣ, баланд бардоштани огоҳӣ ва саводнокии рақамӣ, такмил додани дастрасӣ ва сифати хидматрасониҳои давлатӣ барои шаҳрвандон ва инчунин, амнияти дохили кишвар ва берунаро мусоидат мекунад. [1]

Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои омодакардашуда барои рушди иқтисодӣ миллӣ аҳаммияти бузург дорад. Ба ғайр аз ин, ба тағйироти сифатӣ дар илм ва технология равона карда мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани қобилияти давлат ва ҷавобгӯй будан ба чолишҳои калон, ки дар умум, ба маҷмуи мушкилот ва таҳдидҳо рӯ ба рӯ мегардад, ки миқдори зиёди захираҳо имкони коркарди онҳоро ҳал ё бартараф карданро наметавонад. Аз ин рӯ, барои ворид намудани чунин тағйирот нақшаҳои дарозмудат лозим аст. Яке аз марҳалаҳои асосии “Барномаи давлатии рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ва то соли 2030 эҳтимоли гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва технологияи истеҳсоли рақамӣ, низомҳои роботсозӣ, интеллектуалӣ, эҷоди системаҳои коркарди маълумотҳои ҳаҷми калон, омӯхтани забони мошин ва зеҳни сунъӣ дар бар мегирад. Вақте сухан дар бораи муҳимтарин воситаҳо барои инкишоф ва амалисозии чунин муносибатҳо меравад бевосита ҳамгирои илм ва технологияҳо мебошад.

Дар рушди иқтисоди рақамӣ нақши асосиро технологияи зеҳни сунъӣ мебозад, ки аксар вақт ба кор бурда мешавад. Мавриди қайд аст, ки дар раванди истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳои молӣ ва пулӣ дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, мавриди қайд аст, ки технологияи зеҳни сунъӣ (AI) дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми асосиро хоҳад гузашт. [4].

– внедрение инновационных передовых технологий и методов ведения сельского хозяйства (например, умные фермы, блокчейн для прозрачности бизнеса, использование дронов для мониторинга полей и интеллектуальные системы орошения в сельском хозяйстве с использованием датчиков).

– поддержка со стороны государственных структур и международных организаций в виде субсидий и налоговых льгот для агротуристов.

Таким образом, использование современных технологий и внедрение цифровых решений позволит повысить конкурентоспособность агротуристических объектов, также может способствовать не только росту

числа туристов, но и улучшению качества жизни местного населения, особенно путём создания новых рабочих мест в сельской местности. Однако для достижения устойчивого успеха необходимо преодолеть существующие проблемы и активно развивать инфраструктуру и образовательные программы. В первую очередь, для успешного развития особенно необходимы комплексные меры со стороны государств, бизнеса и общества.

ЛЕТЕРАТУРА

1.Казначеева С.Н. Агротуризм как одно из перспективных направлений индустрии туризма. Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. 2017.№3(часть2) С. 248-252 URL https//appled-research.ru

2.Ross P. 2021 «Towards a 4th industrial revolution». https://www. tandfonline.com Taylor & Francis Online.

3.Ердавлетов С.Р. География туризма Казахстана: монография. - 2-е изд., доп. и перераб. – Алматы: Қазақ университеті, 2015. С.108– 180.

4.Шэкен А.Ш. Детерминанты развития агротуризма в Алматинской области. Республика Казахстан. Алматы, 2024. –158 с.

5.Мендибаев.Н Развитие сельских территорий Кыргызстана как будущая стратегия. Журнал. Наука и образование сегодня, 2019.

6.Тулабоев А.К. Экономическое воздействие цифровизации на развитие аграрного сектора в Узбекистане. 2025. КиберЛенинка https://cyberleninka.ru

7.FAO Knowledge Repository https://openknowledge.fao.org PDF Внедрение цифровых технологий в сельском хозяйстве и сельских районах. 23 сент. 2023 г.

8.ESCAP https://www.unescap.org PDF Инновации и технологии для устойчивого развития.28 июнь 2024 г.

9.Анваров Н.А. Основные особенности организации смарт-агротуризма в Узбекистане. 2023 г. ResearchGate https//www.researchgate.net

10.Rolandi, S. 2021. The Digitalization of Agriculture and Pugal Areas: Towards a Taxonomy of the Impacts. MDPI https://www.mdpi.com

РУШДИ АГРОТУРИЗМ ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

САЛИМОВ ХУРШЕД САФАРОВИЧ,
корманди илмии Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии
рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзиии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”;
тел.: (+992)-93-337-85-55; e-mail- khurshedsalimov@inbox.ru

Сайёҳии агарарӣ як шакли беназири сайёҳӣ аст, ки унсурҳои кишоварзӣ ва фаъолияти сайёҳиро муттаҳид мекунад. Дар мақолаи мазкур дурнамо ва мушкилоти рушди сайёҳии агарарӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ки тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро

мегирад, баррасӣ шудааст. Дар ин мақола вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои асосии истифодаи технологияҳои рақамии сайёҳии аграрӣ дар минтақа, инчунин, дурнамо ва таъсири технологияҳои рақамӣ ба ин бахш, яъне ба ҷараёни сайёҳӣ, маркетинг ва ҳамкории муштариён таҳлил карда мешавад. Намунаҳои таҷрибаҳои муваффақро дида баромада ва тавсияҳо доир ба татбиқи қарорҳои рақамӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии хоҷагиҳои кишоварзӣ пешниҳод карда мешаванд.

Калидвожаҳо: *сайёҳии аграрӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, Осиёи Марказӣ, технологияи рақамӣ, технологияи иттилоотӣ, технологияи информасионӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК).*

DEVELOPMENT OF AGRO-TOURISM IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES IN THE CONDITION OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY

SALIMOV KHURSHED SAFAROVICH,
Researcher at the Institute of Economics and Systems Analysis of Agricultural Development of the Academy of agricultural sciences of the Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 21 “A”;
tel.: (+ 992-37) 93-337-85-55; e-mail: khurshedsalimov@inbox.ru

Agro-tourism is a unique form of tourism, which combines elements of agriculture and tourism activities. This article examines the prospects and challenges of developing agro-tourism in Central Asian countries in the condition of digitalization of the economy, which covers all spheres of life. This article analyzes the current state and main trends in the use of digital technologies in agro-tourism in the region, as well as the prospects and impact of digital technologies on this sector, that is, on tourist flows, marketing and interaction with customers. Examples of successful practices are reviewed and recommendations are made for implementing digital solutions to increase the competitiveness of agricultural farms.

Keywords: *agro-tourism, digitalization of the economy, Central Asia, digital technologies, information technology, information and communication technologies (ICT).*

УДК: 130. 3 (575.3) – (575.1)

ДИДГОҲИ ҲИЗБҲОИ СИЁСИИ МУОСИР НИСБАТИ ҶОЙГОҲИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР МАФКУРАИ ОНҲО

ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 911-01-58-58; e-mail: mukhibullo@mail.ru

ФАТТОҲЗОДА САИДМУРОД,
доктор философских наук, профессор, мушовири директори Маркази
татқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 93-701-77-46; e-mail: fattoev2007@mail.ru

Маълум аст, ки дар равандҳои сиёсӣ амалкарди фаъолиятҳои сиёсӣ дар пояи арзишҳои ахлоқӣ самараи мусбатро ба бор меоваранд. Дар мақола ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи амалкунии арзишҳои ахлоқӣ баррасӣ шуда, як қатор мафкураҳои ҷаҳони муосир, аз қабили консервативизм, либерализм ва неолиберализм, сотсиализм, фундаментализм ва ғайраро таҳлил намуда, тафовутҳои асосии онҳоро нишон додааст. Муаллиф махсусан ба он диққат медиҳад, ки мафкураи консервативизм бо арҷгузории арзишҳои классикии ахлоқӣ дар як қатор давлатҳои ҷаҳонӣ тавонист, ки зимоми ҳокимияти сиёсиро соҳиб гардад. Имрӯз ҳамон низомҳои сиёсие дар давлатҳо асосҳои устувори қонунӣ, машруъият пайдо мекунад, ки агар ба арзишҳои бунёдии ахлоқи ҷомеа эҳтиром гузоранд ва дар пайи ҳифзу рушди онҳо талош варзанд. Низомҳои сиёсие, ки ғояи баръаксро ҷонибдорӣ мекунанд, аз чунин дастгириҳои давлатҳо маҳрум мегарданд.

Дар баробари мафкураи консервативӣ мафкураи либералӣ ва неолиберализм қарор доранд, ки арзишҳои мухолифро ҷонибдорӣ намуда, рушди демократияро дигар хел тасвир менамоянд. Тафовути дарки демократия миёни ҳизбу давлатҳои мухталиф ба муноқишаҳои фарҳангӣ меорад ва ҳар давлат ё гурӯҳи давлатҳо мехоҳанд дурустӣ ва бартарии арзишҳои ахлоқии худро нисбат ба дигаре нишон диҳанд.

Ҳизбҳои сиёсии дар Тоҷикистон амалкунанда низ дар пояи ҳифз ва амалкарди арзишҳои ахлоқии мушаххас, ки дар барномаю ҳуҷҷатҳои онҳо инъикос гаштаанд, фаъолияти худро амалӣ мекунанд. Муаллиф бештар ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон диққат дода, барнома ва кодекси ахлоқии ҳизб ва ахлоқи аъзои ҳизбиро мувофиқ ба Кодекси ахлоқии ҳизб ва Одобномаи аъзои ҳизб матраҳ намудааст. Риояи онҳо нуфузу эътибори ҳизбро

дар ҷомеа таҳким мебахшад, ки ин дар навбати худ, дар дурнамои рушди давлат инъикос мегардад.

Калидвожаҳо: *ахлоқ, арзиш, арзишҳои ахлоқӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ахлоқи ҳизбӣ, мафкура, консерватизм, либерализм ва неолиберализм, сотсиализм, фундаментализм, бисёрфарҳангӣ.*

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои дар ин соҳа ҷараёндошта ташкил ва идораи фаъолиятҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Чун фаъолиятҳои сиёсии бо усулҳои ақлонӣ ташаккулёбандаю идорашаванда умдатан, дар арсаи ҳаёти ҳизбӣ мушоҳида мешаванд. Бинобар ин, ҳизбҳои сиёсӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки қоида ва меъёрҳои дар ҷомеа роиҷро дар самти арзиши ахлоқӣ бахшидан, ба фаъолиятҳои ҳизбӣ мақсаднок истифода баранд. Ҳарчанд ин падидаи нав дар фаъолиятҳои ҳибзӣ нест, вале дар замони муосир ҳассоснокию мубрамияти он афзудааст. Яъне дар умум, арзишҳои ахлоқиро бо ҳадафҳои сиёсӣ идеологияҳои сиёсӣ хеле васеъ истифода бурда, аксари қоидаю меъёрҳои ахлоқиро идеологияҳои классикӣ тули даврони ташаккулёбии худ тавонистанд бо ҳадафҳои аслии худ наздик созанд ва дар зеҳни пайравонашон ҷой диҳанд.

Исботи қазовати фавқуззикрро зимни таҳлили муҳтавои асосҳои фалсафии ташаккулёбии якчанд идеологияҳои классикӣ, ба монанди консерватизм, либерализм, сотсиализм, фундаментализм ва ғайра, метавон мушоҳида намуд. Аз ҷумла, ба тариқи хеле боризу равшан ва тасдиққунанда ин зуҳуротро метавонем дар асосҳои фалсафии мафкураи консервативӣ мушоҳида намуд ва дар ин замина, сабаби афзоиши ҷолибияти онро дар ҷомеаҳои имрӯза дарк кард. Зеро пас аз кам шудани мавқеи тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаҳои муосир таъсиру нуфузи мафкураи консервативӣ дар нуқтаҳои гуногуни олам маҳз ба хотири эҳтироми он ба арзишҳои ахлоқӣ дар фаъолиятҳои сиёсӣ афзуда истодааст.

Мафкураи консервативӣ ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқиро дар низоми ҳадафҳои сиёсии худ муҳим меҳисобад ва онро аз принсипи қонунӣ будани ҳокимият, ки аз иродаи мардум бармеояд, алоқаманд месозад. Мантиқан, дар ин маврид танҳо низоми сиёсие асосҳои устувори қонунӣ, машруъият (легетимнокӣ) пайдо мекунад, ки агар ба арзишҳои бунёдии ахлоқи ҷомеа эҳтиром гузорад ва дар пайи ҳифзу рушди онҳо талош варзад. Ба андешаи консерваторҳо низомҳои сиёсие, ки чунин афзалиятҳоро камэътибор мешуморанд ва мафкураҳои аз чунин низомҳо муҳофизаткунанда дар байни доираи васеи мардум дастгирӣ намеёбанд. Маҳз дар заминаи ҳамин баҳс даҳсолаҳои охир рақобати шадиди мафкураҳои умдаи ҷомеаҳои ғарбӣ консерватизм ва неолиберализм пайдо шуд ва имрӯзҳо ба муборизаҳои шадиди сиёсӣ табдил ёфтааст.

Дар авҷи чунин муборизаҳои шадиди сиёсӣ, имрӯзҳо дар аксари мамлакатҳои ғарбӣ ҳизбу ҳаракатҳои консервативӣ ба сари қудрат омада, мавқеи ҳизбҳои тамоюли мафкураҳои неолибералӣ ва сотсиалистидоштаро танг намуда истодаанд. Намунаи барҷастаи он зимоми идоракунии сиёсии кишварҳои Италия, ИМА, Маҷористон, Утриш ва ғайраро ба даст гирифтани ҷонибдорони мафкураҳои сиёсии консервативӣ мебошад. Бинобар ин, ҳизбу ҳаракатҳои тамоюли консервативидошта ошкоро дар барномаҳои интихоботияшон сайъу талошашонро баҳри мустаҳкам кардани пояҳои арзишҳои ахлоқӣ ва ниҳодҳои суннатӣ ҷой дода, онро васеъ тарғиб менамоянд.

Қобили тазаккур аст, ки интихоби чунин усули фаъолияти тарғиботӣ ва усули ҷалби ҳаводорон солҳои охир барои ҳизбҳои консервативӣ натиҷаҳои мусбат дода истодааст. Зеро тайи чанд даҳсолаи охир мафкураи неолибералистӣ ҳифзи арзишҳои анъанавии ҷомеаҳоро як амали монеъшаванда барои таъмини рушди ҷомеаи демократӣ шуморида, баръакс, аз арзишҳои баробариҳои ҷинсӣ, таҳаммулпазирии гуногунии ҷинсӣ, омезиши қавмӣ, озодиҳои маҳдуднашавандаи сиёсӣ ва ғайра, пуштибонӣ менамуд. Дар баъзе аз кишварҳо бо сабаби солҳои дароз дар сари қудрат мондани намояндагони ҳизбҳои неолибералӣ ин арзишҳо ба сатҳи арзишҳои танзимкунандаи фаъолиятҳои расмии давлатӣ низ бароварда шуда, риояи ҳатмии онҳо талаб карда мешуд. Ҳатто дар намояндагиҳои хориҷии баъзе кишварҳо афрохтани рамзҳои хосси ҳаракатҳои чунин арзишҳоро пайравикунанда тадриҷан ҷорӣ карда шуд. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии баъзе кишварҳо барои риоя накардани чунин арзишҳо ҷавобгариҳои маъмурию ҷиноятӣ низ пешбинӣ гардида, то ҳол амал мекунанд. Берун аз марзҳояшон ин кишварҳо бо такя ба сармояи зиёди молиявӣ, фаъолияти ҳам ҳизбҳои ҳамсони худашон ва ташкилотҳои ғайридавлатии ба ном ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро маблағгузорӣ намуда, онҳоро ба вусъати фаъолнокии сиёсӣ даъват менамоянд. Яке аз натиҷаҳои чунин фаъолнокиҳои сиёсӣ боиси зуҳури инқилобҳои ранга дар баъзе кишварҳо гардида, нооромиҳои зиёдро ба вуҷуд овард.

Табиист, ки чунин амалияи сиёсӣ то имрӯз байни оммаи васеи мардум маҳбубияти зиёдро пайдо накардааст ва ин боиси авҷи норозигиҳою бештар ба ҷонибдории ҳизбу ҳаракатҳои консервативӣ майл кардани мардум гашта истодааст. Дар сатҳи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии консервативӣ бошад, бо истифода аз чунин вазъият, даъвоҳои худро ҳамчун сипари муҳофизати арзишҳои суннатии ҷомеаҳо нишон додан, ба яке аз амалҳои муваффақиятомез табдил меёбад.

Намунаи аз ҳама боризтарини аз худ чунин сипартарошии ҳифзи арзишҳои анъанавӣ кардани ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии консервативӣ, фаъолияти Ҳизби Ҷумҳурихоҳони ИМА ба шумор меравад, ки бо ин гуна талошҳо ин ҳизб тавонист на танҳо қудрати сиёсиро ба даст оварад, балки кишварҳои ҳампаймонашро ба риоя накардани чунин арзишҳо муттаҳам созад. Вобаста ба

ин масъала, ноиби президенти ИМА Ҷеймс Дэвид Вэнс дар Форуми амниятии Мюнхен моҳи феврали соли 2025 суханронӣ намуда, кишварҳои ғарбиро ба поймолсозии арзишҳои аслии демократӣ, ки аз ҷавҳари арзишҳои суннатии ғарбӣ сарчашма мегиранд, интиқод намуд. Шореҳони сиёсию коршиносони Федератсияи Русия ин суханронии Ҷ.Д. Вэнсро ҳамчун «ҷанги фарҳангии Амрико муқобили Ғарб» баҳогузорӣ намуданд. Константин Ремчуков баҳси Ҷ.Д. Вэнсро чунин тавзеҳ додааст: «Вэнс дар Конфронси Мюнхен бо интиқод аз озодиҳои аврупоӣ ва равишҳои амниятии он суханронӣ кард. Ӯ гуфт: «Маъмурияти Трамп аз амнияти Аврупо сахт нигарон аст. Ман он қадар аз омилҳои хориҷӣ–Русия ва Чин нигарон нестам. Маро таҳдидҳое, ки аз дохили худи Аврупо бармеоянд, бештар нигарон мекунанд.

Мо мебинем, ки Аврупо аз арзишҳои асосие, ки мо бо он муштарак ҳастем, дур мешавад. Вақте чанде пеш як узви собиқи Комиссияи Аврупо аз он, ки ҳукумати Руминия натиҷаҳои интихоботро бекор кард, таъриф кард ва ҳушдор дод, ки агар ҳама чиз мувофиқи нақша пеш наравад, чунин ҳолат метавонад дар Олмон ҳам такрор шавад, ин гуна изҳорот барои амрикоиҳо ҷанговар менамояд. Вақте судҳои аврупоӣ натиҷаҳои интихоботро бекор мекунанд ва шахсони мансабдор бо чунин корҳо ба кишварҳои дигар таҳдид мекунанд, мо мепурсем: ин кадом стандартҳо мебошанд?» [9].

Ҷ.Д.Вэнс ин андешаҳояшро баъдан чунин баён дошт: «Агар шумо аз интихобкунандагони худ метарсед, пас Амрико ба шумо кумак карда наметавонад ва шумо низ наметавонед барои мардуми Амрико чизе анҷом диҳед. Шумо бояд ваколати демократӣ барои иҷрои вазифаҳоятон дошта бошед. Натиҷаҳои ноком ва беэътимоди интихобот, ки дар онҳо рақибон таҳқир ё сензура мешаванд, ба сиёсатмадорони аврупоӣ ваколати устувор намедиҳанд. На бо сензура ва на бо ҳабси мухолифон ё рӯзноманигорон, ки кӯшиш мекунанд ин ҳақиқатҳоро ошкор кунанд, ваколат ба даст оварда намешавад» [4].

Чунин ранг гирифтани баҳсҳои иттифоқчиёни деринро бо такя аз ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқӣ дар мафкурасозии сиёсии ҷомеаҳо аксари коршиносон ҳамчун «ҷанги фарҳангӣ» унвон намуданд: «Мо нишонаҳои оғози «ҷанги фарҳангҳо»-ро мушоҳида мекунем. Ҷанги фарҳангҳо (Culture wars – ё ҷангҳои фарҳангӣ) – истилоҳест, ки ба низоъ байни гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ишора мекунад ва иллати он ихтилоф дар арзишҳои фарҳангӣ, анъанаҳо ва идеологияҳо нуҳуфтааст. Ин истилоҳ одатан, дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки баҳсҳо оид ба масъалаҳои фарҳангӣ ҷомеаро ба ду гурӯҳи мухолиф тақсим мекунад. Ин гуна низоъҳо бештар ба масъалаҳои ахлоқ, дин, сиёсат, маориф ва дигар ҷанбаҳои зиндагии фарҳангӣ марбут мешаванд» [9].

Ин андешаро файласуф ва сиёсатшиноси муосири олмонӣ Александр Рар низ тасдиқ мекунад: «Рӯзе намегузарад, ки миёни маъмурияти президенти ИМА Доналд Трамп ва сиёсатмадорони аврупоӣ муноқишаи нав ба миён наояд. Бо

ҳар баҳси нав, суханронии ҷонибҳо тезтару шадидтар мегардад. Кохи Сафед пайваста ва дарднок Иттиҳоди Аврупоро ба ҷойи худ менишонад, вақте ки онҳо кӯшиш мекунанд ҳукумати Амрикоро дар мавриди демократия омӯзонанд. Аврупоиҳо мутмаинанд, ки ахлоқ дар ҷониби онҳост ва бинобар ин, мағлуб шуданашон имконнопазир аст. Дар Иттиҳоди Аврупо ба кадом як сабаб бовар доранд, ки Трамп дар ИМА муваққатист ва ба зудӣ ҳама чиз ба ҳолати пешина бармегардад» [7].

Мавзуи марказии идеологияи либералӣ – вафодорӣ ба шахсият ва орзуи сохтани як ҷомеае мебошад, ки дар он одамон метавонанд манфиатҳои худро амалӣ созанд ва ба комёбӣ ноил шаванд. Либералҳо бар онанд, ки инсон, пеш аз ҳама, як шахсияти мустақил мебошад, ки бо ақлу хирад муҷаҳҳаз шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар шахс бояд аз ҳадди аксари озодӣ бархӯрдор бошад, ба шарте ки ин озодӣ ба дигарон низ расад. Бо вуҷуди ин, ҳарчанд ки шахсиятҳо бояд аз ҳуқуқҳои баробари ҳуқуқӣ ва сиёсӣ баҳравар бошанд, онҳо бояд мутобиқи истеъдод ва заҳматашон подош бигиранд. Ҷомеаҳои либералӣ аз рӯйи ду принсипи асосӣ – конститутсионализм ва ризоияти ом ташкил шудаанд, ки мақсади онҳо ҳифзи шаҳрвандон аз таҳдиди золимии ҳукумат аст. Бо ин вуҷуд, байни либерализми классикӣ ва либерализми муосир фарқи ҷиддӣ вуҷуд дорад. Либерализми классикӣ ба як давлате такя мекунад, ки ҳадди ақал дахолат мекунад ва вазифаи он танҳо ҳифзи тартиби дохилӣ ва амнияти шахсӣ мебошад. Либерализми муосир, баръакс, эътироф мекунад, ки давлат бояд ба мардум кумак кунад, то онҳо тавонанд ба худ ёрӣ расонанд [13, 20].

Либерализм, ҳамчун натиҷаи пош хӯрдани феодализм дар Аврупо ва рушди як ҷомеаи бозорӣ ё сармоядорӣ, ба вуҷуд омад. Аз бисёр ҷиҳат, либерализм орзуҳои табақаи миёнаи рӯ ба боло равонро ифода мекард, ки манфиатҳои онҳо бо қудрати мутлақи подшоҳон ва ашрофи заминдор дар мухолифат қарор дошт. Ақидаҳои либералӣ ҷанбаи ислоҳотталабона доштанд, ки онҳо ислоҳоти амиқ ва баъзан ҳатто тағйироти инқилобиро ҷонибдорӣ мекарданд. Инқилоби Англия дар асри XVII, Инқилоби Амрико дар соли 1776 ва Инқилоби Фаронса дар соли 1789 ҳар яке унсурҳое доштанд, ки хусусияти либералӣ доштанд, гарчанде ки дар он замон калимаи «либерал» ба маънои сиёсӣ истифода намешуд.

Даҳсолаҳои аввали асри XXI нишонаҳои коҳиши нуфузи либерализмро бо худ оварданд. Ин коҳиш, пеш аз ҳама, дар он зоҳир шуд, ки баъд аз расидан ба авҷи густаришаш дар солҳои 2006–2008, паҳншавии демократияи либералии ғарбӣ боздошта шуд ва баръакс, ақидаҳо ва амалкардҳои худкома дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон рӯ ба афзоиш оварданд. Масалан, сарфи назар аз умедҳои аввалия дар мавриди он ки қиёмҳои Баҳори Араб дар соли 2011 ба «соли 1989-и ҷаҳони араб» табдил меёбанд ва демократияро ба Африқои Шимолӣ ва қисмҳои Ховари Миёна меоранд, дар бештари кишварҳои мазкур дар давоми чанд моҳ ҳукумати худкомагӣ барқарор шуд» [13, 22]. Масъалаи мазкур аз ҷониби

муҳаққиқи ватанӣ Хайриддин Усмонзода чунин арзёбӣ шудааст: «Муосирияти ғайрилибералӣ ва муташаккил яке аз самараҳои ғайричашмдошту муҳимми ҳамин гуна ҷустуҷӯйҳо ба шумор меравад, ки он ба рушди бесобиқаи кишварҳои осиёӣ ва дигар кишварҳои дар зинаи рушди колониалӣ қарордошта оварда расонд. Дар ин марҳалаи таърихӣ бештари кишварҳои рушди анъанавидошта, бидуни татбиқи мафкураи либералӣ ба рушди саноатӣ мушарраф шуданд ё дар онҳо нишонаҳои он арзи зуҳур намуданд. Рушди ҷомеаи тоҷикро дар даврони колониализми Русияи подшоҳӣ ва баъдан даврони советии инкишофаш, ба ин шакли муосирият мансуб донистан мумкин аст» [10, 30].

Ҳамин тавр, охири асри XX назарияҳои либералӣ дар бораи демократия бештар ба консенсус дар ҷомеа ва камтар ба ризоят ва иштирок тамаркуз карданд. «Консерватизм» бори аввал дар аввали асри XIX, ҳамчун мавқеи сиёсӣ ё идеологияи фарқкунанда, истифода шуд. Дар ИМА он назари пессимистона ба корҳои ҷамъиятиро ифода мекард. То солҳои 1820 ин истилоҳ барои ишора ба мухолифат ба принсипҳо ва руҳияи Инқилоби Фаронсаи соли 1789 ва дигаргунии васеъ аз ҳокимияти мутлақи подшоҳӣ истифода мегардид. Дар Британия гурӯҳи тории палатаи обшин («House of Commons») ва мухолифини асосии вигҳо батадриҷ бо номи «консервативҳо» машҳур шуданд, ки ин унвон расман соли 1835 ҳамчун номи ҳизб қабул гардид.

Ҳамчун як идеологияи сиёсӣ, консерватизм бо хоҳиши нигоҳ доштани арзишҳо ва муқовимат ба тағйирот ё шубҳа ба он тавсиф мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳарчанд хоҳиши муқовимат ба тағйирот мавзуи доимӣ дар консерватизм мебошад, фарқи онро аз ақидаҳои дигари сиёсӣ тарзи хосси пуштибонӣ аз ин мавқеъ, яъне бо роҳи пуштибонӣ аз анъана, эътиқод ба нокомилии инсон ва кӯшиш барои нигоҳ доштани сохтори органикии ҷомеа зуҳур мекунад. Бо ин вуҷуд, консерватизм як қатор тамоюл ва равияҳоро дар бар мегирад. Тафовути асосӣ дар дохили консерватизм байни он чи ки «консерватизми анъанавӣ» номида мешавад ва «ҳуқуқи нав» («New Right») ҷой дорад. Консерватизми анъанавӣ аз ниҳод ва арзишҳои устувор ҳимоят мекунад, зеро инҳо, ба гуфтаи онҳо: «бофтаи нозуки ҷомеа»-ро муҳофизат мекунанд ва ба инсонҳое, ки амният меҷӯянд, эҳсоси субот ва реша доштанро мебахшанд. Ҳуқуқи нав бошад, бо эътиқод ба давлати неруманд, вале ҳадди ақал амалкунанда, тавсиф мешавад ва озодихоҳии иқтисодиро бо худкомагии иҷтимоӣ пайваст мекунад, ки инро неолиберализм ва неоконсерватизм ифода менамоянд [13, 49-51].

Афкор ва ғояҳои консервативӣ, ҳамчун вокуниш ба суръати афзояндаи тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва тағйироте, ки тавассути Инқилоби Фаронса таҷассум ёфта буданд, ба вуҷуд омаданд. Яке аз изҳороти аввалин ва классикии усулҳои консервативиро метавон дар китоби «Андешаҳо дар бораи Инқилоби Фаронса» («Reflections on the Revolution in France») (1790) [14] аз ҷониби Эдмунд Берк дарёфт, ки дар он ӯ бо андуҳи амиқ аз чолиши инқилобӣ

ба низоми пешина – *ancien régime*, ки як сол пеш рӯй дода буд, ёд мекунад. Дар асри XIX давлатҳои Ғарб таҳти фишорҳое, ки саноатишавӣ ба вуҷуд оварда буд, дигаргун шуданд ва ин дигаргуниҳо худро дар рушди либерализм, сотсиализм ва миллатгароӣ нишон доданд. Соли 1964 дар ИМА аввалин бор номзади ошкоро консервативӣ Барри Голдуотерро ба мақоми президентӣ пешниҳод шуда, маъракаи сиёсӣ бурд. Тасарруфи Ҳизби Ҷумҳурихоҳ аз ҷониби консерваторон дар солҳои 1980 тавассути Роналд Рейган, ки шогирди Голдуотер буд, ба анҷом расид ва баъдан тавассути Ҷорҷ Буш ва Доналд Трамп таҳким ёфт, ҳарчанд консерватизми Трамп, дар беҳтарин ҳолат номутобиқ буд ва бештар дар масъалаҳои иҷтимоӣ, мисли исқоти ҳамл ва муҳофизат зоҳир мешуд, на дар сиёсатҳои молиявӣ [11].

Ҳамин тавр, консерватизм ба маҷмуи муайяни эътиқодҳои сиёсӣ дар бораи инсонҳо, ҷомеаҳои онҳо ва аҳаммияти маҷмуи хосси арзишҳои сиёсӣ асос ёфт.

Сотсиализм, ҳамчун як идеология, бо капитализм мухолифат дошта, ҳамчун кӯшиши пешниҳоди алтернативаи инсонпарварона ва иҷтимоии арзишманд муайян карда мешавад. Дар меҳвари сотсиализм дидгоҳи инсон, ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ, қарор дорад, ки бо инсонияти умумии худ муттаҳид шудаанд. Ин тафаккур ба он ишора мекунад, ки шахсият аз тариқи муошират иҷтимоӣ ва узвият дар гурӯҳҳо ва сохторҳои ҷамъиятӣ шакл мегирад. Аз ин рӯ, сотсиалистон ҳамкориро нисбат ба рақобат бартарӣ медиҳанд. Арзиши марказӣ ва ба андешаи бархе, арзиши асосии сотсиализм–баробарист, бахусус баробарии иҷтимоӣ. Сотсиалистон бар ин боваранд, ки баробарии иҷтимоӣ кафолати муҳимми суботи иҷтимоӣ ва якпорчагии ҷомеа мебошад ва он озодиро пешбарӣ мекунад, яъне талаботи моддиро қонеъ мекунад ва асос барои рушди шахсиро фароҳам месозад [13, с.75].

Бо вуҷуди ин, сотсиализм шаклу равияҳои гуногун ва ихтилофҳои зиёдро дар бар мегирад. Ин ихтилофҳо ҳам ба усулҳои расидан ба сотсиализм (яъне «воситаҳо») ва ҳам ба шакли ҷомеаи ояндаи сотсиалистӣ («мақсадҳо») дахл доранд. Масалан, коммунистон ё марксистон чун одат аз инқилоб пуштибонӣ мекарданд ва мекӯшиданд капитализмро бо таъсиси ҷомеаи бетабақа ва моликияти умумӣ бартараф созанд. Баръакс, сотсиал-демократҳо тарафдори тадриҷияти ислоҳот буданд ва мекӯшиданд бо коҳиши нобаробарии моддӣ ва аз байн бурдани фақр системаи капиталистиро ислоҳ ё «инсонӣ» кунанд.

Дар тули қисми зиёди асри XX ҳаракати сотсиалистӣ ба ду лагери рақиб тақсим шуда буд. Бо вуҷуди ин, ҳар ду шакли сотсиализм дар охири асри XX ба буҳрон мувоҷеҳ шуданд, ки фоҷиаи он – суқути коммунизми анъанавӣ буд.

Дар асли худ, сотсиализм як диди муттаҳидкунандаи инсонҳоро ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ пешкаш мекунад, ки қодир ба рафъи мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тавассути қудрати ҷомеа мебошанд, на танҳо бо кӯшиши шахсӣ. Ин дид коллективистӣ аст, зеро қобилияти инсонҳоро ба амалҳои дастҷамъона

таъкид мекунад, инчунин омодагӣ ва тавоноии онҳоро барои расидан ба ҳадафҳо бо ҳамкорӣ, на тавассути манфиатҳои инфиродӣ талқин мекунад.

Дар замони муосир зуҳури чандин идеологияҳои дигари чолишбарангез низ ҷой дорад, ки намунаи он фундаментализми динӣ мебошад. Термини «фундаментализм» хеле баҳсбарангез аст. Он ба таври маъмул бо исрорпазирӣ, догматизм, ҳокимият, ҳатто хушунат, алоқаманд мешавад. Бо ин сабаб, бисёре аз онҳое, ки ҳамчун фундаменталистҳо тасниф шудаанд, ин терминро ҳамчун одӣ ё пастсарӣ меноманд ва ба ҷойи он, худро ҳамчун «анъанавӣ», «консервативӣ», «евангелистӣ», «исломистӣ» ва ғайра, тавсиф мекунанд. Фундаментализми динӣ аз ин рӯ бо рад кардани тафовут байни дин ва сиёсат хос аст. Ин маънои онро дорад, ки ба назари бунёдгароёни динӣ, аз ҷумла исломи сиёсӣ принсипҳои динӣ ба ҳаёти шахсӣ маҳдуд намешаванд, балки онро ҳамчун принсипҳои ташкилкунандагони мавҷудияти «ҷомеа» (қонун, рафтори иҷтимоӣ ва иқтисод) ва сиёсат мебинанд. Ҳамин тавр, майлҳои фундаменталистӣ метавонанд дар тамоми динҳои бузурги ҷаҳон–насронӣ, ислом, яҳудият, буддизм ва сикҳизм муайян шаванд ва мақсадҳои онҳо сохтани теократия аст, ки дар он давлат бар асоси принсипҳои динӣ сохта мешавад [1].

Салафизм яке аз шаклҳои асосии исломизм аст, ки аз қаринаи мазҳаби суннии аксарият дар ислом ба вуҷуд омадааст. Салафизм, ҳамчун мактаби фикри исломӣ, дар нимаи дуюми асри нуздаҳум рушд кард, ки асосан, дар вокуниш ба паҳншавии ғояҳо ва таъсири Аврупо буд. Тақозои асосии он кашф кардани решаҳои модернизм дар тамаддуни Ғарб буд, бо мақсади нест кардани онҳо. Бо вуҷуди ин, дар ҳоле ки ваҳҳобият барои ҳифзи консерватизм сахт кӯшиш мекард, салафизм ба як ҳаракати фаъол ва инқилобӣ рӯ оварад. Гурӯҳҳои ҷиҳодие, ки аз ҷанг дар Афғонистон дар солҳои 1980 таъсис ёфтаанд, ё илҳом гирифтанд, салафизмро ба як идеологияи муборизаи зидди Ғарб табдил доданд, ки боиси ташкили «салафизми ҷиҳодӣ» гардид.

Дар илмҳои иҷтимоии Тоҷикистон таъсири манфии ин мафкура ба ҳаёти сиёсии низомҳои хусусияти дунявидошта хеле амиқ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Масалан, муҳаққиқи ватанӣ Қ. Нурулҳақов қайд мекунад, ки таблиғи оммавии андешаҳои салафигароӣ бар асоси такфир, ки бар хилофи анъанаҳои мардумӣ–мазҳабии мусалмонони кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Метавонад сабаби барангехтани кинаву адовати динӣ ва низои байнимазҳабӣ ва байнифирқавӣ дар ин кишварҳо гардад [6, 141]. Назари манфиро ба салафия дигар муҳаққиқони ватанӣ низ дар мақолаю корҳои илмии худ қайд намуда, онро шидидан танқид мекунанд [3; 5; 8].

Дар этикаи муосир аксар маврид бисёрфарҳангию таҳаммулгароиро низ ба сифати мафкураи алоҳида нишон медиҳанд. Вале, ба андешаи мо, таҳаммулгароию бисёрфарҳангӣ ҳамчун арзиши муътабар барои танзими муносибатҳои иҷтимию сиёсӣ хизматкунанда дар таркиби аксари мафкураҳо вуҷуд доранд ва чандин моделҳои рақобаткунандаи ҷомеаи бисёрфарҳангӣ

мавҷуд аст. Онҳо ба андешаҳои либерализм, плюрализм ва космополитизм такя мекунанд, ки ҳар кадом тавозуни гуногунеро байни ягонагӣ ва фарқпешниҳод мекунанд [13, 225].

Истилоҳи «бисёрфарҳангӣ» (“multiculturalism”) ба шаклҳои гуногун, ҳам дар маънои тавсифӣ ва ҳам арзишӣ, истифода мешавад. Дар маънои арзишӣ (нормативӣ), бисёрфарҳангӣ маънои дастгирии мусбат, ҳатто ҷашни гуногунрангии дастаҷамъиро дорад, ки одатан, бар пояи ҳуқуқи гурӯҳҳои фарҳангии гуногун ба эҳтиром ва эътироф, ё фоидаҳои маънавӣ ва фарҳангии ин гуногунӣ барои ҷомеаи бузургтар асос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, бисёрфарҳангӣ бештар як «фазои идеологӣ» аст, на як идеологияи сиёсӣ маънои комил. Ба ҷойи пешкаш кардани як ҷаҳонбинии мукаммал, ки дорои назарияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ доир ба «ҷомеаи идеалӣ» бошад, бисёрфарҳангӣ бештар як майдонест барои баҳсҳои муҳимми рӯзмарра дар бораи тавозуни байни гуногунии фарҳангӣ ва ваҳдати шаҳрвандӣ дар ҷомеаҳои муосир.

Бо ин ҳама, метавон мавқеи мушаххаси идеологии бисёрфарҳангиро муайян кард. Мавзуъҳои муҳимми дохили бисёрфарҳангӣ аз постколониализм, сиёсати эътироф, фарҳанг ва ҳувият, ҳуқуқҳои ақаллиятҳо, ваҳдат дар гуногунӣ иборат мебошанд

Ҳамин тавр, бо такя ба тамоюли равандҳои муосир аксари муҳаққиқон идеологияро акнун аз маҷмуи ҳақиқат ва принсипҳое иборат медонанд, ки мо аз рӯйи онҳо зиндагӣ мекунем ва бо дигарон муносибатҳои гуногунҷанба барқарор месозем [15, 8]. Ба андешаи сиёсатшинос ва файласуфи амрикоӣ З.Леор: «Фарқ надорад, ки рисолати идеологии мо қадимист ё нав, динӣ аст ё дунявӣ, муҳофизакорона аст ё ақибгароёна, ба таври рақамӣ интиқол ёфтааст ё дар шакли зинда, он моро омода месозад, ки дурустро аз нодуруст, некро аз бад, қарорҳои ахлоқиро аз бемаъногӣ ё худписандӣ фарқ кунем» [15, 9].

Дар робита бо таҳлилҳои фавқуззикр, лозим ба таъкид аст, ки ҳизбу ҳаракатҳои имрӯз дар Тоҷикистон амалкунанда низ вобаста ба мақсадҳои фаъолияташон ва ҷалбу муттаҳид намудани оммаи васеи мардум дар атрофи ин ҳадафҳо ниёз ба эълони пуштибонӣ аз арзишҳои муайяни ахлоқӣ низ доранд ва талош меварзанд инро нишон диҳанд. Мусаллам аст, ки ин арзишҳо дар барномаю ҳуҷҷатҳои муҳимми ҳизбҳо инъикос меёбанд ва онҳо бо такя ба ин арзишҳо фаъолияти худро пеш мебаранд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар ҳизбу ҳаракатҳои дар Тоҷикистон амалкунанда чанд сол пеш Кодекси ахлоқи аъзои ин ҳизбро қабул намуд, ки қоидаҳои возеҳи рафторро инъикос намуд. Дар навбати худ, ин қоидаҳо ба ташаккули симои мусбати ҳизб, ҳамчун ташкилоти масъулиятнок ва шаффоф, мусоидат намуда, боварии интихобкунандагон ва аҳли ҷомеаро нисбат ба аъзои он афзун мегардонад.

Аз нуқтаи назари рафтори ташкилӣ, дақиқ муайян намудани доираи кормандон ҷиҳати риояи ҳатмии санади мазкур, сарҳадҳои равшанеро ба вуҷуд

меорад, ки дар доираи он ҳар як узви ҳизб масъулият ва интизориҳои худро дарк менамояд. Маҳз ин омил ба риояи фарҳанги масъулиятшиносӣ муосидат менамояд, то ҳар шахс мавқеи худро дар низоми умумии фаъолият эҳсос намояд. Тибқи назарияи шахсияти иҷтимоӣ, аъзои ҳизбе, ки бо арзишҳо ва рисолати он шинос мешавад, аз рӯйи принсипи инсонгароёна аксари меъёрҳои онро риоя мекунад. Зеро риояи меъёрҳои мазкур на танҳо талабот, балки ба хусусияти таркибии рафтори шахсият ҳамчун узви ҳизб табдил меёбад.

Аз ҷониби дигар, риоя намудани Одобномаи корманди ҳизбӣ ҷиҳати пойдор гардондани обрӯю эътибори ҳизб ва боварии интихобкунандагон қатъиян зарур мебошад. Аз ҷумла, ахлоқи роҳбарӣ дар ин замина омили муҳим ба шумор меравад. Маҳз ин санад роҳбаронро муваззаф мегардонад, ки меъёрҳои баланди ахлоқӣ нишон дода, дар навбати худ, ба рафтори кормандон таъсири мусбат расонанд. Мувофиқи назарияи адолат, агар аъзои ҳизб мушоҳида намоянд, ки меъёрҳои ин санад нисбат ба ҳама баробар ва одилона татбиқ карда мешавад, онҳо бештар пойбанди риояи талаботи интизоми меҳнат мегарданд. Яъне омили мазкур аҳаммияти шаффофият ва пайдарпайиро дар татбиқи қоидаҳо нишон медиҳад.

Набояд фаромӯш сохт, ки татбиқи Одобномаи корманди ҳизбӣ муносибати мунтазамро талаб мекунад. Барномаҳои омӯзишӣ ва огаҳӣ доир ба меъёрҳо ба кормандон дар фаҳмидани аҳаммият ва талаботи он кумак мерасонанд. Моделҳои тағйир додани рафтор метавонанд барои таҳияи стратегияҳо дар самти ҷалби кормандон ба раванди мутобиқат истифода мешаванд. Арзёбии мунтазами риояи санади мазкур самтҳои беҳбудиро муайян мекунад ва дар ҳолати зарурӣ сиёсатро мутобиқ мегардонад.

Аз ин рӯ, доираи фаъолияти кормандон ва риояи қатъии санади мазкур ҷанбаи асосии фаъолияти самарабахши ҳизби сиёсӣ мебошанд. Истифодаи усулҳои асоснок дар муайян намудани мавқеъҳо, риояи меъёрҳо ва назорати татбиқи онҳо ба баланд шудани дараҷаи масъулият ва одоби аъзои ҳизб муосидат менамояд, ки ин омил эътимоди ҷомеаро нисбат ба ҳизб таҳким мебахшад.

Зарурати дарки принсипҳои одоби корманди ҳизбӣ дар шароити манзараи муосири сиёсии Тоҷикистон на танҳо муҳим, балки барои таъмини рушди устувори низоми сиёсии кишвар, таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои давлатӣ ва ташаккули меъёрҳои демократӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Принсипҳо, аз қабили қонуният, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ, шаффофият дар фаъолияти ҳизбӣ, таҳаммулпазирӣ, ростқавлӣ ва беғаразӣ, қатъият, кордонӣ ва салоҳиятдорӣ, инчунин пешгирии непотизм ва кронизм, заминаи ахлоқии кормандони ҳизбро ташкил медиҳанд, ки бояд тамоми паҳлуҳои фаъолияти ҳизб дар асоси он ташаккул дода шавад.

Дар робита ба принсипи «ошкорбаёнӣ» дар фаъолияти ҳизбӣ, бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷомеаи муосири иттилоотӣ ошкорбаёнӣ ва дастрасии иттилоот ба шарти зарурии фаъолияти самараноки ҳизбҳо табдил ёфтааст. Намунаҳои кишварҳое, ки сатҳи шаффофияти баланд доранд, нишон медиҳанд, ки ошкорбаёнӣ ба коҳиши фасод ва баланд бардоштани масъулияти сиёсатмадорон дар назди ҷомеа мусоидат мекунад. Маҳз принсипи мазкур имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон майдонҳои муколамаи ошкоро миёни ҳизбҳо ва шаҳрвандон эҷод гардида, сатҳи ҷалби ҷомеаро ба равандҳои сиёсӣ ба таври қобили мулоҳиза боло барад.

Ҳамин тавр, дарки воқеӣ ва риояи принсипҳои ахлоқи кормандони ҳизбӣ шарти зарурии фаъолияти суботкоронаи ҲХДТ мебошад. Ин принсипҳо на танҳо ба таҳкими эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои сиёсӣ мусоидат мекунанд, балки барои рушди устувори кишвар дар баробари чолишҳои ҷаҳонӣ ва мушкилоти дохилӣ замина фароҳам меоваранд. Дар хотир доштан лозим аст, ки одоб на танҳо маҷмуи қоидаҳо, балки асоси ташаккули рафтори масъулиятноки ҳар як намояндаи ҳизб ба манфиати халқ ва давлат мебошад.

Риояи қоидаҳои рафтори корманди ҳизбӣ, ҳамчун уҳдадорие, ки дар Одобномаи корманди ҳизбӣ пешбинӣ шудааст, ба сифати меъёри расмӣ, унсури муҳимми таъмини қонуният ва эътимод ба ҳизбҳои сиёсӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа мебошад. Ба андешаи файласуфи немис Албert Швейтсер: «Этикаи воқеӣ на танҳо дар сухан, балки дар рафтору амал намудор мегардад» [12]. Яъне риояи қоидаҳои рафтор корманди ҳизбиро уҳдадор месозад, ки дар амал намунаи воқеии шахсияти ҳизбӣ бошанд.

Таҷрибаи муваффақ дар як қатор кишварҳо нишон медиҳад, ки риояи меъёрҳои ахлоқӣ на танҳо обрӯйи ҳизбҳоро бештар ва беҳтар мекунад, балки рақобатпазирии онҳоро дар арсаи сиёсӣ низ афзоиш медиҳад. Масалан, дар баъзе кишварҳои демократии Аврупо таҳия ва татбиқи кодексҳои ахлоқии кормандони ҳизбӣ боиси коҳиши назарраси фасод ва афзоиши шаффофият дар равандҳои сиёсӣ гардид.

Дар шароити Тоҷикистон риояи қоидаҳои рафтори кормандони ҳизбӣ бо дарназардошти хусусиятҳои таърихию фарҳангии мамлакат аҳаммияти сарнавишт-созро касб намудааст. Меъёрҳои ахлоқие, ки дар Одобномаи корманди ҳизбӣ пешбинӣ шудаанд, ба шароит ва воқеиятҳои маҳаллӣ мутобиқ гардонида шудаанд, ки ба фароҳам овардани фазои устувор ва фарогирандаи сиёсӣ мусоидат мекунанд. Намунаҳои воқеии ташаббусҳои муваффақе, ки ба баланд бардоштани масъулияти ахлоқии кормандони ҳизб нигаронида шудаанд, барои таҳияи механизмҳои самарабахши назорати риояи ин стандартҳо асос шуда метавонанд.

Дар маҷмуъ, Одобномаи корманди ҳизбӣ қисми таркибии раванди кунунии сиёсӣ буда, ҳамкории мутаносиби ҷонибҳои дохилӣ ва берунии ҳаёти ҳизбиро таъмин менамояд. Аҳаммияти он бо чаҳорчӯбаи расмӣ маҳдуд

нагардида, ба фарҳанги созмондиҳии ҳизб амиқ ворид шуда, арзишҳо ва афзалиятҳои онро ташаккул медиҳад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тамоюли афзояндаи чолишҳои сиёсӣ, мавҷудияти чунин санад на танҳо матлуб, балки шарти зарурии фаъолияти муваффақи ҳизбҳо дар ҷаҳони муосир мебошад.

Арзёбиро нисбати ҳадафҳои бо меъёру арзишҳои писандидаи ахлоқӣ истеҳкомёфтаи ҲХДТ муҳаққиқ А.Азизӣ чунин баён намудааст: «Таблиғ ва истифодаи арзишҳои маънавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ миёни аҳолӣ ва муқобилият намудан ба таҳоҷуми фарҳанги бегона, яке аз вазифаҳои муҳимму муқаддаси сохтори ҳизбии мо ба шумор меравад. Дорои таъриху фарҳанги ғановатманду қадима будани миллати мо барои соири ҷаҳониён маълум аст. Ин арзишҳои пурқимати маънавиро бояд дар шароити ҷаҳонишавӣ самранок истифода намоем» [2, 34].

Ҳамин тавр, зарурати таърихӣ ҳамеша дар заминаи талаботи марҳалаи муайяни рушди ҷомеа ташаккул ёфта, дар мундариҷаи шуури ҷамъиятӣ ба таври хос инъикос меёбад ва онро соҳибназарону субъектҳои фаъоли таърихӣ бо интихоби намунаи беҳтарини роҳи рушди минбаъдаи ҷомеа амалӣ мегардонанд. Таъмини ҷанбаи ахлоқии фаъолияти ҳизбӣ маҳз аз дарки нозукбинонаи зарурати таърихии марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҷомеа сарчашма гирифта, орзую омоли мардуми ин сарзаминро барои истеҳкоми минбаъдаи пояҳои давлатдории миллӣ, амалӣ мегардонад.

АДАБИЁТ

1. Абдухалилзода К. Ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷомеаи миллӣ: мушкилот ва дурнамо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj/ (санаи мурочиат: 07.04.2025).

2. Азизӣ А. Ҳизби пешбар ва раҳнамо / А. Азизӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2024.

3. Баротзода Ф. Бархӯрди ифротгароии салафӣ бо мактабҳои суннатии динию мазҳабӣ дар Тоҷикистон / Ф. Баротзода // Маҷмуаи мақолаҳои Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ». – Душанбе: Дониш, 2015.

4. Вэнс: Если демократия зависит от рекламы в соцсетях, то грош ей цена [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://eadaily.com/ru/news/2025/02/14/ (дата обращения: 07.04.2025).

5. Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022.

6. Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он / Қ. Нурулҳақов. – Душанбе: Сарбоз, 2018. – 148 с.

7. Рар А.: США в спорах о демократии больно ставят Европу на место [Электронный ресурс].–Режим доступа: https://vz.ru/news/2025/3/18/1320833 .html/ (Дата обращения: 07.04.2025).

8. Раҳнамо А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон / А. Раҳнамо. – Душанбе: Ирфон, 2011.

9. Ремчуков К. В Мюнхене разорвалась бомба «войны культур» между США и ЕС. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.ng.ru/politics/2025-02-16/1_9193_munich.html/ (Дата обращения: 07.04.2025).

10.Усмонзода Х. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият / Х. Усмонзода. – Душанбе: Дониш, 2020. – 213 с.

11.Усмонзода Х. Таркиби тасаввури муосири иҷтимоию таърихӣ / Х. Усмонзода. – Душанбе, 2025.

12.Швейцер А. Культура и этика / А. Швейцер. – М.: Прогресс, 1973. – 344 с.

13.Andrew Heywood. Political Ideologies / Andrew Heywood. – London, Macmillan Education Limited, 2021.

14.Edmund Burke. Reflections on the Revolution in France / Edmund Burke. – Bookwire: e-artnow, 2024 – 370 p.

15.Zmigrud Leor. Ideological brain / Zmigrud Leor. – New York: Henry Holt and Company, 2025. – 287 p.

ВЗГЛЯДЫ СОВРЕМЕННЫХ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ ОТНОСИТЕЛЬНО МЕСТА МОРАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ИХ ИДЕОЛОГИИ

ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУХИБУЛЛО ХАБИБУЛЛО,
кандидат философских наук, доцент общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел**.:** (+992) 911-01-58-58; e-mail: mukhibullo@mail.ru

ФАТТОХЗОДА САИДМУРОД,
доктор философских наук, профессор, советник директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 93-701-77-46; e-mail: fattoev2007@mail.ru

Известно, что в политических процессах осуществление политической деятельности, основанной на моральных ценностях, дает положительные результаты. В данной статье рассматривается деятельность политических партий в контексте реализации нравственных ценностей, проводится анализ ряда идеологий современного мира, таких, как консерватизм, либерализм и неолиберализм, социализм, фундаментализм и др., и выявляются их основные отличия. Автор особое внимание обращает на то, что идеология консерватизма с ее акцентом на классические моральные ценности смогла прийти к политической власти в ряде стран мира. Сегодня в государствах

только те политические системы обретают прочную правовую основу и легитимность, которые уважают основополагающие моральные ценности общества и стремятся их защищать и развивать. Политические системы, отстаивающие противоположную идею, такой поддержки со стороны государства не получают.

Наряду с консервативной идеологией, существуют либеральная и неолиберальная идеологии, поддерживающие противоположные ценности и по-разному представляют развитие демократии. Различия в понимании демократии между разными партиями и государствами приводят к культурным конфликтам, и каждое государство или группа государств стремятся продемонстрировать правильность и превосходство своих моральных ценностей над другими.

Действующие в Таджикистане политические партии также осуществляют свою деятельность по защите и реализации определенных нравственных ценностей, которые отражены в их программах и документах. При обсуждении программы и этического кодекса Народно-демократической партии Таджикистана, основное внимание автор уделяет соблюдению этических норм членами партии в соответствии с Кодексом этики партии и Кодексом поведения членов партии. Соблюдение ими этических норм и правил поведения укрепляет влияние и авторитет партии в обществе, что, в свою очередь, отражается на перспективах развития страны.

Ключевые слова: *этика, ценности, моральные ценности, политические партии, партийная этика, идеология, консерватизм, либерализм и неолиберализм, социализм, фундаментализм, мультикультурализм.*

THE VIEWS OF MODERN POLITICAL PARTIES REGARDING THE PLACE OF MORAL VALUES IN THEIR IDEOLOGIES

ZUVAYDULLOZODA MUHIBULLO HABIBULLO,
Candidate of philosophical sciences, Associate Professor of the university-wide Department of Philosophy of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 911-01-58-58; e-mail: mukhibullo@mail.ru

FATTOHZODA SAIDMUROD,
Doctor of Philosophy, Professor, Advisor to the Director of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave.89;
tel.: (+992) 93-701-77-46; e-mail: fattoev2007@mail.ru

It is known that in political processes, the implementation of political activity based on moral values gives positive results. This article examines political parties in the context of the implementation of moral values, analyzes a number of ideologies of

the modern world, such as conservatism, liberalism and neoliberalism, socialism, fundamentalism, etc., and identifies their main differences. The author draws special attention to the fact that the ideology of conservatism, with its emphasis on classical moral values, was able to come to political power in a number of countries around the world. Today, in states, only those political systems acquire a solid legal basis and legitimacy that respect the fundamental moral values of society and strive to protect and develop them. Political systems that advocate the opposite idea do not have such support from states.

Along with conservative ideology, there are liberal and neoliberal ideologies that support opposing values and have different ideas about the development of democracy. Differences in the understanding of democracy between different parties and states lead to cultural conflicts, and each state or group of states seeks to demonstrate the correctness and superiority of its moral values over others.

Political parties operating in Tajikistan also carry out their activities to protect and implement certain moral values, which are reflected in their programs and documents. In discussing the program and code of morals of the People's Democratic Party of Tajikistan, the author pays primary attention to the observance of morals standards by party members in accordance with the Code of Moral of the Party and the Code of Conduct of Party Members. Their observance of moral norms and rules of conduct strengthens the influence and authority of the party in society, which, in turn, is reflected in the country's development prospects.

Keywords: *morals, values, moral values, political parties, party morals, ideology, conservatism, liberalism and neoliberalism, socialism, fundamentalism, multiculturalism.*

УДК: 930.85:130.2(575.3)

МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚИ УСТУРА, ОИН ВА ФАЛСАФАИ БОСТОНИИ ТОҶИКОН – ОРИЁИЁН ДАР КИТОБИ ҲАМДАМ МУМИНҶОНОВ –“ТӮРОН – ГАҲВОРАИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ”

АСРОРӢ МИРЗОШОҲРУХ,
номзади илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21;
тел: (+992) 918-62-92-33; e-mail: asrori53@mail.ru

Дар мақолаи мазкур масъалаи методологияи таҳқиқи ақидаҳои асотирӣ ва афкори динӣ, фалсафаи тамаддуни ориёӣ, ки дар рисолаи доктори илмҳои фалсафа Ҳамдам Муминҷонов “Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни ориёӣ” зикр ёфтааст, баррасӣ шудааст.

Муаллифи рисолаи зикршуда дар асараш доир ба фалсафаи зардуштӣ, паҳлуҳои сарчашмашиносӣ ва диншиносии он маълумоти зарурироварда, дар натиҷаи омӯхтани осори зиёди муътамади илмӣ доир ба китоби Авесто хулоса намудааст, ки ватани тамаддуни ориёӣ–Тӯрон мебошад. Ӯ ҳамчунин, дар рисолаи худ андешаҳои зиддиилмии баъзе олимони нажодпарастро рад намуда, сокинони Тӯрони қадимро аслан мардуми ориёӣ, ки забонашон низ ҳамон забони бостонии баъдан ба паҳлавӣ (форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ) табдил ёфтааст, офарандагони бузурги ҷаҳоншумул медонанд. Дар рисолаи “Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни ориёӣ”-и Ҳамдам Муминҷонов проблемаҳои муҳимми фалсафӣ, илмшиносӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии тамаддуни ориёӣ бо нигоҳи нав баррасӣ шудаанд ва асари мазкур иқдоми зарурӣ дар такмили роҳи худогоҳию худшиносии миллӣ ва дарки беҳтари решаҳои таърихии тамаддуни халқи тоҷик маҳсуб мешавад.

Калидвожаҳо: *методология, рисола, фалсафа, ақидаҳои динӣ, Тӯрон, зардуштия, Авесто, тамаддуни ориёӣ, худшиносӣ, давлатдорӣ, арзишҳои миллӣ.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарашон “Тоҷикон дар оинаи таърих.–Аз Ориён то Сомониён” барҳақ таъкид фармудаанд, ки дар замони муосир, замони ташаккули давлатдории навини миллии тоҷикон, омӯзиши таъриху тамаддуни бостонии миллат омили муҳимми тақвияти асолату ҳувият ва худогоҳию худшиносии миллии мо мебошад. “Сарнавишти ориёиҳо, ки мо, тоҷикон низ бар қатори чандин халқиятҳову миллатҳои мутамаддини олам яке аз меросдорони асили он ҳастем, аз ҷумлаи саҳифаҳои басо рангину шигифтангези таърихи башар аст. Ин тамаддун бо ҳама бурду бохташ барои

миллати мо як рукни асосии таърихи сарнавишт, арсаи будубош, пайдоишу ташаккули нахустин оинҳои давлатдорӣ, ҷавлонгаҳи дину оини яктопарастӣ, ташаккули фарҳангу арзишҳои миллӣ, арсаи худшиносию ҷаҳоншиносӣ гардидааст" [1, 16].

Китоби доктори илмҳои фалсафа Ҳамдам Муминҷонов–"Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни ориёӣ", ки бист сол муқаддам ба табъ расидааст, воқеан ҳам ба саҳифаҳои норавшани таъриху фарҳанги бисёр дури халқи тоҷик, ки аз қабилаҳои дар таърих маъруфи ориёӣ ба вуҷуд омадаанд, бахшида шуда, ба гуфти академик Каромтулло Олимов, аз асарҳои арзишманди миллӣ маҳсуб мешавад ва "як иқдоми зарурӣ ва илмӣ дар роҳи худогоҳию худшиносии миллӣ, дарки беҳтари ҳақиқат ва решаҳои таърихии тамаддуни мо" мебошад [2. 4].

Ин китоби пуразриш аз пешгуфтори мухтасари муаллиф ва панҷ боби мукаммал иборат аст. Муаллиф дар оғоз пешгуфтори хешро ба тавсифи сарзамини Тӯрон бахшида, аввалан, онро сарзамини ориёиҳо ва бахши ҷудонашавандаи Айиряна Ваечаҳ (Ориёвич), дувум, онро сарзамини таваллудгоҳи паёмбари дини нахустини яктопарастӣ, сеюм–ватани ҷавҳари асосии китоби муқаддаси Авесто – Готҳо ва эҳтимолан Ҳаптанҳоити аст, ки аз ҷониби Зардушти Спитамон–паёмбари дини зардуштӣ суруда шудааст, чаҳорум, сарзамине, ки дар он ориёиҳо суннатҳои мазҳабии динии куҳан ва ҷадидро падид оварда, аввалин оташкадаҳои машҳури дини зардуштиро поягузорӣ кардаанд, панҷум, сарзаминест, ки бошандагони тӯронии он таронаҳои китобҳои нахустини муқаддаси ҳиндуҳои бостон –Ведаҳо, бахусус Ригведаро сурудаанд, номида, ин тавсифҳоро ҷамъбаст менамояд, дар асоси маълумоти муаррихон ва бостоншиносон мегӯянд, ки Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни орёӣ, сарзаминест, ки дар он қабилаҳои сакоӣ, аз ҷумла қабилаҳои сакоиҳои шоҳӣ зиндагӣ карда, дар атрофи он дар охири ҳазораи дуюм ва аввали ҳазораи якуми пеш аз милод фарҳанги нотакроре падид овардаанд.

Ин муҳаққиқи дақиқназар ба масъалаи ҳудуди ҷуғрофии Тӯрон фикру ақидаҳои хешро иброз намудааст, ки он низ аз аҳаммияти илмию таърихӣ холӣ нест. Ӯ нигоштааст, ки "Тӯрон дар марҳалаҳои мухталифи таърихӣ ҳудуди гуногуни таърихӣ дошта, дар қаламрави он ҳамаи подшоҳони пешдодӣ ва аксари шаҳриёрони каёнӣ ҳукумат кардаанд. Ӯ навоҳии Ҳафтрӯд (водии рӯдҳои Или, Қаратол, Биен, Оқсу, Лепе, Басканд, Сарканд)"-ро, ки ҷузъи ҷудонашавандаи Тӯрон ва Айиряна Ваечаҳ (Ориёвич) буд, дар тамоми сарчашмаҳои бостонӣ ва нав, яке аз марказҳои тамаддуни бостон шуморида шудааст. Ва бо ҷамъи ин далелҳо файласуфи мо мегӯяд: "Тӯрон–сарзамини муосири Тоҷикистон ва тӯрониён–аҷдоди бевоситаи тоҷикон мебошанд" [2, 5].

Зикр намудан бамаврид аст, ки Ҳамдам Муминҷонов ҳангоми муайян намудани ҳудуди ҷуғрофии Тӯрон аз садҳо сарчашмаҳои мухталиф, бахусус, аз

сарчашмаҳои бостонӣ истифода намудааст, ки ин таҳқиқот, бе шакку шубҳа, арзиши илмии асарро меафзояд.

Муаллифи китоб бо такя ба Авесто ва сарчашмаҳои паҳлавӣ Афросиёбро асосгузори нахустини Тӯрон номида, ҳамзамон, зикр менамояд, ки номи аслии подшоҳи Тӯрон–Афросиёб набуда, зоҳиран, лақабест, ки душманони сиёсиаш ба ӯ додаанд. Афросиёб, Фаросиёк, Фаросиё шакли паҳлавии калимаи авестоии "Франграсян" аст. Франграсян бошад, бадвоҳима, даҳшатнок, ба таҳлука андозанда ва тарсовар тарҷума мешавад. Бар замми ин, муҳаққиқ ба хулосаҳои зер меояд: "Афросиёб – бунёдгузори Тӯрони мустақил дар асрҳои XVI–XV пеш аз милод зиндагӣ карда, онро чандон неруманду муқтадир сохтааст, ки мояи тарсу ҳароси рақибонаш будааст. Мутобиқи таҳқиқоти муҳаққиқони ғарбӣ, номи аслии Афросиёби охирин–Аурвасора (сардори далер, подшоҳи паҳлавон) аст. Номи Афросиёб дар Ромяшт, бандҳои 31-33, омадааст. Агар Афросиёби нахустин беш аз 400 сол пеш аз Зардушт зиндагӣ карда бошад, Афросиёби охирин – писари Пашанг (Аурвисора) қариб дусад сол қабл аз паёмбари ориёӣ умр ба сар бурдааст. Қабилаҳои эронӣ дар замони Афросиёби нахустин аз сарзамини Тӯрон бароварда шуда, дар давраи Афросиёб, писари Пашанг аз Айиряна Ваечаҳ (Орёвич) хориҷ гардиданд".

Муаллиф менависад, ки дар Авесто ғайр аз Афросиёб боз аз як подшоҳи Тӯрон ном бурда шудааст. Номи ӯ Арҷосп (ав. Арећатаспа–дорандаи аспи арҷманд) мебошад. Аз ӯ дар Обоняшт (бандҳои 109, 113), Гушяшт (банди 30), Зомёдяшт (банди 87) ёдоварӣ шуда, хешованди наздики Афросиёб хонда шудааст. Бо ӯ ва Кайгуштосп (ав. Кави Виштоспа) Авесто хатм мешавад. Дар давраи Арҷосп, дар зери фишори қабилаҳои тӯронӣ, қабилаҳои эронӣ аз рӯди Ому гузашта, дар Балх ва гирду атрофи он маскан ихтиёр намуданд.

Ҳамин тавр, агар дар асрҳои XVI–XV пеш аз милод дар доманакӯҳҳои Тяншон ва Помир давлати мустақили Тӯрон дар қаламрави маҳдуде ба вуҷуд омада бошад, он оҳиста-оҳиста доманаи худро густариш дода, мувофиқи сарчашмаҳои паҳлавӣ, бахусус "Ёдгори Зарирон", дар асрҳои XI-X пеш аз милод, тамоми масоҳати шимолии рӯди Ому ба номи Тӯрон маъруф гардид [2, 10].

Муаллиф яке аз сабабҳои таҳқиқи масъалаи фавқ ва таълифи рисолаи хешро ҳамчунон, ба он вобаста намудааст, ки ҳоло "халқҳои тозавориди Осиёи Марказӣ" дар баробари азхуд намудани суннат ва расму анъанаҳои мардумони бостонӣ, кӯшиш менамоянд, ки "таърихи нисбатан кӯтоҳи миллати худро" бо ин гузаштаи пурифтихор вобаста дониста, Афросиёбро қаҳрамони миллии худ ва Тӯронро ватани таърихию бостонии туркҳо ҳисоб мекунанд".

Ӯ ин ақидаву афкори хешро бо мисолҳои зиёде тақвият бахшида, аз ҷумла менависад, ки яке аз чунин миллатгароёни турк Зиё Гек китобе зери унвони "Ориёӣ ва тӯронӣ" таълиф намуда, ориёӣ – тоҷикӣ будани номи Тӯронро инкор

карда, чунин менигорад: “Эй фарзандони Уқуҷхон, он кишваре, ки Тӯрон ном дорад, ҳаргиз аз ёд мебаред... Ватани туркҳо на Туркия аст, на Туркистон, балки ватани онҳо мамлакати бузург ва ҷовидонии Тӯрон аст” [2, 11].

Ҳамин тавр, боз як далели дигареро зикр менамояд: “Ин “донишманди бузург” бозёфтҳои илмии инсониятро зери по мекунад ва тамоми халқу миллиятҳо ҷаҳони муосирро аз шаҷараи насли туркӣ дониста, ба суханони худ чунин идома медиҳад: *“Милали ҳиндуаврупоӣ аслан, шуъбае аз туркҳо ҳастанд ва аз Осиёи Марказӣ, ки сарзамини нажоди турк аст, ба ҷойҳои дигар ҳиҷрат кардаанд. Милали сомӣ низ ба ҳамин нажод мансубанд. Эрониён ва тӯрониёнро ду нажоди мухталиф донистан, ба куллӣ ғалат аст”*.

Донишманди хушном Ҳамдам Муминҷонов омилҳои таълифи китоби “Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни ориёӣ”-ро ҳамчунин, аввалин кӯшиши барқарорсозии ҷуғрофияи Авесто ва бахусус Готҳо–таронаҳои муқаддаси пайғамбари дини нахустини яктопарастӣ номида, онро таҳқиқе барои эҳёи воқеияти таърихи ниёкони халқи тоҷик медонад, зеро онҳо ориёӣ буданд, дар ҳамин сарзамин зиндагӣ карда, бо заҳмату истеъдоди фавқулода ифтихороти бузург ба вуҷуд овардаанд, дар ҳамин сарзамини зебо хок шудаанд ва мо ҳалқаи муосири нажоду насаби онҳо ҳастем. Ва сарчашмаи асосии асари худро адабиёти авестоӣ, бахшҳои гуногуни Авесто, ки дар он маълумоти нодиру нотакрор нуҳуфтаанд, ҳамчунон, маълумот доир ба Зардушт ва замонаш, дар бораи дини маздоии куҳан меномад.

Боби аввали китоб “Хостгоҳи ориёиҳо” ном дошта, ба таҳқиқи масъалаҳои нақши калонтарину сершумортарин хонаводаи забонҳои ҳинду-аврупоӣ ва мақоми он дар ташаккули иҷтимоӣ ва фарҳангии инсоният бахшида шудааст. Зимнан, ёдовар шудан бамаврид аст, ки муаллифи рисола асарашро бо истифодаи афкору ақидаҳои мутахассисони хориҷиву дохилӣ таълиф намуда, доир ба ҳар як масъала далелҳои зиёди илмиро ҳамчун асос зикр месозад. Дар ин ҷода, ӯ асарҳои ховаршиносоне, амсоли Э. Бенвенист, Ж. Дюмезил, И.М. Оранский, Э.А. Грантовский, А.Н. Бернштам, Б. Ғафуров, Ҷ. Оштиёнӣ, М. Бойс ва дигаронро ҳамчун далели илмӣ истифода бурдааст.

Олими тоҷик Ҳамдам Муминҷонов бо истинод ба навиштаҳои мутахассиси маъруфи забоншиносии муқоисавӣ Эмил Бенвенист менависад, ки ин олими фаронсавӣ даврони ташаккули таърихи забонҳои эрониро ба се марҳала тақсим мекунад, вале ҷудо гардондани забонҳои эрониро аз маҷмуи забонҳои ориёӣ ба нимаи дуюми ҳазораи дуюми пеш аз милод нисбат дода, пайдоиши забони ведаҳоро ба охири ҳазораи дуюми пеш аз милод ва забони авестоиро дар бахши аввали ҳазораи аввали пеш аз милод ҳисоб мекунад. Ин донишманди нуктасанҷ ба забонҳои форсии миёна–паҳлавӣ, порсӣ, суғдӣ ва ба забонҳои форсии муосир – форсӣ, курдӣ, пушту ва осетиниро шомил месозад.

Баъд аз муайянсозии марҳалаҳои асосии таърихи забонҳои эронӣ, муаллиф ба таҳқиқи афкори олимони дигар доир ба истилоҳи "аря" пардохта, афкори муҳаққиқони ғарбӣ Гроссман, Бенвенист ва Дюмезилро шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар бахши ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бошад, пажуҳишгари мо доир ба ҳаракати қабилаҳои ориёӣ, макони зист ва шуғли асосии онҳо маълумоти муфидеро гирд оварда, доир ба аввалин шуда ба парвариши асп, ба чорводориву деҳқонӣ, ба истифодаи конҳои маъдан, истеҳсоли тилло, мис ва оҳан машғул будани нахустин қабилаҳои сакоии дар ҳудуди васеи Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекардаро зикр намудааст.

Мавзуи ҳаракати ориёиҳоро шарҳ дода, муаллиф менависад, ки "орё" ё "аря" бахше аз гурӯҳи қабилаҳои ҳиндуаврупоӣ буда, дар ибтидо аз нерумандтарин, сершумортарин ва бофарҳангтарини онҳо буданд. Пас аз омӯзиш, муқоисаи мавқеъҳову ақидаҳо, Ҳамдам Муминҷонов доир ба масъалаҳои маскани ибтидоии ориёиҳо ва хатти сайри ҳаракати минбаъдаи онҳо ақидаи муаллифи "Тоҷикон" академик Бобоҷон Ғафуровро, ки дар бораи сарзамини ибтидоии сукунат ва маркази асосии интишори қабилаҳои ориёӣ Осиёи Миёна ва минтақаи шимолии он буданро дастгирӣ менамояд.

Бахши дувуми боби аввали китоб "Тӯрон – ватани Зардушт" ном дошта, аз таҳқиқи ақидаҳои донишмандону ховаршиносон доир ба зодгоҳи Зардушт оғоз меёбад. Муаллиф менигорад, ки бо вуҷуди он, ки таҳқиқоти Авесто беш аз дусад сол идома дорад, дар бораи зодгоҳи пайғамбари дини нахустини яктопарастӣ ақидаҳо мухталиф ва гуногун мебошанд. Масалан, Бартоломе зодгоҳи Зардуштро шимолу ғарбии Эрон медонад. Ба фикри ӯ, пайғамбар мактаби худро дар Озарбойҷон поягузорӣ карда, баъдан маҷбур гардид ба минтақаҳои шимоли Хуросон ва Афғонистони кунунӣ муҳоҷират намояд. Чун вай дар қаламрави давлати Каёниён қарор дошт, Гуштосп, подшоҳи мамлакат пайрави ӯ гардид ва имон овард. Профессори дигари олмонӣ Гелдиер хостгоҳи паёмбари ориёиро, бино ба таҳлили забони бахши Готҳои Авесто, ба минтақаи байни Порт (Парфия) ва рӯди Ҳинд нисбат медиҳад. Ин ақидаи Гелдиер аз он бармеояд, ки маҳалли пайдоиши Ведаҳо, китоби муқаддаси ҳиндуёни қадим, Ҳиндустон буда, маҳалли пайдоиши Авесторо дар ҳамсоягии он, яъне Систони ҷадид медонад.

Муҳаққиқи дигари ғарбӣ Ҳертел ақида дорад, ки чун падари Дориюш ҳамон Гуштоспи Готҳо дониста мешавад, бинобар он, зодгоҳи Зардушт ғарби Эрон буд ва ӯ ба шарқи Эрон ҳиҷрат намуд. Шарқшиноси дигари олмонӣ Ҳертсфелд бошад, Зардуштро аз хонаводаи салтанати Модҳо ва маҳалли зуҳури ӯро ҳам ин минтақа ташхис додааст. Пажуҳишгари дигари ғарбӣ Ломмел Хоразмро зодгоҳи Зардушт медонад. Чун дар давраи Сосониён Рай ва

Озарбойҷон марказҳои муҳимми дини зардуштӣ буданд, аз ҳамин лиҳоз, баъзе аз ховаршиносон зодгоҳи Зардуштро минтақаҳои мазкур донистаанд.

Донишманди эронӣ Ҷалолиддини Оштиёнӣ ақидаҳои олимонро ҷамъбаст намуда, чунин менависад: “Тақрибан, ҳамаи донишмандоне, ки маҳалли валодати Зардуштро дар ғарби Эрон донистаанд, таҳти таъсири ривояти суннатӣ ва устураи мазҳабӣ қарор гирифта, ҳеч гуна далеле ба ғайри ин ривоятҳо, пешниҳод накардаанд”.

Муҳаққиқи тоҷик Ҳамдам Муминҷонов дар баробари омӯзиши ақидаи олимони зикршуда, ҷонибдории худро ба фарзияи муҳаққиқони эронӣ Меҳрдоди Баҳор, Ҷалолиддини Оштиёнӣ ва дигарон изҳор медорад, ки азбаски Зардушт дар хонаводаи подшоҳони Мод таваллуд шудааст, зодгоҳи ӯ дар Озарбойҷон, дар соҳили кӯли Урумия мебошад. Исми хонаводагии ӯ Спитама, номи падараш Пурушаст ва модараш Дуғду будааст. Тибқи ривоятҳо, Зардушт дар сисолагӣ ба паёмбарӣ маъбус гардида, дар чеҳрааш нури тиллоӣ дурахшон мешаванд. Готҳо–ваҳйҳои худовандӣ ба ӯ дар кӯҳи Сиблон, воқеъ дар Озарбойҷон нозил мешаванд. Вай дар ғарби Эрон дини худро дувоздаҳ сол таблиғ мекунад ва бо сабабҳои тарафдори зиёд пайдо накардану мӯҷиби таъқиби давлатдорон қарор гирифтанаш, маҷбур тарки зодгоҳ мекунад. Зардушт ба шарқи Эрон, навоҳии Балху Хоразм, ҳиҷрат мекунад. Дар Бохтар ба таблиғи дини худ мепардозад ва подшоҳи ин сарзамин Гуштосп ба паёмбарии ӯ имон меоварад ва пуштибонаш мегардад. Зардушт аз Балх ба таблиғи дини худ ба дигар мамлакатҳо мепардозад. Ӯ баъди 35 соли зуҳур ва таблиғи дини зардуштӣ дар ҷанги байни Гуштосп ва Арҷосп–подшоҳи Тӯронзамин, кушта мешавад. Ӯ дар ин ҳангом 77 сол умр дошт.

Вобаста ба маҳалли зуҳуру камолоту тарғиботи Зардушт ва динаш, муаллиф фикру ақидаи зиёда сӣ нафар ховаршиноси Шарқу Ғарбро овардааст, ки аксари онҳо сарзаминҳои Мод, Форс, Бохтар, Суғд, Хоразм, яъне Осиёи Марказиро мансуб медонанд. Дар идома ӯ менависад: “Забон, фарҳанг, топография, этнонимика ва топонимикаи Авесто, бахусус бахшҳои қадимтарини он – Готҳо, Ҳаптанҳоити, яштҳои куҳан (5, 10, 13, 19) бо Тӯрон ва бозмондагони имрӯзаи ориёиҳои бостон–тоҷикон, қаробату наздикии бештар дорад.” Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Ҳамдам Муминҷонов ҳазорсолаҳо дар замони кӯчиши бузурги ҳиндуҳо ба маскани имрӯзаи худ –Ҳиндустон, эрониҳо ба сарзамини Эрони ҳозира кӯчиданд, ягона халқе, ки мушкилоту беадолатиҳо зулму ситам ва таҳоҷуми истилогаронро пушти сар намуда, фарҳангу шарофати ориёии худро ҳифз намуда, дар ватани аҷдодии худ боқӣ монд, халқи тоҷик мебошад. Номи Тӯр ва Тӯрон барои халқи тоҷик аз он лиҳоз муқаддас ҳисобида мешавад, ки ба ғайр аз номҳои аввалини бостонии ватани мо будан, ҳамчунин, зодгоҳи Зардушт – паёмбари дини маздаясно мебошад. Зардушт дар Тӯрон ба дунё омада, аз намояндагони маъруфи қабилаи туйиря мебошад.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои муайян кардани макони Тӯрон низ муаллифи китоб ба назари олимони зиёди ховаршинос рӯ овардааст. Батлимус (Птоломей), ҷуғрофиядони юнонӣ Тӯронро дар навоҳии Хоразм донистааст. Муаррихи асримиёнагӣ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибини Юсуфи Хоразмӣ, ки дар асри даҳуми милодӣ зиндагӣ кардааст, ҳудуди Тӯронро муҷовири рӯди Ҷайҳун муайян кардааст. Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” Тӯронро мамлакати туркҳо ва чиниҳо дониста, маҳалли онро болои рӯди Сир қарор додааст. Дар ҷойи дигар ин сарчашма рӯди Омуро сарҳади байни Эрону Тӯрон муайян кардааст. Муаллиф доир ба ин масъала ҳамчунин, ба Авесто ва дигар сарчашмаҳои бостонӣ муроҷиат намудааст. Ӯ аз ҷумла менависад: “Даштҳои васеи соҳили рӯди Сир, ки дар шарқи баҳри Арал (Хоразм) қарор дорад ва то имрӯз бо номи ҳамвориҳои Тӯрон ёд мешавад, мавқеияти Тӯронро дақиқтар нишон медиҳад. Яке аз далелҳои мувассақе, ки мавқеи байни ду мамлакати бостонӣ – Тӯрон ва Эронро дар давраи подшоҳии Кайхусрав ва Афросиёб нишон медиҳад, бандҳои 53-55-уми Обоняшт мебошад. Тибқи маълумоти ин яшт, ки ҷангҳои охирини Кайхусрав ва Афросиёбро тасвир кардааст, чунин бармеояд, ки дар давраи ду подшоҳи муқтадир тангии Сӯх, ки дар шимоли Исфараи муосир қарор дорад, сарҳади байни Тӯрон ва Эрон буда, доманаи кӯҳҳои Тяншон, Туркистон ва Помир дар қаламрави Тӯрон ва ҷануби он, ки водии Фарғона ва Зарафшон аст, ба ҳудуди сарзамини қабилаҳои эронӣ дохил мешудааст”.

“Тавре ки хоҳем дид,–хулоса мекунад Ҳамдам Муминҷонов, – мавқеияти Тӯрон, ки дар аввал масоҳати маҳдуд дошта, маҳалли маскани қабилаи туйиря ба бахше аз Айиряна Ваечаҳро ташкил медод, дар давраи Луҳросп бо неруманд гардидани Арҷосп тамоми Осиёи Миёнаро дар бар гирифтааст” [2, 81].

Минбаъд таҳқиқи ҳамин масъаларо ривоҷ дода, муаллиф сарчашмаҳои дигари бостонӣ, аз ҷумла ба матнҳои Обоняшт такя намуда, сарҳади хоки мамлакати Эрон, ҳудуди қаламрави сарзамини Кайхусравро қабл аз ҷанги охирин ӯ бо Афросиёб, дар ҷануб, аз Исфараи муосир оғозёфта ва то ба шимол тулкашида муайян месозад. Ба андешаи ӯ, аз минтақаи номбурда ҷудо гардидани сарҳади Эрон ва Тӯронро сарчашмаи дигари бостонӣ–“Дотистон диник” низ таъйид мекунад, дар боби 90-уми банди 6-и он омадааст, ки Кайхусрав оташкадаҳое дар диёри Канг бар қуллаи кӯҳҳои воқеъ дар миёни навоҳии Эрону Тӯрон эҳдос карда буд. Бо набудани маълумот дар Авесто оид ба ҳудуди мамлакати Кайхусрав, тахмин карда мешавад, ки қаламрави ҳукмронии ӯ дар ҳудуди водиҳои Фарғона, Зарафшон ва ҷануби он вусъат ёфтааст.

Муаллиф дар яке аз бандҳои китоб дар бораи Сакистони куҳан ва Систони муосир аз сарчашмаҳои гуногуни бостонӣ ва осори муҳаққиқони муосир маълумоти мухталифро гирд оварда, менависад, ки дар давраи зимомдории Кайхусрав дар Эрон ва Афросиёб дар Тӯрон, воқеан Сакистон ва ё

Сауквастани ибтидоӣ вуҷуд дошта, дар митақаи шимолии хоки Тӯрон будааст. Бо вуҷуди иқрор шудан ба мушкилоти муайянсозии ин маҳал, муаллиф ҳадс мезанад, ки "эҳтимолан, он яке аз навоҳии доманакӯҳҳои Тяншон ва Помир ва ё саргаҳи водиҳои Фарғона ва Зарафшон бошад". Ӯ ин ақидаи худро вобаста медонад ба ақидаҳои авестошиносони машҳури аврупоӣ Эмил Бенвенист, Жорж Дюмземил, Артур Кристенсен, Ричард Фрай, ба ҳамосаҳои классикии тоҷикӣ-форсӣ, достонҳои эпикию паҳлавонӣ, аз қабили "Шоҳнома"-ҳои Дақиқиву Фирдавсӣ, ҳамчунин, ба хулосаи муҳаққиқони рус, аз ҷумла С. Брагинский. Ин сарчашмаҳо баромади Рустамро сакоӣ ва суғдӣ номида, асли Исфандиёр, Зарир, Гуштосп, Каёниён ва пешгузаштагони онҳоро низ суғдӣ ва ҳамчунон бохтарӣ, номидаанд.

Минбаъд дар китоб манзараи ҷанги охирини Кайхусрав бо Афросиёб тасвир шудааст, ки бо кушта шудани Афросиёб, дар муносибатҳои байни тӯрониён ва эрониён тағйироту дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҷолиб он аст, ки Авесто, сарчашмаҳои паҳлавӣ ва суннати маздаясна Кайхусравро паҳлавон ва муттаҳидкунандаи сарзаминҳои ориёӣ ҳисоб менамояд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки роҷеъ ба пирӯзии паҳлавонони эронӣ бар тӯрониён дар дигар сарчашмаҳои бостонӣ, аз ҷумла дар бандҳои 112-113-и Обоняшт, бандҳои 102-103-и Фарвардиняшт, банди 31-и Гушяшт, 84-87-и Зомёдяшт, яснои 12-и банди 7, яснои 23-и банди 2, яснои 26-и банди 5 маълумот дода шудааст.

Дар бахши "Тӯрон ва Эрон"-и китоби "Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни эронӣ", муаллиф суханро аз мавқеи дин дар империяҳои муқтадири бостонии ниёгонамон–Ҳахоманишиниён, Ашкониён ва Сосониён оғоз намуда, менависад, ки дар аввалҳои ҳазораи охири қабл аз милод дини зардуштӣ дини мардуми сарзамин гардид ва ба неруи муқтадири дасти ҳокимони ҳамон замон мубаддал шуд ва илова менамояд, ки хостгоҳи дини зардуштӣ–Тӯрон буд, Готҳо, Ҳаптанҳойити, Яштҳои куҳан ва бахшҳои дигари Авесто хислату табиат, анъана, расму ойин ва муҳити Тӯронро ифода мекарданд. Дар он давру замон,– менависад муаллиф, –Тӯрон бахши марказии Айриряна Ваечаҳро ташкил медод, инъикоскунандаи даврони оғозини ориёиҳо, замони покию порсоӣ, самимияту дӯстӣ, замони матонату далерӣ ва достонҳои паҳлавонии қабилаҳои тӯронӣ ва эронӣ буд. Дар ҳамин бахш муаллиф ҳамчунин, ба таҳқиқи мавзуи ҷиддӣ – иваз намудан ё таҳрири Авестои тӯронӣ ба Авестои эронӣ рӯ оварда менависад, ки "муғон–намояндагони яке аз қабилаҳои модӣ, ки руҳониёни динҳои политеистии маҳаллӣ буданд, ба Авесто, китоби муқаддаси дини зардуштӣ, тағйироту таъдилоти гуногун ворид намуданд. Дар давраи сосонӣ ба хотири сабти китоби муқаддас дар асоси алифбои оромӣ алифбои махсус ихтироъ карда шуда, дар ин марҳала реконструксияи ҳамаҷонибаи китоби муқаддас сурат гирифт. Аз асри III то VI милодӣ бо ин кор сарварони маъруфи

ибодатхонаҳои зардуштӣ, чунин мубадонмубад, мисли Тансар, Картир, Ардонвироф ва Озарподмеҳрсипанд машғул гардида, аз китоби муқаддаси тӯронӣ китоби муқаддаси эронӣ сохтанд" [2, 128].

Ба ақидаи Ҳамдам Муминҷонов, ҳамаи таҳриру воридсозии тағйирот ба китоби муқаддас, ба хотири маҳву нобуд кардани аломату нишонаҳои тӯронии дини куҳан равона шуда буд ва ҳар порае, ки ба замон ва макони зиндагии пайғамбари нахустини яктопарастӣ бевосита ишора мекард, аз миён бардошта шуд. Муғҳо унсурҳои динҳои маҳаллии худро ба дини зардуштӣ ворид карда, сохтор, мазмун ва мундариҷаи онро дигаргун намуданд.

Мутолиаи китоб собит месозад, ки муҳаққиқи мо ин фикру ақидаро бар замми осори бостонӣ, ҳамчунин, аз афкори муҳаққиқоне, амсоли Э. Табарӣ, Ҷ. Оштиёнӣ, И.М. Оранский, А. Кристенсен ва шарқшиноси олмонӣ Зултсер, баҳра бардоштааст. Масалан, ховаршиноси маъруфи рус Н.М. Оранский роҷеъ ба масъалаи фавқ чунин навиштааст: *"Ба хотири танзиму таҳкими маъбади зардуштӣ, бартараф кардани гурӯҳи ҷараёнҳои мазҳабӣ ва ба дин ворид кардани тамоюлҳои дигар, кори бузурги таъдилу таҳрири Авесто оғоз гардид. Бояд ин тағйирот тавре сурат мегирифт, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои руҳониёни баландмартабаи зардуштӣ ва табақаи ҳокими мамлакат бошад"*. Ин олими машҳур сабаби ба осонӣ дигар сохтани матнҳои китоби муқаддасро дар тағйири алифбо ва ба забони мурда мубаддал шудани забони Авестои нахустин, донистааст. Тавассути ин амали нохуб, ки онро авестошиносони машҳури шведӣ Генрих Самюэл Нейберг дастбурд (дуздӣ, ғорат) дар таърихи дини зардуштии ғарбӣ номидааст, таърихи куҳани ойини зардуштӣ аз Осиёи Марказӣ ва Осиёи Миёна ба Порс, ба Мод, ба атрофи кӯли Урумия, ба минтақаҳои шимолу ғарбии Эрони муосир, яъне Отурпоткони даврони сосонӣ ва Озарбойҷони кунунӣ, ба ҷониби кӯли Ҳомун, воқеъ дар бахши ҷанубии Афғонистони муосир ва маҳаллҳои дигар, интиқол ёфт.

Дар матнҳои куҳани Авесто якчанд омилҳо зикр шудаанд, ки мақоми Тӯронро баҳои сазовор додаанд. Аввалан, хостгоҳи дини зардуштӣ Тӯрон маҳсуб мешавад. Дувум, чун Тӯрон бахши муҳимтарини Айряна Ваечаҳ буда, подшоҳони сулолаи пешдодӣ ва аксари каёнӣ дар ҳамин сарзамин ҳукумат кардаанд. Яъне Тӯрон на танҳо ватани Афросиёб, балки ватани ҳамаи подшоҳии сулолаҳои номбурда будааст. Баъдан, тамоми шаҳру мавзеъҳои муқаддаси дини маздоӣ, амсоли Рангха, Гупат, Чаечест, Канҳа, Ҳшатрасука ва ғайра, ки ба давраи Зардушт мутааллиқ буданд, дар қаламрави Тӯрон будаанд.

Чаҳорум, дар асоси маълумоти "Динкарт" (китоби 7, фасли 10, бандҳои 9-10, китоби 9, фасли 22-23), "Дотистон диник" (фасли 90, бандҳои 3-8), "Минуи хирад" (фасли 62) ва дигар сарчашмаҳои динӣ Фрашагирд, яъне Охирзамон ё ба ибораи дигар "азнавсозии ҷаҳон" аз хоки Тӯрон оғоз мегардад.

Ҳамин тариқ, муаллифи китоб хулоса мебарорад, ки зиддияти миёни Тӯрон ва Эрон дар Авесто пас аз дар замони Сосониён ворид намудани тағйироту таъдилот бештар дида мешавад. Дар таҳрири ҷадид исми Афросиёб бо лақаби “Майиря” (мурдор, хабис) аз яснои 11, банди 7 сар шуда, дар тамоми яштҳо ба мушоҳида мерасад. Муаллифи рисола минбаъд бо мисолҳои мухталиф аз сарчашмаҳои бостонӣ зиддияти байни тӯрониёну эрониёнро зикр меннамояд ва хулосаи худро ин тавр иброз менамояд: чун Зардушт аз қавми туйиря, яъне тӯронӣ буд ва дини ӯро подшоҳони Тӯрон қабул накарданд ва ӯ маҷбур гардид, ки ба шаҳриёрони эронӣ муроҷиат кунад”.

Нуқтаи назари олимони аврупоӣ, ки дар рисола зиёд дарҷ шудааст, бори дигар исбот менамояд, ки ворид намудани тағйирот ба китоби муқаддаси Авесто дар баъзе маврид муҳтавои дини зардуштро дигар сохтаанд. Донишманди олмонӣ Шедер навиштааст, ки дар Авестои ҷадид мо ба миқдори зиёди таълиму дастурҳое бархӯрд мекунем, ки поягузори дин кӯчактарин қаробате ба онҳо надорад. Олими дигар Леммел чунин мешуморад, ки муғон, ки вазифаи руҳонии ҷомеаи модҳоро ба уҳда доштанд, пас аз Зардушт барои ҳифзи мавқеияти худ, эътиқод ва бовариҳои хешро бо рукнҳои таълимоти Зардушт якҷо карда, дар дини Зардушт унсурҳои бутпарастиро, ки пояи эътиқоди онҳо буд, ворид намуданд. Зехнер, олими дигари олмонӣ менависад, ки Зардушт як паёмбар буд ва ӯ мисли Исо, Муҳаммад ё Мусо, шоистаи ин ном аст, вале пайравонаш паёми ӯро ба дурустӣ дарк накардаанд.

Авестошиносони маъруфи аврупоӣ Гейгер, Шпигел ва Виндишман навиштаанд, ки агар ба таърих муроҷиат намоем, бо табақае бо номи муғон бархӯрд мекунем, ки дар барандохтани дини зардуштӣ ва дигаргун намудани он нақши асосиро доштаанд, зеро онҳо, пеш аз ҳама, сурудҳои ваҳйшуда ба Зардуштро ба сурати тилисмҳое барои беҳбудии бемориҳо ва агар дар ҳақиқат бошад, ҷиҳати ворид кардани зарбаи марговар ба доктринаи ӯ ба кор бурдаанд. Донишманди англис М. Бойс ин масъаларо чунин натиҷагирӣ мекунад: “Яке аз муҳимтарин бахшҳои таълимоти Зардушт асари зиндаест, ки дар доктринаи масеҳӣ ва мабъаси охират доштааст. Ин таълимот таъсири азиме дар мазҳабҳои баъдӣ намуда ва аз он буддоизм, масеҳият ва ислом баҳрагирӣ кардаанд” [3. 208-209].

Боби дувуми китоб “Низоми тақвими инсон дар Авеста” ном дорад ва дар оғози он муаллиф навиштааст, ки “Устураи офариниши инсон дар китоби муқаддаси динии ниёкони тоисломии мо – Авесто ва адабиёти зардуштӣ сабт гардидааст. Чун дини маздаясна–дини нахустини яктопарастӣ дар ҷаҳон аст, муҳтавои устураи офариниши инсон, ки дар он мундариҷ аст, аз муҳтавои офариниши инсон дар динҳои дигар, бахусус динҳои сомӣ, ба куллӣ фарқ мекунад. Он инъикоси ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии орёӣ аст”. Сипас дар ин боби рисола муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои бостонӣ ба тафсири номҳои Каюмарс,

Маши ва Машёна пардохта, аз ҷумла навиштааст, ки Табарӣ дар таърихи худ дар муқоиса бо матнҳои авестоӣ, ки Каюмарсро асосан, инсони нахустин медонанд, вайро подшоҳи аввалин мехонанд.

Дар бобҳои сеюм ва чаҳоруми рисола низ Ҳамдам Муминҷонов ба тафсири ному кирдори подшоҳони сулолаҳои Пешдодиён ва Каёниён пардохтааст. Вай аз ҷумла дар бораи Афросиёб навиштааст, ки вақте ки Зардушт дар интишори дини нав дар ватани худ–Тӯрон ба мақсад ноил нагардиду мавриди таъқибу таҳдид қарор гирифт, маҷбур шуд назди рақибони сиёсии Тӯрон биравад. Чун ин мазҳаби тӯронӣ ба дасти рақибон қарор гирифт, дар садаҳои баъдӣ, сохтори дини ҷадид дар асоси зиддият ва муқобилгузории ду халқ, ки решаи ягона ва таърихи муштарак доштанд, мураттаб гардид. Пас аз ин ҳатто дар ривоятҳои динӣ ва достонҳои эпикӣ образи манфии Тӯрон ва подшоҳони тӯронӣ ба вуҷуд омад.

Мақоми Афросиёб дар таърихи ташаккул ва тамаккуни Тӯрон ва халқи он ниҳоят бузург аст. Ӯ аз бузургтарин подшоҳон ва номдорони ориёӣ, сарвари маъруфу машҳури тӯронӣ ва аз ниёкони номдори халқи тоҷик аст. Вале чун дини Зардушт ба ихтиёри намояндагони охирини сулолаи каёнӣ қарор гирифт, ба аксари подшоҳону паҳлавонони тӯронӣ, аз ҷумла ба Афросиёб, хислатҳои манфӣ талқин гардид, ҳарчанд, ки ҳам баъзе қисмҳои Авесто ва ҳам дар достонҳои таърихии мо, амсоли “Шоҳнома”, образи Афросиёб нармтар, одилонатар ва мантиқитар зикр шудааст.

Дар боби 5-и китоб, ки “Фалсафаи инсоншиносии зардуштия” ном дорад, Ҳамдам Муминҷонов доир ба масъалаҳои шабоҳат ва тафриқаи фалсафаи бостонии тоҷик ва фалсафаи бостонии Юнони Қадим (то давраи Суқрот)-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст ва ин масъаларо чунин хулоса мекунад:

1. Фалсафаи бостонии ориёӣ ва юнонӣ, ки ба решаи воҳиди маҷмуи ҳиндуаврупоӣ ва анъанаи ғании маънавиии он такя мекунад, қаробати маънавии худро дар ҳазорсолаи охирини пеш аз милод низ ҳифз намудаанд. Мағзи юнонӣ он ғояҳо ва афкореро мепазируфт, ки воқеияти объективиро инъикос карда, ба тарзи ҳаёт ва ба ҷаҳони руҳонии вай мувофиқат намояд.

2. Ақидаҳои гуногун дар бораи он, ки юнониёни қадим то ҳамлаи Искандари Мақдунӣ дар бораи Осиё, бахусус дини зардуштия ва китоби муқаддаси он, маълумоте надоштанд, бо воқеият рост намеояд.

3. Ғояи яктопарастӣ, ки дар фалсафаи Юнони Қадим то асри V пеш аз милод ташаккул ёфта, Ксенофонт онро ҷамъбаст намуд, дар зери таъсири ҳамаҷонибаи дини яктопарастии зардуштӣ қарор дошта, нисбат ба яктопарастии насронӣ мукаммалтар ва нерумандтар буд.

4. Фалсафаи Ориёи Бостон, аз ҷумла фалсафаи Авесто, яке аз сарчашмаҳои муҳим дар пайдоиш ва ташаккули фалсафаи нави юнонӣ будааст.

Муаллифи китоби “Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни ориёӣ” дар охир мақолаи илмиашро бо номи “Авесто ва проблемаҳои умдаи ҷаҳони муосир” бахшида, ба нақши Авесто ҳамчун осори бузурги бостонӣ иншо намуда, мегӯяд, ки Авесто масоилеро матраҳ мекунад, ки бо гузашти ҳазорҳо сол арзиши амалии онҳо кам нагардида, балки дар шароити густариши фаъолияти инсон дар даврони кунунӣ ҷанбаҳои ҷадиде падид овардааст. Авесто бунёди ҳастиро таҷзия ва ҳар яке аз ақсоми онро ба тариқи ҷудогона баррасӣ намуда, роҳҳои минбаъдаи ташаккул ва инкишофи онро тавзеҳ медиҳад.

Ба андешаи муаллиф ҳар як инсон, ҳар як узви ҷомеаи кунунӣ бояд аз ин китоби бостонии муқаддас бардоштҳое, чун:

– маниш ё андешаи нек бо ростию дурустӣ, сарчашмаи гуфтор ва кирдори нек аст. Агар инсон аз маниши нек дар роҳи дурустиву ростӣ истифода кунад, ҳар ду ҷаҳони худро обод ва зиндагиашро бофайзу баракат мегардонад;

– инсон дар зиндагӣ соҳиби ирода ва озодии комил аст. Ақлу хирад, иродаю ихтиёр роҳнамои зиндагии ӯст;

– агар ҳар фард, ҳамарӯза мувофиқи фармудаи виҷдони худ аз рӯйи эҳсоси масъулият амал кунад, зиндагӣ ба куллӣ дигаргун гашта, инсоният ба муваффақиятҳои чашмгир ноил мегардад;

– ҳокимият то замоне вуҷуд дошта метавонад, ки аз уҳдаи идораи одилонаи мардум барояд;

– сулҳ, оштӣ ниҳодани афзори ҷанг – роҳи асосии бартараф кардани ҳар зиддияту муноқиша дар ҳаводиси мухталифи иҷтимоӣ аст;

– ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ ногусастанӣ буда, яке бо дигаре пайванди ҷудонашаванда дорад. Харобии моддӣ боиси нузули фарҳанги маънавӣ гардида, пастӣ – фарҳанги маънавии инсонро ба сатҳи ҷомеаи ибтидоӣ оварда мерасонад;

– табиат, бо вуҷуди тамкин ва фурӯтании беандоза, зӯрӣ ва истисмори шадидро намепазирад. Ҳар зӯру фишори фавқулода ба табиат, зиддияту муқовимати бештари онро падид меоварад. Фаъолияти ҳар инсон бояд бо аносири табиат нақши созанда ва ҳамоҳангӣ дошта бошад.

Ҳамин тариқ, китоби доктори илмҳои фалсафа Ҳамдам Муминҷонов – “Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни орёӣ” асари арзишманди илмӣ буда, бознашри он барои наслҳои муосир ва пажуҳишгарони масоили тамаддуни ориёӣ, дини зардуштӣ ва шиносоӣ бо китоби муқаддаси Авесто муфид ва зарур мебошад.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (нашри дувум). –Душанбе: Ирфон. 2016. –704 саҳ.

2. Муминҷонов Ҳамдам. Тӯрон–гаҳвораи тамаддуни орёӣ. –Душанбе, 2004. –297 саҳ.

3. Бойс М. Зороастрийцы. –Москва, 1998. – С. 208–209.

4. Олимов Карорматулло. Дар қаламрави фалсафа ва сиёсат. –Душанбе: Табъу нашр. 2023.

5. Ҳазратқулов М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам. –Душанбе: Ирфон,1986. –127 саҳ.

6. Ғафуров Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва даврai нав. –Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. –976 саҳ.

7. Оштиёнӣ Ҷ. Зартушт. Мюнхен, 1984.

МЕТОДОЛОГИЯ ИССЛЕДОВАНИЯ ДРЕВНИХ ОБЫЧАЕВ, ОБРЯДОВ И ФИЛОСОФИИ ТАДЖИКОВ-АРИЙЦЕВ В КНИГЕ ХАМДАМА МУМИНДЖОНОВА «ТУРАН – КОЛЫБЕЛЬ АРИЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ»

АСРОРИ МИРЗОШОХРУХ,
кандидат философских наук, главный научный сотрудник отдела истории философии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 21;
тел.: (+992) 918-62-92-33; e-mail: asrori53@mail.ru

В статье рассматриваются вопросы методологии исследования мифологии и философского – религиозного мышления арийской цивилизации, изложенные в монографии доктора философских наук Муминджонова Хамдама «Туран – колыбель арийской цивилизации»

Автор монографии в этой книге приводит обширную информацию о философии зороастризма, истоковедческих, религиоведческих основах этой философии. Изучение и анализ многочисленных научных трудов об Авесте, приводят его к мысли о том, что родиной арийской цивилизации является Туран. Игнорируя в этом труде антинаучные позиции некоторых учёных - националистов, он считает жителей древнего Турана арийцами и носителями древнейших языков, в том числе пехлевийского - предшественника нынешних персидского, дари и таджикского языков. Он считает их созидателями великой мировой цивилизации. В монографии «Туран – колыбель арийской цивилизации» Х. Муминджонов изучает важные философские, религиоведческие, этические и культурные проблемы с новой точкой зрения и данная научная работа играет важную роль в совершенствовании национального самосознания и способствует более глубокому познанию исторических корней цивилизации таджикского народа.

Ключевые слова: *методология, тезис, философия, религиозные верования, Туран, зороастризм, Авеста, арийская цивилизация, самопознание, государственность, национальные ценность.*

METHODOLOGY FOR RESEARCHING THE ANCIENT CUSTOMS, RITUALS AND PHILOSOPHY OF THE TAJIKS - ARYANS IN THE BOOK BY HAMDAM MUMINJONOV–"TURAN - THE CRADLE OF ARYAN CIVILIZATION"

ASRORI MIRZOSHOHRUKH,
Candidate of philosophical sciences, senior researcher of the department of history of philosophy of the Institute of philosophy, political science and law named by A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 21;
tel.: (+992) 918-62-92-33; e-mail: asrori53@mail.ru

The article examines the issues of the methodology of studying the mythology and philosophical - religious thinking of the Aryan civilization, set out in the monograph of the doctor of philosophical sciences Hamdam Muminjonov "Turan - the cradle of the Aryan civilization".

The author of the monograph in this book provides extensive information about the philosophy of Zoroastrianism, the source studies, religious studies foundations of this philosophy , and as a result of studying numerous scientific works on the Avesta, concludes that the homeland of the Aryan civilization-Turan-is the birthplace of the Aryan civilization. Ignoring the anti-scientific positions of some scientists - nationalists in this work, he considers the inhabitants of ancient Turan to be Aryans and speakers of ancient languages, including Pahlavi - the predecessor of the current Persian, Dari and Tajik languages. He considers them the creators of a great world civilization. In the monograph "Turan - the cradle of the Aryan civilization" H. Muminjonov studies important philosophical, religious, ethical and cultural problems from a new point of view and this scientific work plays an important role in improving national self-awareness and contributes to a deeper understanding of the historical roots of the civilization of the Tajik people.

Keywords: *methodology, thesis, philosophy, religious ideas, Turan, Zoroastrianism, Avesta, Aryan civilization, self-awareness, statehood, national values.*

БА МАЪЛУМОТИ МУАЛИФОН

Дар маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният»** мақолаҳо дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафа нашр мегарданд, ки натиҷаи тадқиқоти илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо мебошанд. Ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон тавсия медиҳад, ки ҳангоми ирсоли мақола ба ҳайати таҳририя талаботи зеринро қатъиян риоя намоянд:

1. Мақолаҳо бо тавсияи сармуҳаррири маҷалла ё муовинони ӯ қабул карда мешаванд.

2. Матни мақола бояд дар барномаи **MS Word** бо ҳуруфи **Times New Roman 12 пт** барои мақолаҳои забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода гардида, дар шакли файли электронӣ (дар диск) ва нусхаи чопӣ пешниҳод карда шавад. Барои компютерҳо бо **Windows XP** ва ҳар гуна версияи **MS Office** истифодаи муҳаррири клавиатурии **Keyman** тавсия дода мешавад. Фосилаи байни сатрҳо – **1,15.** Ҳамаи саҳифаҳои дастхат бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

3. Ҳаҷми мақола набояд аз 10 саҳифаи матни компютерӣ зиёд бошад, ба инобат гирифтани матн, ҷадвалҳо, рӯйхатти адабиёт (на бештар аз 15 манбаъ), расмҳо, ки шумораашон на бештар аз 6 адад бошанд.

4. Расмҳо, диаграммаҳо ва аксҳо бояд дар формати ҳамон барномае, ки дар он омода шудаанд, пешниҳод гарданд. Диаграммаҳо дар формати **Excel**, расмҳо ва аксҳо дар формати **JPEG** пешниҳод карда шаванд.

Таҳияи мақола:

1. Саҳифаи аввал бояд дорои маълумоти зерин бошад: Рамзи УДК, ному насаби пурраи муаллиф(он), дараҷа ва (ё) унвони илмӣ, мансаб, номи муассиса(ҳо), ки мақолаи пешниҳодшуда дар он(ҳо) таҳия гардидааст, нишонӣ (почтавӣ ва электронӣ), рақамҳои телефон, номгӯйи пурраи ихтисос.

2. Ихтисоркунии калимаҳо, номҳо ва истилоҳот иҷозат дода намешавад, ба истиснои воҳидҳои ченак, бузургиҳои физикӣ, химиявӣ ва математикӣ, истилоҳот ва ғайра.

3. Иқтибосҳо ба адабиёти истифодашуда дар дохили матни мақола дар қавсҳои мураббаъ (квадратӣ) ишора карда мешаванд, масалан: [1], [1, 3–5]. Рӯйхатти адабиёт (бо унвони "Адабиёт") бо тартиби алифбо таҳия гардида, чунин тарз бояд риоя карда шавад:

– барои китобҳо: ному насаби муаллиф, номи пурраи китоб, ҷилд ё шумора, ҷойи нашр, ношир, соли нашр, шумораи саҳифа ё шумораи умумии саҳифаҳо.

– барои маҷаллаҳо: ному насаби муаллиф, унвони мақола, номи маҷалла, сол ва шумораи маҷалла, рақами саҳифа ё саҳифаи аввал ва охири мақола.

НАМУНА:

1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство).–Душанбе: Авесто, 2009.–С.8.*

2. *Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

Ба мақола бояд хулосаи мухтасар (резюме) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ (на камтар аз 5 сатр) ва калидвожаҳо (аз 3 то 10) замима гардад.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки тасҳеҳ ва кӯтоҳсозии матни мақолаҳо, инчунин, тавсия барои депонатсияи онҳо (нигоҳдории расмӣ) диҳад.

Мақолаҳое, ки ба ин талабот ҷавобгӯй нестанд, қабул карда намешаванд.

Матни ирсолшудаи мақола ниҳоӣ буда, бояд дақиқ таҳия, санҷида, бидуни ислоҳот ва бо имзои муаллиф(он) пешниҳод карда шавад. Маълумоти муфассалро доир ба талаботи таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо дар вебсайти (http://m.vestnik.mts.tj/.) дастрас кардан мумкин аст.

Эзоҳ. Назари муаллифон ва ҳайати таҳририя метавонад фарқ кунад. Масъулияти истифодаи дурусти манбаъ, далел ва рақамҳо бар зиммаи муаллифон мебошад.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В журнале Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан **«Международные отношения и безопасность»** печатаются статьи в области политологии, экономики и философии, которые являются результатами научно–исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе **MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт** для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с **Windows XP** и любой версией **МС Офис** необходимо использовать клавиатурный редактор **Keyman**. Интервал между строками – **1,15.** Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса(почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в алфавитном порядке и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

НАПРИМЕР:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее5 строк) и ключевые слова (3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию.

Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте (http://m.vestnik.mts.tj/).

Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.

TO THE AUTHORS

The journal of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan "International Relations and Security" publishes articles in the field of political science, economics and philosophy, which are the results of research works of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan and other institutions. The editorial board of the journal draws the attention of the authors to the necessity to strictly observe the following rules when sending an article to the editorial board:

1. Articles are accepted upon the recommendation of the chief editor of the Herald or his deputies.

2. The article must be submitted to the editorial board in both electronic format (on a removable disk) and a printed copy. It should be prepared using MS Word, with the font Times New Roman 12 pt. for articles in Russian, Tajik, and English. For computers running Windows XP and any version of MS Office, the Keyman keyboard editor should be used. The line spacing must be 1.15, and all pages of the manuscript must be numbered.

3. The size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including text, tables, list of references (not more than 15 sources), figures, the number of which should not exceed 6.

4. Figures, diagrams, and photographs must be submitted separately in the format of the program in which they were created. Diagrams should be in Excel format, and figures and photographs should be in JPEG format.

Article formatting:

1. The title page must include the following information: UDC code, full name(s) of the author(s), scientific degree and (or) title, position, name of the institution(s) where the submitted article was prepared, postal and email addresses, phone numbers, and the full name of the specialty.

2. Abbreviations of words, names, titles are not allowed, except for generally accepted abbreviations of measures, physical, chemical and mathematical quantities, terms, etc.

3. References to the cited literature are given in the text of the article in square brackets, for example: [1], [1, 3-5]. The list of references is given in a general list (under the heading "Literature") in alphabetical order and is arranged as follows:

– For books: author's surname and initials, full title of the book, volume or issue, place of publication, publisher, year of publication, page number, or total number of pages.

– For periodicals: author's surname and initials, title of the article, name of the journal, year and issue number, page number, or the first and last pages of the article.

EXAMPLE:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.

Each article must be accompanied by a summary in Russian, English, and Tajik (at least 5 lines) and keywords (from 3 to 10).

The editorial board reserves the right to shorten and edit articles, as well as to recommend their deposition.

Articles that do not comply with these requirements will not be accepted.

The text of the submitted article is final, should be carefully prepared, proofread, without corrections and signed by the author(s). Detailed instructions on the formatting of articles can be downloaded from the website (http://m.vestnik.mts.tj/).

Note: The views of the authors and the editorial board may differ. Authors are responsible for the correct use of sources, facts, and figures.

Адрес редакции: 734025, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992 37) 221–11–00; (+992 37) 221–32–36
e–mail: vestnik@mts.tj
Сайт: m.vestnik.mts.tj

Ба матбаа 23.06.2025 таҳвил гардид. Чопаш 11.07.2025
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 39. Адади нашр 80 нусха.
Супориши № 16. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Ҳаёт – 69» ба табъ расидааст.